АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ

**САФАРОВ НЕКРӮЗ ШОДИЕВИЧ**

# ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

(дар асоси маъхазҳои таърихӣ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.т. Амиршоев Н. Қ**

Душанбе – 2019

# ФЕҲРИСТ

**САРСУХАН**...................................................................................................... 3–22

**БОБИ I. ҶУҒРОФИЁИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ VII–IX**........................................................................................................ 23–80

1. 1. Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофиёии мулкҳои Мовароуннаҳр...................... 23–54

1. 2. Ҷуғрофиёи таърихии сарзамини Хуросон........................................... 55–80

**БОБИ II. ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН**...... 81–184

2. 1. Оғози ҳукумати намояндагони сулолаи Сомониён дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ........................................................................ 81–88

2. 2. Густариши ҷуғрофиёии давлати Сомониён........................................ 89–100

2. 3. Мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониён ........................................................................................................ 101–168

2. 4. Коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониён.......................................... 169–184

**ХУЛОСА**.................................................................................................... 185–189

**РӮЙХАТТИ АДАБИЁТ**........................................................................ 190–197

**ЗАМИМАҲО**.............................................................................................. 198–210

# САРСУХАН

**Муҳиммияти мавзӯъ.** Донишмандон давраи ҳукумати сулолаи Сомониёнро барҳақ асри тилоии таърихи мардуми тоҷик донистаанд. Зеро дар ин давра буд, ки сиёсату иқтисод, иҷтимоиёту фарҳанг, илму ҳунар ва адабиёт рушди бесобиқа карданд. Ба ин сабаб, омӯзишу пажӯҳиши ин давраи таърихи мардуми тоҷик таваҷҷуҳи донишмандони зиёдро ба худ ҷалб карда, эшон бо пажӯҳиши масъалаҳое чун сиёсату иқтисод, илму фарҳанг, адабиёту фалсафа, мусиқӣ, меъморӣ, лашкардорӣ ва соҳаҳои дигар, бисёр сафаҳоти таърихии онро равшан кардаанд. Аммо дар ин миён ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (892–999) ба таври хулоса ва ё дар ҳошияи пажӯҳишҳо баён шуда, дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Метавон гуфт, то кунун ҳудуди таърихии ин давлат дар давраҳои гуногуни мавҷудияти он мушаххас нашудаанд. Ҳатто замони ба ҳайати давлати Сомониён тобеъ шудани манотиқи кунунии Тоҷикистон дар ин пажӯҳишҳо дақиқ маълум нест. Дар осори илмӣ ва таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳоло ҳам харитаҳое истифода мешаванд, ки ҳудуди давлати Сомониён дар онҳо ба таври комил тасвир нашудааст. Масалан, яке вилоятҳои таърихии тоҷикнишин – Ғур берун аз ҳудуди ин давлат монда, баъзе аз вилоятҳои Эрони ғарбӣ ва марказӣ, ки қариб ним аср тобеи Сомониён буданд, ба харитаи ин давлат ворид нашудаанд.

Муҳиммияти мавзӯи мавриди пажӯҳиш дар он аст, ки бо муқоисаи маълумоти сарчашмаҳо ва маводди ҳафриёти бостоншиносии замони муосир марзҳои комили дохиливу хориҷӣ ва дар умум ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои мо равшан хоҳад шуд. Иловатан, бад-ин восита ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши ҷуғрофиёии забони форсии дарӣ дар Хуросони Бузург ва берун аз он мушаххас мешавад.

Омӯзиши ҷуғрофиёи таърихии вилоятҳои ҷудогонаи давлати Сомониён ва мулкҳои ниммустақили он барои муҳаққиқони таърихи ин давра имкон фароҳам месозад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии қаламрави бузурги Сомониёнро дақиқтар муайян созанд.

Баррасии илмии ин масъала бо такя ба маъхазҳо ва маводди илмии муосир моҳият ва натиҷаҳои таъсири шароити ҷуғрофиро ба раванди сиёсию иҷтимоии

Мовароуннаҳру Хуросони аҳди Сомониён равшантар мекунад. Пажӯҳиш ва таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён имкон медиҳад, ки хусусиёти муҳити ҷуғрофӣ-таърихии минтақа дар ин давра ба таври дақиқ муайян карда шавад. Бинобар ин авомили дар боло зикршуда метавонанд далели қотеи муҳим будани мавзӯи мавриди омӯзиш шуморида шаванд.

**Сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ҳамеша таваҷҷуҳи олимону пажӯҳандагони таърихро ба худ ҷалб кардааст. Барои пажӯҳиши ҳамаҷониба дар самти ҷуғрофиёи таърихӣ муайян кардани зинаҳои рушд ва макони ҷойгиршавии шаҳрҳои асримиёнагӣ, роҳҳои тиҷоратӣ, содироту воридот ва ғайра дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва муқоисаи онҳо бо бозёфтҳои бостоншиносӣ амри зарурӣ аст. Таҳқиқи сарчашмаҳо ва дар баробари ин, ковишҳои бостоншиносӣ, ки аз асри XX ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардиданд, барои эҷоди осори муҳимми марбут ба масъала мусоидат карданд. Махсусан, дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ муҳимтарин осори моддии марбут ба замони Сомониён – харобаҳои шаҳрҳои бузурги он давра – Афросиёб, Бунҷикат, Ҳулбук, Тирмиз, Марв, Нисо, Мунк, Вахш, Шумону Ахарун ва ғайра дарёфт шудаанд.

Масъалаҳои гуногуни марбут ба таърихи замони Сомониён дар осори олимону муҳаққиқон давраҳои гуногун мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷониби В. А. Жуковский ҳанӯз дар асри XIX маводди сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи бузургтарин шаҳри асримиёнагии Хуросон – Марв ҷамъоварӣ шуда, бо макони ҷойгиршавии харобаҳои он муқоиса карда шуд.[1] Бо такя ба ин мавод В. В. Бартолд воситаҳои рушди шаҳрҳои асримиёнагӣ ва маънии истилоҳоти марбут ба қисмҳои шаҳрҳоро, ки дар сарчашмаҳо омадаанд, муайян карда, дар ҳудуди рабаз рушд кардани шаҳрҳои асримиёнагиро таъкид намуд.[2]

Дар миёни таҳқиқшудаҳо ва осори нашргардида асарҳои марбутаи академик В. В. Бартолд (солҳои зиндагиаш 1869–1930) аз ҳама бештар

---

[1] Жуковский В. А. Древности Закаспийского края. Развалины Старого Мерва. – МАР, 16. Спб., 1894.
[2] Бартольд В. В. К истории Мерва. – ЗВОРАО. Т. 19, вып. 4. Спб. 1910.

назаррасанд.[1] Академик В. В. Бартолд масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии Осиёи Миёна ва дар маҷмӯъ баъзе аз вилоёти дигари Эронзаминро низ таҳқиқ карда, роҷеъ ба водиҳо, дарёҳо, шаклҳои хоҷагидорӣ, масъалаҳои этникӣ ва амсоли онҳо ба таври дақиқ ва гоҳе мухтасар маълумот додааст. Масоили мухталифи вобаста ба таърих ва ҷуғрофиёи таърихии Тахористон, ки қисме аз Хуросони Бузург маҳсуб мешуд, низ аз ҷониби олим мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, В. В. Бартолд вобаста ба ҷуғрофиёи таърихии Тахористон ва вилоятҳои Балх, Гузгон, Марв, Ғарҷистон ва умуман Хуросон маълумоти муҳим додааст.[2] Аммо ӯ дар хусуси ҷуғрофияи таърихӣ ва масоили ҳудудии давлати Сомониён мушаххасан таҳқиқоте анҷом надода, ба таври умум аз вазъи ҷуғрофиёии сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар замони Аббосиён (755–1258), Тоҳириён (821–873), Саффориён (861–901) ва Сомониён бо такя ба маълумоти сарчашмаҳо маълумот додааст.[3]

Муҳаққиқи дигари шӯравӣ, ки бештар сари масъалаи таърихи асрҳои миёнаи Эрон ва Осиёи Миёна таваҷҷуҳ кардааст, А. Ю. Якубовский (1886–1953) мебошад. Ӯ дар таҳқиқоти худ, ки аз китобҳо ва рисолаҳову мақолаҳои алоҳида иборатанд, ба таври пароканда таърихи асрҳои миёнаи Эрону Осиёи Миёнаро баррасӣ кардааст. Якубовский дар мақолае роҷеъ ба сиккаи ёфтшудаи давраи аввали ҳукумати Сомониён (сиккаи мисии ёфтшуда аз ҷониби И. Петрушевский (1898–1977) ба А. Ю. Якубовский супурда шуда буд), ки дар он номи ҳокими сомонии Чоч Яъқуб ибни Аҳмад сабт шудааст, сухан гуфта, ба мавҷудияти зарробхонаҳо дар баъзе шаҳрҳои Мовароуннаҳр ишора кардааст. А. Ю. Якубовский ба масъалаи ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён муфассал таваҷҷуҳ накарда, танҳо нуктаи ҷолиби андешаи ӯ ин аст, ки эълони мустақилияти расмии Мовароуннаҳро на ба Исмоил ибни Аҳмад, балки ба бародари бузурги ӯ – Наср ибни Аҳмад (875–892) мутааллиқ медонад.**[4]**

---

[1] Бартольд В. В.Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Соч. Т. 1. М., ИВЛ, 1963; Ҳамин муаллиф. Работы по исторической географии и истории Ирана. Соч. Т. 7. М.: Наука, 1971.
[2] Бартольд В. В. Историко-географический обзор Ирана. Спб., 1903.
[3] Бартольд В. В. Соч. Т.2. М.: ИВЛ, 1963. С. 118-127.
[4] Якубовский А. Ю. Об одном раннесаманидском фельсе (из ранней истории Саманидского дома). – КСИИМК, вып. 12. М.–Л., 1946. С.103-112.

Масъалаи аслу насаб ва баромади нажодии Сомониён, инчунин таърихи таҳти тобеияти онҳо қарор гирифтани вилоятҳои Мовароуннаҳр дар асарҳои А. А. Семёнов (1873–1958)[1] ва Е. А. Давидович (1922–2013)[2] мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Пас аз таҳқиқоте, ки ба хусус В. В. Бартолд ва А. Ю. Якубовский дар мавриди таърихи Сомониён анҷом доданд, чунон ба назар мерасид, ки минбаъд навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт душвор аст. Аммо ин андеша тавассути таҳқиқоти академик Б. Ғ. Ғафуров (1909–1977) тағйир ёфт. Б. Ғафуров андешаҳои В. В. Бартолд ва А. Ю. Якубовскийро, ки Сомониёнро «маволиёни хулафои аббосӣ» донистаанд, рад карда, аз нигоҳи худ иброз намуд, ки Сомониён тавонистанд бо дастгирии аҳолӣ ва маҳорати кордонии худ истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва муҳимтар аз ҳама мустақилияти фарҳангии мардуми минтақаро аз хилофати Аббосиён таъмин кунанд ва давлати мутамаркизи паҳновареро таъсис диҳанд. Асарҳои ӯ, ки аз солҳои 40-уми асри XX ба нашр шудан оғоз карданд, хонандагони зиёдро бо таърихи миллати тоҷик ошно карданд. Б. Ғафуров дар асарҳои худ дар бораи вазъи сиёсӣ, шароити иқтисодӣ, сохтори давлатӣ ва масъалаҳои иҷтимоии давлати Сомониён маълумоти илмии пурарзиш додааст, аммо масъалаи ҷуғрофияи таърихӣ ё ҷанбаҳои ҳудудии давлати Сомониён аз ҷониби ӯ низ мушаххас таҳқиқ нашудааст.[3]

---

[1] Семёнов А. А. К вопросу о происхождении Саманидов // Труды АН Тадж. ССР. Т. XXVII. Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад, 1954. С. 3-114. Ҳамин муаллиф. Эпоха Рудаки // Рудаки ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 5-19.

[2] Давидович Е. А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН Тадж. ССР. -Т. XXVII. Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад, 1954. С. 69-117; Ҳамин муаллиф. Средневековое оконное стекло из Таджикистана // Доклады АН Тадж. ССР. -Вып. VII, 1953. С. 29-37.

[3] Гафуров Б.Г., Прохоров Н.Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Сталинабад, 1944 -212 с; Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Сталинобод, 1947; (Зери таҳрири. А. Мирзоев) -384 с. Ҳамин муаллиф. История таджикского народа в кратком изложении. –М., 1949, 2-ое издание. -М.,1952. -503 с. 3-ое издание. М.,1955. -544; Ҳамин муаллиф. О причинах возвышения и падения Саманидов // Советское востоковедение, 1958, №1. С.51-55 (Таҷдиди чоп шуд: Б.Гафуров. Избранные труды. М.,1982); Ҳамин муаллиф. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1972. -664 с; Ҳамин муаллиф. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе., 1998.-413 с.

Дар хусуси макони ҷойгиршавӣ, нуқтаҳои аҳолинишин ва ҷойи харобаҳои шаҳрҳои Сомониён, инчунин, баъзе масъалаҳои саноати кӯҳии Чочу Элоки ин давр асарҳои М. Е. Массон (1897–1986)[1] ва Ю. Ф. Буряков[2] ҳоизи аҳаммиятанд.

Очерки ҷуғрофӣ-таърихии яке аз вилоятҳои мутараққӣ ва аз лиҳози сиёсӣ муҳимми замони Сомониён – Хуттал (дар якҷоягӣ бо Вахш) аз ҷониби А. М. Беленитский навишта шуда, инчунин дар натиҷаи анҷом додани ҳафриёти бостоншиносӣ макони ҷойгиршавии баъзе аз шаҳрҳои асримиёнагии Хутталро муайян намуд.[3] Топографияи таърихии баъзе аз маҳаллоти водии Зарафшони асри Сомониёнро О. Г. Болшаков мушаххас карда буд.[4]

А. М. Беленитский (1904–1993), И. Б. Бентович ва О. Г. Болшаков (тав. 1929) дар асари ҳаммуаллифии пурарзиши худ «Средневековый город Средней Азии»[5] доир ба мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳои Осиёи Марказӣ дар замони Сомониён, рушди иқтисодию тиҷоратӣ ва тавсеаи ҳудудии онҳо маълумоти арзишманди бостоншиносӣ додаанд. Махсусан, қисми чаҳоруми асар, ки ба тавсифи шаҳрҳои охири асри VIII ва ибтидои асри XIII бахшида шудааст, дорои аҳаммияти ҷуғрофиёӣ-таърихӣ мебошад.

Бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои арабӣ, форсӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ А. М. Манделштам (оид ба масъалаи ташаккули халқи тоҷик ва тавсифи ҷуғрофӣ-таърихии Помир ва вилоятҳои муҷовири он аз адвори қадим то асри X таҳқиқотҳо анҷом додааст.[6]

Академик Н. Н. Неъматов (1927–2011) омӯзиши таърихи давлати Сомониёнро аз пажӯҳиши таърихи яке аз вилоятҳои рушдкардаи Мовароуннаҳр – Усрушана оғоз кард.[7] Дар асоси маълумоти сарчашмаҳо,

---

[1] Массон. М. Е. Ахангеран. Археолого-топографический очерк. Ташкент, 1953.
[2] Буряков Ю. Ф. Историческая топография древних городов Ташкентского оазиса (Историко-археологический очерк Чача и Илака). Ташкент: Фан, 1975.
[3] Беленицкий А. М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до X в.н.э. Труды СТАЭ. Т.1, МИА СССР, № 15. М.–Л., 1950. С.109-127; Ҳамин муаллиф. Отчёт о работе Вахшского отряда в 1946 г. С.128-139; Ҳамин муаллиф. Отчёт о работе Вахшского отряда в 1947 г. 140-146.
[4] Большаков О. Г. Заметки по исторической топографии долины Зеравшана в IX–X вв. – КСИИМК, вып. 61, 1956. С. 17-23.
[5] Средневековый город Средней Азии. М.-Л.: Наука. 1973. 393 с.
[6] Мандельштам А. М. Сложение таджикской народности в Среднеазиатском междуречье. Автореф. канд. дис. М.–Л., 1951; Ҳамин муаллиф. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей с древнейших времен до X в.н.э. Труды АН Тадж. ССР. Т.53. Сталинабад, 1957.
[7] Негматов Н. Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. Сталинабад, 1957.

маводди ҳафриёти бостоншиносӣ ва истифодаи харитаҳо масъалаҳои вобаста ба сиёсат, иқтисод, тиҷорат, кишоварзӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва мавқеи ҷуғрофии давлати Сомониён дар асари дигари академик Н. Неъматов «Государство Саманидов» мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Дар боби дуюми ин рисола муаллиф доир ба ҳудуди давлати Сомониён маълумоти арзишманд додааст. Академик Н. Неъматов дар рисолаи хеш бештар ба мулкҳои моваруннаҳрии Сомониён диққат дода, ба қисмати хуросонӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст. Муаллиф вилоятҳои Ғур ва Деҳистонро дар қатори дигар навоҳии тобеи давлати Сомониён зикр намуда, аммо онҳоро дар харитаи давлати Сомониён, ки аз ҷониби ӯ истифода (ва эътироф) шудааст, ворид накардааст. Дар баробари ин, Н. Неъматов Хуросонро ба мафҳуми маҳдудаш (яъне танҳо ба маънии вилояти Нишопур) тавсиф намуда, аз вилоятҳои дигари тобеи давлати Сомониён, мисли Гургон, Табаристон, Рай, Ҷибол, Исфаҳон, Кирмон ва Сиистон ёдовар нашудааст.[1] Ин асар соли 1989 ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд.[2]

Пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи омӯзиши таърихи давлати Сомониён беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, пажӯҳиши илмии масъалаҳои марбут ба давраи Сомониён аз дидгоҳи нав ба миён гузошта шуд.

Муаррихи тоҷик Н. Амиршоҳӣ бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таърихи давлатдории Сомониён дар асари худ маълумоти арзишманде овардааст.[3] Тамоми ахбори сарчашмаҳои муътабари таърихӣ, ки дар бораи Сомониён навишта шудаанд, дар асари Н. Амиршоҳӣ фароҳам гардидаанд. Дар муқаддимаи асар муаллиф ба масъалаи ҳудуди ҷуғрофии ташаккули халқи тоҷик руҷӯъ карда, дар ин самт андешаҳои наве пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, Н. Амиршоҳӣ харитаи нави давлати Сомониёнро дар асоси манобеи таърихӣ таҳия карда, баъзе аз вилоятҳо ва сарзаминҳои таърихии тоҷиконро, ки то кунун дар харитаҳо берун аз ҳудуди давлати Сомониён монда буданд, дохили ин харита намудааст. Дар ин харита вилоятҳои Ғур,

---

[1] Негматов Н. Н. Государство Саманидов. Душанбе: Дониш. 1977. -280 с.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе: Ирфон, 1989. С.36-73.
[3] Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV. Душанбе, 1999. -1008 с.

Табаристон, Гургон, Рай, Кирмон ва Исфаҳон вориди ин давлат карда шуданд. Вале дар асари ин муҳаққиқ низ ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Соли 1998 асари дуҷилдаи «Сомониён дар оинаи таърих»[1] ба табъ расид. Тамоми сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофии асримиёнагӣ, ки дар бораи Сомониён ё ҳудуди ҳукумати онҳо маълумот доранд, дар ин асари дуҷилда ба таври мухтасар оварда шудаанд. Арзиши ин асар дар он аст, ки пас аз тавсифоти мухтасари сарчашма ва таърихи нашри он, маълумоти дар бораи Сомониён доштаи он низ зикр шудааст. Ҷилди якуми он фарогири манобеи форсӣ ва ҷилди дуввум дарбаргири манобеи арабӣ мебошад.

Ба ифтихори 1100-солагии давлати Сомониён соли 1998 маҷмӯаи мақолоти олимони тоҷик бо номи «Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ»[2] ба нашр расид, ки ин мақолот дарбаргири матолибе роҷеъ ба таърих, сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ, фалсафа, дин, адабиёт ва ҳунари аҳди Сомониён мебошанд. Он чи ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён дар ин маҷмӯаи мақолот иртибот мегирад, ин «Порчаҳо аз Ашколу-л-олам»-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ, вазири Сомониён мебошад, ки бо пешгуфтори кӯтоҳе академик А. Мухторов онро таҳия кардааст.[3]

Масъалаҳои умумии таърихи Сомониён: сохтори давлат, лашкардорӣ, тиҷорату иқтисод, илму фарҳанг, кишоварзӣ ва кӯҳкорӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ, мазоҳиб, шаҳрсозӣ, меъморӣ, адабиёт, низоми андозситонӣ ва ғайра аз ҷониби муаррих А. Мухторов (1938–2019) дар асари ӯ «Сомониён: замон ва макон»[4] таҳқиқ шуда, боби панҷуми ин китоб «Марзҳои мулки Сомон»[5] дар хусуси сарзаминҳои тобеи давлати Сомониён, шаҳрсозию шаҳрдории онҳо, инчунин дар бораи ҳудуди ҷуғрофии ташаккули халқи тоҷик маълумоти пурарзиш дорад. Дар ин боб муаллиф сокинони қаламрави Сомониёнро “тоҷикон, дариҳо

[1] Сомониён дар оинаи таърих. Дар ду ҷилд. Хуҷанд, 1998. Ҷ.1.-552 с.; Ҷ.2.-667 с.
[2] Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Душанбе, 1998. -598 с.
[3] Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. С.151-191.
[4] Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. Хуҷанд, 1999. -288 с.
[5] Ҳамон ҷо. С.123-151.

ва эрониён” зикр кардааст.[1] Бояд гуфт, ки бо номи “дарӣ” қавме ё миллате дар таърих ёд намешавад, он танҳо номи забон аст, яъне форсии дарӣ. Аслан, дар он замон тоҷик ва эронӣ бар як маънӣ буд. Дар маҷмӯъ тамоми сокинони ин қаламрав – ориёӣ=эронӣ ном бурда мешуданд. Дар фасли «Марзҳои мулки Сомон» муаллиф танҳо бо иттико ба ахбори баъзе сарчашмаҳои таърихӣ вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониёнро тавсиф карда, аммо дар замони кадоме аз амирони Сомонӣ ҳудуди давлати онҳо то куҷо густариш ё коҳиш ёфт, мушаххас накардааст.

Соли 2000 рисолаи С. Абдуллоев (1945–2001) бо номи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» ба нашр расид.[2] Муаллифи рисола аз 25 вилояту шаҳри маъруфи қаламрави давлати Сомониён, ки дар осори илмии дигар муҳиққон, мисли В. В. Бартолд, Ле Стренҷ, М. Ноҷӣ, А. Ранҷбар, Н. Неъматов ва дигарон зикр шудаанд, ёд мекунад.[3] Асар асосан хусусияти христоматӣ дошта, муаллифи он маълумоти сарчашмаҳои таърихиро бидуни баррасиҳои таҳқиқӣ овардааст. Сонияан, дар ин асар вилоятҳои Ғур, Кирмон ва Ҷибол ҳамчун қаламрави Сомониён тавсиф нашуда, баъзе ноҳия ё шаҳрҳои тобеи вилоятҳо ба унвони вилояти ҷудогона зикр шудаанд. Инчунин, муҳимтарин масъала замони густариш ва коҳиши қаламрави давлати Сомониён баррасӣ нашудааст. Аммо аҳаммияти ин рисола дар он хулоса мешавад, ки муаллиф аз сарчашмаҳои таърихӣ маълумотҳои зиёдеро роҷеъ ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён фароҳам овардааст.

Яке аз вилоятҳои муҳимми давлати Сомониён, ки аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ рушдкарда буд, Хуттал ё Хутталон ба ҳисоб мерафт. Чунонки қайд шуд, масоили умумӣ вобаста ба очерки ҷуғрофӣ-таърихии ин сарзамин аз ҷониби А. М. Беленитский мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Аммо масъалаи таърихи Хатлон дар шакли муфассал аз ҷониби Ғ. Ғоибов (1944–2016) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, асари пурарзиши ӯ дар робита ба ин

---

[1] Ҳамон ҷо. С.123.
[2] Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. Хуҷанд, 2000. -372 с.
[3] Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. С. 26-362.

мавзӯъ ба табъ расид.[1] Бо истифодаи фаровон аз осори бостоншиносӣ ва маълумоти хаттии сарчашмаҳо Ғ. Ғоибов таърихи Хатлонро аз аҳди қадимтарин то замони нав таҳқиқ кардааст. Аслу насаби сулолаҳои ҳукуматгари Хатлон, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, роҳҳои тиҷоратӣ ва дигар ҳодисоту воқеоти печидаи таърихии марбут ба ин сарзамин дар асари мазкур мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Дар фасли шашуми ин китоб зербобе бо номи «Ҷуғрофиёи таърихии Хуттали асрҳои IX-XI»[2] мавҷуд аст, ки дар он шаҳрҳои муҳим, марказҳои тиҷоратии бузург, маҳсулот, табиат, конҳои маъодин, роҳҳо, рӯдҳо ва водию дараҳои ҳар маҳаллу ноҳия бо зикри ному макони ҷойгиршавиашон дар Хатлон оварда шудаанд. Ҳар кадом шаҳр ё ноҳияву маҳалҳои Хатлонро Ғ. Ғоибов сараввал аз лиҳози муҳим будан ва бузургию нуфус пайи ҳам зикр намуда, дар тавсифи онҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофиёӣ фаровон истифода кардааст. Муаллиф натиҷаҳои ҳафриётҳои бостоншиносиро дар хусуси ҳар маҳал давра ба давра баён намуда, макони ҷойгиршавии онҳоро дар асоси маводди бостоншиносии дастрасшуда муайян мекунад. Бояд қайд намуд, ки водии Вахш, ки дар баъзе аз сарчашмаҳо ҳамчун вилояти алоҳида аз Хутталон (Хатлон) зикр шудааст, дар замони Сомониён бахше аз вилояти Хутталон дониста мешуд. Аз ин рӯ, ба ҳангоми пажӯҳиши ҷуғрофиёи таърихии Хутталон водии Вахш низ дар асари Ғ. Ғоибов мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчунин ҷуғрофиёи таърихии вилоятҳои муҷовири Хутталон – Қубодиён, Вашгирд, Рошт ва Карон таҳқиқ шудаанд.

Дар қатори дигар осору мақолаҳои илмӣ муҳаққиқони Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров дар ду ҷилд «Донишномаи Сомониён»-ро[3] таҳия ва нашр кардаанд. Мақолаҳои марбут ба шаҳрҳо ва вилоятҳои давлати Сомониён дар донишномаи мазкур бар асоси феҳристи алифбоӣ ҷой дода шуда, аксари мақолаҳои донишнома аз кутуби форсӣ ба расмулхатти тоҷикӣ баргардон шудаанд. Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофии асримиёнагӣ дар онҳо бештар истифода шуда, аммо ба

---

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе:Дониш, 2006. -906 с.
[2] Ҳамон ҷо. С.161-222.
[3] Донишномаи Сомониён. Дар ду чилд. Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. -545 с.; 2009. -528 с.

натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ кам такя шудааст. Маълумоти мақолаҳои Донишнома ҳарчанд беаҳаммият нестанд, вале хусусияти донишномаӣ доранд.

Соли 1999 ҷилди дуюми «История таджикского народа» ба табъ расид, ки асосан ба таърихи давлати Сомониён бахшида шудааст.[1] Дар ин асар маълумоти хеле муҳим пиромуни ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар зербоби «Территория саманидского государства» фароҳам омадааст.[2] Дар харитаи умумии давлати Сомониён, ки дар саҳифаи 335 ин асар оварда шудааст, вилояти Деҳистон дохили қаламрави Сомониён аст, вале дар харитаи дар саҳифаи 371, ки марказҳои ҳунармандии давлат оварда шудаанд, ин вилоят берун аз ҳудуди давлати Сомониён мондааст. Дар фасли дуюм (Феодальный город)-и боби 8 (Социальные отношения IX–X вв.) дар бораи сохтори шаҳрҳои бузурги замони Сомониён – Бухоро Самарқанд, Бунҷикат, Марв ва Хуҷанд маълумоти арзишманди бостоншиносӣ оварда шудааст.

Аз олимони мамолики хориҷӣ муҳаққиқи британиёӣ Гай Ле Стренҷ[3] ба таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихӣ пардохта, бо истифода аз осори ҷуғрофии асримиёнагӣ асари пурарзише навиштааст. Новобаста ба он, ки Ле Стренҷ дар навиштани китоби худ ба таҳқиқоти бостоншиносӣ хеле кам таваҷҷуҳ кардааст, дар умум асари ӯ барои донистани ҷуғрофиёи таърихии Байнаннаҳрайн, Эрон ва Осиёи Марказӣ аз замони лашкаркашиҳои аъроб то давраи Темуриён хеле маводди пурарзиш дорад.

Ҷуғрофиёи таърихии ҷануби Суғд ва Тахористон, ки қисме аз ҳудуди Мовароуннаҳр ва Хуросонро фаро мегирифтанд, аз ҷониби муҳаққиқи узбекистонӣ Ш. Камолуддинов дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.[4] Дар рисолаи худ Ш. Камолуддинов ба таври муфассал ҳар кадом шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳои ҷануби Суғд ва Тахористонро дар асоси маълумоти сарчашмаҳо зикр карда, осори дар натиҷаи

---

[1] История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. Под редакцией академика Н.Негматова. Душанбе, 1999. -790 с.
[2] История таджикского народа. Т.II. С.341-355.
[3] Ле Стренҷ Гай. Ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон. Теҳрон, 1390 ҳ.ш. -609 с.
[4] Камалиддинов Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX - начала XIII вв. Ташкент, 1996.

ҳафриёти бостоншиносӣ ёфтшудаи онҳоро низ бо макони ҷойгиршавиашон овардааст. Ҳар кадом маҳал аз шарҳи маънии номи он ва таърихи номгузориаш шурӯъ мешавад, ки арзиши таҳқиқотро боз ҳам меафзояд. Аммо камбуди аслӣ дар рисолаи Ш. Камолуддинов дар он аст, ки беш аз ҳад сокинони Суғду Тахористонро ҳамчун ақвоми турк муаррифӣ мекунад. Ҳатто дар манотиқи кӯҳистонии Тоҷикистони кунунӣ, ки ғайр аз тоҷикон касе сукунат надорад, таъкид ба туркнажодон будани аксари аҳолӣ кардааст. Дар умум, маводди таҳқиқоти бостоншиносӣ, ки дар таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихӣ нақши мубрам доранд, аз ҷониби Ш. Камолуддинов хеле фаровон истифода шуда, рисола беназардошти ҷанбаҳои идеологӣ маводди таҳқиқии хеле арзишманд мебошад.

Муаррихи эронӣ Ҷавод Ҳиравӣ[1] дар қатори дигар муҳаққиқон таърихи асрҳои IX–X Эронро таҳқиқ намуда, ба таҳлили масоили сиёсӣ ва иҷтимоии замони Сомониён пардохтааст. Асари ӯ ҳам дар қатори дигар китобҳои нашршуда, ки ба таърихи Сомониён марбутанд, аҳаммияти илмӣ дорад. Муаллиф бештар воқеаҳои сиёсии замони ҳар кадом аз амирони Сомониро ба қалам дода, вале ба масоили ҷуғрофиёи таърихӣ дахл накардааст.

Донишманди дигари эронӣ А. Зарринкӯб (1923–1997) рисолаеро бо номи «Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути Паҳлавӣ»[2] навишта, дар боби 15 роҷеъ ба Сомониён ва давлатдории онҳо матолибе ироа намуда, ба таври хулоса аз сарзаминҳои зери фармони Сомониён дар дохили матни бахшида ба давлатдории онҳо зикре мекунад, аммо ҷуғрофиёи таърихии Сомониёнро мушаххас мавриди таҳқиқ қарор намедиҳад.[3]

Дигар аз муҳаққиқони эронӣ М. Ноҷӣ дар масъалаи таҳқиқи давраи Сомониён корҳои назаррасе анҷом дода, рисолаеро бо номи «Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён»[4] нашр намуд. Китоби М. Ноҷӣ дар таърихи сомониёншиносии муосир асари арзишмандест, ки ҷузъитарин масоили марбут ба ин сулоларо аз замони зуҳур то инқирози онҳо фаро

---

[1] Ҳиравӣ Ҷ. Эрон дар замони Сомониён. Шероз 1371 ҳ.ш.
[2] Зарринкӯб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути Паҳлавӣ. Чопи панҷум, Теҳрон: Маҳорат,1383. - 1014 с.
[3] Ҳамон ҷо. С.387-408.
[4] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. -1295 с.

гирифтааст. Фасли дуввуми китоб ба ҷуғрофиёи сиёсии қаламрави Сомониён бахшида шуда, тамоми вилоёту навоҳии тобеи Сомониён дар асоси манобеъ ва тавсифоти осори ҷуғрофии асримиёнагӣ зикр шудаанд.[1] Муҳаққиқ дар фасли «Таърихи сиёсии Сомониён» соли ба ҳукумат расидани Сомониёнро соли 204 ҳ.қ./820 ва соли вафоти Наср ибни Аҳмадро ба мелодӣ соли 896 навиштааст, ки иштибоҳ аст. Инчунин солҳои давлатдории Сомониёнро солҳои 287-389 ҳ.к/900-999 донистааст, ки саҳеҳ нест.[2] Тибқи ахбори аксари сарчашмаҳои таърихӣ, ба хусус «Таърихи Бухоро» Сомониён соли 202 ҳ.к/818-819[3] дар вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳукумат расиданд ва соли марги Наср ибни Аҳмад ба мелодӣ мусодиф ба соли 892 мебошад. Давлатдории Сомониёнро таърихнигорон аз соли ба ҷойи Наср ибни Аҳмад нишастани Исмоил ибни Аҳмад, яъне соли 892 дониста, сукути ин давлат бо марги Иброҳими Мунтасир (999–1005) дар соли 1005 иртибот мегирад. Аммо камбуди аслӣ дар асари доктор М. Ноҷӣ ҳам монанди аксари дигар муҳақиқон таваҷҷуҳ накардан ба осори таҳқиқоти бостоншиносӣ мебошад, ки дар пажӯҳиши масоили ҷуғрофӣ-таърихӣ нақши муҳим доранд.

Дар арафаи ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён маҷмӯаи мақолоти олимони тоҷику эронӣ бо хатти форсӣ зери унвони «Номаи Оли Сомон»[4] аз чоп баромад. Масъалаҳои таърихи сиёсӣ, илму фарҳанг, иқтисод, иҷтимоиёт, дину мазҳаб ва ғайра дар мақолоти ин китоб таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар мақолаҳои яке аз муаллифони ин маҷмӯа С. Паргорӣ «Равобити Сомониён ва Алавиёни Табаристон» ва «Сомониён ва зуҳури Оли Зиёр» баъзе масъалаҳои ҷуғрофӣ-сиёсии давлати Сомониён дар вилоятҳои Табаристон, Гургон ва Рай ба мо рӯшан мешавад. Аммо дар бештари мақолаҳо маълумоти сарчашмаҳо бе шарҳу тавзеҳ оварда шуда, масъалаҳои марбут ба ҷуғрофиёи таърихӣ умуман мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд.

---

[1] Ҳамон ҷо. С.171-267.
[2] Ҳамон ҷо. С.50-51.
[3] Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Таҳияи Ғ. Ғоибов ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе, 2012. С.142.
[4] Номаи Оли Сомон. Зери назари А. Шеърдӯст ва Қ. Сулаймонӣ. (Маҷмӯи мақолаҳо), Теҳрон, 1378 ҳ.

Роҷеъ ба баъзе аз вилоятҳо ва шаҳрҳои давлати Сомониён дар ин авохир мақолаҳои ҷудогонае низ ба табъ расидаанд, ки мақолаҳои М. Исоматов (1965–2009)[1] ва С. Муллоҷонов[2] намунае аз онҳо маҳсуб мешаванд.

Аз осори илмии баррасишуда ба хулосае метавон расид, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён чӣ дар сатҳи вилоятҳои ҷудогона ва чӣ дар сатҳи умумии ҳудуди ин давлат ба таври кофӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор нагирифтаанд. Ҳудуди давлати Сомониён то имрӯз бештар дар асоси маълумоти умумии сарчашмаҳои хаттӣ мушаххас шуда, қисме аз ҳудуди ин давлат номуайян боқӣ монда, баъзе аз масоили вобаста ба ҷуғрофиёи таърихии он ба тахмин гуфта мешаванд. Ҳамчунин, масъалаи ба Сомониён тааллуқ доштани баъзе аз вилоятҳои Эрон қобили баҳс боқӣ монда, эҳтимоли тағйири ҳудуд кардани марзҳои ин давлат дар давраҳои гуногун ҳам бояд муайян карда шавад.

Масъалаи ҷиддӣ ва нисбатан мушкил муайян кардани шаҳрҳои давлати Сомониён ва макони ҷойгиршавии онҳо дар асоси кашфиёти бостоншиносӣ мебошад.

Масъалаи дигар, ки дар пажӯҳиши ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён муҳим аст, равандҳо ва тағйиротҳои сиёсиву иҷтимоии мамолики ҳамҷавори он, хусусан хилофати Бағдод ва давлати Бувайҳиён мебошад, ки ба масъалаи мавриди омӯзиш таъсири бевосита доранд.

Муайян кардани ҷанбаҳои мухталиф ва ҷузъии ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бе донистани сохтори сиёсию маъмурии он низ номумкин аст. Омӯзиши хусусияти сохтори идории давлати Сомониён барои дарки амиқи ин равандҳо дар ҳудуди ин давлат мусоидат мекунад.

Бо такя ба маълумоти сарчашмаҳо ва бозёфтҳои бостоншиносӣ, инчунин, харитаҳои таърихӣ, ки ҳудуди давлати Сомониёнро тасвир кардаанд, зарурати

---

[1] Исоматов М., Муллоҷон С. Ҷуғрофияи таърихии Самарқанд (аҳди Сомониён). Рӯдакӣ. № 5. 2007. С. 91-100.

[2] Муллоҷонов С. Ҷуғрофияи таърихии Балх дар замони Сомониён // Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ. Душанбе, 2010. С. 4-10; Ҷуғрофияи таърихии Рай. //Дастовардҳои илмии Абӯбакри Закариёи Розӣ дар рушду нумӯи илмҳои муосир. Душанбе, 2014; Дувоздаҳ девони Сомониён // Адаб. 2017. №9 (153). С. 24-27.

таҳқиқоти алоҳида дар ин самт падид омадааст, то тамоми маводди дастрасшуда таҳлилу муқоиса шаванд. Дар ҳамин замина муаллифи рисола барои расидагӣ ба бештари масоили ҳалношуда ва паҳлӯҳои норӯшани ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар раванди пажӯҳиш саъй кардааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии навиштани ин рисола аз он иборат, аст ки муаллиф дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва маводди осори таърихии ҷуғрофӣ масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониёнро таҳлилу баррасӣ ва муқоиса намуда, дар ин раванд то ҳадди имкон аз маводди таҳқиқоти бостоншиносӣ истифода бурда, ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониёнро тасвир намояд.

Бо назардошти фарогир будани масъала ва гуногунии мушкилоти марбут ба ҷуғрофияи давлати Сомониён муаллифи рисола дар назди хеш вазифа гузоштааст, то масоили зеринро мавриди баррасӣ қарор диҳад:

- вориди фазои илмӣ кардан ва мавриди пажӯҳиш қарор додани ахбори сарчашмаҳое, ки барои такмили ҷанбаҳои норӯшани масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён муҳимманд;

- муайян кардани ҳудуди давлати Сомониён дар тӯли давраи мавҷудияти он;

- муайян кардани шароиту хусусияти раванди тағйирёбии ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён;

- муайян кардани робитаи ҷуғрофиёи таърихӣ бо равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар давлати Сомониён ба вуқӯъ омадаанд;

- муайян кардани шаҳрҳо ва қалъаҳои маъруфи давлати Сомониён ва тавсифи ҷуғрофӣ-таърихии онҳо;

- муайян кардани таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар равандҳои тағйири ҷуғрофиёии давлати Сомониён.

Таҳқиқоти мазкур, албатта, наметавонад ҳалли комили тамоми ин масъалаҳоро ба анҷом расонад, аммо талош ба харҷ дода шуд, то ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ҳаддалимкон маълум гардад ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда дар ҳадди зарурати илмӣ иҷро шаванд.

**Асоси методологии** рисола консепсияи материалистӣ-диалектикии таърихи ҷамъият, инчунин, мафҳуми сарчашмаи таърихӣ ҳамчун инъикосгари воқеияти мавҷуд ва сабабияти иҷтимоии он дониста мешавад.

**Усули таҳқиқот.** Муаллиф кӯшидааст масъалаҳои муқарраршударо дар асоси сарчашмаҳои таърихии мавҷуда ва осори илмӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти сарчашмаҳои марбут ба ҳамин давра, ҷудо кардани падидаҳои табиӣ ва махсус аз падидаҳои тасодуфӣ ва дуюмдараҷа, инчунин истифодаи усули муқоисаи таърихӣ дар рисолаи мазкур соҳиби афзалият мебошанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот**. Дар таҳқиқи таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён манобеи арабӣ ва форсии асри Сомониён ва баъди онҳо хеле муҳим мебошанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ таърихи таъсис, шукуфоӣ ва таназзули давлати Сомониён то ҳадде рӯшан тасвир шуда, рӯйдодҳо бо риояи замон зикр гардидаанд. Ин имкон медиҳад, ки вобаста ба кадом як воқеаи сиёсӣ тағйир ёфтани ҳудуди давлати Сомониён ва сохтори маъмурии он дар замони мушаххас муайян карда шавад. Маълумоте, ки таърихнависони асримиёнагӣ дар бораи ҷангҳои дохилӣ ва ё муҳорибаҳои наздимарзии давлати Сомониён овардаанд, имкон медиҳанд, ки номи баъзе аз мавзеъҳои ҷуғрофии муҷовир ва ҳам қисман ҳудуди онҳо муайян карда шаванд.

Сарчашмаҳои хаттии марбут ба масъалаи таҳқиқшаванда ба ду бахш: осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ қисмат мешаванд. Бо дарназардошти он ки ин асарҳо миёни донишмандон маъруфият доранд, бинобар ин аз тавсифи онҳо худдорӣ намуда, танҳо бо зикри ном ва маҳалли нашрашон иктифо мекунем.

**Асарҳои таърихӣ:** «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ,[1] «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ,[2] «Зайну-л-ахбор»-и Абдулҳай Гардезӣ,[3] «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ,[4] «Таърихи Табаристон»-и

---

[1] Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Душанбе. 2012.
[2] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русул вал мулук. Дар 8 китоб. Душанбе. 2014.
[3] Абдулҳай Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ. Теҳрон, 1363.
[4] Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Тарҷума ва тасҳеҳи Алиакбари Фаёз. Теҳрон, 1373.

Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр,[1] «Равзату-с-сафо»-и Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд,[2] «Таърихи Яминӣ»-и Абунаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ,[3] «Ал-Комил фӣ-т-таърих»-и Муҳаммад ибни Абдулкарим ибни Абдуллоҳи Шайбонӣ, маъруф ба Ибни Асир.[4]

**Асарҳои ҷуғрофӣ:** «Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб»-и муаллифи номаълум,[5] «Масолик ва-л-мамолик»-и Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ,[6] «Китобу-л-булдон»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ маъруф ба Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ,[7] «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ,[8] «Масолик ва мамолик»-и Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ,[9] «Муруҷу-з-заҳаб»-и Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ,[10] «Сурату-л-арз»-и Абулқосим Муҳаммади Бағдодӣ маъруф ба Ибни Ҳавқал,[11] «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим»-и Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муқаддасӣ[12] ва «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқут ибни Абдуллоҳи Ҳамавии Румӣ.[13]

Осори ҷуғрофинависони асрҳои IX-X, ки дар иншои рисолаи мо ҳамчун манобеи муҳим нақши калидӣ доранд, дар асари махсуси академик И. Ю. Крачковский (1883–1951) давра ба давра ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасӣ шудаанд.[14] И. Ю. Крачковский кори худро аз тарҷумаи осори ҷуғрофии юнониён оғоз карда, минбаъд худ ба мушоҳида ва таҳқиқи бевоситаи ҷуғрофиё пардохт ва асарҳои пурарзише эҷод намуда, дар рушди ин илм саҳми бесобиқа гузошт.

---

[1] Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон. Ба тасҳеҳи Аббос Иқбол. Ба эҳтимоми Муҳаммад Рамазонӣ Теҳрон: Асотир, 1389.
[2] Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1366.
[3] Абунасри Утбӣ. Таърихи Яминӣ. Тарҷумаи Носеҳ ибни Саъди Ҷарфодиқонӣ. Теҳрон, 1362.
[4] Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Дар 13 Ҷилд. Баргардони Ҳамид Ризо Ожир. Теҳрон: Асотир, 1382.
[5] Ҳудуду-л-олам минал Машриқ ила-л-Мағриб. Душанбе, 2015.
[6] Ибни Хурдодбеҳ. Ал-Масолик ва-л-мамолик. Тарҷумаи Саъид Хокранд. Теҳрон, 1370.
[7] Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ. Китобу-л-булдон. Теҳрон, 1369.
[8] Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. Тарҷумаи Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб. Ба кӯшиши Фирӯз Мансурӣ. Теҳрон, 1368.
[9] Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Абдуллоҳи. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1366.
[10] Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ. Муруҷу-з-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Ҷ.1. -785 с., Ҷ.2. -923 с - Терон, 1382.
[11] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. Тарҷума ва тавзеҳи доктор Ҷ.Шиор. Теҳрон: Амири Кабир, 1366.
[12] Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1361.
[13] Ёқути Ҳамавӣ. МуъҶаму-л-булдон. Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. Теҳрон, 1380.
[14] Крачковский И. Ю. Избранные сочинения. Т. 4. М., 1957.

Дар минтақаҳое, ки ҳафриёти бостоншиносӣ анҷом дода шудаанд, ёфтани осори боқимондаи шаҳру маҳалҳои замони Сомониён имконпазир гардид. Аммо боиси таассуф аст, ки на дар ҳама сарзаминҳои мутааллиқ ба давлати Сомониён ин гуна ҳафриёт анҷом дода шудаанд. Асосан сарзаминҳои тобеи Сомониён, ки бештар дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштанд, мавриди таҳқиқоти бостоншиносӣ қарор дода шуда, аз онҳо осори зиёди фарҳангию таърихӣ пайдо гардиданд. Қисман ҳудуди Хуросон (Афғонистони кунунӣ) ҳам аз ҷониби олимони ғарбӣ мавриди таҳқиқоти бостоншиносӣ қарор гирифта, баъзе аз осори замони Сомониён ва харобаҳои шаҳру маҳалҳо пайдо шуданд. Аз ин рӯ, ҳангоми тавсифи шаҳру маҳалҳои алоҳидаи замони Сомониён дар қатори ахбори сарчашмаҳо ба қадри имкон маводди таҳқиқоти бостоншиносӣ низ истифода шуданд. Дар минтақаҳое, ки ҳафриёти бостоншиносӣ анҷом дода нашудаанд, муайян кардани ҳудуди шаҳр, марзҳои он фақат дар асоси ахбори сарчашмаҳо оварда шуда, дигар ҷузъиёте, ки танҳо дар натиҷаи ҳафриёт муайян карда мешаванд, норӯшан мондаанд.

Ковишҳои бостоншиносӣ, маводди сиккашиносӣ ва таҳлилу баррасии муқоисавии ахбори манобеъи таърихӣ имкон медиҳанд, ки ҷузъиёти шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ, марзҳои онҳо ва тағйироти ҷуғрофиёи дар давраи мавҷудияти давлати Сомониён баамаломада мушаххас шаванд.

**Чаҳорчӯби замонии таҳқиқот** замони зуҳури намояндагони хонадони Сомонӣ дар ҳукумати Мовароуннаҳру Хуросон то таназзули давлати онҳо, яъне солҳои 819–1005-ро дар бар мегирад. Зарурати интихоби ин ҳудуди замонӣ дар он зоҳир мешавад, ки густариш ва маҳдуд гаштани ҳудуди давлати Сомониён бо авзои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳоким бар ин давлат иртиботи мустақим мегирад.

**Ҳудуди ҷуғрофиёии таҳқиқот**: Мовароуннаҳр ва шимоли он то водии дарёи Талас ва аз шарқ – марзҳои Туркистони шарқӣ, Хуросон ва ҷануби он то Сиистон, Синд, дар ғарб то Эрони марказӣ. Ин ҳудуд дар замони шукуфоии давлати Сомониён таҳти ҳукумати онҳо буд.

**Объекти таҳқиқот** ҷуғрофиёи таърихии ҳукумати намояндагони хонадони Сомонӣ дар вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва давлати Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ва минтақаҳои ҳамҷавори онҳо.

**Предмети таҳқиқот** омӯзиш ва муайян намудани замони густариши ҷуғрофиёи давлати Сомониён, мушаххас кардани тамоми сарзаминҳои зертобеи ин давлат ва таҳқиқи илали коҳиши қаламрави давлати Сомониён ва аз дасти дудмони Сомонӣ берун рафтани Мовароуннаҳру Хуросон.

**Нововарии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки:

-ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маводди сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асрҳои миёна ба таври фарогир таҳқиқ гардидаанд;

-бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихӣ ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраи мавҷудияти он муайян шудааст;

-равандҳо ва хусусияти ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён мушххас гардидаанд;

-робитаи ҷуғрофиёи таърихӣ бо равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии дар давлати Сомониён ҷараёндошта муайян шудааст;

-дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва маводди сиккашиносӣ роҷеъ ба шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён маълумоти муҳим оварда шудааст;

-омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, мушаххас шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Ба ҳимоя нукоти зерин пешниҳод мегарданд:**

- хонадони Сомонӣ сеюмин силсила аз хонадонҳои хукуматгари ашрофи маҳаллии тоҷик мебошанд, ки асрҳо баъд аз суқути Сосониён (224–651) дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон бе он ки нисбат ба халифаи Аббосӣ роҳи мухолифат дар пеш гирифта бошанд, давлатеро бо эҳёи сунану анъаноти миллӣ барпо карданд ва ин давлат дар чанд насл аз авлоди бунёдгузори он – Исмоили Сомонӣ идома ёфт;

- намояндагони хонадони Сомонӣ дар замони иқомати Маъмун дар Хуросон бо хадамоти хеш таваҷҷуҳи ӯро ҷалб карда, андак муддате пеш аз ба

қудрати сиёсӣ расидани Тоҳириён дар қисмате аз Мовароуннаҳру Хуросон ҳукуматҳои мустақилгунаи хурди худро дар Самарқанду Фарғона ва Чочу Усрушанаю Ҳирот, ки ба ишорати халифа ба онҳо вогузор шуда буд, барпо карда, заминаи таъсиси давлати хонадони худро гузоштанд;

- Сомониён баъди таназзули давлати Тоҳириёну Саффориён бо маншури халифаи Аббосӣ давлати худро дар собиқ қаламрави давлати Тоҳириён таъсис намуда, бо тақвияти сутунҳои иқомати давлати хеш ҳудуди онро густариш доданд;

- Сомониён бо ин ки бо пардохти хироҷ ва изҳори садоқат ба халифаи Аббосӣ изҳори тобеият мекарданд, аммо дар тамоми Мовароуннаҳру Хуросон ҳамаҷониба мустақилу мухтор буданд ва ҳавзаи фармонравоии хешро ба майлу иродаи худ бевосита ва бе дастури халифа вусъат мебахшиданд;

- дар замони ҳукумати Исмоили Сомонӣ сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон зери фармони ӯ рафтанд, баъдан Гургону Табаристонро аз дасти Алавиён, ки душманони халифаи Аббосӣ буданд берун оварда, вилояти Райро бо Қазвину Зинҷон ба қаламрави худ афзуд; вилояти Ҷиболро низ вориди қаламрави худ намуд, аммо чун ин вилоят аз дастрасии биловоситаи ӯ дуртар буд, он аз қаламрави Сомониён хориҷ гашт ва арсаи тохту този саркардагони Гелону Дайлам гардид;

- дурахшонтарин даврони фармонравоии Сомониён ва густариши қаламрави онҳо ин даврони ҳукумати Наср ибни Аҳмад мебошад. Баъди маъзулии ӯ аз қудрати идории давлат ва нерӯманд шудани нуфузи сипоҳиёни турк, дар умури давлатдории Сомониён халал ворид мешавад ва бо заиф шудани пояҳои давлатдории онҳо, ҳудуди ин давлат низ коҳиш меёбад.

**Аҳаммияти амалии рисола** дар он хулоса мешавад, ки он метавонад ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии асрҳои IX-XI-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон, инчунин барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнагии Эронзамин мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, рисола метавонад барои навиштани ҷанбаҳои гуногуни таърихи ин сарзамин, курсҳои махсус ва китобҳое, ки ба ин ҳудуд ва давраи таърих иртибот доранд, ҳамчун маводди иловагӣ ва ёридиҳанда хидмат кунад.

**Апробатсияи рисола.** Рисола дар ҷаласаи илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ (суратҷаласаи № 1 аз 2 феврали 2018) баррасӣ шуда, ба ҳимоя тавсия гардид. Мазмуни асосии рисола дар чаҳор мақолаи муаллиф, дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ва КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ вориданд, баён шудааст.

**Сохтори рисола.** Рисола аз сарсухан, ду боб, шаш зербоб, хулоса, замимаҳо (харита ва нақшаҳо), рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ иборат аст.

# БОБИ I

# ҶУҒРОФИЁИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ VII-IX

## 1. 1. Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофиёии мулкҳои Мовароуннаҳр

Варорӯд дар арафаи ишғоли аъроб парокандагии сиёсиро паси сар мекард ва ба 40 мулки ҷудогона, мисли Исфиҷоб, Илок, Чоч, Фарғона, Суғд, Уструшана, Чағониён, Қубодиён, Хутталон, Вашгирд, Рошт, Карон, Шуғнон, Вахон ва ғайра қисмат шуда буд.

Солҳои 651–653 лашкари аъроб Хуросонро фатҳ карда, дар Марв аввалин қароргоҳи ҳарбии худро сохтанд ва аз ҳамин ҷо ҳуҷумҳои пайвастаро барои фатҳи сарзаминҳои Варорӯд ва ҳаволии он оғоз карданд. Амири Хуросон Убайдуллоҳ ибни Зиёд дар охири соли 673 Муҳаллаб ибни Абисуфраро бо лашкари гароне маъмури ҳуҷум ба Варорӯд кард. Ин лашкар Амударёро гузашта, ба ҷониби Бухоро рӯй овард. Сабаби чунин осемасарии арабҳо дар тохтутози Варорӯд ин хабари марги Бухорхудо буд, ки ин замон ҳокимият ба дасти ҳамсари ӯ – Хотун ва писари ноболиғаш Туғшода гузашта буд. Бо вуҷуди ин ки Хотуни Бухоро аз туркон кумак гирифт, вале натавонист дар баробари таҷовузи арабон муқовимат кунад. Аъроб ҳама чизро сӯзонданд ва қатлу ғорат карда, ба касе раҳм нанамуданд. Ночор Хотуни Бухоро талаби сулҳ кард. Убайдуллоҳи Зиёд ба шаҳр ворид шуд[1] ва ӯ аз Бухоро чор ҳазор барда гирифт ва пас аз ду сол ба Басра боз гашт.[2]

Соли 56 ҳ.қ./675-76 Муовия – халифаи Уммавӣ баъд аз Убайдуллоҳ ибни Зиёд Саъид ибни Усмонро ҳокими Хуросон таъйин намуд.[3] Саъид ҳуҷумҳои ғоратгаронаро ба ҷониби Варорӯд идома дода, Бухороро фатҳ кард.[4]

Ҳамин тавр, то волии Хуросон таъйин шудани Қутайба ибни Муслим (669–715) ҳуҷумҳои аъроб ба сарзамини Варорӯд сифоти ғоратгарона доштанд. Соли 704 Қутайба волии Хуросон таъйин шуд ва усули ҳуҷуми худро ба

---

[1] Балозурӣ. Футуҳу-л-булдон. Теҳрон: Интишороти илмию фарҳангӣ. 1371 ҳ.ш. С.571.
[2] Гардезӣ А. Зайну-л-ахбор. Теҳрон: Интишороти Дунё, 1367 ҳ.ш. С. 238.
[3] Балозурӣ Футуҳу-л-булдон. С.572
[4] Гардезӣ А. Зайну-л-ахбор. С. 239; Табарӣ М. Таърихи Табарӣ. Ҷ.7. С.2870.

сарзаминҳои соҳили рости рӯди Ому дигар карда, ҳадаф гузошт то Варорӯдро ба хилофати араб ҳамроҳ кунад. Ниҳоят, соли 709 Бухоро ба дасти ӯ фатҳ шуд.

Бухоро аз қадимтарин шаҳрҳои Варорӯд аст, ки ҳанӯз аз давраҳои нахустин давлатҳои қадими Суғд, Бохтар ва Хоразм вуҷуд дошта, дар канори рӯди Зарафшон ҷойгир буд. Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам»: «...[Бухоро] шаҳри бузург аст ва ободонтарин шаҳр аст дар Мовароуннаҳр ва мустақарри малики Машриқ аст; дувоздаҳ фарсанг андар дувоздаҳ фарсанг аст ва деворе ба гирди ин ҳама даркашида ба як бора ва ҳамаи работҳо ва деҳҳо андаруни ин девор аст».[1]

Ваҷҳи тасмияи вожаи «Бухоро» ба қавле аз «Виҳара»-и санскритӣ гирифта шуда, маънии «парастишгоҳ» ва ба қавли дигар «маҷмаъи илм»-ро доштааст.[2] Ба қавли Наршахӣ шаҳри Бухоро дорои чандин ном будааст: Бунимҷикат, Бумсикат, Мадинату-с-сафария, Мадинату-т-туҷҷор ва ғайра.[3] Тибқи навиштаи Атомалики Ҷувайнӣ «Иштитоқи Бухоро аз «бухор» аст, ки ба луғати муғон маҷмаи илм бошад ва ин лафз ба луғати бутпарастони Уйғуру Хитой наздик аст, ки маобиди эшон, ки мавзеи бутон аст, «бухор» гӯянд ва дар вақти вазъ номи шаҳр Бумҷикас будааст».[4] Эҳтимол дар Бухоро бутхонае вуҷуд доштааст чунон ки дар Самарқанду Балх буд. Академик В. В. Бартолд низ навиштааст, ки то густариши дини ислом дар Мовароуннаҳр на зардуштия, балки дини буддоӣ ҷойгоҳи аввалро соҳиб буд.[1] Дар таърихи таъсиси масҷиди ҷомеи Бухоро низ омадааст, ки Қутайба ибни Муслим онро дар ҷои буткадае бино карда буд. Аммо донишманди тоҷик Ҳ. Камол дар мавриди асосан аз кеши зардуштӣ пайравӣ кардани сокинони Варорӯд назари академик Ю. Яъқубовро ҷонибдорӣ карда, менависад: «Ба масъалаи густариши дини буддоӣ дар Бохтар ва Суғд устод (Ю. Яъқубов) ин назари мақбулро доранд, ки ҳомили ин ойин дар ибтидои эраи мо ба сарзаминҳои мазкур бозаргонони кеши буддоидошта буданд, зеро дар масири роҳи маъруфи тиҷоратӣ – Роҳи Абрешим маъбадҳо ва

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 70

[2] Ҷувайнӣ. Алоуддин Атомалик ибни Муҳаммад. Таърихи ҷаҳонгушой. Ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ. Ҷ. 1. Теҳрон, 1387 ҳ. ш. С. 182. Минбад: Ҷувайнӣ.

[3] Наршахӣ. С. 20.

[4] Ҷувайнӣ. 182.

амокини муқаддаси буддоӣ ба ибтикори онҳо сохта шудаанд.[2] Яъне ойини буддоӣ дини сокинони бумии Суғду Бохтар набуда, балки кеши мусофирони Роҳи Абрешим будааст, ки он аз Суғду Бохтар убур мекард».[3] Ин назари олимони тоҷик ҷойи дастгирист ва чуноне ки дар боло аз Ҷувайнӣ нақли қавл кардем, аз эҳтимол дур нест, ки вожаи «бухоро» ба маънии ҷоест, ки ибтидо дар он макони муқаддаси сокинони бумии ин шаҳр мавҷуд будааст.

Бухоро дар тӯли таърих ҳамчун бахше аз сарзамини Суғд дар тобеияти Ҳахоманишиён, Ашкониён ва Ҳайтолиёну Сосониён қарор дошта, қабл аз ишғоли арабҳо мулки ҷудогонае ба шумор мерафт.

Муҳимтарин пешаи мардуми Бухоро кишоварзӣ буд. Барои обёрии заминҳо ҷӯй ва корезҳои бисёр канда шуда, боғдорӣ ҳам хеле рушд карда, меваҷот аз Бухоро ба дигар манотиқ содирот мешуданд. Дар «Ҳудуду-л-олам» оид ба Бухоро омадааст: «Ва ҷои намнок аст ва бисёр меваҳо ва бо обҳои равон».[4] Табиати мусоид ва чарогоҳҳои зиёд ба ривоҷи чорводорӣ имкон фароҳам меовард. Аз пӯсти чорво пойафзору либосҳо тайёр мекарданд. Дар Бухоро қолину гилемҳое бофта мешуданд, ки назир надоштанд. Ҳамчунин парвариши кирми абрешим ва бофти матоъҳои абрешимӣ ва анвои гуногуни либос маъмул буд. «Ва аз ӯ бисоту фарш ва мусаллои намоз хезад некӯ, пашмин ва шӯра хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд».[1] Навоҳии Бухоро аз лиҳози маъдан аз маконҳои пурғановати Мовароуннаҳр маҳсуб ёфта, бахусус маъдани тило ва намаксанг дар он бисёр будааст. «Чун замини Бухоро ҳама ҷо наздик ба об аст ва оби рӯди Суғд дар он ҷо андак аст, дарахтони баланд дар Бухоро намерӯяд, чун чормағзу чинору норван ва агар дарахте бошад, аз дарахтони кӯчак аст. Аммо меваҳои Бухоро беҳтарин меваи Мовароуннаҳр буд ва ба лазизию хуштаъмӣ маъруф. Ва замини он ба дараҷае дархӯри ободонӣ буд, ки бештари рустоиёни Бухоро як ҷариб замин доштанд ва аз маҳсули ҳамон як ҷариб зиндагии осуда мекарданд ва ҳар чӣ барои зиндагӣ лозим буд, дар

---

[1] Бартольд. В. В. Работы по исторической географии и истории Ирана. С. 469.
[2] Якубов. Ю. Религия древнего Согда. Душанбе, 1996. С.4.
[3] Камол Ҳ. Кошифи асрори Бутамон // Проблемы археологии и истории Таджикистана. Душанбе: Дониш, 2017. С.21.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 70.

атрофи Бухоро фароҳам мешуд, ҷуз баъзе ғаллоту ҳубуб, ки аз касрати ҷамъият кафофи мардумро намедод ва аз соири нуқоти Мовароуннаҳр меоварданд».[2]

Доманаи муттасили кӯҳи Варкати Бухоро то Самарқанд тӯл кашида, ба кӯҳҳои Бутам ва аз тариқи онҳо ба Усрушанаву Фарғона мепайвандад.[3]

Чун дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр аз қадим сокинони асосии Бухоро мардумони ориётабор – ниёгони миллати тоҷик буданд: «...мардумони он шаҳр (Бухоро) ба ҷуз иддаи маъдуд аз нажодҳои дигар, ки баъд ба воситаи ҳаводис бад-он рафтаанд, аз нажоди эронӣ будаанду порсизабон, маъруфтарин маркази забони мо шуд ва ҳанӯз аксари мардуми он аз нажоди эрониянд, ки имрӯз эшонро ба истилоҳи маҳаллӣ «тоҷик» мехонанд».[4]

**Самарқанд** дуюмин шаҳри бузурги Варорӯд буд. Яъқубӣ менависад: «Самарқанд яке аз бошукӯҳтарину арҷмандтарин ва нерӯмандтарин билодест, ки дорои мардоне бештар ва қаҳрамононе сарсахттар ва ҷангҷӯёне шикеботар аст».[5]

Дар бораи ваҷҳи тасмияи калимаи «Самарқанд» дар осори таърихии асрҳои миёна нукоте баён шудааст, ки ба воқеият наздик нест. Масалан, арабҳо номи ин шаҳрро Самарон гуфтаанд.[6] Ёқут чунин овардааст: «Самарон ба лафзи «Асмар» ва дар охири он «н» бошад». Абулҳасани Хоразмӣ гуфтааст, ки Самарон номи арабии Самарқанд аст, ки шаҳри маъруфест ва қасабаи Суғд аст. Ӯ аз номи Азҳарӣ овардааст, ки ин шаҳрро Шамари Абукарб бино кард ва ба номи «Шамаркант» номида шуд, ки минбаъд муарраб гашта номи «Самарқанд»-ро гирифт. Арабҳо марди ямaниеро бо номи Шамар фотеҳи ин шаҳр медонистанд, ки пас аз тасарруф онро вайрон кард ва аз ин ҷиҳат Шамаркант номида шуда буд ва арабҳо онро Самарқанд хонданд.[7]

Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар китоби худ «Нузҳату-л-қулуб» дар хусуси номи Самарқанд ин матлабро манависад: «Ва пас аз ӯ (Искандар) ба аҳди

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 70.
[2] Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва-л-мамолик. Теҳрон 1340. С. 314. Минбаъд: Истахрӣ
[3] Ҳамон ҷо. С.312
[4] С. Нафисӣ. С. 38.
[5] Яъқубӣ. Ал-Булдон. С. 69.
[6] Наршахӣ. С. 54.
[7] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. Ҷ. 3. С. 132-133.

мулуку-л-тавоифӣ Самар ном аз насли Тубаъ (подшоҳони Яман) ҷиҳати хусумате, ки бо аҳли ин диёр дошт, ин шаҳрро хароб карду биканд, чунонки ҳеч иморате барпо нагузошт. Пас аз он «Самарканд»-аш хонданд ва аъроб онро «Самарқанд» гуфтанд».[1]

Ҳеч яке аз ин матолиби сарчашмаҳои таърихии асри миёна пиромуни ваҷҳи тасмияи «самарқанд», ки он гӯё бархоста аз забони арабист, дуруст нест. Зеро то омадани арабҳо дар матнҳои суғдӣ вожаи «самарқанд» дар шакли «sm’r’k’nda» ба такрор мушоҳида мешавад. Ин номвожа дар забони суғдӣ чун «шаҳри муқаддас», «шаҳри хушбоду ҳаво» ва «шаҳри сангин» маънӣ шудааст.[2]

Самарқанд шаҳри муҳимми Суғд ба шумор мерафт. Ҳудуди густариши ҳудуди Самарқанд дақиқан маълум нест, танҳо мусаллам аст, ки дар замонҳои мухталиф тағйир ёфтааст. Сиккаҳои мисине, ки марбут ба замонҳои қабл аз ишғоли арабҳо аз Самарқанд ёфт гардидаанд, дар худ номи фармонравоёни замони худро бо хатти суғдӣ дарҷ кардаанд. Дар ин сиккаҳо номи баъзе аз фармонравоёни садаи ҳафтуми милодӣ дар Самарқанд зикр шудааст.[3]

Бино бар иттилои бостоншиносон, шаҳри Самарқанд дар маҳалли Афросиёби имрӯза бунёд гардида буд ва яке қадимтарин шаҳрҳои Мовароуннахр аст.[4] Номи Самарқанд дар маъхазҳои юнонии асри IV то милод Мараканд ё Мороканд омада, ба унвони пойтахти Суғд зикр шудааст.[5]

Сайёҳи чинӣ Сюан Сзан навиштааст, ки мардуми Самарқанд бозаргонон ва ҳунармандонанд ва бисёре аз хориҷиён барои омӯхтани шеваҳои бозаргонӣ ба Самарқанд меравaнд.[6]

Абрешими Чин аз роҳи Самарқанду Бухоро ба сӯи империяи Руми шарқӣ (Византия) мерафт. Бо пазируфтани ҳокимияти туркон мардуми

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Нузҳату-л-қулуб. Теҳрон, 1364. С. 212. (-386 с.)
[2] Қариб Б. Фарҳанги суғдӣ (суғдӣ-форсӣ-англисӣ). Теҳрон, 1995. С.324-325.
[3] Смирнова О. И. Согдийские монеты с именем Фарнбага. Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока. М., 1977. С. 110-115.
[4] Н. Н. Неъматов. Государство Саманидов. С. 36.
[5] Страбон. География / пер. с др.-греч. Г. А. Стратановского, под общей редакцией С. Л. Утченко. – Ленинград: Наука, 1964. С. 488. (– 944 с.)
[6] Сюань-цзан. Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи); введ., пер. и коммент. Н. В. Александровой ; Ин-т востоковедения РАН. - М.: Вост. лит., 2012. С. 42. (- 463 с.)

Самарқанд ба мақомҳои иқтисодиву сиёсӣ соҳиб гардиданд ва аз ин давра навиштаҳое бо забони туркӣ ва хатти суғдӣ боқӣ мондаанд.

Лақаби шоҳи Самарқанд «Тархон» буд ва дар манобеи таърихӣ ба шакли «тархун» зикр шудааст. Р. Фрай дар ин бора навиштааст: «чуноне, ки дар Хоразм номи хусрав дар манобеи арабӣ ба унвони лақаби амири маҳаллӣ шинохта шуда буд, тархун низ барои фармонравои Самарқанд алам шуд».[1]

Самарқанд дар ибтидои асри VIII аз ҷониби арабҳо ишғол шуд. Соли 56 ҳ.қ./675-76 фармонравои араби Хуросон Саъид ибни Усмон пас аз фатҳи Бухоро муддатҳо Самарқандро дар муҳосира гирифт. Дар набардҳои Самарқанд тире ба чашмаш расид ва як чашмашро аз даст дод. Билохира, сокинони шаҳр бо пазириши хироҷи гароне ба сулҳ розӣ шуданд.[2]

Соли 62 ҳ.қ./681-82 Салм ибни Аҳваз пас аз фатҳи Хоразм ва сулҳ бо мардуми он ба Самарқанд ҳамла кард ва онро гушуд. Соли 712 охирин сарлашкари араб, ки ба Самарқанд лашкар кашида, онро ба қаламрави хилофати араб ҳамроҳ кард, Қутайба ибни Муслим буд. Яъқубӣ дар ин бора менависад: «Самарқанд пас аз он ки фатҳ шуд, чандин бор дар асари он, ки шаҳре мустаҳкам буд ва мардоне далеру қаҳрамононе сарсахт дошт, ёғӣ гашт. Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ дар даврони Валид ибни Абдулмалик Самарқандро фатҳ кард ва бо подшоҳону деҳқонони он сулҳ намуд».[3]

Варорӯд дар манобеи таърихӣ баъди ишғоли арабҳо ба Мовароуннаҳр табдили ном кард. Бедодие, ки Қутайба бар мардуми Мовароуннаҳр ба ҳангоми фатҳи шаҳрҳои он раво дид, баёни он мушкил аст. Шаҳрҳои ободи Мовароуннаҳр, ки бисёр сарватманд буданд, бар асари тохту този аъроб ҳама вайрон шуданд. Қутайба бар ҳар шаҳре аз Мовароуннаҳр даст меёфт ва андаке шакку тардид дар мавриди мухолифати онҳо мекард, бедиранг теъдоди зиёде аз мардуми он шаҳрро ба қатл маҳкум намуда, иддаеро бардаю асир гирифта, ба маркази Хилофат мефиристод.

---

[1] R. N. Frye. The golden age of Persia: the Arabs in the East. Weidenfeld and Nicolson, 1975. P.65.
[2] Гардезӣ А. Зайну-л-ахбор. С. 239; Табарӣ М. Таърихи Табарӣ. Ҷ.7. С.2870.
[3] Яъқубӣ. Ал-Булдон. С. 69.

Самарқанд дорои рустоҳои зиёд буд. Рустои Маймурғ аз ҷиҳати доштани деҳкадаҳои зиёд, дарахтон ва фаровонии маҳсулот бар ҳама афзалият дошт. Дар ҷануби Маймурғ рустои кӯҳистонии Совадор қарор дошт, ки аз ҷиҳати покии ҳаво аз ҳама беҳтару бартар буд. Ба қавли Ибни Ҳавқал дар ин деҳа дайри масеҳие бо номи «Бавазкард» вуҷуд дошт, ки шумораи зиёди масеҳиён барои зиёрат ба он ҷо меомаданд ва ҳадяҳои бисёр ба он ҷо тақдим мекарданд. Дараҳои ин ноҳияи кӯҳистонӣ ниҳоят сарсабзу хуррам буданд ва дар канори наҳрҳои он деҳкадаҳои обод дида мешуд.[1]

Самарқанд оби мавриди эҳтиёҷро аз рӯди Дарғам, ки рустоқи бузурге низ бо ҳамин ном хонда мешуд, мегирифтааст. Рустои Дарғам аз лиҳози покизагиву фаровонии чарогоҳҳо ва фузунии об бар дигар рустоҳои ин ноҳия муқаддам буд ва ангури он ба дигар ҷойҳо бурда мешуд. Наздики Дарғам рустои Авфар ё Абғар воқеъ буд, ки заминҳои беоб дошту деҳкадаҳои бисёр. Аҳолии он бо чорводорӣ рӯзгори худро пеш мебурданд. Масоҳати ин русто як фарсах дар як фарсах буд ва он охирин рустои ҷануби Самарқанд ва рӯди Суғд маҳсуб мешуд.[2]

Дар ин қисмат лозим аст, аз номи рӯдҳое, ки дар обёрии вилояти Самарқанд таъсири бузург доштанд, ёд карда шавад. Ин рӯдҳо дар манобеи таърихӣ бо ин номҳо зикр шудаанд: Мосаф, Зарафшон, ки бо номи Кӯҳаки Суғд низ ёд мешавад, рӯди Бухоро, рӯди Кушка, Асрӯд, Ҷойрӯд ва Хузоррӯд.[3]

Дар кутуби ҷуғрофиёӣ рӯде бо номи Мосаф ёд нашудааст. Эҳтимол ин ҳамон рӯдест, ки аз ҷониби Суғд ба самти Бухоро равон буд ва дар Суғд бо номи рӯди Бухоро ва дар Бухоро бо номи рӯди Суғд хонда мешуд. Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал ин рӯдро чунин тавсиф кардаанд: «Обҳои шаҳр (Самарқанд) ҳама аз рӯди Суғд аст ва сари ин рӯд аз кӯҳҳои Бутам аст, ки болои Чағониён бошад ва ин обро обгирест, ки онро «Ҷан» ё «Маҷан» хонанд»[4]. Ба қавли муаррихи

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. (Сафарномаи Ибни Ҳавқал. Эрон дар «Сурату-л-арз»). Тарҷума ва тавзеъи доктор Ҷаъфари Шиъор. Теҳрон, 1366 ҳ.ш. С. 202-203.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ле Стренч. С. 496-500.
[4] Истахрӣ. С. 314-323; Ибни Ҳавқал. С. 215-228.

олмонӣ Ҷозеф Маркварт «ҷан» калимаи суғдиест ба маънои ҷӯй, чоҳ, чашма, ки ҳам ба обҳои равон ва ҳам ба обҳои истода гуфта мешуд.[1]

«Ибтидои рӯди Суғд,- менависад Ле Стренҷ,- дар маҳалле ташкил мешавад мавсум ба «ҷан» ё «ҷай», ки монанди дарёчаест ва ҳаволии онро деҳкадаҳое фаро гирифтаанд. Ин вилоят мавсум аст ба «Барғар» ё «Варғар» (Фалғар – ноҳияи кунунии Айнии Тоҷикистон). Аз ин дарёча рӯди Суғд дар миёни кӯҳҳо ҷорӣ мегардад ва то ба Панҷакат ва аз он ҷо ба «Варғасар» мерасад. Ин ном дар забони маҳаллӣ ба маънои сарбанд аст, зеро дар ин маҳал аз рӯди Суғд наҳрҳое ҷудо мешаванд, ки ба Самарқанд мерасанд ва ду наҳр аз онҳо қобили киштиронианд. Болои рӯди Суғд дар Самарқанд пули сангие бо номи «Ҷард» вуҷуд дошт, ки замони туғёни рӯд онро об фаро мегирифт».[2]

Сарчашмаи рӯди Суғд дар кӯҳистони Бутам аст. Ин кӯҳистон миёни рӯдҳои Суғд бо рӯдҳои Чағониён ва Хушоб воқеъ аст, ки аз шохаҳои самти рости рӯди Ҷайҳунанд.[3]

Р. Фрай, ки дар бораи рӯди Зарафшон баҳс намудааст, менависад: «Рӯди Суғд дар кутуби исломӣ номи воҳиде надоштааст ва исми «Номик» пас аз як қарн аз тасаллути мусулмонон бар он диёр фаромӯш шудааст. Номи «Зарафшон» ҳам, ки исми кунунии он аст, то қарни ҳаждаҳуми милодӣ дар ҷое ёфт нашудааст. Муаллифини араб онро Суғд меномидаанд ва имрӯза номи он Чӯпон-ато мебошад. Ин ном аз исми кӯҳе, ки дар наздикии Самарқанд аст, гирифта шуда ва ҳамин рӯд аст, ки дар матни Самария ба номи рӯди «Кӯҳак» хонда шудааст».[4]

Ибни Хурдодбеҳ Искандаркӯлро сарчашмаи Зарафшон пиндоштааст, ки чунин нест. Рӯде, ки аз Искандаркӯл ҷорӣ мешавад, ба Фондарё васлат мекунад ва Фондарё яке аз манбаъҳои дарёи Зарафшон аст.[1] Истахрӣ дар ин хусус навиштааст: «Ва аҳли шаҳр [Самарқанд]-ро об аз водии Суғд мебошад ва мабдаъи рӯди водӣ аз кӯҳҳои Бутам аст, ва ҳамчунин меравад, то он ҷо, ки ба

---

[1] Ҷ. Маркварт. Эроншаҳр бар мабнои ҷуғрофиёи Мусои Хуренӣ. Тарҷумаи доктор Марям Мир Аҳмадӣ. Теҳрон, 1373. 297 с. С. 62, 132.
[2] Ле Стренҷ. Ҷуғроияи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. С. 496–497.
[3] Ле Стренҷ. Ҷуғроияи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. С. 496– 497, 499.
[4] R. N. Frye. The golden age of Persia: the Arabs in the East. p. 65.

Бунҷикас мерасад».[2] Вале ба андешаи мо шояд манзури Истахрӣ аз ин навиштааш Панҷакант бошад. Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» низ манбаи дарёи Зарафшонро кӯҳҳои Бутамон гуфтааст, ки ба қавлӣ ӯ аз Усрушана мегузашт.[3]

Дигар аз ҳудуди маъруфи давлати Сомониён Кеши таърихӣ буд. Шаҳрисабзро дар асрҳои миёна бо номи Кеш зикр кардаанд. Яъқубӣ навиштааст, ки Кешро баъзан пойтахти Суғд мегуфтанд.[4] Ибни Ҳавқал дар бораи ин шаҳр навиштааст, ки шаҳрест дорои куҳандиз ва қалъа ва рабаз ва шаҳри дигаре, ки ба рабази он пайвастааст.[5] Ҷайҳонӣ зимни тавсифи ин шаҳр менависад: «Шаҳрест онро куҳандизе ва шаҳристоне ва рабазе ва шаҳрҳои дигар пайваста. Аммо шаҳри андарун ва куҳандиз хароб аст ва шаҳри берун ободон ва сарои аморат дар шаҳри берун аст ба мавзеъе, ки «Намозгоҳ» гӯянд».[6]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» менависад, ки «Кеш шаҳри гармсер аст ва андар вай борони бисёр ояд ва ӯро шаҳристону куҳандиз ва рабаз аст. Ва ӯро ду рӯд аст, ки бар дари шаҳр бигзарад ва андар киштҳои вай ба кор шавад. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани доруҳост ва аз ӯ астарони нек хезад ва тарангубин ва намаки сурх, ки ба ҳама ҷаҳон баранд».[7] Бостоншиносон андеша доранд, ки ин ду шаҳр дар ҷои имрӯзии шаҳрҳои Шаҳрисабз ва Китоб воқеъ будаанд.[8]

Дар самти ғарбии Кеш шаҳри Нахшаб аст, ки баъдан онро арабҳо «Насаф» гуфтаанд ва имрӯз «Қаршӣ» хонда мешавад. Кебекхон – яке аз хонҳои муғул, ки солҳои 1318–1326 дар Мовароуннаҳр ҳукумат кардааст, дар Нахшаб ё Насаф барои худ қасре сохт. Муғулон қасрро «қаршӣ» мегуфтанд. Ба ин иртибот шаҳри Нахшаб табдили ном кард. Дар зимн Шарафуддини Алии Яздӣ дар «Зафарнома» менигорад: «Он шаҳр ба Қаршӣ аз он шуд, ки Кебекхон дар

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. Масолик ва-л-мамолик. С. 121-125.
[2] Истахрӣ. С. 340-341.
[3] Ҳудуду-л-олам. Душанбе: «Бухоро», 2014. С. 29. (– 588 с.)
[4] Яъқубӣ. Китобу-л-булдон. С. 299.
[5] Ибни Ҳавқал. С. 228.
[6] Ҷайҳонӣ. С. 188–189.
[7] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[8] Кабанов С. К. Археологические разведки в Шахрисябзском оазисе. Известия АН УзССР, 1951, № 6. С. 61–68; Лунина С. Б. Города Южного Согда в VIII–XII вв.– Ташкент: Фан, 1984; Ртвеладзе Э. В., Сагдуллаев А. С. Памятники минувших веков. – Ташкент: Узбекистан, 1986.

дуфарсахии Насаф ва Нахшаб қасре бино намуд ва муғул қасрро «қаршӣ» хонад…»[1]

Нахшаб дар канори рӯде воқеъ буд, ки он рӯд тавассути рустоҳои Кеш убур мекард. Қароргоҳи ҳокимони шаҳр дар канори ин рӯд дар маконе маъруф ба Сарипул воқеъ буд. Дар зимн муаллифи «Ҳудуду-л-олам» навиштааст: «Нахшаб шаҳрест бисёрнеъмат ва ободон ва бо кишту барзаи бисёр ва ӯро як рӯд аст, ки андар миёни шаҳр бигзарад».[2]

Ҷайҳонӣ дар тавсифи ин шаҳр мегӯяд: «Шаҳрест ободон ва онро куҳандизе хароб, рабазро чаҳор дар: якеро «Дари Бухоро» гӯянд, якеро «Дари Самарқанд», якеро «Дари Кеш» ва якеро «Дари Ғавидаш» ва он бар роҳи Бухорову Балх ва бар замини ҳомун ва кӯҳ дар он бар думанзилии наздики Кеш. Миёни шаҳр ва Ҷайҳун биёбон аст ва миёни он кӯҳ нест. Ва онро ҷӯест дар миёни шаҳр меравад ва мавзеъест, ки обҳо дар он ҷо ҷамъ меоянд ва аз он ҷо он ҷӯй мехезад».[3]

Дигар аз вилояти маъруфи Мовароуннаҳр Усрушана буд. Дар осори ҷуғрофӣ-таърихӣ Усрушана чун иқлим зикр шудааст. Ибни Ҳавқал дар мавриди он менависад: «Аммо Ушрусинӣ ҳамчун Суғд номи иқлим аст ва шаҳре бад-ин ном, ки (Ушрусанӣ) надорад ва пиромуни он аз иқлимҳои Мовароуннаҳр дар шарқ қисмате аз Фарғона ва дар мағриб ҳудуди Самарқанд ва дар шимол Чоч ва аз ҷануб қисмате аз Кеш ва Ҷағониён ва Сумон ва Вилоҷир ва Роштқалъа».[4]

Дар мавриди ваҷҳи тасмияи «Усрушана» дар китобҳои ҷуғрофӣ-таърихӣ ишорае нашудааст, аммо вожаи «Усрушана» дар ин китобҳо ба шаклҳои мухталиф навишта шудааст. Дар аксари осор ин вожа дар шакли «Ушрусана» (дар Табарӣ, Ибни Ҳавқал ва Ҳамдуллоҳи Муставфӣ) омадааст.[5] Ҷайҳонӣ ва Ёқут онро «Усрушана» навиштаанд.[6] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» вожаи

---

[1] Шарафиддин Алии Яздӣ. Зафарнома.Ҷ.1Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми М.Аббосӣ.Теҳрон, 1336. С.85.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[3] Ҷайҳонӣ. С. 189.
[4] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. С. 233
[5] Табарӣ. Ҷ. 13. С 5168; Ибни Ҳавқал. С. 229; Муставфӣ. С. 201-206.
[6] Ҷайҳонӣ. С. 192; Байҳақӣ ; Ёқут. Ҷ. 1. С. 245.

мазкурро «Сурушан» гуфтааст.[1] Академик В. В. Бартолд ин номро ба шаклҳои Сутрушана ва Усрушана навишта аст.[2] Р. Фрай менависад, ки ин ном дар шакли Уструшана будааст, аммо баъдан арабҳо ҳарфи «т»-ро аз он ҳазф карда, Усрушана оварданд.[3] Бартолд навиштааст, ки Бобур калимаи «Усрушана»-ро номи пешини шаҳри Ӯротеппа медонад, ки дар махраҷи он рӯдак аз кӯҳҳо қарор доштааст.[4]

Ин вилоят дар шарқи Самарқанд, байни вилоятҳои соҳили рости рӯди Суғд ва вилоёти чапи Сайҳун воқеъ аст. Ноҳияи Усрушана аз тарафи ғарб ба Хуҷанд ҳамҷавор буда, ҳамаи заминҳои ҷануби «Саҳрои гурусна» то қаторкӯҳҳои Ҳисор ва қисмати кӯҳистонии Зарафшон бахше аз Усрушана шумурда мешуд. Дараи Шаҳристонсой ҳамеша маркази ноҳия буда, аз таҳқиқоти бостоншиносӣ[5] ва навиштаҷоти сарчашмаҳо бармеояд, ки Шаҳристон нахустин тахтгоҳи он ноҳия маҳсуб мешудааст.[6]

Вилояти мутамаддин ва рушдёфтаи ҳавзаи Сирдарё аз самти шарқ водии Фарғона буда, зодгоҳи асосгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ (849–907) мебошад. Ҷайҳонӣ зимни тавсифи он менависад: «Номи вилоятест нек паҳн ва бузург ва онро шаҳрҳову қасабаҳо ва деҳаҳое бисёр маъмур ва бонеъмат».[7] Яъқубӣ дар бораи Фарғона менависад: «Шаҳри Фарғона, ки шоҳ дар он сукунат дорад, ба он «Косон» гуфта мешавад ва он шаҳрест ҷалилулқадру боазамат ва ҳамаи ин шаҳрҳо аз музофоти Самарқанд аст».[8] Фарғона дар асрҳои қабл аз милод макони сукунати эрониёни шарқӣ ва сакоиҳо буд. Чиниҳо ин вилоятро ба хубӣ мешинохтанд ва номи чинии он Даван буд. Чжан Сян – муаррихи чинӣ, ки охири асри 2 то милод аз Фарғона дидан

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 29.
[2] Бартолд. В. В. Соч. Т. 3. С. 216.
[3] Фрай Р. Асри заррини фарҳанги Эрон. Мутарҷим Масъуд Раҷабниё. Теҳрон: Суруш, 1363. С. 91-95.
[4] Бартолд. В. В. Соч. Т. 3. С. 216.
[5] Негматов Н. Историко-географический очерк Уструшаны с древнейших времен по Х в. н. э. – «Тр. ТАЭ», т. 2. МИА СССР, № 37. М – Л., 1953. С. 236–252; Ҳамон муаллиф. Уструшана в древности и раннем средневековье. С. 23–49. Харитаи Уструшана дар асрҳои VII–X дар ҳамон ҷо; Негматов Н. Н. и Хмельницкий С. Г. Средневековый Шахристан (Материальная культура Уструшаны, вып. 1.). Душанбе, 1966. -197 с., XXV табл.
[6] Муҳаммад Ҷавод Машкур Шаҳристонро аз Ӯзбакистон шумурдааст. Ниг. Ҷуғрофиёи таърихии Эрони Бостон. Теҳрон. Дунёи Китоб, 1393. С. 818.
[7] Ҷайҳонӣ. С. 194.
[8] Яъқубӣ. С. 70

кардааст, менависад: «Ақвоми мустақар дар ин навоҳӣ дорои чашмони фурӯрафтаанд ва ришу мӯйлаб доранд ва ба лаҳҷаҳои гуногуни забони эронӣ (!) суҳбат мекунанд».[1] Қариб ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофии асримиёнагӣ Фарғонаро ҳамчун вилояти хеле пурғановат ва дорои киштзору боғҳои фаровон тавсиф кардаанд. Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» ва Ҷайҳонӣ аз сарватҳои табиӣ ва маъданҳои Фарғона ёдовар шуда, зару нуқра, симобу мис ва дигар доруҳои фаровони кимиёвӣ доштани ин сарзаминро қайд кардаанд.[2] Фаровонии гиёҳу рустаниҳои муфид дар кӯҳҳои атрофи Фарғона ба ҳадде будааст, ки Истахрӣ мегӯяд: «...ҳеч молике эшонро [дарахту гиёҳонро] нест ва ҳар кас ки мехоҳад, аз он мехӯраду мебарад ва ҳеч кас ӯро монеъ намешавад».[3]

Дар қисмати ғарби Фарғона вилояти Чоч воқеъ аст, ки дар самти рост, яъне шимолу шарқи рӯди Сайҳун қарор дорад. Вайронаҳое, ки бо номи Тошканди Куҳна маъруфанд имрӯз маҳалли шаҳреро, ки арабҳо Шош ва эрониён Чоч меномиданд ва он бузургтарин билоди моварои Сайҳун будааст, нишон медиҳанд.

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» дар бораи ин шаҳр менависад, ки «Чоч ноҳиятест бузургу ободон ва мардумоне ғозипеша ва ҷангкуну тавонгар ва бисёрнеъмат. Ва аз вай камону тири хаданг ва чӯби хуланҷ бисёр афтад. Ва мулуки вай андар қадим аз мулуки атроф будандӣ. Байкат қасабаи Чоч аст ва шаҳре бузург асту ободон ва хуррам ва мустақарри султон андар вай».[1]

Ҷайҳонӣ ин шаҳрро Шош навишта ва қасабаи онро Найкат овардааст. Ӯ дар тавсифи ин шаҳр менависад, ки «Шош дар замини нарм аст ва дар ҷумлаи иморот, ки пайваста ба якдигар аст, ҳеч кӯҳу замини баланд нест. Бузургтарин сағре дар рӯйи туркон он аст, биноҳои эшон ва саройҳо аз гил аст гушодаву фарох. Ва аз ҷумла, саройҳои эшон оби равон бошаду сабзӣ ва ҷумлаи Шош аз хуштарин билоди Мовароуннаҳр аст ва қасабаи онро Найкат гӯянд. Аммо Найкатро, ки қасабаи Шош бошад, куҳандиз аст ва шаҳристоне. Шаҳрро рабаз

---

[1] Боровкова Л. А. Запад Центральной Азии во II в. до н.э. – VII в. н.э. (историко-географический обзор по древнекитайским источникам). – М., 1989. С. 20-26. (– 181 с.); Сыма Цянь. гл. 123 // Исторические записки (Ши Цзи). – XXXII. – Москва: Наука, 2010. – Т. 9. С. 199-203.

[2] Ҳудуду-л-олам. С. 112; Ҷайҳонӣ. С. 195.

[3] Истахрӣ. Масолик вал мамолик. С. 316–317.

ва деворе дигар аст ва беруни рабази дигар боғҳову бӯстонҳо дар омада. Куҳандизро ду дар аст, яке бар рабаз дигарро бар шаҳристон ва шаҳри андарунро се дар аст».[2]

Чоч дар асри X чанд девор дошт. Атрофи шаҳри дохилӣ ва арки ба он муттасил як девор кашида шуда буд. Пас аз он рабази дохилӣ қарор дошт ва дорои девор буд. Пас аз он рабази дигар вуҷуд дошт, ки дорои боғу киштзорҳо буд ва атрофи он низ девор дошт. Билохира деворе буд, ки шакли нимдоира дошта, соҳили рӯди Тарак (ё Парак)-ро аз самти шарқ ва рӯди Сайҳунро аз самти ғарб мепайваст. Дар арк, ки ба шаҳри дохилӣ пайваст буд, доруламора ва зиндон қарор доштанд. Ҷайҳонӣ зикр намудааст, ки он ду дарвоза дошт, яке ба сӯи шаҳр ва дигаре ба сӯи рабаз кушода мешуданд.[3] Девори бузург дар наздиктарин нуқтаи худ то шаҳр як фарсах аз дарвозаи хориҷӣ фосила дошт. Ин шаҳр соли 565 бо густариши нуфузи императории туркӣ ба ихтиёри туркон даромад. Берунӣ номи фармонравои Чочро Тудун менависад,[4] ки шояд лақаби роиҷи туркӣ буда ё аз чинӣ баргардон шуда ва ё дар натиҷаи омехтагии ин лақаб бо сипоҳии қадими суғдӣ ба вуҷуд омада бошад. Чун сарзамини Чоч ҳамеша дар маърази тохтутоз буд, аз ин рӯ туркон ин ҳудудро забт карда буданд ва он дар тобеияти Хоқонати Ғарбии Турк қарор гирифт.

Аз дигар шаҳрҳои атрофи Чоч метавон аз шаҳри Ҷинонҷкат ном бурд. Ин шаҳр дар самти ҷанубӣ, яъне соҳили чапи рӯди Тарак – ду фарсах болотар аз резишгоҳи он ба Сайҳун воқеъ буд. Ҳарчанд ин шаҳр дар асри X девор надошт, аммо шаҳри бузург буд, ки хонаҳояш аз чӯбу хишт сохта шуда буданд.[5]

Дар соҳили ғарби рӯди Сайҳун, сари роҳи Дизак шаҳри Динкард воқеъ буд. Ибни Ҳавқал дар бораи он менависад, ки қаряест аз масеҳиён дар ҷониби дигари рӯди Тарак ва андаке ба самти бохтар дар зовияе зери мултақои ин рӯд

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 116.
[2] Ҷайҳонӣ. С. 191.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Бируни Абурейхан. Избранные произведения. Т. 1. С. 111. – Ташкент 1957. -488 с.
[5] Истахрӣ с. 355-356.

ба рӯди Сайҳун шаҳре буд ба номи Уштуркат ё Уштуркас, ки боруи мустаҳкам дошт.[1]

Вилояти Элок дар ҷануби рӯди Элок ва шимоли печи бузурги рӯди Сайҳун воқеъ аст. Маркази он ба қавли Ле Стренҷ Туванкат ном дошт[2]. В. В. Бартолд маркази Элокро Тункат номида ва қайд намудааст, ки маҳалли имрӯзаи ин шаҳр маълум нест.[3] Ҷайҳонӣ маркази ин вилоятро Лумкат навишта шаҳрҳои дигари онро низ ном бурдааст.[4] Дар тавсифи «Элок муаллифи «Ҳудуду-л-олам» навиштааст, ки Элок ноҳиятест бузург андар миёни кӯҳу саҳро ниҳода ва мардуми бисёр ва бо кишту буруз ва ободон ва мардумоне камхоста ва андар вай шаҳрҳо ва рустоҳо бисёр. Ва мардуми рустопеша кеши сапедҷомагон доранд ва мардумонеанд ҷангӣ ва шӯхрӯй. Ва андар кӯҳҳои вай симу зар аст ва ҳудудаш ба Фарғона Ҷудғал ва Чоч ва рӯди Хашрат пайваста аст. Ва меҳтарони ин ноҳиятро деҳқони Элок хонанд. Ва аз қадим деҳқони ин ноҳият аз мулуки атроф будандӣ».[5] Ин вилоят муттасил бо Чоч буд ва қариб бист шаҳр дошт, ки Ибни Ҳавқал ва баъзе ҷуғрофинависони дигари асримиёнагӣ онҳоро зикр кардаанд.[6] Дар хусуси номи ин ноҳия академик В. В. Бартолд менависад, ки номи Элок на дар манобеи чинӣ ва на дар таърихи футуҳоти араб дида нашудааст.[7]

Дар шимоли Чоч, ҷониби рости рӯди Сайҳун ноҳия ё иқлими паҳноварӣ Исфиҷоб қарор гирифта, маркази он шаҳри Исфиҷоб буд. Муқаддасӣ аз панҷоҳ шаҳри ин ноҳия ном бурдааст[8], ки маҳалли чанде аз онҳоро имрӯз пайдо кардан мумкин аст. Ҷайҳонӣ ин вилоятро ба шакли Испиҷоб оварда, чунин навиштааст: «...онро кӯҳандизест ва шаҳристоне ва рабази дигар, аммо куҳандиз хароб аст ва шаҳристону рабази дигар ободон. Ҳар дуро бора аст ва андоза миқдори фарсанге. Шаҳристон дорои чаҳор дар аст: «Дари Нуҷкат», «Дари Фархон»,

---

[1] Ибни Ҳавқал. С. 384-388.
[2] Ле Стренҷ. С. 514.
[3] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 229.
[4] Ҷайҳонӣ. С. 192.
[5] Ҳудуду-л-олам. С. 114-116.
[6] Ибни Ҳавқал. С. 386, 388-389; Истахрӣ. С. 356-357; Муқаддасӣ. С. 277.
[7] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 229.
[8] Муқаддасӣ. С. 272-273.

«Дари Саркарона» ва «Дари Бухоро».[1] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» менависад, ки «ин шаҳр марзи миёни мусулмонон ва кофирон аст, ҷое бузург асту ободон ва бар сарҳадди Туркистон аст. Ҳар чизе, ки аз Туркистон хезад он ҷо афтад ва андар вай шаҳрҳо ва ноҳияҳову рустоҳо бисёр аст. Дар идома менависад, ки қасабаи онро низ Испиҷоб мехонанд ва макони султон дар он ҷо қарор дорад ва маҳалли иҷтимоъи ҳамаи бозаргонони ҷаҳон аст».[2]

Яке аз вилоёти бузурги Мовароуннаҳр Хоразм буд. Он сарзамини таърихии аҷдоди миллати тоҷик маҳсуб мешавад. Ин сарзамин низ дар қатори Суғду Бохтар таърихи хеле қадим дошта, дар сарчашмаҳои таърихӣ аз он фаровон ёд кардаанд. Дар асрҳои миёна Хоразм аз ҷумлаи вилоятҳои Мовароуннаҳр маҳсуб шуда, пойгоҳи марзии тоҷикон ва умуман мусулмонон дар самти шимолу ғарб дар марзи Туркистон буд. Марзҳои Хоразм дар замони Тоҳириёну Саффориён дар ҷануб аз роҳи корвонгузари Хуросон – Бухоро шурӯъ шуда, дар шимол то поёноби рӯди Ҷайҳун мерасид. Дар ин хусус муаллифи «Ҳудуду-л-олам» менависад, ки «он дар мағриби Мовароуннаҳр поя бар бунёд дошт».[3] Ба қавли Истахрӣ: «як ҳадди он аз тарафи шимолу мағриб ба ҳадди Ғузия муттасил мешавад ва ҳадди ҷанубию шарқии он Хуросону Мовароуннаҳр аст. Ва он дар соҳили Ҷайҳун мабно ва муассас аст».[4] Ин сарзамин аз қадим ватани аҷдодии ниёгони миллати тоҷик – ориёиҳо (эрониён) буд, аммо дар раванди ҳодисоти таърихӣ, селосо ворид шудани ақвоми турк ба Хоразм ва ҳукмрон шудани сулолаҳои турknажод ба ин сарзамин ба тадриҷ забони хоразмӣ аз байн рафт.

Истахрӣ зебоӣ ва фаровонии неъматҳои Хоразмро тавсиф карда, менависад, ки дар тамомати Хуросон ҳеч шаҳре бузург набошад, илло ки аз аҳли Хоразм ҷамоате бисёр дар он мутаваттин шуда ва иқомат сохтаанд.[5] Роҷеъ ба ҷузъи Мовароуннаҳр ё Хуросон будани Хоразм дар осори ҷуғрофӣ ва таърихии асримиёнагӣ маълумоти мухталиф оварда шудааст. Ҷайҳонӣ сараввал

---

[1] Ҷайҳонӣ. С 192.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 114-117.
[3] Ҳамон ҷо. С. 122.
[4] Истахрӣ. С. 321.
[5] Истахрӣ. С. 325–326.

Хоразмро мулки ҷудогона ва мутааллиқ ба Хуросон донista, дар ҷои дигар навиштааст: «мебоист, ки як нимаи Хоразм дар сурати Хуросон будӣ ва як нима дар Мовароуннаҳр, аммо ҳар ду дар сурати Мовароуннаҳр овардем, ба ҷиҳати он ки бад-ин иқлим наздиктар аст ва қасаба аз ин ҷониб аст».[1] Назари Истахрӣ низ ба ин масъала гуногун аст, ки мегӯяд: «Ва Хоразм низ дар Мовароуннаҳр даровarda шуд, ҷиҳати он ки шаҳри бузурги иқлими Мовароуннаҳр аст ва он ба Бухоро наздиктар аст аз шаҳрҳои Хуросон».[2] Ва ҷои дигар менависад: «Хоразм номи иқлимест ва он иқлим аз Бухорову Вароуннаҳр мунфасил ва ҷудо аст».[3] Байҳақӣ низ гуфтаҳои мазбурро таъйид карда ва афзудааст: «Хоразм вилоятест шибҳи иқлиме ҳаштод дар ҳаштод ва он ҷо манобири бисёр ва ҳамеша ҳазрат будааст... чунонки дар таворих пайдост, ки ҳамеша Хоразмро подшоҳе будааст муфрад ва он вилоят аз ҷумлаи Хуросон набудааст».[4]

Сарчашмаҳои таърихӣ роҳҳои вилоятҳои Самарқанд, Чоч, Фарғона ва Усрушанаи Мовароуннаҳрро, ки бо ҳам васлат мекарданд ва ҳамчунин ба Исфиҷобу Туркистону Фороб мебурданд тасвир кардаанд. Дар ин замон дунболаи шоҳроҳи бузурги Хуросон аз Самарқанд ба самти шимол аз рӯди Суғд убур мекард ва дар Усрушана ба Зомин расида, дар он ҷо ду шоха мешуд. Яке ба самти Чоч ва дигаре сӯи Фарғона мерафт. Аз Зомин роҳе буд, ки мустақиман ба Чоч мерафт ва дар Банокат аз Сайҳун убур мекард. Роҳи дигаре аз Самарқанд хориҷ шуда, аз Дизак убур карда, аз саҳро гузашта, ба Найкард мерасид. Он тавассути Сайҳун убур намуда, ба Шутуркат мерафт ва дар ин ҷо бо роҳе, ки аз Банокат ба Чоч меомад, пайваст мешуд. Аз Чоч роҳе буд ба самти шарқ то Тункат ва роҳи дигаре ба самти шимол то Исфиҷоб. Дар он ҷо роҳ ду шоха мешуд: як роҳ дар самти ғарбӣ ба Фороб (Утрор) мерафт ва он ба самти шимол дар тӯли соҳили рости Сайҳун боло рафта, то ба Саброн мерасид. Роҳи самти шарқ аз Исфиҷоб ба Тироз ва аз он ҷо ба Баркӣ ё Миркӣ – охирин шаҳри мусулмоннишини Туркистон мерасид. Аз ин ҷо Ибни Хурдодбеҳ[5] ва

---

[1] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 182.
[2] Истахрӣ. С. 368.
[3] Ҳамон ҷо. С. 321.
[4] Байҳақӣ Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. Теҳрон, 1370. С. 665.
[5] Ибни Хурдодбеҳ. С. 29-30.

Қудома[1] манзилгоҳҳои онро, ки дар биёбон буд, то Нӯшинҷони Улё, ки дар марзи Чин буд (шояд Хутан бошад), зикр намудааст.

Роҳе, ки ба Фарғона мерафт ва дар Зомин аз шоҳроҳи Хуросон ҷудо мешуд, аз Собот убур мекард ва дар Собот роҳ ба самти Бунҷикат ва Усрушана мепечид. Аз он ҷо тавассути Хуҷанд ба навоҳии соҳили ҷанубии рӯди Сайҳун ба Ахсикат – маркази вилояти Фарғона мерасид. Ибни Хурдодбеҳ, Қудома ибни Ҷаъфар, Истахрӣ ва Муқаддасӣ роҳҳои ин минтақаро то Чин зикр намуда, охирин манзилгоҳро Нӯшинҷон номидаанд, ки эҳтимол ҳамон Хутан бошад.[2]

Дар ҳавзаи рӯди Чағонрӯд ё Зомил (Сурхондарё) вилояти Чағониён ё Сағониён воқеъ буд. Ҷуғрофияи таърихии ин сарзамин аз ҷониби В. В. Бартолд[3], В. Минорский, Ле Стренҷ[4] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ номи ин вилоят ба шаклҳои Сағониён, Ҷағониён ва Чағониён зикр шуда, дар асрҳои VII–VIII он вилояти умрону ободе буд. Ин замон вилояти Чағониён дар ҷануб то Тирмиз ва дар шарқ то Вашгирду Шумон тӯл мекашид.[5] Маркази ин вилоят ба ҳамин ном маъруф буд ва ба қавли Яъқубӣ[6] бузургтарин шаҳр пас аз Балх дар болооби рӯди Омӯ ба ҳисоб мерафт.[7] Аз лиҳози андоза маркази Чағониён дар давраи Тоҳириён бузургтар аз Тирмиз буд, аммо ҷамъияти Тирмиз бештар буд.[8] Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» шаҳри Сағониён дар доманаи кӯҳ воқеъ буда, обҳои равон ва иқлими форам дошт.[9] Дар асри IX маркази Чағониён масҷиди ҷомеи боҳашамате дошт, ки сутунҳояш аз хишти пӯхта буданд ва он дар миёни бозорҳои шаҳр воқеъ буд.

---

[1] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 207-209.
[2] Ибни Хурдодбеҳ. С. 29-30; Қудома ибни Ҷаъфар. С. 207-209; Истахрӣ. С. 335, 343-347; Муқаддасӣ. С. 341-342.
[3] Бартолд В. В. Соч. Т. 3. С. 558–559.
[4] Ле Стренҷ. С. 468-470.
[5] Мирбобоев А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд. Хуҷанд: Ношир, 2013. С. 107; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 127.
[6] Яъқубӣ. С. 290.
[7] Ибни Ҳавқал. С. 349-401.
[8] Истахрӣ. С. 298.
[9] Ҳудуду-л-олам. С. 114.

Дар ин шаҳр гӯшту нон хеле фаровон буда, ҳар хонаи он оби равон ва дарахтони бисёр дошт.[1]

Дарёи Сангардак дар асрҳои миёна номи Ховаррӯд дошта аз кӯҳҳои Ховар ибтидо мегирифт.[2] Сабаби Ховар ном гирифтани дарё шояд дар он бошад, ки дар ховар (шарқ)-и пойтахти Сомониён қарор дорад. Муқаддасӣ аз шаҳре ба номи Санкарда ёдовар шуда, масофаи байни он ва маркази Чағониёнро як манзил гуфтааст.[3] Ибни Ҳавқал номи ин мавзеъро Санкарда навишта, қайд мекунад, ки он номи ду рустои Кеш аст, ки яке Санкардаи Дохилӣ ва дигар Санкардаи Хориҷӣ ном доранд.[4] Б. Н. Касталский чунин мешуморад, ки шаҳри Сангардак дар асрҳои миёна дар ҷои деҳаи ҳамном, воқеъ дар миёнаоби дарёи Сангардак қарор дошта, то Деҳнав 45 чақрим масофа дошт.[5]

Тамоми навоҳии тобеи вилояти Чағониён дар давраи Тоҳириён, Сомониён ва пас аз он номҳои суғдӣ доранд. Ин далели он аст, ки сокинони аслии ин сарзамин тоҷикон буда, номҳои туркию муғулӣ хеле дер дар ин ҷо маъмул гардидаанд. Имрӯз ҳам аксари сокинони вилояти Сурхондарёи ҷумҳурии Узбекистонро, ки Чағониёни таърихӣ ба ҳудуди он тааллуқ дорад, тоҷикон ташкил медиҳанд.

Дар давраи тоисломӣ Шумон ва Ахарун як мулк ба ҳисоб мерафтанд, ки қароргоҳи ҳоким дар қалъаи Шумон воқеъ буд ва ин мулк бо қувва ва тавоноиаш метавонист бо Чағониён рақобат намояд.[6] Табарӣ қайд мекунад, ки қалъаи Шумон дар ибтидои асри VIII хеле устувор буд ва ҷузви Тахористон маҳсуб мешуд.[7] Ба қавли Ёқут дар нимаи аввали асри IX Шумон бо мулки Ҳошим ибни Бойинҷур, ки Вахш ва Ҳаловардро низ фаро мегирифт, ҳаммарз буд.[8]

---

[1] Муқаддасӣ. С.
[2] Ибни Руста. С. 93.
[3] Муқаддасӣ. С. 284, 344.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 502.
[5] Кастальский Б. Н. Историко-географический обзор Сурхандарьинской и Шерабадской долин. Вестник ирригации. 1930, № 2. С. 79.
[6] Табарӣ. Китоби 5. Ҷ. 9. С. 3384, 3386.
[7] Ҳамон ҷо.
[8] Ёқут. С. 291.

Дар хусуси макони Шумони асримиёнагӣ олимон назарҳои мухталиф доранд. В. В. Бартолд макони Шумонро ҳудуди кунунии Душанбе ва Ҳисор шумурдааст.[1] Гай Ле Стренҷ, макони Шумонро Ҳисори кунунӣ,[2] навишта, М. М. Дяконов (1907–1954) ҳудуди ин мулкро миёни дарёҳои Хонақоҳ ва Кофарниҳон ва макони худи шаҳри Шумонро ҳудуди Душанбе ҳисобидааст.[3]

Дар ибтидои асрҳои миёна дар муҷоварати Шумон шаҳри Ахарун (Харун) ё Харун воқеъ буд, ки ҳокими он ба шоҳи Шумон итоат мекард. Аз ин рӯ, дар осори Табарӣ ва Балозӯрӣ ин ду мулк дар якҷоягӣ зикр шудаанд.[4]

Табарӣ зимни зикри лашкаркашии арабҳо дар соли 700 бо сарварии Муҳаллаб ибни Абусафра ба ҳудуди Мовароуннаҳр аз номи Ахарун ёд кардааст. Ба қавли Табарӣ ҳокими Шумон ва Ахарун бо номи Ғуштасбон соли 705 ба муқобили ҳокими Чағониён, ки бо арабҳо сулҳ карда буд, лашкар кашид.[5]

Аммо солҳои 722–23 шоҳи Шумон ва Ахарун бо номи Ғурам ҳамроҳи арабҳо дар пахш кардани ошӯби суғдиён бо роҳбарии Деваштич ширкат карда буд.[6] Ҳокими Шумон Ғуштасбон пас аз шикаст дар солҳои 709-10 ба дасти Қутайба ибни Муслим кушта шуд ва арабҳо Шумонро ба ихтиёри ҳокими Ахарун Ғурам доданд.

Дар нимаи аввали асри IX Ахарун мулки алоҳида аз Чағониён ба ҳисоб мерафт, ки бинобар навиштаи Ибни Хурдодбеҳ хироҷи он дар солҳои 826–27 32 ҳазор дирҳамро ташкил медод.[7] Дар сарчашмаҳои асри IX Шумон зикр нашудааст ва ба назар мерасад, ки он бо Ахарун як мулк ба шумор мерафт. Исми Ахарунро ҳамчун мулки алоҳидаи Мовароуннаҳр бори охир Қудома ибни Ҷаъфар ёд кардааст.[8]

---

[1] Бартолд В. В. Соч. Т. 3. С.320.
[2] Ле Стренҷ. С. 440.
[3] Дьяконов М. М. Работы Кафирниганского отряда. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1.М-Л., 1950. С. 147-186; С. 185.
[4] Балозӯрӣ. С. 417, 419; Табарӣ. Китоби 5. Ҷ. 9. С. 3384, 3386.
[5] Табарӣ. Ҷ. 9. С. 3384, 3386.
[6] Табарӣ. Ҷ. 9. С. 3419-3421.
[7] Ибни Хурдодбеҳ. С. 40.
[8] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 243.

Дар масофаи ду рӯза роҳ дар шарқи Шумон дар асрҳои миёна шаҳри Вошҷирд ё Вошкирд (Вашгирд)[1] ва дар шарқи он вилояти Рошт бо шаҳри ҳамном воқеъ буданд. Номи Вашгирд дар Авесто ба шакли Висагирд омада, дар хусуси маънии он назарҳо мухталифанд, ки он пажӯҳиши ҷудогонаро тақозо мекунад. Дар ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Муғ ёфтшуда номи ин вилоят Валширт ё Вашкирд[2] ва дар «Ҳудуду-л-олам» Башҷирд[3]омадааст.

Бинобар навиштаи Яъқубӣ ва Маҳмуд ибни Валӣ Вашгирд пойтахти қадимии Хутталон будааст.[4] Ба эҳтимоли қавӣ ин ҷо сухан дар хусуси маркази яке аз вилоятҳои Хутталон будани Вашгирд меравад.

Дар асри IX Вашгирд шаҳри бузурте буд, ки ҳудуди васеъ ва қариб 700 истеҳком дошт. Вашгирд ҳамчун вилояти ҷудогонаи Мовароуннаҳр дар қатори Чағониён ва Хутталон мавқеи муҳим дошта, ҳаҷми хироҷи онро дар солҳои 826–27 Ибни Хурдодбеҳ ҳазор дирҳам гуфтааст.[5] Шаҳри Вашгирд дар миёни кӯҳистон[6]дар масофаи чаҳор рӯза роҳ аз Рошт[7] ва се рӯза роҳ аз маркази Чағониён.[8]

Дар масофаи чаҳор рӯза роҳ аз Вашгирд, дар миёни кӯҳҳо шаҳри Рошт ё Рост воқеъ буд, ки шаҳри канории Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд. Ибни Хурдодбеҳ менависад, ки ба Рошт танҳо пиёда рафтан имкон дошт.[9] Масофа миёни Рашт ва Тирмиз 60 фарсах буд.[10]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» вилояти Роштро дар шакли Зошт навишта, қайд кардааст, ки он дар миёни кӯҳҳо байни Буттамон ва Хутталон воқеъ аст ва рустоқу киштзорҳои бисёр дорад. Ҳокимони ин ҷо лақаби «Деҳкони Зошт»-ро

---

[1] Истахрӣ. С. 341.
[2] Согдийские документы с горы Муг. Чтение. Перевод. Комментарий. Вып. 2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В. А. Лившица — М.: Изд-во восточной лит-ры, 1962. С. 124; Смирнова О. И. Карта верховьев Зеравшана первой четверти VIII в. Страны и народы Востока, вып. 2. М., 1961. С. 220-230.
[3] Ҳудуду-л-олам. С. 120.
[4] Яъқубӣ. С. 291; Баҳру-л-асрор. С. 38.
[5] Ибни Хурдодбеҳ. С. 37.
[6] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 211.
[7] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34.
[8] Муқаддасӣ. С. 346.
[9] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34.
[10] Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ. С. 324.

доштанд.[1] В. В. Бартолд аз қавли Гардезӣ иқтибос овардааст, ки Ҷаъфар ибни Сомоник амири Рошт буд.[2] Берунӣ навиштааст, ки қалъаи Жошт (Рошт) мутааллиқ ба Хутталон аст.[3]

Бинобар навиштаи Ибни Хурдодбеҳ ва Ибни Фақеҳ, дар охири асри VIII набераи Холиди Бармакӣ Фазл ибни Яҳё дар Рошт, назди марз бо туркон девори мустаҳкам ва дарвозае сохт.[4] Ин девор дар гузаргоҳи танге дар миёни силсилакӯҳҳои водии Рошт бунёд шуда буд. Аз ин ҷо садди табиии кӯҳӣ ба масофаи 27 рӯз роҳ то соҳилҳои рӯди Сайҳун мерафт ва дар маҷмуъ се истеҳком дошт, ки дар аввал, мобайн ва охири он воқеъ буданд.[5] Қалъае, ки дар марзи туркон бо Рошт воқеъ буд, эҳтимол ҳамонест, ки дар сарчашмаҳо бо номи «қалъаи Рошт» маъруф аст. Ибни Хурдодбеҳ навиштааст, ки масофа аз Вашгирд то шаҳри марказии Рошт чаҳор рӯз[6] ва то қалъаи Рошт 5 рӯза роҳ аст.[7]

Рӯди Сурхоб аз вилояти Фомир, Рошт, Кумед ё Кумод мегузашт ва сипас аз миёни ду кӯҳ дар марзи Вашгирд ва Тамлиёт ҷорӣ мешуд. Маълум мешавад, ки вилояти Кумед дар минтақаи кӯҳистонии байни Вашгирд ва Рошт воқеъ будааст. Яъқубӣ номи ин вилоятро Кумод навишта, қайд намудааст, ки он дар миёни Рошт ва Фомир (Помир) воқеъ буд.[8]

Дар вилояти Кумед дар асрҳои миёна мардуме бо номи кумеҷиён сокин буданд, ки ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» мардуми ҷасуру ҷанговар буданд ва шуғли чорводорӣ доштанд. Онҳо дар ноҳияи Сайлакони Чағониён, миёни Шумон ва Вашгирд, инчунин дар миёни шаҳрҳои Тамлийот ва Мунки Хутталон сокин буданд ва дар тобеияти ҳокимони ин ду мулк қарор доштанд.[9]

Ҳудуди вилояти Кумедро Яъқубӣ аз Помир то Рошт[1] гуфтааст. Дар замони Сомониён ҳудуди ин вилоят бетағйир боқӣ монд, аммо баъзе аз кумедиён исломро пазируфта, ба макони қаблии зисти худ дар болооби Сурхобдарё ва

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 120.
[2] Бартолд В. В. Т. 3. С. 445.
[3] Беруни, Абу Райхан. Избранные произведения. Т. 5, ч. 1. – Ташкент: Фан, 1957–1975. С. 471
[4] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34; Ибни Фақеҳ. С. 325.
[5] Бартолд В. В. Т. 8. С. 112.
[6] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34.
[7] Истахрӣ. С. 340; Ибни Ҳавқал. С. 519.
[8] Яъқубӣ. С. 290.
[9] Ҳудуду-л-олам. С. 120.

Кофарниҳон баргашта, дар тобеияти ҳокимони Чағониён ва Хутталон боқӣ монданд.

Дар поёноби дарёи Кофарниҳон миёни Чағониён ва Вахш вилояти Қубодиён воқеъ буд. Номи ин вилоят дар осори таърихӣ Қуводиён ва Қувозиён низ омадааст. Водии ин минтақа аз ғарб бо қаторкӯҳҳои Боботоғ ва аз шарқ бо кӯҳҳои Оқтоғ иҳота шуда, ҳоло дар ҳудуди ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритуси вилояти Хатлон қарор дорад.

Дар сарчашмаҳои давраи исломӣ бори нахуст дар осори Табарӣ ба ҳангоми зикри ҳуҷуми Асад ибни Абдуллоҳ ба Хутталон дар соли 725 номи Қубодиён ёд шудааст.[2] Дар асри IX Қубодиён ба Хутталон тааллуқ дошта, дар замони Сомониён дар тобеияти Чағониён қарор гирифт.[3] Самъонӣ Қубодиёнро ҷузъи Балх донистa, қайд кардааст, ки рӯди Ромил ё Зомил аз ҳудуди он убур мекард, ки оби хуби нӯшокӣ дошт. Ҳамчунин Самъонӣ дар Қубодиён сокин будани як гурӯҳ аз арабҳои банӣ Тамимро зикр кардааст.[4] Имрӯз ҳам дар ҳудуди ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрав мардуме сокин ҳастанд, ки худро араб медонанд.[5]

Муқаддасӣ дар хусуси Қубодиён маълумот дода, қайд кардааст, ки он чандин маҳалҳои пурҷамъият дошт, ки дар миёни кӯҳҳо ва дар наздикии дарёи Омӯ воқеъ буданд. Бузургтарини онҳо Биз ё Нир буд, ки қалъа бо чаҳор дарвоза ва дар миёни бозори шаҳр масҷиди ҷомеъ дошт.[6] Ибни Ҳавқал маркази Қубодиёнро Фуз ё Қуз[7] ва Яъқубӣ онро Йуз[8] навиштаанд.

Самъонӣ Қубодиёнро ҳамчун вилояти дорои боғҳо ва киштзорҳои фаровон тавсиф намуда, қайд кардааст, ки он сарвистонҳо дошт. Дар фасли зимистон, вақте ки барги ин рустаниҳо ранги сурх мегирифт, манзараи зебо ва хеле диданиро ба вуҷуд меовард. Дар замони Сомониён маҳсулоти асосии

---

[1] Яъқубӣ. С. 290.
[2] Табарӣ. Ҷ. 2. С. 1492.
[3] Муқаддасӣ. С. 49, 284.
[4] Самъонӣ. Ҷ. 10.С. 42.
[5] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644—704 гг.). С. 30.
[6] Муқаддасӣ. С. 290.
[7] Ибни Ҳавқал. С. 476.
[8] Яъқубӣ. С. 289.

Қубодиён рӯян буд,[1] ки асосан ба Ҳиндустон содирот мешуд ва аз ҳисоби даромади он ҳокими Қубодиён ҳиссаи худро муайян мекард ва мегирифт.[2]

Дар қисми ғарбии Хутталон ва ҳавзаи дарёи Вахш вилояти Вахш қарор дошт, ки дар замони Сомониён ҷузъи Хутталон ҳисоб мешуд.[3] Имрӯз ин сарзамин бо номи водии Вахш ёд мешавад, ки навоҳии минтақаи Бохтари вилояти Хатлонро дар бар мегирад.

Номи дарёи Вахш дар Авесто «Вахту» омада,[4] дар осори юнонӣ Окс навишта шудааст, ки манзур дарёи Омӯ мебошад. Яъқубӣ навиштааст, ки Вахш ва Ҳаловард мулки ҷудогона ва мутааллиқ ба Ҳошим ибни Бойинҷур буданд, ки қалъаҳо устувор доштанд.[5] Ибни Ҳавқал навиштааст, ки Вахш мулки ҷудогона аст, аммо аз лиҳози маъмурӣ бо Хутталон муттаҳид карда шудааст.[6] Ба қавли Истахрӣ Вахш ҳамагӣ ду шаҳр дошт Ҳаловард ва Ловаканд.[7] Вахш вилояти сарсабз ва дорои ҳавои фораму неъматҳои фаровон буд, – менависад муаллифи «Ҳудуду-л-олам».[8]

Яъқубӣ аз шаҳре бо номи Вахш ёдовар шуда, қайд кардааст, ки он шаҳри бузурге буд, ки дар якҷоягӣ бо Ҳаловард як мулки ҷудогонаро ташкил медод ва ба Ҳошим ибни Бойинҷур тааллуқ дошт.[1]

Маълум мешавад, ки дар асрҳои миёна шаҳри дигаре ба ғайр аз Ҳаловард ва Леваканд дар водии Вахш мавҷуд будааст, ки Вахш ном доштааст. Он бинобар маълумотҳо шаҳри бузурге будааст, ки шаҳру навоҳии атроф дар тобеияти он қарор доштаанд.

Шаҳри Вахш бо ҷойгир буданаш дар резишгоҳи байни ду дарё мавқеи муҳими стратегиро гирифта буд. Дар ин ҷо аз қадим маъбади Охшо (Окс) воқеъ буд, ки дар асри XIX чандин ёдгориҳои нодири он ёфт шуда, ба осорхонаи Британия бурда шуданд ва то имрӯз нигаҳдорӣ мешаванд.

---

[1] Истахрӣ. С. 298; Муқаддасӣ. С. 326.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 477.
[3] Истахрӣ. С. 297.
[4] Авеста. Закон против дэвов (Видевдат) / Адаптированный перевод, исследование и комментарии Э. В. Ртвеладзе, А. Х. Саидова, К. В. Абдуллаева. С. 66-76. СПб.: Изд-во Политехнического ун-та, 2008. – 300 с.
[5] Яъқубӣ. С. 297.
[6] Ибни Ҳавқал. С. 475.
[7] Истахрӣ. С. 297.
[8] Ҳудуду-л-олам. С. 120.

Бо такя ба навиштаи Самъонӣ, ки гуфтааст, дар Вахш боқимондаи қасрҳои шоҳони қадим мавҷуданд, метавон хулоса кард, ки дар асрҳои миёна шаҳраки Тахти Сангин маркази вилояти Вахш будааст.[2]

Ба ғайр аз шаҳрҳои номбаршуда дар ҳавзаи дарёи Вахш шаҳраку рустоҳои зиёде мавҷуд буданд, ки дар осори таърихӣ аз онҳо ёд нашудааст, аммо таҳқиқоти бостоншиносӣ мавҷудияти онҳоро собит кардаанд. Дар қисми шимолии водии Вахш чандин наҳр дар шохаи кӯҳҳои Боботоғ аз дарёи Вахш оварда шуда буданд. Дар қисми шарқии водии Вахш осори наҳри калони тӯлаш 100 километрӣ боқӣ мондааст, ки дар ду соҳили ин наҳр харобаҳои шаҳру рустоҳои асримиёнагӣ мавҷуданд. Тибқи таҳқиқоти бостоншиносӣ наҳри мазкур дар асрҳои VI-VII канда шуда, тахминан масофаи 300 километри мураббаъро обёрӣ мекард. Дар давраи ҳуҷуми муғулҳо ин низоми мукаммали обёрӣ пурра хароб гардид.[3]

Дар шарқи Чағониён ва ҷануби Вашгирд вилояти Хутталон аст, ки дар асрҳои миёна дар самти ҷануб то рӯди Омӯ ва дар шарқ то ҳудуди Помир тӯл мекашид. Ҳоло аксари ҳудуди Хутталони таърихӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидааст. Масъалаҳои вобаста ба таърих ва ҷуғрофияи таърихии Хутталон аз ҷониби В. В. Бартолд,[4] Ле Стренҷ (1854–1933),[5] В. Маркварт[6], А. М. Беленитский,[7] О. И. Смирнова (1910–1982)[8] ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин аз ҷониби Ғ. Ғоибов асари мукаммале доир ба таърих ва ҷуғрофияи таърихии Хатлон навишта шудааст.[9]

---

[1] Яъкубӣ. С. 291.
[2] Самъонӣ. Китобу-л-ансоб. С. 579.
[3] Зеймаль Т. И, Древние и средневековые каналы Вахшской долины. Страны и народы Востока, вып. 10. Средняя и Центральная Азия. С. 38-54.
[4] Бартолд В. В. Соч. Т. 3. С. 555–556.
[5] Ле Стренч. С. 466-467.
[6] Ҷ. Маркварт. Эроншаҳр бар мабнои ҷуғрофиёи Мусои Хуренӣ. Тарҷумаи доктор Марям Мир Аҳмадӣ. Теҳрон, 1373. -297 с.
[7] Беленицкий А. М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до X в. н.э. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М.-Л., 1950. С. 109—127; С. 109–127.
[8] Смирнова О. И. К хронологии среднеазиатских динкстов VII—VIII вв. Страны и народы Востока, вып. 8. М., 1969. С. 204-221; С. 214–221.
[9] Ғоибов. Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе, Дониш, 2006.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон аз ҷониби бостоншиносони маъруф Э. Г. Ғуломова[1], Х. Ю. Муҳиддинов[2], Н. П. Забелина[3], Б. А. Литвинский[4], Е. А. Давидович[5], В. А. Ранов[6], Э. А. Юркевич[7], А. Абдуллоев[8], Е. П. Денисов[9], Ю. Яъқубов[10], С. П. Поляков[11] ва дигарон анҷом дода шудаанд.

Хутталон дар осори асримиёнагӣ ба шаклҳои гуногун навишта шудааст. Ба қавли Самъонӣ номи ин вилоят Хатлон ё Хутлон ва ба арабӣ ал-Хуттал будааст.[12] Ёқут қайд мекунад, ки асли калима Хатлон аст ва ал-Хуттал номи маҳаллест дар наздикии Бағдод.[13]

Дар яке аз ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ номи Хутталон ба шакли Хутталистон ё Хуттаристон зикр шудааст.[14] Вале дар ҷои дигари яке аз ин ҳуҷҷатҳо муҳри шахсии ҳокими Хутталон гузошта шуда, дар он номи вилоят бо ҳуруфи бохтарӣ «Хатлон» навишта шудааст.[15] Аз ин бармеояд, ки дар ибтидои асрҳои миёна ҳар ду шакли ном, яъне ҳам Хутталон ва Хатлон мавриди истифода будааст.

---

1 Гулямова Э. Средневековые города Хутталя в IX—XI вв. Бактрия-Тохаристан на древнем и средневековом Востоке. Тезисы докладов конференции. – М., 1983. С. 30–31.

2 Мухитдинов Х. Ю. Пархар в системе археологического изучения Южного Таджикистана. Бактрия–Тохаристан на древнем и средневековом Востоке. – М., 1983. С. 58-59.

3 Забелина Н. Н. О некоторых археологических памятниках Пархарского района. Доклады АН ТаджССР. Сталинабад, 1952, № 3. С. 21-25.

4 Литвинский Б. А., Давидович Е. А. Предварительный отчет о работах Хуттальского отряда на территории Вахшской долины в 1953 г. Доклады АН ТаджССР, № 11. Сталинабад, 1954. С. 53–60; Литвинский Б. А., Давидович Е. А. Предварительный отчет о работах Хуттальского отряда на территории Кулябской области в 1953 году. Доклады АН ТаджССР, № 11. Сталинабад, 1954. С. 39-52.

5 Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. – М.: Наука, 1979. – 462 с.

6 Ранов В. А. Завершение раскопок на поселении Туткаул. Археологические открытия 1967 года. – М., 1968. С. 354-355.

7 Юркевич Э. А. Археологические работы в зоне затопления Нурекской ГЭС в 1961 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 9. – Душанбе, 1964С. 114-124.

8 Абдуллаев А., Бубнова М. А., Муллокандов М., Якубов Ю. Работы Южно-Таджикистанской экспедиции. Археологические открытия 1986 года. – М., 1988. С. 510 –512.

9 Денисов Е. П. Отчет о работе Дангаринского отряда в 1974 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. – Душанбе. 1979. С. 214–230.

10 Якубов Ю. О работах Нурекского отряда в 1972 году на пещерных средневековых памятниках. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12–Душанбе, 1976. С. 171-182.

11 Поляков с. П. Отчет о раскопках средневековых погребений у кишлака Пушинг. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12. – Душанбе, 1976. С. 199-212.

12 Самъонӣ. Ҷ. 5. С. 44.

13 Ёқут. Ҷ. 2. С. 402.

14 Смирнова О. И. К хронологии среднеазиатских динкстов VII-VIII вв. Страны и народы Востока, вып. 8. С.214.

15 Лившиц В. А. Тохарская надпись на хуме. Доклады АН ТаджССР. № 7. Сталинабад, 1953. С. 23.

Ба андешаи В. А. Лившитс (1923–2017) истилоҳи «Хуттал» ба исми арабии ҳайтолиён – ҳайтал ё ҳабтал марбут аст.[1] Л. Н. Гумилёв (1912–1992) бар ин назар аст, ки Хутталон аз калимаи «хуа» – исми қабилавии ҳайтолиён гирифта шудааст, ки аз шимолу шарқи Чин ба болооби рӯди Омӯ омада сокин шудаанд, ки ин қавл дар миёни олимон чандон пазируфта нест.[2] Ба қавли Масъудӣ шоҳи Сосониён Хусрави Анӯшервон аз рӯди Омӯ убур намуда, ба қаламрави Хутталон ворид шуд ва шоҳи Ҳайтолиён Ахшунварро кушта, ҳудуди мамлакати ӯро ба давлати худ ҳамроҳ намуд.[3]

Аз сарлашкарони араб бори нахуст Саъид ибни Усмон, ки солҳои 676–681 волии Хуросон буд, ба ҳудуди Хутталон лашкар кашид.[4] Сокинони Хутталон ба муқобили арабҳо сахт муқовимат карда, созишҳои сулҳро чандин бор вайрон карданд. Лашкари арабҳо ночор пай дар пай ба ҳудуди ин сарзамин ҳамла карда, барои тобеъ кардани сокинони он кӯшиданд.[5] Фатҳи ниҳоӣ ва комили Хутталон соли 750 ба дасти яке аз сарлашкарони Абумуслими Хуросонӣ бо номи Абудовуд Холид ибни Иброҳим сурат гирифтааст.[6] Ба қавли Табарӣ соли 737 пойтахти Хутталон ду қалъа дошт, ки яке дохилӣ ва дигар берунӣ буданд.[7] Ибни Хурдодбеҳ навиштааст, ки Хутталон шаҳрест дар тобеияти Ҳорис ибни Асад – бародарзодаи Довуд ибни Абудовуд ибна-л-Аббос. Дар ин ҷо қариб ҳазор чашма мавҷуд аст, ки дуи онҳо дар наздикии худи шаҳр, яке назди дарвозаи поин, дигар назди дарвозаи боло воқеъ мебошанд.[8]

Пас аз забти Хутталон ба дасти арабҳо ҳудуди он бо мақсади осонтар шудани умур ба чанд мулки алоҳида тақсим шуд, зеро арабҳо аз иттиҳоди мардуми ин сарзамин, ки хеле ҷасур ва саркаш буданд, ҳарос доштанд. Ба

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Чтение. Перевод. Комментарий. Вып. 2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В. А. Лившица М.: Изд-во восточной лит. -ры, 1962. С. 95.
[2] Гумилев Л. П. Эфталиты и их соседи в IV в. Вестник древней истории, 1959. № 1. С. 129-140.
[3] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳусайн. Муруҷу-з-заҳаб. С. 142.
[4] Балозӯрӣ. С. 417.
[5] Табарӣ. Ҷ. 2. С. 194, 1353, 1593, 1629 ва ғ.
[6] Бартолд В. В. Соч. Т. 3. С. 74.
[7] Табарӣ. Ҷ. 2, с. 1629.
[8] Ибни Хурдодбеҳ. С. 180.

қавли Ибни Фақеҳ хироҷи Хутталон дар солҳои 826–827 12 ҳазор дирҳамро ташкил медод.[1]

Дигар аз навоҳии Мовароуннаҳр Бадахшон буд. Бадахшон яке аз қадимтарин сарзаминҳои кӯҳистонии тоҷикон аст, ки дар болооби дарёи Панҷ ва рӯди Кӯкча ва шохобҳои он қарор дорад. Ҳудуди ин сарзамин ҳоло ба қисми шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо мешавад, ки қисмати шимоли онро ВМКБ Тоҷикистон ва қисмати ҷанубро музофоти Бадахшони Афғонистон ташкил медиҳанд. Дар давраи ҳукумати Сомониён ин ҳудуд ба се вилояти алоҳида: Карон, Шуғнон ва Вахон тақсим мешуд.

Ковишҳои бостоншиносӣ дар қисмати Тоҷикистонии ин сарзамин аз ҷониби олимони шӯравӣ ва муосири тоҷик ва дар қисмати Афғонистонии он аз ҷониби олимони ғарбӣ гузаронида шудаанд.[2]

Ақидае мавҷуд аст, ки истилоҳи «Бадахшон» аз санскритии «бахти» ва «шайана» гирифта шуда, маънияш «кишвари бохтариён» мебошад. Номи ҳайтолиён дар сарчашмаҳои гуногун ба шаклҳои мухталиф омадааст. Аз ҷумла дар сарчашмаҳои чинӣ «е-да», дар арабӣ «ҳайтал» ё «ҳабтал», дар арманӣ «хептал», дар юнонӣ «йфтал» ва ғайра. Бо номи Яфтал шаҳраке дар музофоти Бадахшони Афғонистон маъруф аст, ки сокинонаш тоҷиконанд ва бо сафедпӯстии худ шуҳрат доранд.

Дар асри VIII–IX Бадахшон ҷузъи ҳудуди канори кишварҳои мусулмоннишин дар самти шарқ ва марзи Туббат (Таббат) маҳсуб мешуд.[3] Масъудӣ аз ҳамсоягони шарқии мусулмонҳо дар марзи Бадахшон ва Туббат ёдовар шуда, аз ақвоме бо номи туркони Вахон, Туббат, «айғон», «хазар» ва «баду» ном гирифтааст.[4] Ба андешаи В. Минорский зери истилоҳи «турк»

---

[1] Ибни Фақеҳ. Ахбору-л-булдон. С. 98.

[2] Bernard P. La mines de Lapis Lazuli du Badakhshan. Etudes de geographie historique sur la plaine d'Ai-Khanum (Afghanistan). – Paris. 1978. – P. 49–51; Cartel R., Fussman G. Le tresor monetaire de Qunduz. Memoires de la delegation archeologique francaise en Afghanistan. Vol. 20. - Paris, 1965. - 93 p; Francfort H. P. Zulm – Andijarag. Metropole de la plaine a l'epoquc islamique pre-mongole. Etudes de geographie historique sur la plaine d'Ali-Khanum (Afghanistan). – Paris, 1978, – P. 27–31; Schlumberger D. Surkh Kotal and the Ancient History of Afghanistan. – London: The Afghan Information Bureau. – 24 p.

[3] Ibn al-Fakih al-Hamadani. Compendium Libri Kitab al-Buldan. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. 5. Lugduni-Batavorum, 1967. -365 p.

[4] Al-Masudi. Kitab al-tanbih wal-ischraf. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 8. P. 64.

тамоми аќвоми ѓайримусулмон ва аз лињози этникї мухталиф фањмида мешуд. Аз ҷумла, истилоҳи «айѓон» марбут ба мардуми афѓон аст.[1] Дар асри IX Бадахшон дар тобеияти Ҳуморбек қарор дошта,[2] дар замони Сомониён ҳокими он нафаре бо номи Абулфатҳ[3] ибна-л-Фатҳ[4] буд.

Маркази Бадахшон шаҳри Бадахшон буд, ки ба қавли Яъқубӣ масҷиди ҷомеъ дошт.[5] Ин шаҳр аз лиҳози андоза кучактар аз Мунк буд ва дар ғарби рӯди Ҷарёб (Панҷ) дар масофаи 13 манзил аз Балху Тирмиз ва 7 манзил аз Толиқон қарор дошт.[6]

Дар болооби рӯди Ҷайҳун дар доманаи кӯҳҳои Помири Ғарбӣ се вилояти кӯҳистонӣ: Карон, Шуғнон ва Вахон воқеъ буданд. Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба вилоятҳои болооби рӯди Омӯ дар осори Г. Юл,[7] И. Минаев,[8] Н. Маев,[9] Н. Покотило[10] ва дигарон гирдоварӣ шудаанд. Ковишҳои бостоншиносӣ дар ин минтақа аз ҷониби олимон ва ҳайати коргарони дастаи Помири экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон А. Н. Бернштам[11], А. Н. Зелинский[12], А. Д. Бобоев[13], М. А. Бубнова[14], И. Зарубин[1] ва дигарон амалӣ шудааст.

Вилояти Карон дар шарқи Хутталон ва болооби рӯди Панҷ воқеъ буд. Бори нахуст номи ин вилоят дар сарчашмаҳои чинии мутааллиқ ба асри VI омадааст. Новобаста ба он ки ҳудуди ин вилоят дар асри VIII аз ҷониби лашкари арабҳо забт шуда буд, сокинони он ҳатто дар давраи Тоҳириён ва

---

[1] Hudud al-Alam (The regions of the world), a persian geography. Translated and explained by V. Minorsky. London, 1970: - 482 p.
[2] Яъқубӣ. С. 292.
[3] Истахрӣ. С. 289-301.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 347.
[5] Яъқубӣ. С. 288.
[6] Истахрӣ. С. 279, 283.
[7] Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля. СПб., 1873. -82 с.
[8] Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи. Составил И. Минаев. СПб., 1879. -270 с.
[9] Маев Н. Верхнее течение Амударьи по описанию Ибн Даста. Известия Императорского Русского географического общества. Т. 15, вып. I, отд. 2. Географические известия. СПб., 1880. С. 10-15.
[10] Покатило Н. Н. Путешествие в Центральную и Восточную Бухару в 1886 г. Известия Императорского Русского географического общества. Т. 25. СПб., 1889. С. 480-504.
[11] Бернштам А. Н. Историко-археологические очерки Центрального Тянь-Шаня и Памиро-Алая. – М. Л.: Изд-во АН СССР, 1952. – 329 с.
[12] Зелинский А. Н. Древние крепости на Памире. Страны и пароды Востока, вып. 3. – М., 1964. С. 120–141.
[13] Бабаев А. Д. Крепости древнего Вахана. – Душанбе: Дониш, 1973. – 163 с.
[14] Бубнова М. А. Работы Памирского отряда. Археологические открытия 1980 года. – М., 1981. С. 473.

ҳатто Сомониён ҳам исломро напазируфта буданд.[2] Ибни Хурдодбеҳ навиштааст, ки аз вилояти Карон дар солҳои 826–827 дар ҳаҷми 4 ҳазор дирҳам хироҷ ситонида шуд.[3]

Берунӣ Каронро ҷузъи Хутталон шумурда,[4] қайд мекунад, ки он дар паси дараи Панҷшер миёни Кобул ва Бадахшон воқеъ буд ва аз он беҳтарин навъҳои лоҷвард содирот мешуд.[5]

В. В. Бартолд макони вилояти Каронро ҳудуди Дарвозу Рӯшон шумурдааст.[6] А. М. Манделштам бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои чинӣ менависад, ки вилояти Карон дар ҷануби Кумед миёни Хутталон ва Шуғнон воқеъ будааст.[7] Ҳоло ин ҳудуд дар ҳайати ноҳияи Дарвоз ва Ванҷи ВМКБ қарор дорад.

Маркази ноҳияи Рӯшони кунунӣ Вомар ном дошта, дар канори резишгоҳи дарёи Бартанг ба рӯди Панҷ воқеъ гардидааст. Ҳудуди навоҳии Ванҷу Рӯшон дорои конҳои зиёди истихроҷи маъдани оҳан буданд ва вилоятҳои муҷовирро бо он таъмин мекарданд.[8]

Дар ҷануби Карон вилояти Шуғнон, ки баъзан Вахони Боло ҳам гуфта мешуд, воқеъ буд. Тибқи як назарияи илмӣ истилоҳи «Шуғнон» ба сакоиҳои қадим, ки дар минтақаҳои кӯҳистонии Вахон сокин шуда буданд, иртибот дошта, вахониҳои кунунӣ аз дигар ҷой ба ин сарзамин омада, дар миёни сакоиҳои маҳаллӣ сокин шудаанд.[1]

Номи Шуғнон дар сарчашмаҳои чинии марбут ба асрҳои VI–VII дар шакли «Шини» ё «Шикини» омадааст. Ҳокими Шуғнон дар арафаи забти минтақа аз ҷониби арабҳо муддате дар тобеияти Чин ва пас аз он хоқони турк қарор дошта, амалан сиёсати дохилии мустақилро пеш мебурд. Аз маълумоти

---

[1] Зарубин П. И. К истории Шугнана. Доклады АН СССР, 1926 г. – Л., 1926. С. 19–22.
[2] Истахрӣ. С. 279.
[3] Ибни Хурдодбеҳ. С. 37.
[4] Беруни А. Избранные произведения в 6 томах Ташкент: Фан, 1957-1975. Т. 5, ч. 1. С. 468.
[5] Абу-р-Райхан Мухаммад ибн Ахмад ал-Беруни. Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия). Перевод с арабского А. М. Беленицкого. С. 182, 244. – Л.: Изд-во АН СССР, 1963– 518 с.
[6] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 115; Т. 3. С. 320.
[7] Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей (с древнейших времен до X в. н .э.). С. 125.
[8] Андреев М. С. Выработка железа в долина Ванча (Верховья Амударьи) – Ташкент, 1926. – 17 с.

овардаи сарчашмаҳои чинӣ метавон хулоса кард, ки Шуғнон дар давраи қабл аз исломӣ мулки калоне буд, ки пойтахти он Куҳон ном дошт ва ҳудуди васеи қисмате аз Помирро фаро мегирифт. Дар чаҳоряки дуюми асри VIII Шуғнон ба 9 мулки алоҳида тақсим шуд, ки ду мулки он дар тобеияти Чин ва яки онҳо дар тобеияти Вахон қарор гирифта, боқӣ 5 мулки дигар иттиҳодеро созмон доданд ва мустақилияти худро нигоҳ доштанд. Ҳокимони Шуғнон дар давраи қабл аз исломӣ унвони «шуғноншоҳ» доштанд.[2]

Дар сарчашмаҳои давраи исломӣ Шуғнон дар шаклҳои Шиқинон, Шиқина ё Шиқиния омадааст.[3] Номи ин вилоят дар шакли Шуғнон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст.

Шуғнон дар замони волии Хуросон будани Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ (793–796) на ба дасти арабҳо, балки ба дасти лашкари мусулмонҳои хуросонӣ фатҳ шудааст. Фатҳи ниҳоии ин сарзамин дар даҳаи дуюми асри IX дар замони ҳукумати Фазл ибни Саҳл, ки лақаби Зурраёсатайн дошт, сурат гирифтааст. Ба қавли Яъқубӣ Шуғнон дар асри IX ҳамроҳ бо Бадахшон дар тобеияти нафаре бо номи Хуморбек қарор дошт.[4]

Ибни Хурдодбеҳ ба ҳангоми зикри роҳ аз резишгоҳи дарёҳои Панҷу Вахш ба навоҳии болооб маълумоте дар хусуси Шуғнон овардааст. Тибқи навиштаи ӯ дар масофаи сею нимрӯза роҳ аз резишгоҳи дарёҳои Панҷу Вахш ба самти болооби Панҷ гузаргоҳе ба сӯи Шиқина воқеъ буд ва роҳи корвонгузаре аз ин ҷо мегузашт. Тоҷирон баъди гузаштан аз марзи Хутталон дар работе воқеъ дар як фарсах баландӣ ва соҳили дарё таваққуф мекарданд. Пас аз он, ки тоҷирон бо ёрии роҳбаладон ва боркашони маҳаллӣ ба баландии кӯҳ мебаромаданд, маҳаллиён бо садову ишораҳои махсус сокинони Шиқинонро, ки дар он сӯи дарё буданд, мехонданд. Баъди ин тоҷирон тавассути пайроҳаи танге ба пойин фуромада, аз сокинони Шиқинон шутурҳоеро мехариданд, ки аз дарё убур

---

[1] Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля. С. 33. СПб., 1873. – 82 с.
[2] Беруни А. Избранные произведения в 6 томах. Т.2. С. 196.
[3] Ибни Хурдодбеҳ. С. 37; Истахрӣ. С. 297; Ибни Ҳавқал. С. 476.
[4] Яъқубӣ. С. 292.

карданро омӯхта буданд. Ва тоҷирон аз дарё гузашта, ҳамроҳ бо молу колои худ роҳро ба самти Чин ва Мултон идома медоданд.[1]

Вилояти кӯҳистонии Вахон дар ҷануби Шуғнон ва болооби рӯди Панҷ, дар марзи Бохтар бо Таббат воқеъ буд. Рӯди Ҷайҳун аз кишвари Таббат ибтидо гирифта, аз самти шарқ як шохоби дигар, яъне рӯди Помир ба он мепайвандад ва ҳангоми убур аз кишвари Вахон он номи Вахобро мегирифт. Истилоҳи Вахон ба андешаи Т. Я. Пахалина аз калимаи эронии қадими «вахшу» сарчашма гирифта, маънии «дарё»-ро дорад.[2] Бар асоси андешаи дигар, дар қадим номи Вахон натанҳо ба худи ин сарзамин, балки ба поёноби он то резишгоҳи дарёи Вахш ба Панҷ низ гуфта мешуд.[3]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» навиштааст, ки сокинони Вахонро «вахӣ» ё «вахис» мегуфтанд.[4] Ақидае вуҷуд дорад, ки дар қадим сакоиҳо сокинони Вахон буда, вахониҳо мардуми ба ин ҷо муҳоҷиршуда ва бо сакоиҳои маҳаллӣ омехта мебошанд.[5] Номи ин сарзамин ба забони вахонӣ «вух» ва ба лаҳҷаи ишкошимӣ Вахон гуфта мешавад.[6]

Сарчашмаҳои чинии то исломӣ дар хусуси Вахон маълумоти нисбатан муфассал дода, онро дар шаклҳои Хюми, Дамо-Сити-де ва Хокан қайд кардаанд. Тибқи ин сарчашмаҳо ҳудуди Вахон аз шарқ ба ғарб 1000 ли[7] ва аз ҷануб ба шимол 4-5 ли-ро ташкил дода, ҳудуди он ба Тахористон мансуб дониста мешуд. Роҳҳое, ки аз Чин меомаданд, аз дохили ин вилоят гузашта ба ҳудуди давлати Ҳайтолиён мерафтанд.[8] Тибқи навиштаи Сюан Сзан Вахон

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. С. 178–179.
[2] Пахалина Т. Я. О происхождении топонимов Ишкашим. Язгулям и Вахан. Иранское языкознание. С. 181.
[3] Стеблин-Каменский И. М. Река иранской прародины. Ономастика Средней – М., 1978. С. 72–74.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 121.
[5] Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля. С. 33.
[6] Пахалина Т. Я. О происхождении топонимов Ишкашим. Язгулям и Вахан. Иранское языкознание. – М., 1976. С. 178–181.
[7] Сюань-цзан. Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи); введ., пер. и коммент. Н. В. Александровой ; Ин-т востоковедения РАН. - М.: Вост. лит., 2012. С. 419., - 463 с.-
[8] Бичурин П.Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. М.-Л : Изд-во АН СССР, 1950-1953. В двух частях. Ч. 2. С. 270.

водии нисбатан танге буд, ки тӯлаш 1000-1500 ли ва паҳнои он 500 ли ва дар мавзеҳои тангтар ҳатто 1 лиро ташкил медод.[1]

Хулоса, вилоятҳои маъруфи сарзамини таърихии миллати тоҷик – Варорӯд ва ё Мовароуннаҳр, чун Суғд, Хоразм, Фарғона, Чағониён, Шумон, Тирмиз, Хутталон, Бадахшон, Рошт, Исфиҷоб, Илок, Чоч, Ҳафтрӯд ва ғайра дар асрҳои VII–IX вобаста ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ гоҳе якпорча ва гоҳе ҷудо аз ҳам, гоҳе умрону обод ва гоҳе афтода аз рушд вуҷуд доштанд ва ҷуғрофиёи густурдаеро фаро мегирифтанд.

---

[1] Julien S. Memoires sur les contrees accidentales. Traduites du Sanskrit en chinois en l'an 068 par Hiouen Thsang. V. 2. P. 201.

## 1. 2. Ҷуғрофиёи таърихии сарзамини Хуросон

Хуросон ба унвони истилоҳи ҷуғрофиёӣ аз замонҳои хеле қадим арзи вуҷуд кардааст ва ҳудуди паҳноварест, ки марзҳои сиёсии он дар тӯли таърих ҳамеша тағйир ёфта ва онро гоҳе бо номи Хуросони Бузург низ зикр кардаанд. Дар «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ ва «Шоҳнома»-и Саолибӣ омадааст, ки Ардашери Бобакон (224–242) Хуросонро чаҳор бахш кард ва ҳар якеро марзбоне гумошт. Гардезӣ онро аз қарори зайл меорад: Яке марзбони Марви Шоҳҷон, дуввумӣ Балху Тахористон, севвум Ҳирот, Пушанг ва Бодғис ва чаҳорум марзбони Мовароуннахр.[1] Аммо Саолибӣ (961–1038) онро бо андаке тафовут зикр мекунад: яке марзбони ду Марв (Марви Шоҳҷаҳон ва Марврӯд), Толиқон ва Ҷузҷон, дуввумӣ марзбони Ҳирот ва Бушанҷ, Бусту Сиистон, севвумӣ марзбони Балху Табаристон ва чаҳорумӣ марзбони Фарорӯд.[2]

Дар замони шоҳаншоҳии Хусрави Анӯшервон (531–579) низ кишвари Эронзамин ба чаҳор бахш қисмат шуд, ки бахши нахусти он Хуросон буд ва ба он Тахористону Сиистон ва Балуҷистон пайваста буданд.[3] «Аммо Хуросон чун номи вилоят дар миёнаҳои садаи VI дар натиҷаи ислоҳоти маъмурӣ-арзӣ аз ҷониби Хусрави Анӯшервони Сосонӣ пайдо шуд».[4]

Муаррихон ва ҷуғрофиёдонҳои маъруфи асрҳои миёна марзҳои Хуросони Бузургро тавсиф карда, як тарафи онро аз Байҳақ ва Ҷувайн ба Ироқ ва тарафи дигарашро аз Тахористону Ғазна ва Сиҷистон – то ба сарҳадди Ҳинд расониданд. Мовароуннаҳро низ гоҳе вориди он кардаанд. Гоҳе муаррихон ва ҷуғрофиёдонони асрҳои миёна Хуросонро ба Варорӯд маҳдуд карда, танҳо сарзаминҳои минтақаи Ҷайҳунро Хуросон номидаанд.[5]

Дар бораи ҳудуди Хуросон Ёқут аз қавли Балозурӣ чунин овардааст: «Хуросон ба чаҳор бахш тақсим мешавад: рубъи аввал Эроншаҳр ном дорад ва

---

[1] Абусаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Таҳия ва нашри электроник Алиризо Каёнӣ. Мунташиршуда дар торнамои www.TARIKHFA.COM. Б.48

[2] Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. Таърихи ғуруру-с-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. Тарҷума аз арабӣ ба форсӣ Сайид Муҳаммади Рӯҳонӣ. Баргардон ба расмулхати тоҷикӣ Н.Зоҳидов. Душанбе, 2014. С.249.

[3] Саолибии Нишопурӣ. Таърихи ғуруру-с-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. С.306.

[4] Камол. Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирин шоҳони Сосонӣ ва замони хулафои рошидин // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/3. Душанбе, 2017. С.3.

[5] Камол. Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирин шоҳони Сосонӣ ва замони хулафои рошидин. С.3.

он шомили Нишопур ва Қуҳистон ва Табасайн ва Ҳирот ва Бушанҷ ва Бодғис ва Тӯс аст, ки номи он Тобарон; рубъи дуввум муштамил бар Марви Шоҳҷаҳон ва Сарахс ва Нисо ва Абевард ва Марврӯд ва Хоразм ва Омул аст ва он Омул ғайри Омули Мозандарон аст ва он шаҳрест, ки бар канори Ҷайҳун аст; рубъи севвум, ки дар мағриби наҳри Ҷайҳун қарор дорад, шомили Форёб, Ҷузҷон, Тахористони Улё ва Хост ва Андароб ва Бомиён ва Бағлон ва Руволиҷ ва Рустоқбил ва Бадахшон мебошад. Ва аз он сӯй ба Таббат меравад ва Андароба мадхали Кобул ва Тирмиз аст ва он дар шарқи Балх мебошад; Чағониён ва Тахористони Суфло ва Хулм ва Самангон аз рубъи чаҳорум ба шумор мераванд».[1]

Ибни Хурдодбеҳ дар хусуси Хуросон менависад, ки Хуросон таҳти фармони испаҳбаде, ки мулаққаб ба «подустбон» буда, идора мешуд ва чаҳор марзбон зери фармони вай бар чаҳор рубъи Хуросон, яъне 1) Марви Шоҳҷаҳон; 2) Балху Тахористон; 3) Ҳироту Бушанҷ ва Бодғису Сиҷистон; 4) Мовароуннаҳр ҳукумат мекарданд.[2]

Яъқубӣ шаҳрҳои муҳимми Хуросонро чунин номбар кардааст: Нишопур, Ҳирот, Марв, Марврӯд, Форёб, Толиқон, Балх, Бухоро, Бодғис, Бовард (Абевард), Гарҷистон (Ғарҷистон), Тӯс, Сарахс ва Гургон.[3]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» дар бораи густардаи сарзамини Хуросон менависад: «Хуросон ва шаҳрҳои вай ноҳиятест, ки машриқи вай Ҳиндустон аст ва ҷануби вай биёбони Синд асту биёбони Кирмон. Ва мағриби вай ҳудуди Ҳарист ва шимоли вай ҳудуди Ғарҷистон ва Гузгонон ва Тахористон».[1] Сабаби асосии ихтилофи назари муаррихон ва ҷуғрофиёдонон дар бораи марзу ҳудуди Хуросони Бузург ин вуқӯи ҳаводиси низомӣ ва сиёсие мебошад, ки дар тӯли даврони мухталиф дар тақсимоти ҷуғрофиёии ин сарзамин асаргузор будааст. Бинобар ин сабаб бахшҳое аз Хуросони Бузург гоҳе аз он ҷудо ва гоҳе ба он мулҳақ шудаанд ва ин боиси ихтилофи тавсиф дар ҷуғрофиёи ин сарзамин гаштааст.

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон, С. 409.
[2] Ибни Хурдодбеҳ. С. 35-36.
[3] Яъқубӣ. С. 278.

Бошишгоҳҳое, ки дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ пайдо гардиданд, гувоҳи онанд, ки нахустин макони сукунат дар Хуросон ба асри санг мансуб мебошад.

Хуросон дар катибаи Бесутун Парсу омада, юнониён онро Парсия мегуфтанд, ки минбаъд Порт номида шуд. М. Баҳор дар ин хусус менависад: «Парсу номи қабилаи бузург ё сарзамини паҳноварест, ки қабилаи Парту сокини он буд ва он Хуросони имрӯзӣ аст, ки аз шарқ ба саҳрои Атак, аз шимол ба Хоразму Гургон, аз ғарб ба Қумис ва аз Нимрӯз ба Синду Зобул мепайваста. Ва мардуми он сарзамин аз эрониён будаанд, ки пас аз марги Искандар юнониёнро аз Эрон ронда, давлате бузургу паҳновар ташкил доданд ва мо онҳоро Ашкониён гӯем».[2]

Сайри таърихии вожаи Хуросонро Ҳ. Камол чунин овардааст: «Истилоҳи «Хуросон» аз тариқи вожаи тоҷикӣ-форсии xurāsān (خراسان) ба вожаи паҳлавии «xvarāsān» ва тавассути он ба вожаи қадимии забонҳои эронии «xvar-āsāna» мепайвандад, ки аз ду таркиб: «xvar» - хуршед, «āsāna» – «бармадгоҳ», «хостгоҳ», «тулӯъ» иборат аст ва онро метавон «сарзамини Хуршед» гуфт. Вожаи тоҷикӣ-форсии Ховарзамин, ки ба маънии «сарзамини шарқӣ» тафсир шудааст, низ муодили ин истилоҳ аст».[3]

Бар асоси манобеи паҳлавие, ки аз замони Аббосиён боқӣ мондаанд, дар Хуросон дувоздаҳ пойтахт будааст: Самарқанд, Наворак (шаҳри гумном дар Хоразм), Марврӯд, Марв, Ҳирот, Бушанҷ, Тӯс, Нишопур, Қоин, Ҷурҷон ва Қумис.

Дар ибтидои асрҳои миёна тамоми ҳудуди тобеи мусулмонон, ки дар самти шарқии дашти Лут то кӯҳҳои Ҳинд воқеъ буданд, Хуросон номида мешуд. Ба ин тартиб, тамоми сарзамини Мовароуннаҳр дар шимолу шарқ, ба истиснои Сиистон ва Қуҳистон дар ҷануб вориди Хуросон мешуданд. Сарҳадди Хуросон дар Осиёи Миёна биёбони Чину Помир ва аз самти Ҳинд қаторкӯҳҳои

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 88.

[2] Сабкшиносии М. Баҳор. Ҷ.1. С. 15.

[3] Камол Ҳ. Руҷӯи таърихӣ ё ба ҷойи пешгуфтор // Таърих хотираи гӯёи миллат. Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир. Рашт, 5-6 ноябри соли 2016. Зери назари Ҳ. Камол. Душанбе: Сухан, 2017. С.6.

Ҳиндукуш буд, аммо баъдан каме дақиқу хурдтар гардида, аз шимолу шарқи рӯди Ҷайҳун он тарафро дар бар намегирифт. Вале тамоми баландиҳои моварои Ҳирот бо манотиқи болооби рӯди Ҷайҳун дар асрҳои миёна аз ҷониби арабҳо ҷузъи Хуросон дониста мешуд.[1]

Ле Стренҷ Сиистон ва Қуҳистонро берун аз ҳудуди Хуросон донистааст, аммо Мовароуннаҳрро ҷузъи он мешуморад. Ҳудуди Бадахшон низ дар асрҳои миёна ҷузи Хуросон маҳсуб мешуд.[2]

Ҳокимони вилоятҳои Хуросон ба худ лақабҳои хос доштанд, масалан, ҳокими Нисо – вароз, Абевард – ваҳмана, Хоразм – хусрави Хоразм, Бухоро – бухорхудот, Вардона – вардоншоҳ, Самарқанд – тархон, Усрушана – афшин, Суғд – ихшид, Фарғона – ихшид, Хатлон – Хатлоншоҳ ё шери Хатлон, Тирмиз – тирмизшоҳ, Ҷузҷон – гузгонхудой, Толиқон – шаҳраг, Ҳирот – ворзон, Ғарҷистон – варозбандак, Кобул – ковулшоҳ.[3]

Марказҳои асосии Хуросон дар ибтидои футуҳоти аъроб Марв ва Балх буданд. Бо фатҳи Марв аз ҷониби арабҳо (651), ки яке аз шаҳрҳои бузурги Хуросон буд, давлати Сосониён суқут кард ва тадриҷан шаҳрҳои дигари Хуросон низ дар тобеияти арабҳо қарор гирифтанд. Минбаъд ин сарзамин ҷузъе аз хилофати Уммавиён ва пас аз он (аз соли 750) мутааллиқи Аббосиён гардид.

Дар замони ҳукумати Тоҳириён маркази Хуросон ба самти ғарб ба шаҳри Нишопур кӯчонида шуд. Вожаи «Нишопур» аз калимаи қадими форсии «нию шоҳ пур» гирифта шуда, маъниаш «чиз, ҷой ё кори хуби шоҳ» мебошад. Дар ибтидои густариши ислом Нишопур бо номи Абаршаҳр низ маъруф буд. Муқаддасӣ[4] ва баъзе муаррихони дигар онро Эроншаҳр низ навиштаанд[5], вале мегӯянд ин ном танҳо унвони расмӣ ва ифтихории ин шаҳр будааст[1]. Бунёди шаҳрро ба замони Шопури I (241–272) ва Шопури II Сосонӣ (309–379) нисбат медиҳанд.

---

[1] Ле Стренҷ. С. 408.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Муҳаммад Ҷавод Машкур. Ҷуғрофиёи таърихии Эрони бостон. С. 678.
[4] Муқаддасӣ. С. 295.
[5] Балозурӣ. С. 277-278.

Ҷуғрофиёнависони асримиёнагӣ дар асрҳои IX–X феҳристи муфассали шаҳрҳои вилояти Нишопурро тартиб додаанд, ки аксари ҳудуди Қуҳистон низ ба он дохил шудааст[2]. Муқаддасӣ чаҳор рустои ҳосилхезтарини Нишопурро зикр намудааст, ки инҳо буданд: Шомот, Реванд, Мозул ва Баштафурӯш. Рустои Мозул дар шимол воқеъ буд ва деҳкадаи маъруфи он Баштақон дар якфарсахии шаҳр ҷое буд, ки Амр ибни Лайси Саффорӣ дар он боғи машҳуре бунёд карда буд[3]. Рустои Баштафурӯш аз дарвозаи Ҷанги Нишопур ба самти шарқ ба фосилаи якрӯза роҳ тӯл мекашид ва ба қавли Ёқут саду бисту шаш деҳкада дошт ва аз боғҳои он зардолуи бисёр ба навоҳии дигар содирот мешуд[4]. Муқаддасӣ менависад, ки рустои Шомотро эрониён Токоб мегуфтанд ва замини ҳосилхез дошт. Реванд шаҳраке буд дар якманзилии ғарби Нишопур, ки ангури фаровон ва гулоби некӯ дошт ва масҷиде дошт, ки аз миёни он наҳр равон буд[5].

Ба қавли Ибни Ҳавқал дар тамоми Хуросон шаҳре ободу хушҳавотар аз Нишопур набуд. Бозаргононаш сарвати зиёд доштанд ва ҳар рӯз корвони нав ба он шаҳр мерасид ва анбори он ҷоро аз молу колои гуногун пур мекард[6]. Порчаҳои абрешимӣ ва нахии он шаҳр ба навоҳии дигар бурда мешуданд. Муқаддасӣ пас аз тасдиқи ин гуфтаҳо менависад, ки Нишопур чиҳилу ду маҳалла дорад, ки баъзе маҳаллоти он ба андозаи нисфи Шероз аст ва хиёбонҳои бузурги он, ки ба дарвозаҳо мерасанд, аз панҷоҳ зиёд аст. Масҷиди ҷомеи он чаҳор саҳн дорад ва сақфи он бар болои сутунҳои оҷарӣ муттакост ва перомуни масҷид се равоқ аст. Ва деворҳои иморати бузурги масҷид бо кошиҳои зарандуд ороста аст ва худи масҷид ёздаҳ дар ва сутунҳои мармар дорад ва девору сақфҳо ҳама покизаанд[7].

Рӯди Нишопур аз қаряи Баштанқон ҷорӣ буд ва ҳафтод осиёбро аз дар сари роҳи худ мегардонд. Аз ин рӯд чандин ҷӯйбор об мегирифт, ки аз пушти

---

[1] Ле Стренч. С. 409.
[2] Истахрӣ. С. 273, 274; Ибни Ҳавқал. С. 324, 325; Муқаддасӣ. С. 301.
[3] Муқадасӣ. С. 314–316.
[4] Ёқут. Ҷ. 1. С. 630.
[5] Муқаддасӣ. С. 314–316.
[6] Ибни Ҳавқал. С. 308-310.
[7] Муқаддасӣ. С. 316, 317.

хонаҳо ҷорӣ буд. Рӯд як фарсах дар дохили шаҳр убур мекард ва ба ғайр аз он дар дохили хонаҳо чоҳҳои оби ширин мавҷуд буданд.[1]

Ёқут мегӯяд, ки ин шаҳрро Нишовур мегуфтанд ва ҳамчунин қайд мекунад, ки бо вуҷуди заминларза ва тохутози ғузҳо ба ин шаҳр, дар тамоми Хуросон ободтар аз Нишопур вуҷуд надорад. Дар маҳаллае бо номи Шодиёх, ки Ёқут зикр кардааст, боғе буда, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир ва лашкариёнаш дар он ҷо мезистаанд, ки тадриҷан он ба макони обод ва маҳалли бузурги Нишопур табдил шуд. Пас аз чанде, дар соли 617 ҳиҷрӣ [1221 милодӣ] муғулҳо ба ин ҷо ҳамла карданд ва ба қавли Ёқут ҳатто як девор ҳам барҷо нагузоштанд[2].

Дар ҷанубу шарқи Нишопур, дар манзилгоҳи Дизбод шоҳроҳи бузурги Хуросон ба ду шоха тақсим шуда, роҳи Марв ба шарқ ва роҳи Ҳирот ба ҷанубу шарқ меравад. Сари роҳи Ҳирот дар думанзилии Дизбод деҳкадаи Фарҳодон (Ёқут онро Фарҳодҷирд навиштааст[3]) воқеъ буд, ки Муқаддасӣ вилояти онро Асфанд номида, аз ҳудуди Нишопур донистааст. Ёқут онро Ашбанд ва Ашфанд навишта мегӯяд ҳаштоду се қаря дорад. Ин ном ҳоло мавҷуд нест, аммо деҳкадае, ки онро Афроҷирд мегӯянд, дар мавзеи Фарҳодҷирди собиқ қарор дорад.[4]

Ба қавли Ҳамдуллоҳи Муставфӣ яке аз бузургтарин наҳрҳои вилояти Хуросон Шӯрарӯд буд, ки «обҳои ҷиболи тарафайни Нишопур бад-ӯ пайвандад. Ва маҷмӯи вилоёти Нишобур бад-он зироат мекунанд. Ва оби Дизбод аз кӯҳи Дизбод бармехезад ва фазли оби баҳорияш дар Шӯрарӯд афтад ва дар саҳрои Дизбод мунтаҳо мешавад».[5]

Дуввумин бахши Хуросон дар имтидоди Марғоб ё Марврӯд воқеъ аст. Ин рӯд аз кӯҳҳои Ғур, воқеъ дар шимолу шарқи Ҳирот сарозер гардида, ба Марви кӯчак мерасад. Аз он ҷо ба самти шимол рафта, ба самти Марви бузург меравад ва он ҷо ба наҳрҳои бисёр тақсим шуда, билохира дар регистони биёбони Ғуз нопадид мегардад. Ба ғайр аз шаҳрҳое, ки дар соҳили Марғоб воқеанд, рубъи

---

[1] Истахрӣ. С. 254; Муқаддасӣ. С. 313–316.
[2] Ёқут. Ҷ. 3. С. 228-231.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Муқаддасӣ. С. 300–319; Ёқут. С. Ҷ. 1, С. 380.
[5] Муставфӣ. С. 185–206.

Марв шаҳрҳои дигаре ҳам дорад, ки дар масири шоҳроҳи Хуросон, дар шимолу шарқи рӯди Ҷайҳун, яъне роҳе, ки ба Бухоро меравад, қарор доранд.[1]

Марв бо сабаби наздикиаш бо Хоразму дигар навоҳии Мовароуннаҳр ва аз сӯи дигар пайвандиаш бо Сарахсу Нишопур ҳанӯз аз замонҳои Ашкониёну Сосониён аҳаммияти бузурги стратегиро ҳам аз лиҳози тиҷоратӣ ва ҳам ҳарбӣ касб карда буд. Аз ин сабаб то замони хилофати Маъмун (813–833) Марв дорулмулк (маркази маъмурӣ)-и Хуросон ба ҳисоб мерафт, ки аз он ба баъд Тоҳириён онро ба Нишопур ва Сомониён ба Балху Бухоро интиқол доданд.

Номи Марғоб чунонки Ибни Ҳавқал мегӯяд, дар асл Марвоб будааст[2]. Истахрӣ мегӯяд Марғоб исми маҳаллест, ки он рӯд аз он ҷо сарчашма мегирад[3]. Муқаддасӣ Марғобро рӯди Марвайн (ду Марв) номида, мегӯяд, ин рӯд то Марви кӯчак ҷараён ёфта, сипас ба Марви бузург меравад.[4] Дар якманзилии ҷануби Марви бузург маҷрои рӯдро бо садди чӯбине баста буданд.

Дар як фарсахии ҷануби Марви бузург ҳавзи мудавваре сохта буданд, ки аз он чаҳор наҳр ба маҳалҳо ва атрофи шаҳр ҷорӣ мешуд. Ин наҳрҳо иборат буданд аз: Наҳри Ҳурмузфараҳ ба самти ғарб мерафт ва дар канори он маҳалҳое қарор доштанд, ки дар аҳди Тоҳириён сохта шуда буданд. Ёқут[5] ду кӯчаи бузургтарини ин мавзеъро бо номҳои Барорҷон ва Тахорон зикр намудааст; Наҳри Моҷон ба самти шарқ мерафт; Наҳри Зарақ ё аз-Зариқ аз дарвозаи маъруф ба Бобу-л-мадина (Дарвозаи шаҳр) дохили шаҳр гардида, оби он дар чандин ҳавз дохил гашта, аз он ҷо ба маҳаллоти шаҳр ҷорӣ мегардид; дарвозаи ҷанубу шарқи Марв Санҷон ном дошт, ки тавассути он ба тарафи наҳри Асъадӣ мерафтанд. Дар канори ин наҳр иморати банӣ Моҳон ва марзбони Марв қарор дошт.

Дар якфарсахии шаҳри Ҳурмузфараҳ шаҳри Бошон воқеъ буд. Дар ин самти Марв шаҳрҳои Харақ (Хара) ва Савсанқон, ки ҳар кадом масҷиди ҷомеъ дошта, миёни худ якфарсахӣ фосила доштанд, воқеъ буданд.

---

[1] Ле Стренч. С. 423.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 315.
[3] Истахрӣ. С. 260-261.
[4] Муқаддасӣ. С. 330-331.
[5] Ёқут. Ҷ. 2. С. 777.

Дар асрҳои миёна Марви бузургро Марви Шоҳҷон низ мегуфтанд, то бо Марврӯд иштибоҳ нашавад. Ба эҳтимоли қавӣ «шоҳҷон» аз форсии «шоҳгон» буда, маънии шоҳона ва шоҳворро дорад. Ба қавли ҷуғрофиянависони асримиёнагӣ Марв қалъае дошт ба андозаи як шаҳр дар баландӣ буд. Гирдогирди он шаҳри дохилӣ қарор дошт, ки дорои чаҳор дарвоза буд, ки инҳо буданд: Дарвозаи шаҳр дар ҷанубу ғарб, ки ба роҳи Сарахс мепайваст; Дарвозаи Санҷон, ки ба маҳаллоти банӣ Моҳон ва наҳри Асъадӣ мерафт; Дарвозаи Дармаскон дар шимолу шарқ, ки аз он ҷо ба Мовароуннаҳр мерафт; Дарвозаи Болин дар шимолу ғарб.

Дар якманзилии ғарби Марв шаҳри Санҷ, ки Муқаддасӣ онро Санг навиштааст[1], воқеъ буд. Дар думанзилии ғарби Марв шаҳраки Дандонақон қарор дошт, ки дорои девор буд ва девори он як дарвоза дошт ва дар беруни девор чандин гармоба воқеъ буд. Ёқут танҳо аз харобаҳои ин шаҳр ёдовар шудааст, ки он бо дасти туркони ғуз қабл аз замони Ёқут вайрон карда шуда буд[2]. Киштзорҳои самти ҷанубу ғарби Марв то ин шаҳр ва киштзорҳои самти шимолу шарқ то Кашмеҳан – якманзилии Марв дар сари роҳи Бухоро қарор доштанд. Кашмеҳан бозорҳои маъмур ва гармобаву корвонсаройҳои бисёр дошт. Шаҳр аз наҳри бузурге обёрӣ мешуд ва дар боғҳои он мева фаровон буд. Дар беруни дарвозаи Дармаскон, ки тавассути он ба шаҳри Кашмеҳан мерафтанд, кохе вуҷуд дошт, ки халифа Маъмун (813–833) то ба хилофат расиданаш дар он мезист. Маҳз тавассути ин дарвоза ба самти рӯди Марғоб аз роҳи Қаринайн ба Марврӯд мерафтанд. Дар шашфарсахии шаҳр дар ҳамин самт Ҷайранҷ (ба қавли Муқаддасӣ Гайранг) дар соҳили рӯд воқеъ буд ва як фарсах пас аз он қарияи Зарқ воқеъ буд. Дар ҳамсоягии ин қаря осиёбе буд, ки шоҳаншоҳи охирини сулолаи Сосониён Яздгирди III (633–651) дар он ҷо кушта шуд. Аз Марв абрешим ва порчаҳои машҳур содир мешуданд.[3]

Рӯди Марғоб дар болои Марви бузург воқеъ буд. Яъне дар ҳамон маҳалле, ки рӯди Марғоб пас аз фурӯд омадан аз кӯҳҳои Ғур ба самти шимол печида, аз

---

[1] Муқаддасӣ. С. 310-312.
[2] Ёқут. Ҷ. 1. С. 534; Ҷ. 2. С. 610
[3] Ибни Ҳавқал. С. 314; Муқаддасӣ. С. 298–299.

миёни биёбон ба самти Марви бузург ҷорӣ мешуд. Муқаддасӣ[1] ва дигар ҷуғрофиянависони асримиёнагӣ навиштаанд, ки эрониён Марви кӯчакро Боломарғоб мегуфтанд[2]. Ин шаҳр се фарсах бо кӯҳҳои ғарбӣ ва ду фарсах бо кӯҳҳои шарқӣ фосила дошт. Ба қавли Қудома ибни Ҷаъфар як фарсах болои Марви боло дар миёни кӯҳистон ва даҳонаи дара қасри Амри Лайс воқеъ буд.[3]

Дар фосилаи як рӯз роҳ аз Марврӯд, дар ҳамон соҳил дар ноҳияи Марви бузург Қасри Аҳнаф воқеъ буд. Ин қаср ба Аҳнаф ибни Қайс – яке аз сарлашкарони араб, ки дар замони хилофати Усмон ибни Аффон ба соли 31 ҳиҷрӣ/651-52 он навоҳиро фатҳ карда буд, мансуб аст. Ибни Ҳавқал гӯяд, маҳалле бузург аст ва токистону боғистонҳои бисёр некӯ ва обу ҳавои хуб дорад[4]. Акнун Қасри Аҳнаф ҳамон ҷост, ки эрониён онро Марви кӯчак мегӯянд. Дар асрҳои миёна дар болои Марврӯд шаҳри Диза воқеъ буд, ки наҳри Марғоб аз миёни он мегузашт ва миёни ду ҷониби шаҳр як пули сангӣ қарор дошт. Ёқут мегӯяд, он шаҳрро дар асл Санвон мегуфтанд ва масҷиде бисёр некӯ дошт.[5]

Дар ибтидои асрҳои миёна тамоми заминҳои Марви кӯчак то Марви бузург дар имтидоди рӯди Марғоб кишту кор мешуд ва қаряву деҳоти фаровон дошт.

Шаҳри Ҳирот ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён (550–330 то милод) бо сабаби қарор гирифтанаш дар сари Роҳи бузурги абрешим аҳаммияти бузурги стратегӣ ва тиҷоратӣ дошт. Дар пайи забти Хуросон ба дасти лашкари аъроб Ҳирот ҳам сараввал ҷузъи хилофати Араб ва пас аз он тобеи қаламрави Тоҳириён шуд. Ин вилоят аз ибтидои зуҳури хонадони Сомониён дар ихтиёри онҳо қарор дошт. Аксари ҳудуди он аз рӯди Ҳирот (Ҳарирӯд), ки аз кӯҳҳои Ғур сарчашма мегирад, обёрӣ мешавад. Барои обёрии киштзорҳои дараи Ҳирот чандин наҳр аз он ҷудо кардаанд, ки баъзе аз боло ва баъзеи дигар аз пойини шаҳри Ҳирот воқеанд ва Муқаддасӣ ҳафт тои онҳоро ном бурдааст.[6]

---

[1] Муқаддасӣ. С. Ҳамон ҷо.
[2] Ле Стренҷ. С. 424.
[3] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 210.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 320.
[5] Ёқут. Ҷ. 4. С. 506.
[6] Муқаддасӣ. С. 329-330.

Ҳамдуллоҳи Муставфӣ шумораи наҳрҳоеро, ки аз рӯди Ҳирот барои обёрии навоҳии атроф ҷудо карда буданд, нуҳ то гуфтааст[1].

Рӯди Ҳирот аввал аз самти шарқ ба ғарб ҷорӣ гардида, аз наздикии шаҳри Молон убур мекунад. Дар ин макон пуле вуҷуд дошт, ки ба қавли Муқаддасӣ дар зебоӣ дар тамоми акнофи Хуросон ҳамто надошт[2]. Пас аз Ҳирот Ҳарирӯд аз Фушанҷ мегузашт ва пас аз он ба тарафи шимол печида, сӯи Сарахс мерафт. Қабл аз он, ки ба Сарахс бирасад, обҳои наҳри Машҳад ба он мерехт, сипас дар биёбони шимоли Сарахс обҳои он фурӯ мерафт ва нопадид мешуд.

Дар шимоли шаҳр кӯҳистоне буд, ки бо шаҳр ду фарсах фосила дошт ва хоки он ҳосилхез набуд ва ҷузъи биёбон маҳсуб мешуд. Аз ин ҷо сангҳои осиёб ва сангҳои махсуси сангфарш ба даст меомад. Дар яке аз теппаҳои шаҳр қалъае вуҷуд дошт, ки дар он оташкадаи зардуштӣ бо номи Сарашк воқеъ буд ва зардуштиён ба зиёрати он меомаданд. Дар нимаи роҳи оташкадаи Сарашк ва Ҳирот калисои масеҳиён низ воқеъ буд. Дар ҷануби Ҳирот, сари роҳи Молон пуле дар болои Ҳарирӯд сохта буданд ва заминҳои миёни пул ва шаҳр хеле ободу сарсабз буданд, ки чанд русто дошт ва аз чандин наҳр обёрӣ мешуд. Дар роҳи Сиистон то масофаи як рӯз роҳ деҳоту рустоҳои ин вилоят ба ҳам пайваст буданд.

Дар қисмати шарқи Ҳирот, дар дараи паҳноварн Ҳарирӯд шаҳрҳои зиёд яке паси ҳам қарор доштанд, ки ҷуғрофиёнависон онҳоро ба ин тартиб зикр намудаанд:

Башон – ба фосилаи як рӯз роҳ то Ҳирот; Хиёр; Астарбаён; Моробод; Авфа, Хушт. Хушт аз ҳудуди Ғур шумурда мешуд. Авфа аз лиҳози масоҳат ба андозаи Карух буд ва пас аз Карух дуюмин шаҳри ин ноҳия маҳсуб меёфт. Чаҳор шаҳри дигар тақрибан ба ҳам монанд буда, аз Молон хурдтар буданд. Астарбаён токистон надошт ва дар кӯҳистон буд. Аз Моробод биринҷ ба шаҳрҳои дигар содир мешуд.[3]

---

[1] Муставфӣ. С. 216.
[2] Муқаддасӣ. С. 329-330.
[3] Истахрӣ. С. 267; Ибни Ҳавқал. С. 318-334; Муқаддасӣ. С. 298, 308, 349.

Шохрохе, ки ба тарафи шимол аз Ҳирот ба Марваррӯд мерафт, аз вилояти Бодғис мегузашт. Ин вилоят тамоми сарзамини байни Ҳарирӯдро аз самти ғарб ва қисмати болои Марғобро аз самти шарқ фаро мегирифт. Ин қисмати Марғоб аз кӯҳҳои Ғарҷистон бармехезад ва худи Бодғис аз чандин шохаҳои соҳили чапи Марғоб обёрӣ мешавад. Қисмати шарқии Бодғис ба Ганҷрустоқ маъруф буд. Муқаддасӣ аз ҷумлаи ободиҳои дигари Бодғис нӯҳ шаҳри дигарро ном бурдааст[1], аммо маҳалли онҳо муайян нест. Пас аз ҳамлаи муғул тамоми ин сарзамин хароб гардид, аз ин рӯ, номҳои асримиёнагии ин шаҳрҳо бо номҳои имрӯза фарқ дошта, маҳалли аслии шаҳрҳои асримиёнагӣ номаълум боқӣ мемонад.

Харобаҳои шаҳри Бағшур, ки яке аз шаҳрҳои бузурги Ганҷрустоқ буд, ки эҳтимол ҳамон бошад, ки имрӯз қалъаи Мур мегӯянд. Ибни Ҳавқал Бағшурро аз беҳтарин шаҳрҳои Хуросон ва ғанитарини он билод шумурда, мегӯяд, ки ба қадри Пушанг аст.[2] Шаҳри Кеф аз лиҳози андоза ба қадри нисфи Бағшур буд. Биноҳои ҳамаи ин шаҳрҳо аз хишт сохта шуда, дар дохили боғу киштзорҳои хуррам ҷой доштанд. Ёқут Бабнаро Баван номида менависад, ки шаҳри Бомиён бо он ҳамҷавор аст ва замини ин ҷо бисёр ҳосилхез аст.[3]

Маълумоте, ки дар хусуси ободии Ганҷрустоқ оварда шудааст, дар бораи Бодғис низ зикр гардидааст. Вале шаҳрҳои он ҷо имрӯз аз нақшаҳо нопадид шудаанд ва таъйини маҳалли онҳо ё муайян намудани номҳои он бо харобаҳои вуҷуддошта имконнопазир аст. Ба эҳтимоли қавӣ маркази ин ноҳия Деҳистон ном дошта, маҳалли он имрӯз дар шимолу шарқи Ҳирот қарор дорад. Муқаддасӣ аз ҳафт шаҳри дигар ном бурдааст, ки инҳо буданд: Куғонобод, Куфо, Бушт, Ҷозово, Кобравн, Колювин ва Кӯҳи Нуқра[4]. Маҳалли ин шаҳрҳо дақиқан муайян нест ва онҳоро танҳо тахмин кардаанд.

Дар шарқи Бодғис, ҷое, ки рӯди Марғоб сарчашма мегирад, вилояти кӯҳистоние қарор дорад, ки ҷуғрофиёнависони араб онро Ғарҷоншор

---

[1] Муқаддасӣ. С. 307, 350.
[2] Ибни Ҳавқал. 318-334.
[3] Ёқут. Ҷ. 1. С. 461.
[4] Муқаддасӣ. С. 298, 307.

номидаанд[1]. Ҳокими ин маҳал бо лақаби «шор» маъруф буд. Ба қавли Муқаддасӣ калимаи «Ғарҷ» дар забони аҳолии маҳаллӣ ба маънии кӯҳистон аст ва Ғарҷоншор маънии подшоҳи кӯҳистонро дорад. Аммо дар охирҳои асрҳои миёна ин минтақаро Ғарҷистон мегуфтанд[2]. Ёқут мегӯяд Ғарҷистон аксаран ба сурати Ғаршистон ва Ғаристон навишта мешавад ва бештар бо Ғуристон, ки ноҳияе дар шарқи Ғарҷистон аст, иштибоҳ мегардад.[3]

Балх вилояти дигари Хуросон аст, ки ҳудуди берун аз маркази он ба қисми ғарбӣ – Ҷузҷон ва шарқӣ – Тахористон тақсим мешавад. Бунёди Балхро олимон ба подшоҳи Каёнӣ шоҳ Луҳросп – падари Виштосп мансуб медонанд.[4] Виштосп шоҳи Бохтар буд, ки Зардушт дар замони ӯ зистааст ва бо дастгирии ӯ дини худро густариш додааст.[5] Ба қавли дигар шаҳри Балхро гӯё Искандари Мақдунӣ бунёд кардааст.[6] Аммо ин ақида аз воқеият дур аст ва сарчашмаҳои қадими юнонӣ ҳам навиштаанд, ки то омадани Искандар Балх макони ободу маъмур буд.[7]

Балх дар замони Ҳахоманишиён бузургтарин шаҳри Бохтар маҳсуб меёфт, ки бо номҳои «Бахтр» ва ё «Бахтри» маъруф буд ва юнониён онро «Бактриана» мегуфтанд. Табарӣ мегӯяд, дар қадим шаҳри Балх Бомӣ низ номида мешуд.[8] Бинобар навиштаи Яъқубӣ то замони футуҳоти аъроб Балх пойтахти тамоми Хуросон буд ва ҳокими он лақаби «тархон» дошт.[9]

Яъқубӣ дар бораи Балх мегӯяд, ки шаҳри бузурги Хуросон аст ва собиқан се бору ва сездаҳ дарвоза доштааст[10]. Муқаддасӣ мегӯяд дар осори эронӣ онро Балхи бошукуҳ номидаанд. Рабази Навбаҳор дар беруни шаҳр воқеъ гардида, масоҳати шаҳр се мил дар се милро ташкил медод[11]. Истахрӣ мегӯяд, Балх дар

---

[1] Ле Стренҷ. С. 442.
[2] Муқаддасӣ. С. 298, 307.
[3] Ёқут. Ҷ. 1. С. 461; Ҷ. 2. С. 633.
[4] Пьянков И. В. Ктесий о Зороастре. Материальная культура Таджикистана, вып. 1. — Душанбе, 1968. С. 55—68
[5] Табарӣ. Ҷ.1 С. 645.
[6] Ёқут. Ҷ. 1. С. 713.
[7] Пьянков И. В. Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. – Душанбе: Дониш, 1975. С. 43. (-191 с.)
[8] Табарӣ. Ҷ.1. С. 467.
[9] Яъқубӣ. С. 287.
[10] Ҳамон. С. 288.
[11] Муқаддасӣ. С. 301-302.

водие воқеъ гардидааст ва то кӯҳҳои ба ном «Ҷабали Ку» чаҳор фарсах фосила дорад. Абния ва боруи шаҳр аз хишт аст ва перомуни боруро хандақи амиқе фаро гирифта, масҷиди ҷомеъ дар миёни шаҳр ва бозорҳо дар ҳаволии масҷид қарор доранд[1]. Наҳре бо номи Даҳос дорад, ки ба қавли Ибни Ҳавқал ба маънии «даҳ осиё» аст[2]. Ин наҳр пас аз он ки даҳ осиёбро мегардонад, аз дарвозаи Навбаҳор мегузарад ва пас аз он рустоҳои шаҳрро то Сиёҳгирд – сари роҳи Тирмиз шодоб месозад. Дар атрофи шаҳр боғҳоест пур аз норинҷу нилуфар ва найшакару ангур, ки маҳсули онҳоро ба хориҷи Балх мефурӯшанд.

Муқаддасӣ аз мавқеи муҳимми Балх, фаровонӣ ва арзонии он, вусъати роҳҳо ва бисёрии наҳрҳои он ёдовар шудааст[3]. Ба қавли Масъудӣ дар Балх маъбади Навбаҳор, яке аз бузургтарин оташкадаҳои зардуштӣ воқеъ буд, ки дар замони Сосониён бунёд шудааст[4]. Сарвари мубадони он ҷо «бармак» гуфта мешуд. (хонадони Бармакиёни машҳур аз ин табақа буданд) ва ин вазифа меросӣ ба фарзандонаш мегузашт. Деворҳои ин оташкада бо ҷавоҳири гаронбаҳо оро ёфта, аксар вакт, хусусан дар фасли баҳор зиёраткунандагони бисёр ба он ҷо омада, гулҳои зиёд ба он мениҳоданд ва аз ин рӯ номи Навбаҳорро гирифтааст. Оташкада гунбади бузурге дошт, ки дар атрофи он сесаду шаст равоқ мавҷуд буд. Дар болои гунбад парчамҳои зиёд баста шуда буд. Чандин бут, аз ҷумла бути бузург дар он ҷо вуҷуд дошт, ки эътиқодмандон аз Чину Ҳинд ба зиёрати он омада, пас аз маросими зиёрат дасти бармакро мебӯсиданд. Заминҳои атрофи оташкадаи Навбаҳор вақфи ин оташкада буданд, ки харҷи онро аз ҳисоби ҳамин заминҳо таъмин мекарданд. То замони ислом шаҳри Балх маркази бузурги динию мазҳабие буд, ки зоирон аз тамоми қаламрави Бохтар ба ин ҷо меомаданд. Бинобар навиштаи сайёҳи чинӣ Сюан Сзан Балх дорои 100 дайри буддоӣ ва 3 ҳазор коҳин будааст.[1]

Ибни Фақеҳ дар хусуси маъбади Навбаҳор маълумоти нисбатан муфассал оварда, мегӯяд, ки онро хонадони Бармакиён бунёд гузоштаанд.

---

[1] Истахрӣ. С. 275-278.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 325, 326, 329.
[3] Муқаддасӣ. С. 301-302.
[4] Масъудӣ. Ҷ. 4. С. 48.

Гунбади асосии ин маъбад ал-Ашбот ном дошт, ки дар он парчамҳо насб карда мешуданд. Дар атрофи маъбад 360 мақсура (ҳуҷра) сохта буданд, ки ходимон ва коҳинони маъбад дар онҳо мезистанд. Бармаки маъбади мазкур рустоқе ба андозаи 8 бар 4 фарсах дошт. Исломро пазируфтани бармаки охирин сабаби сар задани низоъ байни ӯ ва яке аз ҳокимони маҳаллӣ бо номи Низаки Тархон гардид. Вале Низак аз бими он ки арабҳо ба мухолифаташ бармехезанд, ба мусулмоншавии Бармак тан дод. Мувофиқи ахбори манобеи асримиёнагӣ маъбади Навбаҳор ва қароргоҳи бармакҳо дар рабази Балхи асримиёнагӣ воқеъ буданд.[2]

Дар замони халифа Усмон ибни Аффон (644–656), ки сарлашкари араб Аҳнаф ибни Қайс Хуросонро фатҳ намуд, оташкадаи Навбаҳор аз байн рафт. Дар натиҷаи ҷангҳои солҳои 709-710 бо лашкари арабҳо шаҳри Балх хароб гардид. Дар замони волии Хуросон таъйин шудани Асад ибни Абдуллоҳ (724–738) сокинони он ба шаҳри Баруқон, ки ду фарсах аз Балх фосила дошт, кӯчонида шуданд. Аз ин вақт Баруқон макони будубоши волиёни Балху Тахористон ва лашкариёни аъроб гардид.[3] Солҳои 724-25 дар Баруқон миёни лашкари арабҳо низои байниқабилавӣ сар зад[4], ки танҳо пас аз омадани Наср ибни Сайёр хомӯш шуд. Солҳои 725–26 Асад ибни Абдуллоҳ шаҳри Балхро аз нав обод намуда, девонҳои давлатиро ба ин ҷо овард.[5]

Ба андешаи В. В. Бартолд шаҳри Баруқон баъди хароб шудани Балх аз ҷониби арабҳо сохта шуда, то ин вақт вуҷуд надоштааст.[6] Ҳамчунин, Бартолд қайд мекунад, ки Баруқон пас аз барқарор шудани шаҳри Балх низ аз байн рафт.[7] Аммо Ш. Камолуддинов бо такя ба истиноди Табарӣ мегӯяд, далели рӯшани аз ҷониби арабҳо бунёд шудани шаҳри Баруқон мавҷуд нест

---

[1] Julien S. Memoires sur les contrees accidentales. Traduites du Sanskrit en chinois en l'an 068 par Hiouen Thsang. — Paris, 1857-1858. P. 30.
[2] Ibn al-Fakih al-Hamadani. Compendium Libri Kitab al-Buldan. Ed. M. J. de Goeje. p. 323-324. Bibliotheca geographorum arabicorum. 5. Lugduni-Batavorum, 1967. –365 p.
[3] Табарӣ .Ҷ 2, С. 1206.
[4] Ҳамон ҷо. С. 1485.
[5] Балозӯрӣ. С. 428.
[6] Бартолд В. В. Соч. Том 1. С. 128.
[7] Бартолд В. В. Соч. Том 7. С. 48.

ва Табарӣ танҳо ба он ишора мекунад, ки арабҳо дар Баруқон маскун шуданд ва онро ба пойтахти худ табдил доданд.[1]

Бинобар ахбори сарчашмаҳо замони омадани арабҳо бармаки маъбади Навбаҳор исломро пазируфт ва бозсозии шаҳри Балхро Асад ибни Абдуллоҳ маҳз ба ӯ супорида буд.[2] В. В. Бартолд мегӯяд, бозсозии шаҳри Балх аз ҷониби арабҳо бесобиқа аст, зеро дар таърих бори аввал чунин воқеа рӯй медиҳад, ки истилогарон шаҳри харобнамудаи худро барқарор карда бошанд.[3]

Ба андешаи В. В. Бартолд боқимондаи маъбади Навбаҳор ёдгориҳои Тахти Рустам ва Теппаи Кӯрғон воқеъ дар ҷануби Балх мебошанд. Харобаҳои Теппаи Кӯрғон шакли доирамонанд дошта, аз хишти хом сохта шуда буданд. Қисмати болоии бино бо хишти пухта рӯкаш шуда, дар қисмати поён қутри он 45,7 метр ва дар қисмати боло, ки ҳамвор аст 2,7 метрро ташкил медод. Дохили бино 4 хонақоҳи доирашакл дошт, ки пас аз афтидани боми гунбадшакл кушода шудаанд.[4]

Ҳокими Балх Довуд ибни Аббос ибни Бойинҷӯр солҳои 847–48 дар теппаи Тахти Рустам қасри боҳашамати тобистонае бо номи Навшод сохта буд, ки сохтмони он 20 сол тӯл кашида, харобаҳои ин қаср то асри XVII мавҷуд буданд.[5]

Балхи асримиёнагӣ дар макони ҳамвор воқеъ гардида буд, ки то кӯҳҳои ҳамҷавор бо номи Ҷабалкӯҳ 4 фарсах фосила дошт[6] ва ин кӯҳҳо дар ҷануби Балх дар водии дарёи Балхоб воқеъ буданд.[7]

Дар асри IX шаҳри Балх аз лиҳози андоза бузург буда, бо ду қабат девори мудофиавӣ иҳота мегардид. Пештар аз ин давра девори сеюм низ мавҷуд будааст, ки рабаз ва маҳалҳои атрофи онро иҳота мекард. Масофаи миёни ду девори шаҳр як фарсах ва масоҳати қисмати дохилии шаҳр 3 мили

---

[1] Камалиддинов Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX–начала XIII вв., Докторская диссертация. –Ташкент, 1996.С. 269.
[2] Табарӣ. Ҷ. 1. С. 1490.
[3] Бартолд. В. В. Т. 2. С. 119.
[4] Бартолд. В. В. Т. 7. С. 54-55.
[5] Ахмедов Б. А. История Балха (XVI -первая половина XVIII в). Ташкент: Фан, 1982. -296 с.
[6] Истахрӣ. С. 278.
[7] Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳру-л-асрор. С. 46.

мураббаъро ташкил медод.[1] Девори дуюми шаҳр аз лой сохта шуда, аммо хеле устувор буд.[2]

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо дар ибтидои асри IX дар Балх 1848 масҷид, 400 мадраса ва 900 дабиристон мавҷуд будааст.[3] Аммо Ш. Камолуддинов мегӯяд, ин ҷо сухан хос дар бораи Балх не, балки дар хусуси тамоми сарзамини Тахористон меравад.[4]

Рӯди Балхоб дар резишгоҳи пойини худ ба 12 шохоб тақсим мешуд, ки аз шаҳр гузашта, оби онҳо барои обёрии заминҳои атрофи шаҳр истифода мешуд.[5] Ба қавли Истахрӣ аз ҳудуди рабази Балх дар наздикии дарвозаи Навбаҳор дарёи Деҳос мегузашт, ки бо қувваи он 10 осиёб гардонда мешуд ва рустоқҳои вилояти Балх то шаҳри Сиёҳҷирд обёрӣ мешуданд.[6] Аз Сиёҳҷирд то соҳили рӯди Омӯ ҳама биёбон буд[7] ва Масъудӣ қайд мекунад, ки рӯ ба рӯи Тирмиз аз соҳили чапи Омӯ «работи Балх» қарор дошт.[8] Деҳае имрӯз бо номи Сиёҳгирд дар шимолу шарқи шаҳраки Балхи қадим мавҷуд аст, ки харобаҳои шаҳри Сиёҳҷирди асримиёнагӣ дар масофаи 15 км-и он[9] воқеъ буда, масоҳати 10 мили мураббаъро ишғол кардааст.[10] Сиёҳгирд дар асрҳои миёна қалъаи устуворе буд, ки воҳаи Балхро аз самти шимол муҳофизат мекард ва бад-ин сабаб мақоми баландро дар нисбати маҳалҳои атрофи худ соҳиб буд. Шаҳр тавассути корез обёрӣ мешуд, ки онро аз дарёи Балхоб канда буданд.

Яъқубӣ шаҳрҳои Тахористон ва Бадахшонро низ мутааллиқ ба вилояти Балх донистааст.[11] Эҳтимол манзури Яъқубӣ Балхи қадим бошад, ки пойтахти Бохтари қадим буд.

---

[1] Яъқубӣ. С. 288.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[3] Ахмедов Б. А. История Балха. с. 19.
[4] Камалиддинов Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX–начала XIII вв. С. 263.
[5] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[6] Истахрӣ. С. 278.
[7] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 211.
[8] Масъудӣ. С. 64.
[9] Костенко Л. Ф. Туркестанский край. Опыт военностатистического обозрения Туркестанского военного округа. Материалы для географии и статистики России. В трех томах с картами. Т. 2. СПб, 1880. С. 168.
[10] Бартолъд В. В. Сочинения в 9 т.4 т. 1, с. 126, т. 7, с. 56.
[11] Яъқубӣ. С. 288.

Дар масофаи ним фарсах аз Балх рустои Хаварнақ ё Хабнак воқеъ буд, ки ба қавли Ёқут аз форсии Хуранкоҳ гирифта шуда, маънии «макони нӯшидан»-ро дорад.[1] Дар манобеи қадими форсӣ Хаварнақ «қалъаи Баҳроми Гӯр» номида мешавад[2] ва эҳтимол ин мавзеъ қароргоҳи беруназшаҳрии шоҳи Сосониён Варахрони 5 будааст. Рустои Хаварнақ дар осори Берунӣ низ зикр шудааст.[3]

Тибқи нигориши Табарӣ дар асри VIII дар масофаи ду фарсахии ғарби Балх болои яке аз рӯдҳо пуле маъруф ба «пули Ато» воқеъ буд.[4] Балозӯрӣ мегӯяд, нафаре бо номи Соиб ибни Ато маъруф ба ал-Хашал дар болои се рӯде, ки аз Балх якфарсахӣ масофа доштанд, пулҳо бунёд намуд, ки минбаъд «қанотири Ато», яъне пулҳои Ато хонда шуданд. Ин Ато ал-Хашал ҳамроҳ бо Қайс ибни Ҳайсами Сулламӣ дар харобсозии маъбади Навбаҳор ширкат дошт.[5] Наршахӣ навиштааст, ки пули Ато дар миёни дарвозаҳои шаҳри Балх ва масҷиди Намозгоҳ воқеъ дар қисмати ғарбии шаҳр қарор дорад.[6]

Аз ахбори манобеъ бармеояд, ки Ато ал-Хашал дар ибтидо се пул сохта, вале дар асри VIII танҳо яке аз онҳо номи ӯро дошт ва то асри X мавҷуд буд. Эҳтимол ду пули дигар ё хароб гардиданд, ё ин ки бо номҳои дигар хонда мешуданд.

Дар самти ғарби Балх биёбони Алиобод воқеъ буд, ки дар канори он дар асрҳои миёна рустои Алиобод қарор дошт.[7] Ин русто тавассути корези ҳамноми он, ки аз рӯди Балхоб меомад, обёрӣ мешуд.[8]

Дар водии дарёи Балхоб дар асрҳои миёна минтақаи кӯҳии Дараи Газ воқеъ буд, ки дар масофаи 5 фарсахи ҷануби Балх қарор дошт.[9] Дар водии Дараи Газ дар асрҳои миёна шаҳре бо ҳамин ном мавҷуд буд, ки чандин

---

[1] Ёқут. Ҷ.2. С. 490
[2] Баевский С. И. Географические названия в ранних персидских толковых словарях (XI—XV вв.). Страны и народы Востока, вып. 22. География, этнография, история. Средняя и Центральная Азия. Книга 2. — М., 1980 С. 83—89.
[3] Беруни, Абу Райхан. Избранные произведения в 6 томах – Ташкент: Фан, 1957–1975. с. 136.
[4] Табарӣ. Ҷ. 2, С. 1567,1605, 1606.
[5] Балозӯрӣ. С. 409.
[6] Наршахӣ. С. 112.
[7] Ҳамон ҷо.
[8] Байҳақӣ. С. 223, 225.
[9] Баҳру-л-асрор. С. 46.

рустоҳои зертобеъ дошт. Дар ин мавзеъ дар баландии кӯҳ қалъаи сангие сохта шуда буд, ки дар манобеи хаттӣ бо номи Фароздиз ёд шудааст. Аз назди ин қалъа тавассути тангно роҳи корвонгузаре мегузашт, ки аз Ҳиндустон ба Балх мерафт.[1]

Дар интиҳои водии Дараи Газ дар асрҳои миёна қалъаи дигаре мавҷуд буд, ки танҳо пиёда тавассути пайраҳаи хурди дар харсангҳо кандашуда ба он расидан мумкин буд. Дар пеши қалъа девори сангӣ бо бурҷҳо ва дарвозаҳо сохта шуда буд, ки манҷаниқҳо дар онҳо насб мешуданд. Қалъаи мазкур бисёр дастнорас буд, то ҳадде, ки як нафар сокини қалъа метавонист бо ҳазор нафар душман муқобила кунад. Бинобар навиштаи Маҳмуд ибни Валӣ ҳамагӣ дар водии Дараи Газ тахминан сад қалъаи чунин дастнорас мавҷуд буд.[2]

Табарӣ дар хусуси рустое бо номи Ҷазза дар наздикии шаҳри Сон ёд мекунад. Соли 736 дар ин ҷо лашкаргоҳи ҳокими маҳаллӣ, ки муқобили лашкари аъроб ҷангида буданд, қарор дошт. Дар наздикии Сон рустои Вард қарор дошт, ки лашкаргоҳи арабҳо таҳти фармондеҳии Асад ибни Абдуллоҳ дар он ҷо воқеъ буд. Соли 737 дар наздикии дарёе, ки миёни шаҳри Сон ва рустои Ҷазза мегузашт, муҳорибаи сахте миёни лашкари арабҳо ва ҳокими маҳаллӣ рух дод.[3]

Шаҳри асримиёнагии Сон дар шарқи Гузгонон ва ҷануби водии Дараи Газ воқеъ буд. Рустои Вард ба шакли Вардак низ дар осори Табарӣ вомехӯрад. Бад-ин тариқ, рустои Ҷазза дар шарқ ё ҷанубу шарқи Гузгонон, тахминан дар ноҳияи Дараи Газ воқеъ буд.

Ба назар мерасад, ки «Ҷазза» шакли арабишудаи номи водии Дараи Газ буда, дарёе, ки аз умқи дара миёни шаҳри Сон ва рустои Ҷазза мегузашт, ҳамон рӯди Балхоб аст.

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Махмуд ибн Вали. – Море тайн относительно доблестей благородных (География). Введение, перевод, примечания, указатели Б. А. Ахмедова. – Ташкент: Фан, 1977. –166 с. и 16 с. текста факсимиле.
[3] Табарӣ. Ҷ. 2. С. 1612,1617.

Бинобар навиштаи Ибни Фақеҳ[1] ва Ибни Хурдодбеҳ[2] ноҳияи Ҳарра, ки дараи ҳамном ва рустоҳои зертобеи онро дар бар мегирифт, ҳамроҳ бо Балх воҳиди ягонаи маъмурӣ ба ҳисоб мерафт. Ба эҳтимоли қавӣ дараи Ҳарра ҳамон дараи Ҷазза аст.

Дараи Газ дар асрҳои миёна асосан макони истироҳат ва ҷои чарои чорво ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин дар ин ноҳия лашкаргоҳҳое аз сипоҳиёни давлатӣ дар замони Сомониён ва Ғазнавиён қарор дошт.

Вилояти Гургон, ки дар сарчашмаҳои юнонӣ Гиркания омадааст,[3] дар ҷанубу шарқии баҳри Хазар воқеъ буда, ҳамвориҳои паҳновар ва дараҳоеро, ки аз рӯдҳои Гургон ва Атрак обёрӣ мешаванд, дар бар мегирад. Аз замони Ҳахоманишиён ин вилоят дар сарчашмаҳо зикр шуда, дар тӯли таърихи худ то давраи Сомониён ҷузъи давлатҳои Ашкониён, Сосониён, Хилофати араб ва Тоҳириёну Саффориён будааст. То ба вилояти алоҳида табдил ёфтан Гургон ҳудуди Хуросон ба ҳисоб мерафт. Ҳудуди Гургон то забти минтақа аз ҷониби арабҳо хеле васеъ буда, пас аз забти он аз ҷониби аъроб ба вилоятҳои ҷудогона тақсим шудааст. Тақсими ҳудуди ин сарзамин ба вилоятҳои ҷудогона, ки дар асрҳои VIII-IX сурат гирифт, барои заъиф кардани иқтидори ҳокимони маҳаллӣ ва осон кардани идоракунии он аз ҷониби арабҳо роҳандозӣ шуда буд.

Ба қавли Муқаддасӣ Гургон дорои оби фаровон аст ва дар кӯҳҳову даштҳои он нахл, норинҷ (як навъи афлесун) ва ангур мерӯяд.[4] Муҳимтарин рӯди он ҳамноми Гургон аст. Муқаддасӣ аз рӯди Атрак ёдоварӣ накардааст. Рӯди Атрак аз рӯди Гургон дарозтар аст ва аз ҳамвориҳои Хуросон байни Нисо ва Хабушон наздики сарчашмаи рӯди Машҳад ҷорӣ мегардад. Номи ин рӯд дар осори ҷуғрофинависони асримиёнагӣ зикр нашудааст. Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ аввалин нафарест, ки дар хусуси рӯди Атрак маълумот додааст.[5]

Бандаргоҳи шаҳри Гургон ва Астаробод дар дарёи Хазар ҷазираи Обискун будааст, ки бо ҳар як аз ин ду шаҳр як рӯза роҳ дошта. Дар осори Истахрӣ ва

---

[1] Ибни Фақеҳ. Ахбору-л-булдон. С. 140.
[2] Ибни Хурдодбеҳ. Масолик вал мамолик. С. 34.
[3] Страбон. География. С. 480-483.
[4] Муқаддасӣ. С. 367.
[5] Муставфӣ. С. 190-191.

Ибни Ҳавқал зикр шуда, ки Обискун бозори бузурге барои доду ситади абрешим аст ва бандари муҳимми тиҷоратии савоҳили дарёи Хазар аст, ки аз он ҷо ба Гелон ҳамлу нақли тиҷоратӣ мешавад.[1] Муқаддасӣ онро лангаргоҳи бузурги Гургон ва дарёи Хазар донистааст.[2] Ба қавли Ёқут дарёи Хазарро дарёи Обискун меномиданд ва Обискун охирин паноҳгоҳи султон Муҳаммад Хоразмшоҳ (1212–1219) буд, ки аз ҳамлаи муғулҳо фирор намуд ва ба мазаллат дар он ҷо ҷон дод.[3]

Ибни Ҳавқал дар бораи он навиштааст, ки шаҳре некӯст, сохтмонҳои он аз хиштанд ва хоки он аз хоки Омул хушктар аст, зеро борон дар Гургон камтар аз Табаристон меборад. Чун рӯди Гургон аз миёни шаҳр мегузарад, шаҳр дар ду ҷониби рӯд воқеъ гардида ва ин ду ҷонибро пуле ба якдигар муттасил месозад. Гургон дар самти шарқӣ ва Бикробод дар самти ғарбӣ аст ва ба қавли Ибни Ҳавқал ҳар ду самт дар якҷоягӣ ба андозаи Рай буда ва боғистонҳои он шаҳр меваи фаровон дошта, абрешим дар он ҷо ба амал меомадааст.[4] Муқаддасӣ ҷониби шарқии Гургонро шаҳристон номида менависад, ки боғҳои хуб дорад ва анору зайтун, харбуза, бодинҷон, норинҷ, лимӯ ва ангур дар боғҳои он мерӯянд, ки хубанд ва ҳам арзон.[5] Дар хусуси боду ҳавои Гургон Муқаддасӣ мегӯяд, ки гармои Гургон бисёр сахт асту пашшаи он ҷо бисёр, бавижа кайкҳои он чунон газандаанд, ки бо исми «гургон» (ҷамъи гург) маъруфанд.[6]

Дар Гургон минтақае бо номи Деҳистон мавҷуд аст. Ибни Ҳавқал навиштааст, ки Деҳистон наздики соҳили дарёи Хазар аст ва чанд деҳкадаву боғистон дорад, ки ҷамъият дар он парокандаанд.[7] Наздики он халиҷе аст, ки завраққо дар он лангар меандозанд. Мардумоне, ки дар он ҷо сокинанд, аз он ҷо моҳии бисёр сайд мекунанд. Муҳимтарин ободии Деҳистон Охур ном дошт, ки Муқаддасӣ онро шаҳристоне иборат аз бисту чаҳор деҳкада шумурда, қайд

---

[1]Ибни Ҳавқал. С. 272-273.
[2] Муқаддасӣ. С. 354, 367.
[3] Ёқут. С. 242.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 272-273.
[5] Муқаддасӣ. С. 357, 358.
[6]Муқаддасӣ. С. 354–367.
[7] Ибни Ҳавқал. С. 273, 274.

намудааст, ки бузургтарин ободиҳои вилояти Гургон аст.[1] Дар қисми шарқии Охур, сари роҳи Хоразм шаҳре бо номи Работ вуҷуд дошт. Муқаддасӣ гӯяд: «Султон қалъаи онро хароб кард ва он се дарвоза дошт. Шаҳре маъмур аст ва бозорҳои хубу имороти хушманзар ва масҷиде некӯ бо номи Масҷиди куҳна дорад, ки сутунҳои чӯбӣ дорад».[2]

Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, ки роҳи Гургон ва Хоразмро зикр кардааст, навиштааст, ки ин роҳ аз Деҳистон мегузарад ва онро Қубод ибни Фирӯзи Сосонӣ сохт.[3] Он марзи миёни мусулмонон ва туркон маҳсуб ёфта, ҳавояш гарм аст ва обаш аз рӯд ва андак мева дорад. Ҷое, ки роҳи Хоразм шуруъ мешавад, шаҳри Фарова воқеъ буд, ки Истахрӣ онро марзи биёбони Ғуз шумурдааст[4]. Муқаддасӣ ин шаҳрро Афрова навиштааст.[5] Ёқут бунёди онро ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир (830–844) мансуб донистааст.[6] Ба эҳтимоли қавӣ Фарова ҳамон Қизиларвоти Туркманистони имрӯза мебошад.

Ёқут аз ин ду қаря ва ободиҳои дигари Деҳистон, яъне деҳкадаи Хартир, Фарғул ва Ҳабросон ёд карда, вале тафсиле дар бораи онҳо зикр накардааст.[7]

Ҳудуди Гургону Табаристон бо сабаби кӯҳсор будан роҳҳои зиёд надошт. Истахрӣ ва Муқаддасӣ роҳеро, ки аз Рай ба самти шимол мерафт ва аз кӯҳҳо мегузашт, зикр намудаанд[8]. Ин роҳ аз Асак ва Булур мегузашт ва ба Омул мерасид. Ҳоло мушаххас намудани манзилгоҳҳои ин роҳ натанҳо душвор, балки то ҷое имконнопазир аст. Ҳамчунин Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал роҳеро, ки аз Омул ба самти ғарб қад-қади соҳили баҳри Каспий мегузашт, то Нотил, Чолус ва аз он ҷо то сарҳадди Дайлам ёд кардаанд.[9] Муқаддасӣ роҳеро, ки аз Омул ба самти шарқ – ба Астаробод ва шаҳри Гургон мерафт ва аз он ҷо ба самти шимол ба Деҳистон мерасид, ёд кардааст. Ҳангоми зикри роҳ аз Бастом

---

[1] Муқаддасӣ. С. 358.
[2]Муқаддасӣ. Ҳамон ҷо.
[3] Муставфӣ. С. 190-197.
[4] Истахрӣ. С. 273.
[5] Муқаддасӣ. С. 333.
[6] Ёқут. Ҷ. 3. С. 866.
[7] Ҳамон. Ҷ. 2. С. 137,489.
[8] Истахрӣ. С. 214-217; Муқаддасӣ. С. 372,373.
[9] Истахрӣ. Ҳамон ҷо; Ибни Ҳавқал. С. 274-276.

то Гургон қайд намудааст, ки ин роҳ аз Ҷаҳина (Ҷуҳайна) мегузашт, ки деҳкадае буд дар канори рӯд.[1]

Муқаддасӣ роҳеро, ки аз Гургон ба самти шарқ тавассути Исфароини Ҷувайн гузашта, тайи панҷ рӯз ба Хуросон мерасид, низ зикр намудааст.[2]

Минтақаи кӯҳҳои баланд, ки қисмати зиёди он аз қаторкӯҳҳои Албурз воқеъ дар соҳилҳои ҷанубии баҳри Хазар оғоз мешавад, дар миёни ҷуғрофиёнависони асримиёнагӣ бо номи Табаристон маъруф буд. Истилоҳи «Табар» дар забони маҳаллӣ маънои кӯҳро доштааст, бинобар ин Табаристон ба маънои ноҳияи кӯҳистонӣ аст. Тақрибан аз замони истилои муғул номи Табаристон аз истифода афтод ва ба ҷои он Мозандарон маъмул гардид, ки то имрӯз ин ном боқӣ мондааст. Баъзан Гургонро низ ба ҳудуди Мозандарон мансуб донистаанд. Ёқут аввалин муаррихест, ки номи Мозандаронро истифода кардааст, вале аз куҷо гирифта ва аз кай истифода шудани ин калимаро шарҳ надодааст.[3]

Дар солҳои аввали мавҷудияти хилофати Араб ин ноҳия мустақил буд. Дар он сулолаи Испаҳбадони Табаристон ҳукмронӣ мекарданд, ки ҳатто то нимаи дуюми асри VIII сиккаҳое, ки дар Табаристон зада мешуданд, хатти паҳлавӣ доштанд. Мардуми ҷангалҳо ва бешазори ин минтақа пайравони зардуштия буданд. Маҳсулоти асосии ин минтақа ба қавли Муқаддасӣ сир, биринҷ ва катон буда, аз ҳайвонот парандагони баҳрӣ ва моҳии зиёд дошт, зеро нисбат ба минотиқи дигари Эрон боришоти ин ноҳия ва оби он хеле фаровон буд.[4] Ба қавли Ибни Ҳавқал хонаҳо низ дар Табаристон бештар аз чӯб ва най сохта мешуд ва бо сабаби боришоти зиёд дар фаслҳои зимистону тобистон мардум ночор бомҳои худро гунбадшакл месохтанд.[5]

Тоҳириён дар асри IX дар Сорӣ қароргоҳ доштанд. Дар замони ҳукмронии охирин халифаҳои Аббосӣ маркази Табаристон Омул буд. Муқаддасӣ менависад: «Омул аз Қазвин бузургтар буд ва дар он ноҳия аз он ободтар

---

[1]. Муқаддасӣ. С. 367.
[2]. Ҳамон ҷо. С. 372.
[3] Ёқут. Ҷ. 3. С. 502.
[4] Муқаддасӣ. С. 354.
[5] Ибни Ҳавқал. С. 270-271.

набуд. Доду ситади Омул бисёр ва биринҷи он фаровон аст. Наҳри бузурге аз миёни он мегузарад, ки киштзорҳои шаҳрро об медиҳад».[1] Ёқут ҳам фақат маълумоти овардаи Муқаддасиро такроран оварда, чизе илова накардааст. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ гӯяд: «Ҳавояш ба гармӣ моил ва маҷмӯи меваҳои гармсерӣ ва сардсерӣ аз қабили бодом, чормағз, ангур, хурмо, норинҷ, турунҷ, лимӯ, маркаб ва ғайра фаровон бошад, чунонки агар шаҳр банд шавад, [ба] ҳеч чиз аз берун эҳтиёҷ набошад».[2]

Дуввумин шаҳри қадим ва бузурги Табаристон Сория ё Сорӣ буд, ки дар шарқи Омул воқеъ аст. Муқаддасӣ гӯяд Сорӣ маҳаллест обод, дорои чандин бозор ва як қалъа, ки атрофи он хандақ канда шудааст. Пулҳои бисёре дорад, ки завраҳои зиёд бар онҳо баста шудаанд.[3]

Баландтарин кӯҳ дар тамоми Эрон Дамованд аст (5610 метр аз сатҳи баҳр), ки дар ҳудуди Табаристон ҷойгир буда, қуллаи барфпӯши он аз Теҳрон мушоҳида мешавад. Чунонки Ҳамдуллоҳи Муставфӣ навиштааст: «Аз масофати сад фарсах ба назар ояд ва қулааш ҳаргиз аз барф холӣ набувад».[4] Кӯҳи Дамованд дар достону афсонаҳои қадими эронӣ ошёни Симурғ – омӯзандаи Золи падари Рустам ва ҳомии ҳар дуи онҳо ба шумор меравад. Ибни Ҳавқал навиштааст, ки ин кӯҳи бузург аз Сова дида мешавад, ки чун гунбаде дар миёни дигар кӯҳҳо афрошта шуда, пайваста аз қуллаи он дуд бармехезад. Ибни Ҳавқал мегӯяд нашунидааст, ки касе бар қуллаи он даст ёфта бошад.[5]

Ҷуғрофинависони асримиёнагӣ номи бисёр мавзеъҳо ва қалъаҳоеро ба қалам додаанд, ки ҳоло асаре аз онҳо намондааст. Эҳтимол онҳо дар замони ҳуҷуми муғул ё лашкаркашии Темур дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай ва ё ҳаводиси табиӣ ба коми нестӣ рафта бошанд. Ибни Ҳавқал аз мавҷуд будани се вилояти дигар дар фосилаи як рӯза роҳ аз Сорӣ ба самти ғарб хабар додааст, ки дорои ҷангалзор ва заминҳои ҳосилхез будаанд. Дар ин вилоёти кӯҳистонӣ, аз замони футуҳоти аъроб то ҳуҷуми муғулҳо, ҳудуди бештар аз 500 сол

---

[1] Муқаддасӣ. С. 356.
[2] Муставфӣ. С. 188.
[3] Муқаддасӣ. С. 356.
[4] Муставфӣ. Ҳамон ҷо.
[5] Ибни Ҳавқал. С. 271-272, 275.

сулолаҳои ниммустақили маҳаллӣ ҳукмронӣ мекарданд. Деҳкадаҳои бисёре аз тобеоти ин навоҳӣ буданд. Дар наздикии кӯҳи Фодусбон ноҳияи кӯҳистонии Қорун қарор дошт, ки маркази ҳукумати дудмони Қорун буд. Насаби сулолаи Фодусбон, ки ҳукмрони он ҷо будаанд, тибқи ахбори замони Сосониён ва баъзе манобеи ибтидои зуҳури ислом ба Ашкониён мерасидааст. Устувортарин қалъаи дудмони Қорун Фарам ё Фарем ном дошт ва ободтарин шаҳри он Сиҳор ё Шиҳор буд. Мутаассифона макони Фарем дар ягон сарчашмаи таърихӣ дақиқ муайян карда нашудааст. Дар масъалаи тобеияти маъмурии он Муставфии Қазвинӣ навиштааст: «Баъзе аз Қумис гирифтаанд ва баъзе аз тавобеи Мозандарон ва аксари авқот дохили Сорӣ мебошад ва ба волии ӯ тааллуқ дорад».[1]

Шаҳри Кирмон дар замони ишғоли аъроб маркази вилояти Кирмон набуд, аммо аз замони Сосониён ҳамчун шаҳри муҳим шуҳрат дошт. Ба қавли Ҳамзаи Исфаҳонӣ ин шаҳр аз ҷониби Ардешери Бобакон (224–242) – бунёдгузори сулолаи Сосониён сохта шуда ва «Беҳардашер», яъне «ҷои неки Ардашер» номида шудааст.[2] Арабҳо онро Баҳрсер (баъзан Буҳдсер) ва Бурдсер (ё Бурдшер) талаффуз кардаанд. Ба қавли Муқаддасӣ эрониён ин шаҳрро Гувошер номидаанд, ки бархоста буд аз «Ваяртахшир» (номи қадимии Беҳардашер). Ёқут навиштааст, ки дар замони ӯ «Ҷувосер», «Ҷувошер» ва ё «Гувошер» мегуфтанд. Ҳамаи ин номҳо бо номи арабии Бурдсер мутобиқанд ва ба ҷои он истифода мешаванд.[3]

Кирмон ба қавли Истахрӣ қисмати умдааш гармсер аст ва дар чаҳоряки ҳудуди он кӯҳистони сардсер воқеъ гардидааст, ки маҳсулоти ин сарзамин дар он мерӯянд, зеро қисмати зиёди ҳудуди ин вилоят дар биёбон қарор дорад.[4]

Муқаддасӣ Кирмонро ба панҷ вилоят тақсим кардааст, ки ҳар вилоят ҳамноми маркази он аст: Аввал Бурдсер бо ноҳияи Хубис дар шимоли он, дуввум Серҷон дар марзи Форс, сеюм Бам, чаҳорум Нармсер воқеъ дар самти

---

[1] Муставфӣ. С. 191.
[2] Ҳамзаи Исфаҳонӣ. С. 46.
[3] Муқаддасӣ. С. 460–461; Ёқут. Ҷ. 1. С. 555.
[4] Истахрӣ. С. 157, 163-165.

шарқ ва панҷум Ҷирафт ҳамҷавори соҳилҳои баҳри Ҳурмуз.[1] Аз тарафи мағриб ба қавли Истахрӣ маркази Кирмон дар наздикии Серҷон монанди остине дар хоки Форс пешрафтагие дошт. Шаҳри Бобак низ чунонки баъзе аз нависандагони қадим зикр кардаанд, дар тобеияти Кирмон буд.[2]

Қариб нисфи ҳудуди Кирмон дар самти ҷануб ба вилояти Ҷирафт тааллуқ дошта, маркази он шаҳри ҳамном буд, ки рӯде аз миёни он мегузашт. Имрӯзҳо харобаҳои ин шаҳр бо номи Дақёнус маъруфанд. Аз дохили ҳудуди ин харобаҳо рӯде бо номи Халил мегузашт, ки ҷуғрофиёнависон бо сабаби ҷараёни тез доштанаш онро Деврӯд номидаанд.

Ибни Ҳавқал Ҷирафтро шаҳри бузург ва маркази тиҷоратии Сиистону Хуросон номидааст.[3] Дар наздикии Ҷирафт вилояти Мизон (Муқаддасӣ Миҷон овардааст[4]) қарор дошт, ки боғоту деҳкадаҳои зиёд ва маҳсулоти гуногун дошта, аз оби Деврӯд обёрӣ мешуд. Ҷараёни рӯд чунон буд, ки тавони гардонидани 50 осиёбро дошт. Шаҳр девори хеле мустаҳкам ва дорои чаҳор дарвоза буд: дарвозаи Шопур, дарвозаи Бам, дарвозаи Серҷон ва дарвозаи Мусалло. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ мегӯяд, ки ҳудуди Ҷирафт бешае буд, ки мусулмонон дар замони Умар ибни Абдулъазиз ба он даст ёфтанд ва деҳаҳо бунёд намуданд.[5]

Хулоса, сарзамини Хуросон дар дарозои таърихи мавҷудияташ аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммият буд. Аввалан, ин ҳудуди хеле васеъ дошт, ки имрӯз қисми шарқии Эрон, ҳудуди Афғонистон ва бахшҳое аз Туркманистон, Тоҷикистон ва Покистонро дар бар мегирад. Дуввум, ин вилоят бо Чину Ҳиндустон ҳаммарз буд ва роҳҳои муҳимми тиҷоратӣ аз ин ду кишвар ба самти ғарбу шимол тавассути Хуросон мегузаштанд. Сеюм, Хуросон минтақаи дифоие буд барои қисмати марказии Эрон. Зеро ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қабоили турк ба ҳудуди Эрон аз самти шимол аввал ба Хуросон сурат мегирифт. Муҳимтар аз ҳама дар ин густардаи ҷуғрофиёӣ, ки хостгоҳи дигари

[1] Муқаддасӣ. С. 460-461.
[2] Истахрӣ. С. 158.
[3] Ибни Ҳавқал. С. 222.
[4] Муқаддасӣ. С. 466, 470.
[5] Муставфӣ. С. 182.

тоҷикон аст, таъсири мутақобили таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ бо Мовароуннаҳр дошт.

# БОБИ II

# ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

## 2. 1. Оғози ҳукумати намояндагони сулолаи Сомониён дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон

Сарсилсилаи хонадони Сомониён – Сомонхудот аслан аз навоҳии Балх, Тирмиз ё атрофи Самарқанд бархоста буд.[1] Ӯро Сомонхудот ба ин сабаб хонданд, ки деҳе бино карда, онро Сомон ном ниҳод. Муаррихон Сомонхудотро аз насаби сарлашкари маъруфи Сосониён – Баҳроми Чӯбин медонанд.[2] Вақте ки Сомонхудот аз Балх ба Марв меравад, амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳи Қасрӣ ӯро икром карда, боз ба Балх мефиристад. Сомонхудот исломро пазируфта, ба поси эҳтироми Асад ибни Абдуллоҳ писари худро Асад ном ниҳод. Чаҳор писари Асад ибни Сомонхудот: Нӯҳ (819–842), Аҳмад (842–864), Яҳё (819–855) ва Илёс (819–856) барои дастгирии ҳукумати Аббосиён ба муқобили шӯриши Рофеъ ибни Лайс (806–810) бо дастури халифа Маъмун (813–833) ба корҳои идории давлатӣ ҷалб шуданд. Бад-ин тариқ, солҳои 819–820 Нӯҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чочу Усрушана ва Илёс дар Ҳирот ба ҳукумат таъйин шуданд. Зоҳиран чунин менамуд, ки ин чаҳор бародар ҳукумати алоҳидае доранд, ки бевосита тобеи ҳокими Хуросон аст, вале дар асл чунин набуд.[3] Дар миёни онҳо Нӯҳ ибни Асад мақоми махсус дошт ва дар равобити хориҷӣ чун сарвари хонадон шинохта мешуд. Таҳқиқи сиккаҳо низ гувоҳи он аст, ки бародарони дигари Нӯҳ бо вуҷуди он ки ҳокими сарзаминҳои ҷудогона ба ҳисоб мерафтанд, аммо сиккаҳоро бо номи бародари бузургашон зарб мекарданд.[4] Ин раванд нишон медиҳад, ки оли Сомон аз ибтидои зуҳур бар ҳукумат ваҳдати хонадонро нигоҳ доштаанд, ки барои мустақилияти давлати онон заминаи мусоиде фароҳам месохт.

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. ТоҶикон. С. 450.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 114.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Давидович И. А., 1954, С. 3

Ба қавли Наршахӣ ҳангоме, ки хилофат ба дасти Маъмун расид, ӯ Ғассон ибни Аббодро амири Хуросон таъйин намуд ва ба ӯ амр дод, ки фарзандони Асад ибни Сомонхудотро волии шаҳрҳои Хуросон таъйин кунад. Ғассон соли 202 ҳ.қ. / 818–819 Самарқандро ба ихтиёри Нӯҳ ибни Асад супорид ва Аҳмад ибни Асадро ҳокими Марв таъйин намуд.[1] Мувофиқи маълумоти Ибни Асир Ғассон Аҳмад ибни Асадро дар соли 204 ҳ.қ. / 819–820 волии Фарғона таъйин намудааст.[2] Гардезӣ низ таъкид намудааст, ки Аҳмад ибни Асад аз ҷониби Ғассон ҳокими Фарғона таъйин шуда буд.[3]

Аз таҳлили гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки маълумоти Ибни Асир ва Гардезӣ саҳеҳтаранд, зеро дар адабиёти илмӣ, ки дар асоси маъхазҳои хаттӣ навишта шудаанд, қайд гардидааст, ки Аҳмад ибни Асад дар соли 204 ҳ.қ. / 819-820 волии Фарғона таъйин гашта буд.[4]

Соли 821 волии араби Хуросон – Ғассон ибни Аббод маъзул шуд ва ба ҷои ӯ Тоҳир ибни Ҳусайн таъйин гардид. Таъйини Тоҳир ба ин мансаб барои ташкили давлати мустақили мардумони маҳаллии Хуросон заминаи мусоид фароҳам овард. Тоҳир ибни Ҳусайн аввалин ашрофзодаи тоҷик аст, ки пас аз ишғоли араб ба ҳокимияти Хуросон расид, ки баъд аз вай ин ҳукумат тадриҷан меросӣ ва мустақилгуна гашт. Ӯ номи халифаи Аббосиро аз хутбаи намоз гирифт ва ба ҷои он номи худро монд, ки ин амал маънии ошкоро эълон кардани истиқлолро дошт.[5] Дар замони Тоҳириён ҳамчунон ҳукумати вилоятҳои калидии Мовароуннаҳр дар ихтиёри оли Сомон буд. Тағйироти муҳимме, ки дар аҳди Тоҳириён дар масъалаи ҷуғофиёи сиёсии Хуросон сурат гирифт, интиқоли пойтахти Хуросон аз Марв ба Нишопур буд.[1] Сомониён дар ин давра ҳамчун ҳокимони дастнишондаи Тоҳириён ҳукумат карда, дар маҳалҳо қудрати идорӣ доштанд ва ба вилоятҳои ҳамҷавор лашкаркашӣ мекарданд. Масалан, Нӯҳ ибни Асад солҳои 839–840 ба Исфиҷоб, ки дар

---

[1] Наршахӣ. ТаърихиБухоро. С. 141-142.
[2] Ибн ал-Асир Иззуддин Абӯлҳасан. Ал-Комил фи-т-таърих. Бейрут: Дор Содир. Ҷилдҳои 1-13. Ҷ. 8. –С. 279.
[3] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Бо муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таълиқи Абдулҳаййи Ҳабибӣ. -Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1347, ҳ.ш. С. 146.
[4] Неъматов н. Давлати Сомониён. Душанбе: Ирфон, 1989. С. 24-25.
[5] Амиршоҳӣ. Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои 9–14. Душанбе, 1999. С. 130.

ихтиёри туркон ва як гурӯҳ ҳампаймонони онҳо аз мардуми Чоч қарор гирифта буд, лашкар кашида, онро забт намуд. Барои аз ҳуҷуми ғоратгаронаи бодиянишинҳо эмин доштани он атрофи шаҳрро бо девори баланду мустаҳкам иҳота сохт.[2] Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд Нӯҳ ибни Асад дар он замон ҳокими як қисми Суғд бо шаҳри Самарқанд, Фарғона ва баъзе "билоди туркон" таъйин гардид.[3] Ҳокими Исфиҷоб аз ҷониби Сомониён имтиёзи зиёдеро соҳиб гашта, ба ҷои андозҳо ҳар сол ба дарбори Сомониён тӯҳфаҳо ирсол менамуд.[4] Тибқи маълумоти Балозурӣ Нӯҳ ибни Асад дар замони ҳукмронии халифа ал-Мунтасир ноҳияҳои Фарғона – Косон ва Авраштро, ки саркаш шуда буданд, аз нав тобеъи худ кард.[5] Дар ин ҷо муаллифи «Футуҳу-л-булдон» ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро халифа Мунтасир солҳои 861-862 ҳамагӣ шаш моҳ ҳукумат карда буд. Шояд Балозурӣ дар ин маврид лашкаркашии Нӯҳро ба Исфиҷоб, ки дар солҳои 839-840 дар замони ҳукмронии халифа ал-Муътасим (833–842) амалӣ гашта буд, дар назар дошта бошад.

Дар ҳамин давра фишори қабоили турк барои роҳёбӣ ба сарзамини Мовароуннаҳр бори дигар авҷ гирифт. Аз ин рӯ, волии Хуросон Абдуллоҳ ибни Тоҳир мунтазам ба муқобили туркҳои оғуз лашкар мекашид.[6] Маҳз ба ҳамин сабаб дар минтақаҳои наздимарзии Хуросону Мовароуннаҳр бо қабоили турк деворҳои мудофиавӣ ва истеҳкомҳо сохта мешуданд. Нӯҳ ибни Асад барои дастгир кардани Ҳусайн ибни Афшин – амирзодаи Усрушана ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир ёрӣ расонид. Новобаста ба он ки Нӯҳ ибни Асад ҳукумати муваффақе дошт ва тавонист то ҷое қадру манзилати хонадони Сомониёнро биафзояд, заминаи асосиро барои таъсиси давлати мутамаркизи Сомониён бародари ӯ – Аҳмад ибни Асад гузошт.

Пас аз вафоти Нӯҳ дар соли 842 бародараш Аҳмад ибни Асад (842–864), ки ҳокими Фарғона буд, аз ҷониби Тоҳириён ҳокими Самарқанд таъйин ва

---

[1] Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С. 178
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 25.
[3] Бартольд В.В. Соч. Т.1. С. 268.
[4] Ҳамон ҷо. С. 270.
[5] Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ал-Балозурӣ. Футуҳ ал-булдон. Тарҷума аз арабӣ ба русӣ, тавзеҳот ва феҳристи номзади илмҳои таърих Ғоибов Ғ. Душанбе: Дониш, 1987. С. 28.
[6] История таджикского народа. Том 2, С. 333.

ҳамчун сарвари хонадони Сомониён шинохта шуд. Бародари дигари Аҳмад – Яҳё ибни Асад ҳокими Чоч ва Усрушана буд. Тибқи ахбори Ибни Асир Аҳмад ҳафт писар дошт: Наср, Яъқуб, Яҳё, Асад, Исмоил, Исҳоқ ва Ҳамид.[1] Ба қавли Наршахӣ Аҳмад марде олиму порсо буд ва қабл аз вафоташ писари бузурги худ Насрро валиаҳди хеш таъйин кард.[2] Ибни Асир менависад, ки Аҳмад пеш аз вафоташ вилояти худ – Самарқанд ва атрофи онро ба писараш Наср вогузор кард.[3]

Пас аз фавти Яҳё ибни Асад (856) ҳукумати Чочу Усрушана ба ихтиёри писари Аҳмад – Яъқуб гузашт.[4] Ҳамин тариқ, сарзамини Мовароуннаҳр дар ихтиёри хонадони Аҳмад ибни Асад қарор гирифта, миёни вилоятҳои асосии ин сарзамин – Суғд, Фарғона, Чочу Усрушана иттиҳод ба вуҷуд омад.[5]

Ҳокимияти Ҳирот, ки соли 818 аз ҷониби Ғассон ибни Аббод ба Илёс ибни Асад дода шуда буд, пас аз вафоти Илёс (856) ба ихтиёри писари ӯ Муҳаммад ибни Илёс гузашт. Ба подоши хидматҳое, ки Илёс солҳои 822–828 ба Тоҳириён карда буд, қабл аз вафоташ Сиистон низ зери ҳокимияти ӯ рафт. Бо зуҳури Яъқуби Лайс ҳокимони дастнишондаи Тоҳириён аз ҳукумати Ҳирот барканор шуданд. Писари дигари Илёс ибни Асад – Иброҳим ибни Илёс пас аз шикаст хӯрданаш аз Яъқуби Лайс дар Нишопур (862) бо ӯ пайваст ва ҳамроҳи ӯ ба Сиистон рафт.[6]

Аз солҳои 70-уми асри IX шурӯъ карда Мовароуннаҳрро парокандагии сиёсӣ фаро гирифт. Наср ибни Аҳмад (875–892) вақте ба қудрат расид, на ҳама бародаронаш ӯро ба ҳайси сарвари сулола пазируфтанд. Аз таҳқиқи маводди сиккашиносӣ бармеояд, ки дар Чочу Фарғона бародарони Наср – Яъқуб ва Нӯҳ сиккаҳоро ба номи худ зарб зада, исми Насрро дар онҳо сабт намекарданд.[7] Новобаста ба ин ҳолат, ваҳдати нисбӣ ва устувории ҳукумати Сомониён пойбарҷо буд. Маҳз аз ҳамин давра Самарқанд ҳамчун пойгоҳи асосии

---

[1] Ибн ал-Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Ҷ. 7. С. 279.
[2] Наршахӣ. С. 142.
[3] Ибн ал-Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Ҷ. 7. С. 279-280.
[4] Неъматов Н. Государство Саманидов.
[5] История таджикского народа. Том 2. С. 333.
[6] Ноҷӣ. Фарҳанг. С.85.
[7] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 451.

хонадони Сомониён ташаккул ёфт ва нахустин пойтахти давлатдории ин сулола гардид. Мақоми маъмурӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва стратегии Самарқанд онро ба яке аз марказҳои муҳимми Хуросони Бузург табдил дода, ҳукмронии Сомониёнро дар ин хитта боз ҳам тақвият бахшид.

Пас аз он, ки ҳукумати Тоҳириён аз ҷониби Яъқуби Лайс барҳам дода шуд, халифаи Аббосӣ Муътамид нахустин маротиба ба амир Наср ибни Аҳмад фармони ҳукумати Хуросонро содир кард, ки то ин дам ин кор тавассути Тоҳириён сурат мегирифт. Аз ин давра Сомониён аз волиёни Хуросон мустақилият ба даст оварданд ва ин падида маълум намуд, ки хулафои Бағдод мехоҳанд мавқеъи устувор ва қудрати Сомониёнро ба муқобили Саффориён истифода кунанд.[1]

Ҳангоми бар Хуросон даст ёфтани Саффориён ва инқирози давлати Тоҳириён, халифаи аббосӣ ал-Муътамид маншури аморати Мовароуннаҳрро ба номи Наср ибни Аҳмад содир намуд. Пас аз ин Наср ибни Аҳмад сипоҳи худро ба канори Ҷайҳун бурд, то аз убури Яъқуб ибни Лайс мамониат кунад. Лашкариёни ӯ сардори сипоҳи Яъқубро куштанд ва ба Бухоро бозгаштанд. “Волии Бухоро бар ҷони худ битарсид ва шаҳрро раҳо карда бирафт. Мардуми Бухоро чанд танро якеро пас аз дигаре бар худ амир карданд ва азл намуданд то он гоҳ ки Наср ибни Аҳмад бародари худ – Исмоил ибни Аҳмадро ба соҳили Ҷайҳун фиристод. Исмоил бародари худ Насрро гиромӣ медошт ва дар хидмати ӯ ба сар мебурд”.[2]

Тибқи ахбори Наршахӣ Ҳусайн ибни Тоҳири Тойӣ соли 874 аз Хоразм ба Бухоро омада, бо аҳли ин шаҳр ба ҷанг пардохт. Дар натиҷа нафарони бисёре куштаву захмӣ шуда, молу мулки мардум аз ҷониби сипоҳи Тоҳир ғорат шуд. Сокинони Бухоро хостанд, аз волии Хуросон талаби кӯмак намоянд. Аммо вазъи Хуросон бо сабаби ҷангҳои Яъқуб ибни Лайс бо дигар ҳукуматхоҳон ва гумоштагони халифа ошуфта буд. Аз ин рӯ, сокинони Бухоро бо сарварии яке аз фуқаҳои маъруфи он Абуабдуллоҳ ал-Фақеҳ ба Наср ибни Аҳмади Сомонӣ

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 86.
[2] Ибни Халдун, Абӯ Зайд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад. Ал-Ибар. Таърихи Ибни Халдун. Ҷилди 3. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. Теҳрон, 1383 ҳ.ш. С. 551.

номае навиштанду аз ӯ ба Бухоро амир хостанд.[1] Амир Наср бародараш Исмоил ибни Аҳмадро бо сипоҳе ба Бухоро фиристод. Чун Исмоил ба Бухоро расид, Ҳусайни Тойиро шикаст дода, шаҳрро аз вуҷуди ғоратгарон пок кард. Аз ҳамин сол Бухоро расман ҳудуди давлати Сомониён шумурда мешуд ва хутба ба номи амир Наср карданду номи Яъқуби Лайс бияфкананд.[2]

Исмоил ибни Аҳмад бо дастури бародараш Наср соли 874 ҳокими Бухоро таъйин шуд. Ба қавли Наршахӣ, бо омадани Исмоил ибни Аҳмад ба Бухоро ҳукумати сулолаи бухорхудотҳо барҳам хӯрд.[3]

Ҳангоми дар Бухоро ҳоким гаштани Исмоил гурӯҳи чорҳазорнафараи роҳзанон дархостанд, ки ба шаҳр ҳуҷум намуда, онро ғорат намоянд. Исмоил сардори сипоҳи худ Исмоил ибни Алоро бар зидди ин дастаи ғоратгар фиристод. Аҳли Бухоро низ ба онҳо ҳамроҳ гардида, ғоратгаронро шикаст доданд. Дар ҳамин асно хабар расид, ки Ҳусайн ибни Тоҳир бо ду ҳазор марди хоразмӣ қасди Бухоро кардааст. Исмоил бо лашкари худ бар зидди онҳо муқобилият нишон дода, ғолиб гардид ва ин ҳарби нахустини ӯ бар душман буд. Ҳусайн ибни Тоҳир пас аз ин шикасти худ ба Марв рафт.[4]

Чунон ки қаблан зикр шуд, вазъи сиёсии Хуросон ошуфта буд ва ҳукумати Тоҳириён дар арафаи сукут буд. Амирони Сомонӣ бо истифода аз фурсат ва заминаҳои падидомада мехостанд дар Мовароуннаҳр давлати мустақиле таъсис диҳанд. Заминаҳои вуҷуддоштаро дастгирии табақаи меҳнаткаши мардум тақвият мебахшид. Зеро давлати ягона ва мутамаркиз оммаи мардумро аз ҳамлаҳои харобиовари қабоили кӯчӣ бо истифода аз лашкари доимӣ, деворҳои мудофеъ ва истеҳкомҳо ҳифз мекард. Дар баробари ин, барои кишоварзону ҳунармандон ва умуман меҳнаткашон супоридани андозҳои муқаррарӣ ба давлат, ки ба нигаҳдошти лашкару истеҳкомҳо сарф мешуданд, осонтар буд. Бад-ин восита молу киштзори мардум аз ғорат эмин мемонд, осудагӣ таъмин мешуд ва шароит барои кори муътадил фароҳам мегардид.[5]

---

[1] Наршахӣ. С. 145.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо. С. 149.
[4] Наршахӣ. С. 149-150.
[5] История таджикского народа. Том 2. С. 334.

Бо дарназардошти ин вазъ амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад ва бародари ӯ Исмоил ибни Аҳмад пайваста бо қабоили кӯчии турк, ки мунтазам аз самти шимол ба марзҳои қаламрави Сомониён ҳуҷум мекарданд, даргир буданд.

Баъдтар миёни бародарон Наср ва Исмоил ихтилоф ба вуҷуд омад. Тибқи ахбори Ибни Халдун сабаби ихтилофи бародарон дар он буд, ки Рофеъ ибни Ҳарсама, ки аз сӯи Тоҳириён бар Хуросон даст ёфта, Саффориёнро аз он ҷо ронда буд, «бо Исмоил мукотибат менамуд ва Исмоил аз ӯ хост, ки аъмоли Хоразмро ба ӯ бидиҳад. Рофеъ ин амалро иҷро намуд ва ин амр сабаби ихтилофи байни бародарон гардид».[1]

Мувофиқи маълумоти Наршахӣ сабаби ихтилофи бародарон дар он буд, ки Наср Исмоилро вазифадор намуд, то аз амволи Бухоро ҳар сол панҷсад ҳазор дирам ба хазинаи Самарқанд супорад. Аз сабаби ҷангҳо ва харҷҳои дигар Исмоил ин корро анҷом дода натавонист. Пас Наср аз бародарони дигари худ ёрӣ хост, то алайҳи Исмоил лашкар кашад.

Исмоил низ аз амири Хуросон Рофеъ ибни Ҳарсама ёрӣ хост. Рофеъ бо лашкари худ аз Ҷайҳун убур намуда, сӯи Исмоил шитофт. Чунон ки маъруф аст, 15 ҷимодиюлохири соли 275 ҳ.қ. / 25 октябри соли 888 дар деҳаи Возбадин (дар Суғди Самарқанд)байни лашкари Исмоил ва Наср задухӯрд ба амал омад ва лашкари Исмоил бар лашкари Наср ғолиб омад.[2]

Пас аз ғолибият бар Наср, Исмоил аз худ ҷавонмардии бесобиқа нишон дода, Насрро ба тахти Сомониён бозгардонд ва худ ба Бухоро қаноат намуд.[3] Бо вуҷуди он, ки Наср ибни Аҳмад расман сарвари хонадони Сомониён шумурда мешуд, ҳокимияти воқеӣ ба Исмоил тааллуқ гирифт.

Академик Б. Ғафуров навиштааст, ки ҷанги бародарон Исмоил ва Наср умуман барои ҳукумат набуд, он пурра ҷанбаи иқтисодӣ дошт. Исмоил танҳо мехост ҳокимияти Бухороро ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ дар

---

[1] Ибни Халдун. Ал-Ибар. С. 551.
[2] Наршахӣ. С. 153-154.
[3] Ҳамон ҷо. С. 156.

ихтиёр дошта бошад.[1] Ғалабаи Исмоил ва ба тахт бозгардонда шудани Насрро аз ҷониби ӯ академик Б. Ғафуров далели ин гуфтааш медонад.

Як сол қабл аз вафоти худ Наср бародараш Исмоилро валиаҳди худ таъйин кард. Пас аз вафоти Наср ибни Аҳмад дар соли 892 тамоми қаламрави Сомониён дар ихтиёри Исмоил ибни Аҳмад (892–907) қарор гирифт. «Ва чун амир Наср аз дунё бирафт, амир Исмоил аз Бухоро ба Самарқанд рафт ва мулк рост карду писари ӯ – Аҳмад ибни Насрро халифаи худ бинишонид».[2]

Тамоми муаррихони шинохта Исмоил ибни Аҳмади Сомониро бунёдгузори давлати Сомониён медонанд. Баробари нишастан бар тахти аморат, Исмоил пойтахти давлати худро аз Самарқанд ба Бухоро кӯч дод, ки ҳеч аз амирони Хуросон ба Бухоро мақом накардаанд пеш аз вай.[3]

Ҳамин тариқ, бо таъйини намояндагони дудмони Сомонӣ дар ҳукуматҳои шаҳру вилоёти Мовароуннаҳру Хуросон, онҳо барои таъсиси давлати мустақили тоҷикон дар ҷуғрофиёи паҳноваре заминаи мусоид фароҳам оварданд. Аммо хулафои Аббосӣ бо он буданд, ки ихтилоф миёни Сомониён ва Саффориён андозанд, ва бад-ин восита дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳукумати худро пойбарҷо нигаҳ доранд.

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 451
[2] Наршахӣ. С.156.
[3]Ҳамон ҷо. С. 166.

## 2. 2. Густариши ҷуғрофиёии давлати Сомониён

Моҳи муҳаррами соли 280 ҳ. қ. / март-апрели 893 фармони халифа Муътазид (893–902) дар хусуси ба Исмоили Сомонӣ супоридани ҳукумати Мовароуннаҳр расид. Худи ҳамон сол Исмоил барои бартараф кардани хатари ҳамлаҳои туркон ба яке аз шаҳрҳои маъруфи Туркистон – Тироз (Тарози кунунӣ дар Қазоқистон) лашкар кашид. Дар ҷанг Исмоил хони туркро мағлуб карда, ӯро ҳамроҳ бо 10 ҳазор надимону сипоҳиёнаш асир гирифт. Бад-ин восита туркон муддати тӯлонӣ ба марзҳои Мовароуннаҳр ҳуҷум карда натавонистанд.[1] Бо дастури Исмоил дар шаҳри Тироз масҷиди ҷомеи бузург сохта, барои густариши ислом дар миёни қабоили турк талошҳо карда шуд.

Пас аз ин ғалаба Исмоил қаламрави худро то водии Талас васеъ намуда, минтақаи хеле пурғановатро, ки дорои маъданҳои гуногуни гаронарзиш буд, дар ихтиёр гирифт. Коркарди ин маъданҳо аҳаммияти минтақаро боз ҳам афзуда, дар умум барои рушди иқтисодии Мовароуннаҳр заминаи мусоид фароҳам меовард.

Соли 893 Исмоил Усрушанаро аз нав ба қаламрави давлати худ ҳамроҳ намуд ва бад-ин восита Усрушана барои ҳамешагӣ аз зери ҳукумати афшинҳои сулолаи Ковусиён берун рафт.

Афзудани қудрати Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Саффориён дар Хуросон дар маркази хилофат – Бағдод таҳлука меафканд. Бо мақсади заъиф кардани ҳар ду сулолаи тоҷикӣ халифаҳои Аббосӣ ба хулосае омаданд, ки Амр ибни Лайсро бо Исмоили Сомонӣ ҷанг андозанд. Бо ин мақсад соли 892 халифа Муътазид фармони ҳукуматдории Хуросонро ба Амри Лайс фиристод. Бо ин роҳ халифа мехост аз волии амалкунандаи Хуросон – Рофеъ ибни Ҳарсама халос шавад. Соли 896 Амри Лайс бо шикаст додани Рофеъ ибни Ҳарсама умури Хуросон ва пас аз як сол Райро ҳам дар ихтиёр гирифт. Марзҳои давлати Амри Лайс дар шимол то рӯди Ҷайҳун густариш ёфтанд.

Фурсате, ки халифа барои ба ҳам шӯрондани Амри Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ интизораш буд, фаро расид. Соли 898 халифа Муътазид фармони

---

[1] Наршахӣ. С. 157; История таджикского народа. Том 2. С. 334.

барканории Исмоилро аз ҳукумати Мовароуннаҳр ва ба ихтиёри Амри Лайс супурдани онро бо ҳадяҳои гаронбаҳо ба Амр фиристод. Инчунин фармони ба Исмоил супурдани ҳукумати Мовароуннаҳру Хуросон ва дастгир кардани Амр низ аз сӯи Муътазид барои Исмоил фиристода шуда буд.[1] Ин амал сабаби низоъ байни Исмоил ва Амри Лайс гардид. Амр интизор дошт, ки халифа ба ӯ барои мубориза бо Исмоил лашкар ҳам мефиристад, ки чунин нашуд.

Чун Исмоил тасмими ҷанг доштани Амри Лайсро эҳсос кард, бо сипоҳаш ба муқобили Амр ҳаракат кард.[2] Дар муҳорибаи аввал, ки соли 899 дар наздикиҳои Нисо ва Абевард рух дод, лашкари Амр шикаст хӯрда, чанд фармондеҳи ӯ ба дасти Исмоил асир афтоданд. Исмоил бо иззату икром онҳоро сӯи Амр бозпас фиристод, ки ин амал сабаби эҳтироми гурӯҳе аз лашкари Амр нисбат ба Исмоил шуд.

Соли 900 Амри Лайс барои ҷанги дуюм бо Исмоили Сомонӣ аз Нишопур сипоҳ фароҳам карда, сӯи Ҷайҳун ҳаракат кард. Дар ҷанги дуюм, ки дар наздикиҳои Балх рух дод, Исмоил лашкари Амрро шикаст дода, худи ӯро асир гирифт ва ба Бағдод фиристод. Пас аз ин ғалаба тамоми қаламрави давлати Саффориён дар тобеияти Исмоили Сомонӣ қарор гирифт.[3]

Наршахӣ навиштааст, ки чун амир Исмоил Амри Лайсро наздики халифа фиристод, халифа маншури Хуросон ба вай фиристод ва аз Ақабаи Ҳулвон ва вилояти Хуросон ва Мовароуннаҳру Туркистон ва Синду Ҳинд ва Гургон ҳама ӯро шуд.[1]

Дар охири соли 900 амир Исмоил ба Табаристон лашкар кашида, ҳокими он Муҳаммад ибни Зайдро, ки бо 20 ҳазор лашкар муқобили сипоҳи Исмоил ба ҷанг омада буд, шикаст дод ва худи Муҳаммад ибни Зайд дар ҷанг кушта шуд. Дар Табаристон ҳанӯз аз замони Тоҳириён (соли 864) ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ оғоз шуда, боиси таъсиси давлати алоҳида гардида буданд. Ҳокимони ин давлат, ки бо номи Алавиён шинохта мешуданд, пайравони мазҳаби шиа буда, мухолифони сиёсии хилофати Аббосӣ ва мусалламан давлати Сомониён ба

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 94.
[2] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 452.
[3] История таджикского народа. Том. 2. С. 336-337.

ҳисоб мерафтанд. Бо барҳам додани давлати Алавиён, Исмоил хатари мухолифони сиёсӣ ва мазҳабии худу Аббосиёнро бартараф карда, қаламрави давлати худро дар самти ғарб густариш дод.[2]

Сарлашкари Исмоил дар Табаристон – Муҳаммад ибни Ҳорун, ки дар пахш кардани исёни алавиён нақши муҳим дошт, пас аз муддате бо роҳбари алавиён – Носир Кабир, робита барқарор карда, қасд дошт Табаристонро аз итоати Сомониён берун барад. Бо ин мақсад Муҳаммад ибни Ҳорун ба Гургон ва Рай ҳамла карда, сипоҳи Сомониёнро шикаст дод. Соли 902 Исмоил ба Табаристон лашкар кашида, Муҳаммад ибни Ҳорунро дар наздикии Рай шикаст дод ва ӯро асир кард. Носир Кабир фирорӣ шуда, ба Дайламон паноҳ бурд. Амир Исмоил писари амаки худ – Абдуллоҳ ибни Нӯҳро ҳокими Табаристон таъйин карда, Райро ҳам ба тасарруф овард.[3] Абдуллоҳ ибни Нӯҳ барои тақвияти ҳокимияти Сомониён ашрофи маҳаллиро ба сӯи худ ҷалб намуда, ба пуштибонии онҳо такя мекард. Солҳои 904–905 Носир Кабир дар Дайлам исён бардошт. Ин исён муваффақ ба пирӯзӣ нашуд ва натиҷааш ин буд, ки ин минтақа низ ба итоати Сомониён даромад.

Соли 901 халифа Муътазид фармони ҳукумати Хуросон ва Гургону Табаристонро бо ҳадяҳои бисёр барои Исмоил фиристод ва аз ин вақт Хуросон расман ҳайати давлати Сомониён шумурда мешуд.[1] Бо марги Муътазид дар соли 902 писари ӯ Муктафӣ (902–908) фармони ҳукумати Исмоилро дубора тайид карда, ҳукумати Рай, Қазвин ва Занҷонро низ ба ӯ супорид.

Дар замони ҳукумати Исмоил ибни Аҳмад ҳудуди ҷуғрофиёии давлати Сомониён сарзаминҳои васеъро фаро гирифта, аз шимол – водии дарёи Талас, дар ҷануб то Сиистон, аз шарқ – марзҳои Туркистони шарқӣ ва Синд, дар ғарб то Эрони марказӣ мерасид. Дар умум ин ҳудудро бо андозаҳои имрӯзӣ баён кунем, он наздики 3 млн км$^2$-ро ташкил мекард. Исмоили Сомонӣ бо дироят ва хирадмандӣ тавонист дар ин сарзамини паҳновар давлати қудратманду мутамарказро таъсис диҳад. Тамоми талошҳои Исмоил ҷиҳати таъмини

---

[1] Наршахӣ. С. 165.
[2] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 97.
[3] Ҳамон ҷо.

бехатарии дохилӣ ва хориҷии мамлакат натиҷаи мусбат доданд ва ӯ имкон ёфт, ки ба ташкили дастгоҳи идории муташаккил ва сипоҳи муназзам пардозад.

Ба ин восита кулли сарзаминҳои тоҷикнишин (эронитаборон) муттаҳид шуда, давлати мустақил таъсис дода шуд. Барҳам хӯрдани ҷангҳои дохилӣ, рафъи хатари ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қабоили турк шароити мусоиди иқтисодӣ фароҳам оварда, барои рушди илму фарҳанг замина муҳайё карданд. Исмоил бо ташкили лашкари доимӣ ва муназзам, сохтмону таъмири деворҳои мудофиавии пурхарҷро, ки андозҳои бештар бар сари омма бор мекарданд, манъ кард. Таҳқиқоти бостоншиносии охир нишон доданд, ки деворҳои мудофиавии маъруфи Варахша маҳз аз замони Сомониён дигар таъмиру бозсозӣ нашуданд, ҳарчанд худи шаҳр хеле обод ва қобили зист буд. Зеро дар шароити мавҷудияти сипоҳи нерӯманд ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ба иншооти мудофиавии серхарҷ эҳтиёҷ намонда буд.[2]

Пойтахти давлати Сомониён – Бухоро дар ин давра яке аз ободтарин шаҳрҳо ва бузургтарин маркази илмию фарҳангии ҷаҳони он рӯз буд. Мустақилияти иқтисодию сиёсӣ ва қудрати кофӣ ба Исмоил имкон дод, ки забони форсии дариро забони расмии давлатӣ эълон намояд.

Бо мақсади идораи бонизоми давлат даҳ девон: девони вазорат, муставфӣ, амидулмулк, соҳибшурат, соҳиббарид, муҳтасиб, мушриф, қазо, мамлакаи хос ва авқоф таъсис дода шуд, ки ҳар кадом вазифаҳои мушаххасро ба уҳда доштанд. Бояд гуфт, ки дар аксари осори таҳқиқӣ теъдоди девонҳои Сомониён даҳ адад зикр шудааст.[3] Аммо муҳаққиқи эронӣ М. Ноҷӣ теъдоди онҳоро 12 адад: девони вазорат, хироҷ, ишроф, расоил, шурта, барид, қазо, ҳисба, авқоф, сипоҳ, мамлакаи хос ва об гуфтааст.[1]

Фаъолияти девонҳо дар вилоятҳои алоҳида бо ҳукуматҳои маҳаллӣ сахт алоқамандӣ дошт. Сарварони раёсатҳои маҳаллии девонҳо тобеи ҳокими маҳаллӣ ва сарвари девон дар марказ буданд. Дар вилоёту навоҳии алоҳида ҳокимонро бевосита амир бо машварати Ҳоҷиби бузург таъйин ва сабукдӯш

---

[1] Ибни Асир. Ҷ. 7. С. 502.
[2] История таджикского народа. Том. 2. С. 336.
[3] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989. С.29-35.

мекард. Сомониён одатан намояндагони сулолаҳои маҳаллиро, ки солҳои тӯлонӣ ба таври меросӣ ҳокимият доштанд, ба шаҳру навоҳӣ ҳоким таъйин мекарданд. Волиёни Хуросон дар миёни дигар ҳокимони маҳаллӣ мавқеи хос доштанд. Зеро дар баробари фармонравоӣ бар қисмати бузурге аз мамлакат – ҳокими Хуросон, ҳамзамон сипаҳсолор, яъне фармондеҳи кулли лашкари Сомониён маҳсуб мешуд. Тамоми вилоятҳои Хуросон тобеи волии он ба ҳисоб мерафтанд, ки дар Нишопур қароргоҳ дошт. Амири Сомонӣ барои таъйини ҳокимони вилоятҳои нисбатан муҳим, аксар вақт бо сипаҳсолор машварат мекард, ки ин далели мавқеи барҷаста доштани ӯ дар давлат мебошад.

Низоми муқарраршудаи давлатӣ на дар ҳама вилоятҳои тобеи давлати Сомониён амалӣ мегашт. Дар ҳайати ин давлат вилоятҳое буданд, ки мухторияти нисбӣ дошта, танҳо ба амирони Сомонӣ солона хироҷ мепардохтанд ва дар ҳолатҳои изтирорӣ вазифадор буданд, ки шумораи муайяни сарбозонро дар хидмати амири Сомонӣ қарор диҳанд.[2] Сиистон, Ғарҷистон, Гузгон, Ғазна, Хуттал, Чағониён, Исфиҷоб ва Хоразм аз ҷумлаи чунин вилоятҳо буданд. Сиёсати дохилии вилоятҳои мазкур тибқи салоҳдиди ҳокими маҳаллӣ ба роҳ монда мешуд. Ба қавли Муқаддасӣ вилояти Чағониён дар ҳолати зарурӣ 10 ҳазор сарбозро бо шумули аспҳояшон дар хидмати амири Сомонӣ қарор медод.[3] Саркашии ҳокимони баъзе аз вилоятҳои номбаршуда аз пардохти хироҷ ба Бухоро, боиси сар задани низоъҳои дохилӣ мегардид. Аз ҷумла, соли 907 волии Ҳирот Муҳаммади Ҳарсама ба амир Исмоил нома навишт, ки гурӯҳи исёнгар бо шумораи 10 ҳазор мард зери сарварии Бубилол дар кӯҳистонҳои Ғуру Ғарҷистон гирди ҳам омада, мардуми навоҳии атрофро ба иттиҳоди хеш мехонанд. Исмоил 500 сарбози ҷангозмудаи худро бо сарварии Беғаш ба он ҷониб равона, ба Бӯалии Марвазӣ нома навишт, ки бо онҳо пайвандад то ба Ҳирот рафта, Муҳаммади Ҳарсамаро ёрӣ диҳанд. Беғаш дар Марврӯд бо Буалии Марвазӣ пайваста, сӯи Ҳирот рафтанд. Дар Ҳирот ҳар ду сипоҳ бо лашкари Муҳаммади Ҳарсама муттаҳид шуда, дар кӯҳистонҳои

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён.С. 293-475.
[2] История таджикского народа. Том. 2. С. 340.
[3] Муқаддасӣ. С. 347.

Ғуру Ғарҷистон бо пайравони Бубилол ба ҷанг пардохтанд. Дар натиҷа исёни Бубилол пахш гардид ва худи ӯ бо даҳ нафар аз сарварони исён дастгир ва баъдан ба қатл расид.[1]

Дар пажӯҳишҳои донишмандон зимни додани маълумот дар хусуси ҳудуди давлати Сомониён, вилояти Ғур дар қатори Ҳирот ва Ғарҷистон аз тавобеи ин давлат гуфта шудааст.[2] Аммо дар тамоми харитаҳои имрӯзӣ, ки роҷеъ ба давлати Сомониён сохтаанд, вилояти Ғур берун аз ин давлат нишон дода мешавад. Вилояти Ғур ҳарчанд сокинонаш ба ислом нагаравида буданд, аммо аз лиҳози маъмурӣ тобеи волии Ҳирот буданд. Ҳодисаи хуруҷи Бубилол дар ин навоҳӣ ва пахш шудани исён тавассути лашкари амир Исмоил далели собити тобеияти Ғур ба давлати Сомониён аст.

25 ноябри соли 907 амир Исмоил вафот кард ва ба ҷои ӯ писараш Аҳмад ибни Исмоил (907–914) амири давлати Сомониён шуд. Амир Исмоил аз худ давлати мутамаркиз, сипоҳи қудратманд ва аз лиҳози иқтисодию фарҳангӣ рушдакардаро ба мерос гузошт.

Баъди ба тахт нишастани Аҳмад ибни Исмоил дар чанд шаҳру ноҳия исёнҳо бархоста, ба ноҳияҳои марзӣ низ аз ҷониби ҳамсоягон дастандозиҳо ба назар мерасид. Аҳмад мехост бо лашкар сӯи Рай равад ва ҳокимони исёнкардаи онро шикаст дода, тасаллути худро бар Табаристону Рай собит созад. Нахуст ӯ ба Самарқанд рафт ва амаки худ – Исҳоқ ибни Аҳмадро, ки дар сар фикри мустақилият дошт, боздошт кард.[3] Чун Аҳмад аз мушкилоти дохилии хонаводагӣ фориғ шуд, мақсад гузошт, ки вилоятҳои шӯридаро аз нав тобеъ кунад. Бо ин сабаб худ ба Нишопур омад ва аз он ҷо ба Рай рафта, лашкаре барои фатҳи Гургону Табаристон фиристод. Волии Рай ва Табаристон – Бориси Кабир, ки замони аморати Исмоил аз ҷониби ӯ таъйин шуда буд, аз Рай фирор кард ва ин вилоятҳо боз дар ихтиёри амир Аҳмади Сомонӣ қарор гирифтанд. Аҳмад ҳукумати вилоятҳои мазкурро ба Абдуллоҳ ибни Нӯҳ супорид. Солҳои 910–911 аз самти шимоли баҳри Хазар русҳо пайваста ба вилоятҳои соҳили

---

[1] Амиршоҳӣ Н. Давлатдории Тоҷикон. С. 310.
[2] Неъматов Н. Н. Давлати Сомониён. С. 47; История таджикского народа. Том. 2. С. 341, 354.
[3] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С. 148.

ҷануби он (асосан ба бандари Обискун) ҳамла карда, молу мулки мардуми маҳаллиро тороҷ мекарданд. Абдуллоҳ ибни Нӯҳ соли 911 лашкари худро фароҳам карда, русҳоро ғофилгир намуд ва шумори зиёде аз ононро нобуд кард. Аммо пас аз вафоти Абдуллоҳ ибни Нӯҳ (911) ҳамлаҳои русҳо болои мардуми маҳаллӣ авҷ гирифт.[1]

Дар ҳамон соли 911 хабари исён дар Сиистон бо роҳбарии бародарзодаи Яъқуби Лайс – Муъаддал ибни Алӣ ба амир Аҳмад расид. Ӯ аз Нишопур ба Ҳирот омада, барои саркӯб кардани исёни Сиистон лашкари худро бо сарварии Ҳусайни Марврӯдӣ, Аҳмад ибни Саҳл, Муҳаммад ибни Музаффар ва Симҷӯри Давотӣ фароҳам кард. Амир Аҳмад сипоҳи Муъаддал ибни Алиро шикаст дода, шаҳри Бустро фатҳ карда, Мансур ибни Исҳоқро волии Сиистон таъйин кард. Аз ин вақт, Сиистон аз ихтиёри Сaффориён берун рафта, зери ҳокимияти Сомониён қарор гирифт.[2]

Пас аз ин пирӯзиҳо дар Табаристону Сиистон, Аҳмад ибни Исмоил ба халифаи Бағдод нома навишта, аз ӯ ҳукумати Кирмону Форсро талаб кард ва танҳо Кирмон ба ӯ дода шуд.[3]

Дар солҳои охири ҳукумати Аҳмади Сомонӣ вазъи сиёсии вилоятҳои Табаристон ва Сиистон боз ошуфта шуд. Солҳои 913–914 волии нави Сомониён дар Табаристон – Муҳаммади Саълук барои қатъи ғоратгарии мунтазами русҳо маҳорати кофӣ надошт ва ҳам натавонист ба дастгирии мардуми маҳаллӣ ноил шавад. Чунин вазъи ногувори мардум заминаи сар задани ошӯби навбатиро фароҳам мекард. Мубаллиғони шиа бо сарварии Ҳасан ибни Алии Утруш (Носир Кабир), ки дар замони амир Исмоил ҳукумати Табаристонро аз даст дода буданд, фурсати муносиб барои барқарор кардани ҳукумати худро ёфтанд. Сипоҳе, ки Аҳмади Сомонӣ барои ҷанг бо Носир Кабир фиристода буд, дучори шикаст шуд. Амир Аҳмад сипоҳи 40-ҳазорнафарие гирд оварда, мехост худ ба

---

[1] Дорн Б. А. Каспий. О походах древних русских в Табаристан с дополнительными известиями о других набегах на прибрежья Каспийского моря. – В кн.: Приложение № 1 к XXVI т. Записок Императорской Академии наук. СПб., 1875; А. П. Ковалевский. Книга Ахмеда ибни Фадлана об его путешествии на Волгу в 921–922 гг. –Харьков, 1956. С. 16–17; С. Шамси. Путешествия Ибн Фадлана на реку Итили. М., 1992. С. 65.
[2] Ҷавод Ҳиравӣ. С. 139.
[3] Табарӣ. Китоби 8. С. 1253.

Табаристон биравад. Ин замон, писари амаки Аҳмад – Мансур ибни Исҳоқ, ки волии Сиистон таъйин шуда буд, бо рафтори ношоистааш сабабгори сар задани исёни навбатӣ дар соли 913 шуд. Аҳмади Сомонӣ Ҳусайни Марврӯдӣ ва Симҷӯри Давотиро боз ба Сиистон фиристод, ки исёнро хомӯш карданд. Мансур ибни Исҳоқ аз умури Сиистон маъзул ва ба Нишопур ҳоким таъйин шуда, ба ҷои ӯ Симҷӯри Давотӣ волии Сиистон шуд. Ин амал норозигии Ҳусайни Марврӯдиро ба бор овард. Дар чунин ҳол буд, ки амир Аҳмад ба дасти чанд нафар аз ғуломони худ кушта шуд.[1]

Аҳмад ибни Исмоил давлати орому мутамаркизеро, ки аз падар ба мерос гирифт, дар давоми ҳафт сол барои пойдорию тамомияти арзии он кӯшиш намуд. Самараи кӯшишҳояш буд, ки **вилояти Кирмон ба қаламрави давлати Сомониён ҳамроҳ шуд**. Ҳамроҳшавии Кирмон ба ҳайати давлати Сомониён марзҳои ин давлатро дар ҷануб то Халиҷи Форс густариш дода, роҳро барои тиҷорати баҳрӣ боз кард. Аммо аҳамияти роҳҳои баҳрӣ аз самти Халиҷи Форс дар он рӯзгор ба ҳадди имрӯзӣ бузург набуд. Зеро нақши калидиро дар он вақт бандарҳои баҳри Миёназамин соҳиб буданд ва барои давлати Сомониён Роҳи Бузурги Абрешим муҳимтар аз роҳҳои баҳрии қаламравҳои ҷанубиаш буд.

Исёнҳое, ки Табаристон ва Сиистонро дар замони фавти амир Аҳмад фаро гирифтанд, эҳтимоли аз даст рафтани вилоёти мазкурро бештар мекарданд. Аммо ворисии тахти Сомониён писари Аҳмад ибни Исмоил – Наср ибни Аҳмад (914–943) муваффақ шуд пойдории давлати худро нигоҳ дорад. Замоне ки Наср (Насри II) амири давлати Сомониён шуд, ҳамагӣ ҳашт сол дошт. Зимоми кори давлатро вазири донишманди Сомониён – Абдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ дар ихтиёр гирифта, Ҳамӯя ибни Алӣ сипаҳсолор таъйин гардид. Ҷайҳонӣ олими забардасти соҳаи ҷуғрофиё, фалсафа, мунаҷҷими асри X тоҷик ба шумор мерафт. Ӯ таввасути дониши баланд ва кордонии хеш тавонистааст, ки ба муборизаҳои дохилии хонадони Сомониён хотима дода, исёнҳоеро, ки заминдорону амалдорон дар маҳалҳои гуногун бардошта буданд, пахш карда, аз нав ҳудуди замони давлатдории Исмоилро эҳё намояд. Аҳмади Ҷайҳонӣ ва

---

[1] Наршахӣ. С. 169.

Ҳамӯя ибни Алӣ бо хидматҳои бузурги худ тавонистанд давлати Сомониёнро бо марзҳои густурдааш ҳифз намоянд.

Дар қатори исёнҳои Сиистону Табаристон, соли 914 амаки амир Наср – Исҳоқ ибни Аҳмад дар Самарқанд исён бардошта, бо сипоҳи худ барои сарнагун кардани ҳукумати Наср ба Бухоро раҳсипор шуд. Сипаҳсолор Ҳамӯя ибни Алӣ ба муқобалаи ӯ рафта, дар ду ҷанг Исҳоқро шикаст дод ва ӯро асир карда, ба Бухоро овард.[1]

Соли 915 яке аз сарлашкарони Сомониён – Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ дар Ҳироту Нишопур исён бардошт. Ин исён низ аз тарафи Ҳамӯя ибни Алӣ шикаст дода шуд. Соли 919 Ҳусайни Марврӯдӣ бори дуюм дар Нишопур бо дастгирии исмоилиёни Хуросон исён бардошт. Ин шӯриш ба василаи Аҳмад ибни Саҳл, ки аз деҳқонони Хуросон ва аз хонадони ашрофи Балх буд, фурӯ нишонда шуд ва Ҳусайни Марврӯдӣ асир афтода, ба Бухоро фиристода шуд.

Аммо соли 920 Аҳмад ибни Саҳл худ ба муқобили амир Наср исён бардошта, Ҳирот, Нишопур, Марв ва Гургонро тасарруф намуд. Ҳамӯя ибни Алӣ ба муқобили Аҳмади Саҳл аз Бухоро лашкар кашида, ӯро асир кард ва ба Бухоро фиристод.[2]

Дар тӯли шаш соли аввали ҳукумати Насри дуюм (914–920) кӯшишҳои баъзе фармонравоёни маҳаллӣ барои касби мустақилият аз амири Сомонӣ, ба хусус дар Самарқанд, Фарғона, Ҳирот ва Нишопур ба шикаст дучор шуд. Аммо аз соли 915 ҳукмронии фаъоли Сомониён дар Сиистон ба мушоҳада намерасад.[3]

Миёни солҳои 914–928 Рай ва Табаристону Гургон вазъи хеле ошуфта доштанд. Ҳамлаи ҳокими Озарбойҷону Арманистон – Юсуф ибни Абисоҷ аз як тараф, ҷангҳои ҳокимиятталабии алавиён аз тарафи дигар, ин минтақаро ба макони бархӯрди манфиатҳо табдил дода, онро аз зери итоати Сомониён берун карда буд. Ба ин сабаб амир Наср барои муътадил кардани вазъ дар манотиқи ғарбии давлаташ муддате дар Нишопур зиста, сипоҳи муҷаҳҳазро бо сарварии

---

[1] Наршахӣ. С. 169.
[2] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С. 151–152.
[3] Амиршоҳӣ Н. Давлатдории Тоҷикон. С.326.

Ҳамӯя ибни Алӣ барои тобеъ кардани Рай ва Гургону Табаристон фиристод. Илова бар ин, амир Наср аз зиддиятҳои байниҳамдигарии сардорони маҳаллии манотиқи мазкур истифода карда, ҳокимияти Сомониёнро мустаҳкам мекард. Вақте дар ҷангҳои байнихудии сардорони Табаристону Гургон Асфор ибни Ширӯя (бо дастгирии амир Наср) ғолиб шуд, **дар Рай, Табаристон, Қазвин, Қуму Кошон хутба ба номи амир Наср хонда шуд**.[1]

Соли 930 замони дар Нишопур будани Наср, дар Бухоро фитнае рух дод, ки исмоилиён ва баъзе аз ҷонибдорони хуруфия дар он даст доштанд. Бародарони Наср ҳам, ки вай онҳоро аз бими шӯриш дар куҳандижи шаҳр ҳабс карда буд, ба ин моҷаро пайвастанд. Бародарони Наср – Яҳё, Мансур ва Исҳоқ ҳамроҳ бо зиндониён, аз шумули дайламиёну алавиён хазинаҳо ва коххои Насрро ғорат карда, дастае аз сарбозонро ба соҳили Ҷайҳун фиристоданд, то нагузоранд амир Наср сӯи Бухоро ояд.[2] Бо тадбири вазири донишманд Абулфазли Балъамӣ моҷаро хотима ёфт, амир ба Бухоро омад ва бародаронаш Мансуру Иброҳим бо ӯ созиш карданд. Аммо Яҳё фирор карда, аввал ба Балх, сипас ба Марву Нишопур рафта, бо ҳамроҳии Муҳаммад ибни Илёс исён бардошт. Вале амир Наср ин иттиҳодро шикаст дод ва сарони он – Муҳаммади Илёс ба Кирмон ва Яҳё ба Сиистон фирор карданд. Баъдан Яҳё аз ҷониби амир Наср афв гардид ва муттафиқи ӯ – Қаротакин ба вилояти Балх ҳоким таъйин шуд.

Аммо дунболаи ин фитна дар Нишопур ба сурати як қиёми зидди хилофати Аббосӣ бо тамоюлоти шиъӣ ба вуҷуд омад. Наср дар фурӯпошии ин хушунат қотеияти зиёде нишон надод. Тарзи рафтораш бо ин шӯришгарон бо салиқаи фақеҳони суннимазҳаби Бухоро мувофиқ наяфтод ва онҳоро аз Наср ба шиддат норозӣ кард. Дар дарбори Бухоро дудастагиҳое пайдо шуда буд ва фақеҳони Бухоро ба мухолифони Наср пайваста буданд.

Бо даргузашти Асфор ибни Ширӯя дар соли 932 яке аз сарлашкарони ӯ Мардовиҷ ибни Зиёр (бунёдгузори сулолаи Зиёриён) ҳукумати Рай ва Гургону

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 328.
[2] Ноҷӣ. Фарҳанг. С 105.

Табаристонро дар ихтиёр гирифта, барои ҷудо кардани қаламрави худ аз давлати Сомониён талош варзид. Сипаҳсолори Хуросон ва сарлашкари маъруфи Сомониён – Абубакр ибни Муҳтоҷи Чағонӣ сипоҳи ворисi Мардовиҷ – Вушмгир ибни Зиёрро (934–940) дар наздикии Рай шикаст дод. **Қарор шуд, ки Зиёриён бо пардохти хироҷи солона ба амири Сомонӣ дар Гургон ҳокимият дошта бошанд.**[1]

Гардезӣ навиштааст, ки дар рӯзгори амири Наср ибни Аҳмад воқеаҳои бешумор рух додааст, ки «бо зикри ҳар кадоми онҳо дафтар ба татвил анҷомад».[2]

Муборизаҳо барои дастёбӣ ба ҳукумати Гургон, Табаристон ва Рай, ки миёни гумоштагони халифаи Бағдод, сипаҳсолорони Сомонӣ ва фармондеҳони маҳаллӣ ҷараён дошт, дар умум ба нафъи Сомониён анҷомид. Аммо Гургон на аз ҷониби волиёни гумоштаи амири Сомонӣ, балки тавассути сардорони маҳаллӣ идора мешуд. Дар Гургон сулолаи нави маҳаллӣ – Зиёриён, ки худро аз табори Сосониён мепиндоштанд, зуҳур кард. Онҳо дар умури дохилӣ худмухтор буда, аммо солона ба хазинаи давлати Сомониён хироҷ мепардохтанд.

**Соли 939** Абубакри Чағонӣ бо сабаби беморӣ аз сипаҳсолории Хуросон канор рафт ва писараш Абуалии Чағонӣ аз ҷониби амир Наср ба ҷои ӯ таъйин шуд. **Абуалӣ тавонист нобасомониҳои вилоёти ғарбии давлати Сомониёнро ба низом оварад ва нуфузи Сомониёнро дар ин навоҳӣ ҳифз кунад.**[3] Солҳои охири ҳукумати Насри дуюм Абуалии Чағонӣ дар самти ғарб Ироқи Аҷам (Ҷибол)-ро ҳам фатҳ намуда, ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ кард, вале бо шунидани хабари фавти амир Наср ба Хуросон бозгашт.[1]

Лашкаркашиҳои пай дар пай барои пахши исёнҳо ва саркӯбии исёнгарон харҷи зиёдро талаб мекард. Аз ин рӯ, дар солҳои охири ҳукумати Наср ибни Аҳмад давлат ба мушкилоти молӣ дучор омад. Ҳамзамон, сарварони ҳаракати

---

[1] Ибни Асир. Ҷ. 8. С. 304.
[2] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С. 154.
[3] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 182.

қарматия, ки ба дарбори Наср роҳ ёфта буданд, 40 ҳазор дирҳами хазинаро, ки барои товони қатли Ҳусайни Марвазӣ мебоист ба халифаи Фотимӣ фиристанд, аз худ карданд.[2] Барои ҷуброни хисороти воридшуда соли 942 ду маротиба аз аҳолӣ андоз ситонида шуд, ки боиси норизогии сахти онҳо гардид. Иловатан, сарбозони давлат муддати зиёд маош нагирифта буданд ва норозигии онҳо амнияти мамлакатро ба хатар андохта буд. Дар пайи ин воқеаҳо гурӯҳе аз фармондеҳони сипоҳ бо иттифоқи рӯҳониён ба ҷони амир Наср сӯиқасд ташкил карданд, ки он ноком анҷомид. Аммо бо фишори онҳо Наср ночор аз тахт даст кашид ва писараш Нӯҳ ибни Наср (943–954), ворnum тахти Сомониён шуд.

Баъд аз Исмоили Сомонӣ дурахшонтарин даврони фармонравоии оли Сомон даврони ҳукумати Насри II мебошад, ки сӣ сол бар Мовароуннаҳру Хуросон амирӣ кард. Бо он ки падари ӯ тайи як сӯйқасд кушта шуд, ҳимояти аҳли девон ва саъю тадбири вазироне чун Абуабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва Абулфазли Балъамӣ оғози фармонравоии вайро аз ноором ва бесуботӣ эмин нигаҳ дошт. Насри II ба кӯмаки ин вазирон дар ҳимояти аҳли адаб ва эҳёи фарҳанги форс-тоҷик кӯшишҳо кард.

Хулоса, дар муқоиса бо давраи ҳукумати амир Исмоили Сомонӣ ва Аҳмад ибни Исмоил, **ҳудуди давлати Сомониён дар замони Насри II ба таври назаррас тағйир наёфт**. Танҳо соли 917 Сиистон аз итоати Сомониён берун шуда, дар соли 928 Гургон дар умури дохилӣ мухторият ба даст овард, дар ҳоле, ки дар аҳди Исмоил ва Аҳмад ин ду вилоят бевосита аз Бухоро идора мешуданд. Дар ин давр сипаҳсолорони Хуросон имтиёзи бештаре ба даст оварда, баъзан саркашии онҳо то ҳадде мерасид, ки миёни ҳам барои касби ҳукумат ба мухолифат мепардохтанд.

---

[1] Ибни Асир. Ҷ. 8. С. 359, 369–70, 388–89.
[2] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 459.

## 2. 3 Мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониён

Дар ин зербоб асосан тавсифи вилоятҳо ва шаҳрҳое, ки аз замони ҳукумати Исмоили Сомонӣ то ба даврони Наср ибни Аҳмад вориди қаламрави давлати онҳо буданд, хоҳад шуд. Зеро давлати Сомониён дар ин замон сарзаминҳои густурдаеро аз Мовароуннаҳр ва шимоли он – водии дарёи Талас, шарқи он – марзҳои Туркистони шарқӣ, то ба Хуросон ва ҷануби он – Синд ва дар ғарб то Эрони марказиро дар бар мегирифт.

Бузургтарин шаҳрҳо ва вилоятҳои он – Бухоро, Самарқанд, Усрушана, Фарғона, Хуҷанд, Чоч, Элок, Исфиҷоб, Хоразм, Гурганҷ, Чағониён, Кеш, Нахшаб, Хатлон, Бадахшон, Балх, Ҷузҷон, Ғарҷистон, Ғур, Сиистон, Бомиён, Марв, Нишобур, Сарахс, Ҳирот, Ғазна Гургон, Рай, Табаристон ва ғайра буданд, ки ҳар кадом шаҳракҳо ва рустоҳои бисёре доштанд. Чун дар бораи аксари ин вилоятҳою шаҳрҳо дар боби аввали рисола маълумоти ҷуғрофиёӣ дода шудааст, ин ҷо пиромуни онҳо танҳо он ахборе дода мешавад, ки марбут ба замони Сомониён аст.

**Бухоро.** Сомониён аз соли 874 бар Бухоро тасаллут ёфтанд, ки то ин дам дар ихтиёри волиёни Тоҳириёну Саффориён буд. Ин шаҳр аз соли 892 – замони ба тахт нишастани Исмоили Сомонӣ пойтахти давлати Сомониён эълон шуд. Бухоро нисбат ба шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр дар замин ва боду ҳавои хушк қарор гирифта, бо сабаби ҳамҷавориаш бо кӯҳистон иқлими он тағйирёбанда аст: зимистони нисбатан дарозу сард, баҳори сербориш ва тобистони гарму хушк дорад.

Бухоро аз лиҳози сохтмон ба шаҳри Димишқ монандӣ дошт: хонаҳои зич, мардуми қавму нажодашон гуногун, бозорҳои фарох, анвоъи гуногуни хӯроку либос ва ғайра. Мардуми Бухоро асосан бар мазҳаби Абуҳанифа буданд ва шаҳр масҷиди ҷомеъи пуршукӯҳе дошт, ки дар он ба ҷуз фуқаҳо ва муфассирин дигаронро иҷозати зикр набуд.[1] Зиндони шаҳр низ дар дохили қалъа буд.

Дар замони Сомониён шаҳри Бухоро мисли дигар шаҳрҳои асримиёнагӣ аз се қисм иборат буд: арк ё куҳандиз, ки дар он қасри амир, хазина, зиндон,

масҷиди ҷомеъ ва ғайра ҷойгир буданд;[2] шаҳристон, ки бо девор иҳота шуда, дорои ҳафт дарвоза буд; рабаз, ки он асосан дар беруни шаҳр қарор дошт. Дар асрҳои IX–X ҳудуди рабаз васеъ гардида, атрофи он девор гирифта шуд, ки ёздаҳ дарвоза дошт. Ибни Хурдодбеҳ дар бораи Бухоро ва рустоҳои тобеи он овардааст: «Ва Бухоро дорои куҳандиз (куҳандиж) ва шаҳрҳои Кармина, Тавовис, Бумҷикат, Вардона, Байканд ё шаҳри бозаргонон ва Барфар бошад.[3]

Тибқи маълумоти Ҷайҳонӣ шаҳристони Бухоро ҳафт дарвоза дошт: дари Шаҳристон, дари Нав, дари Ҳурфа, дари Оҳанин, дари Куҳандиз, дари Банӣ Асад ва дари Банӣ Саъд.[4] Истахрӣ шумораи дарвозаҳои шаҳристони Бухороро ҳафто ҳисобида мегӯяд, ки онҳо аз оҳан сохта шудаанд ва онҳоро бо андаке тафовут чунин номбар мекунад: дарвозаи Шаҳр, дарвозаи Нур, дарвозаи Ҳурфа, дарвозаи Куҳандиз, дарвозаи Банӣ Асад, дарвозаи Меҳр ва дарвозаи Банӣ Саъд.[5] Дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ дарвозаҳои Бухоро чунин номбар шудаанд: дарвозаи Бозор, дарвозаи Шаҳристон, дарвозаи Банӣ Саъд, дарвозаи Банӣ Асад, дарвозаи Арк, дарвозаи Ҳурфа ва дарвозаи Нав.[6]

Муқоисаи ин мавод аз он далолат менамоянд, ки гарчанде дар номгузории дарвозаҳо баъзе ихтилофҳо бошанд ҳам, шумораи дарвозаҳои шаҳристони Бухоро дар аҳди Сомониён ҳафтто будааст.

Бухоро дар асри X деворе дошт, ки "тӯли ҳар зилъаш як фарсах буд ва дар ҷилгае ба фосилаи каме дар ҷануби рӯди Суғд қарор дошт".[1] Роҷеъ ба девори атрофи Бухоро Ибни Ҳавқал менависад, ки "Бухоро дар ҷулга қарор дорад ва биноҳои он аз чӯб мушаббак аст. Перомуни онро қасрҳову боғҳову маҳаллаҳо ва кӯчаҳои сангфарш ва қурои ба ҳам пайваста ба масоҳати дувоздаҳ бар дувоздаҳ фарсах фаро гирифта. Ҳамаи ин қасрҳо ва биноҳо ва қуро ва

---

[1] Муқаддасӣ. Саҳ 281.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Душанбе 1989. с.37.
[3] Ибни Хурдодбеҳ. Масолику-л- мамолик.ТарҶумаи Саъиди Хокаранд. Теҳрон 1371.
[4] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. Муқаддима ва таълиқоти Ф.Мансурӣ. Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1368 ҳ. С. 184.
[5] Истахрӣ, Абӯисҳоқ Иброҳимибни Муҳаммад Форсӣ. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Бо эҳтимоми Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1373 ҳ.ш. С. 328.
[6] Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср ал-Қубовӣ. Талхиси Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар. Тасҳеҳ ва тапҳшияи Мударриси Разавӣ. Теҳрон, Тӯс, 1363 ҳ.ш. С. 73-80.

қасаботро боруе иҳота кардааст ва дар лобалои онҳо ҳаргиз замини боиру вайрон ба чашм намехӯрад. Ва илова бар ин, бору, қасрҳо ва хонаҳо ва маҳаллаҳое, ки аз қасаба маҳсуб мешавад, бад-он мепайвандад ва сокинони он мардуми қасаба ҳастанд, ки дар зимистону тобистон дар он ҷо иқомат доранд”.[2]

Тибқи маълумоти маъхазҳои хаттӣ ба ҷуз аз ин девори бузург дар ин давр дар Бухоро девори дигаре низ вуҷуд доштааст. Ба қавли Истахрӣ масоҳати он девор ба як фарсах дар як фарсах тӯл кашида, сокинони маҳаллӣ дар он ҷой доштанд.[3] Ҷайҳонӣ низ чунин маълумотро меорад.[4]

Доир ба арк ё кӯҳандизи Бухоро Истахрӣ менависад, ки куҳандизи Бухоро ду дарвоза дошт, ки якеро дарвозаи Регистон мегуфтанд ва он дар самти ғарб ҷойгир буд ва дигареро дарвозаи Ғуриён ё дарвозаи Масҷиди одина меномиданд.[5] Тибқи маълумоти Ёқути Ҳамавӣ куҳандизи Бухоро берун аз шаҳристон воқеъ буда ва масоҳати он ба қадри як шаҳри хурд буд.[6] Ҷайҳонӣ менависад, ки кӯҳандизи Бухоро ду дарвоза дошт: якеро дари Регистон гӯянд ва дигареро дари Масҷиди Ҷомеъ.[7] Муқаддасӣ ин дарвозаҳои Регистонро Бобу-с-саҳл ва дарвозаи Масҷиди одинаро Бобу-л-ҷомеъ ном бурдааст.[8] Аз дарвозаи масҷид ба Масҷиди ҷомеъ, мерафтанд, ки он дар Регистон назди дарвозаи куҳандиз воқеъ буд. Масҷиди ҷомеъ наздики арк буд ва дар худи шаҳр низ масҷидҳои хурди зиёд, бозорҳо, ҳаммомҳо ва майдонгоҳҳои бисёр вуҷуд доштанд.[9]

Таҳлили ин мавод гувоҳи он аст, ки куҳандизи Бухоро дорои ду дарвоза буда, дар беруни шаҳр воқеъ будааст.

Бахши дигари шаҳри Бухороро рабаз ташкил мекард, ки он дар васати шаҳристон ва девори қадима воқеъ буда, дарвозаҳои зиёд дошт. Адади

---

[1] Ле Стренҷ. Ҷуғрояияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. Мутарҷим Маҳмуди Ирфон. Чопи ҳаштум. Теҳрон, 1390 ҳ.ш. С. 490.
[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Сомониён дар оинаи таърих . Ҷилди 2. Хуҷанд, 1999. С. 144-145.
[3] Истахрӣ. Масолик ва мамолик. С. 326.
[4] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 183.
[5] Истахрӣ. Масолик ва мамолик. С. 395.
[6] Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷаму-л-булдон. Ҷилди 1. Бейрут, 1397. С. 353.
[7] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 183.
[8] Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л- ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1361 ҳ.ш. С. 280.
[9] Ле Стренҷ. Ҷуғрояияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. С. 490-491.

дарвозаҳои рабази Бухоро дар маъхазҳои хаттӣ ба ихтилофот зикр шудаанд. Тибқи ахбори Истахрӣ шумораи дарвозаҳои рабаз ёздаҳто буда, чунин номҳо доштанд: дарвозаи Майдон, ки бар сари роҳи Хуросон буд, дарвозаи Иброҳим, дарвозаи Рев, дарвозаи Мардкуша, дарвозаи Калобоз, дарвозаи Навбаҳор, дарвозаи Самарқанд, дарвозаи Фағосукун, дарвозаи Ромисания, дарвозаи Ҳадшурун, дарвозаи Ғушч.[1]

Ҷайҳонӣ менависад, ки шумораи дарвозаҳои рабази Бухоро сездаҳтоанд: дари Майдон, дари Иброҳим, дари Рабуд, дари Марви Қамиша, дари Калобод, дари Самарқанд дари Навбаҳор, дари Лафоскун, дари Ромина, дари Пули бозорча, дари Форҷиқ, дари Дарвоҷа ва дари Кӯи Муғон.[2]

Дар рабази Бухоро бозорҳо низ ҷой доштанд, ки баъзеяшон дарвозаҳои худро доштанд. Аз ҷумла, дарвозаи Оҳан, дарвозаи Пули Ҳассон, дарвозаи наздики масҷиди Моҷ, дарвозаи Рахна, дарвозаи наздики қасри Абиҳишом ал-Каннонӣ, дарвозаи наздики Пули Сувайка, дарвозаи Фориҷак, дарвозаи Дарвозаҷа, дарвозаи Роҳи муғон ва дарвозаи Самарқанд.[3]

Бухоро дорои рустоҳои зиёд буд. Доир ба шумораи рустоҳои Бухоро дар маъхазҳои хаттӣ маълумоти мухталиф вуҷуд дорад. Истахрӣ менависад, ки шумораи рустоҳои Бухоро 22 - тоанд, ки 15 тои он дар дохили девор ва боқӣ дар берун аз он қарор доштаанд.[4]

Дар бораи рустоҳои Бухоро муаллифони асримиёнагӣ маълумоти зиёд овардаанд, ки зикри баъзе аз рустоҳои онро мекунем:

*Тавовис.* Наршахӣ мегӯяд, ки дар Тавоис мардумоне будаанд сарватманд ва хеле ботаҷаммул, ки дар хонаи ҳар яке аз онҳо як-ду товус нигаҳ дошта мешуд. Арабҳо чун дар он ҷо товус бисёр диданд, он деҳро «Зоту-т-тавоис» ном карданд, ки минбаъд ин ном ихтисор шуда, Тавоис гуфтани он маъмул гардидааст. Тавоис дорои масҷиди ҷомеъ ва шаҳристони бузург буда, дар ҳафтфарсангии Бухоро сари роҳи Самарқанд воқеъ будааст.[5]

---

[1]Истахрӣ. Масолик ва мамолик. С. 328.
[2] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 184.
[3] Саид Нафисӣ. С. 45-46.
[4] Истахрӣ. С. 244.
[5] Наршахӣ. С. 41.

Тибқи ахбори Муқаддасӣ Тавовис яке аз рустоҳои маъруфи Бухоро аст, ки он дар макони босафое ҷойгир буда, ҳар сол як рӯз бозоре дошт. Девори он вайрон шуда масҷиди ҷомеъ аз байн рафтааст.[1] Истахрӣ менависад, ки дар Тавовис ҳар сол мардуми зиёде "аз Мовароуннаҳр ҳангоме муайян аз сол дар он гирд меомаданд ва аз ҷомаҳои пунба ба шаҳрҳои дигар мебурданд. Оби равон ва боғу бӯстони фаровон дорад. Куҳандиз ва шористон дорад".[2] Ин матлабро Ҷайҳонӣ ва муаллифи "Ҳудуду-л-олам" низ зикр кардаанд.[3]

*Кармина.* Истахрӣ менависад, ки Кармина бузургтар аз Тавовис аст ва ободтару пурҷамъияттар ва хуррамтар аз он.[4] Наршахӣ менависад, ки оби Кармина аз оби Бухорост ва хироҷи он аз хироҷи Бухорост. Вайро рустое алоҳида аст ва масҷиди ҷомеъ дорад. Аз Бухоро то Кармина чаҳордаҳ фарсанг аст.[5] Тибқи ахбори "Ҳудуд-ул-олам" Кармина дар роҳи Самарқанд воқеъ буда ободон аст. Неъмати зиёд, обҳои равон ва дарахтон дорад.[6]

*Зандана.* Истахрӣ мегӯяд, ки Зандана дар чаҳор фарсах аз шимоли Бухоро воқеъ аст.[7] Тибқи маълумоти Муқаддасӣ "Зандана аз сӯи шимол буд ва зиёъи бисёр дошт ва онро масҷиди ҷомеъ ва рабази ободон буд".[8]Мувофиқи маълумоти Наршахӣ Зандана куҳандизи бузург, бозори бисёр ва масҷиди ҷомеъ дорад, ки ҳар рӯзи ҷумъа дар он ҷо намоз мегузоранд ва бозорӣ мекунанд. Маҳсулоти асосии он карбоси хушсифати «занданаҷӣ» будааст, ки онро ба Ироқу Форс, Кирмон ва Ҳиндустон мебурдаанд. Ҳамаи бузургону подшоҳон аз он ҷома созанд ва ба қимати дебо бихаранд.[9]

*Афшана*. Тибқи ахбори Наршахӣ Афшана шаҳристони бузург ва девори устувор дошт. Дар он ҷо ҳар ҳафта як рӯз бозор мешуд. Қутайба ибни Муслим дар он ҷо масҷиди ҷомеъ бино кард. Муҳаммад ибни Восеъ низ дар Афшана

---

[1] Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим. Таълифи Шамсиддин Абиабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абибакр ал-Муқаддасӣ. Лейден, 1906. С. 281.
[2] Истахрӣ. С. 244.
[3] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён ваэҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Душанбе, 1998. 159-160; Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн Н. Қосимов. Душанбе: Ирфон, 1983. С. 69.
[4] Истахрӣ. С. 245.
[5] Наршахӣ. 38.
[6] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.
[7] Истахрӣ. С. 246.
[8] Муқаддасӣ. С. 271.
[9] Наршахӣ. С. 42-43.

масҷиде сохтааст.[1] Муқаддасӣ мегӯяд, ки Афшана дар қисмати ғарбии Бухоро воқеъ буда макони покизаест.[2] Саъид Нафисӣ таъкид менамояд, ки Афшана маконест, ки модари Абуалӣ ибни Сино – Ситора аз он ҷо буд ва ӯро ба қасабаи Хармайсан ба никоҳ бурданд.[3]

*Искиҷкат.* Наршахӣ дар "Таърихи Бухоро" меорад, ки Искиҷкат куҳандизи бузург дорад. Мардумони он ҳама бозаргон буда, он ҷо карбос истеҳсол мешуд ва ҳар панҷшанбе он ҷо бозоргоҳ буд. Искиҷкат аз ҷумлаи хоссаи султонӣ буд ва Абуаҳмад ал-Муваффақ ин деҳаро ба ҳокими Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир  (863–873) ба муқотаа (ба иҷора) дод ва ӯ онро фурӯхт. Саҳл ибни Аҳмади Доғвонии Бухорӣ онро харида, гармоба ва дар лаби рӯд кохи бузурге сохт ва онро Кохи Дағвонӣ мехонданд, ки то он замон буд. Он кохро об вайрон кард.[4]

*Байканд.* Дар маъхазҳои хаттӣ баъзан ба шакли Пайканд омадааст. Дар "Ашколу-л-олам" омадааст, ки Пайканд ягон деҳа надорад, аммо дорои работҳост. Муаллифи китоб гӯяд: "Чунин шунидам, ки талу работҳои он ҳазор бошад ва ин Пайкандро бораи устувор аст; масҷиди одина бағоят мутакаллиф ва меҳробе ороста, чунончи дар Мовароуннаҳр хубтар аз он нест."[5]

Муаллифи "Масолик ва мамолик" менависад, ки ҳар шаҳре аз навоҳии Бухоро ноҳияте дорад, "ба ҷуз аз Байканд, ки русто надорад, лекин қурби ҳазор работ дорад. Байкандро девор ҳаст. Дар Масҷиди одина меҳробе сохтаанд, ки дар ҳама Мовароуннахр ботакаллуфтар аз он нест".[6]

Тибқи маълумоти Муқаддасӣ Байканд "бар ҷониби Ҷайҳун, дар канори саҳрои регистон воқеъ буд. Дар он ҷо деворе буд, ки як дарвоза дошт. Бозори он обод буд. Дар меҳроби масҷиди ҷомеъ ҷавоҳир буд. Дар поини он рабаз воқеъ буд, ки бозор дошт. Байканд наздики ҳазор работи ободу вайрон дошт".[7]

---

[1] Наршахӣ. С. 43.
[2] Муқаддасӣ. С. 281.
[3] Саъид Нафисӣ. С. 62.
[4] Наршахӣ. С. 39-41.
[5] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 160.
[6] Истахрӣ. С. 245.
[7] Муқаддасӣ. С. 281.

Муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” таъкид менамояд, ки Байканд шаҳракест ӯро миқдори ҳазор работ аст ва заминаш дуруст аст ва андар вай гунбади гӯрхонаҳост, ки аз Бухоро он ҷо баранд.[1]

Наршахӣ Байкандро аз ҷумлаи шаҳрҳо гуфтааст: “Ва аҳли Байканд бад-он ризо надодаанд, ки касе Байкандро деҳа хонад. Ва агар касе аз аҳли Байканд ба Бағдод рафтааст ва ӯро пурсидаанд, ки “аз куҷоӣ?” – гуфтааст, ки “аз Байканд”, нагуфтааст, ки “аз Бухоро”. Ва масҷиди ҷомеи бузург дорад ва биноҳои олӣ. То таърихи соли 240/ 855 бар дари он работҳои бисёр будааст. Байкандро зиёдат аз ҳазор работ будааст, ба ададди деҳаҳои Бухоро ва сабаб он будааст, ки ин Байканд ҷои муаззами нек аст. Аҳли ҳар деҳе он ҷо работе бино кардаанд ва ҷамоатеро нишонда ва нафақаи эшон аз деҳа мефиристодаанд. Ва зимистон, ки ҳангоми ғалабаи кофирон мешуд, аз ҳар деҳе он ҷо мардуми бисёр гирд меомаданд ва ғазв мекарданд. Ва ҳар қавме ба работи хеш фуруд меомад. Аҳли Байканд ҷумла бозаргон буданд ва бозаргонии Чину дарё мекарданд ва бағоят тавонгар буданд. Ва Қутайба ибни Муслим бисёр ранҷ дид ба гирифтани ӯ, ки бағоят устувор буд. Ва ӯро “Шаҳристони рӯин” хондаанд ва қадимтар аз шаҳри Бухорост. Ва ҳар подшоҳе, ки дар ин вилоят будааст, мақом он ҷо сохтааст”.[2]

Байканд дар асри X дорои қалъае буд, ки фақат як дарвоза дошта, дар сатҳи шаҳр масҷиде музайян бо сангҳои мармару меҳроби зарандуд мавҷуд будааст. Корвонсароҳои бисёр дошт, ки нақл кардаанд шумораи онҳо ба ҳазор мерасид.[3]

Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд Байканд дар масофаи 5 фарсах аз Бухоро воқеъ буда, маркази тиҷратӣ ба шумор мерафт. Дар он ҷо ду бозор амал менамуд, ки яке дар арк ва дигаре дар наздикии шаҳр буд. Масҷиди ҷомеи он бо меҳроби худ, ки тиллокорӣ шуда бо сангҳои гаронбаҳо оро додо шуда буд, фахр мекард. Аз назди Байканд наҳри Ҳаромком ҷорӣ мешуд.[1]

Харобаҳои Байканд ҳоло дар 40-километрии ғарби Бухоро воқеъ мебошанд. Дар замони Сомониён Байканд дар қатори Самарқанд бузургтарин

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 68-69.
[2] Наршахӣ. С. 46-48.
[3] Ле Стренч. Ҷуғрояияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. С. 492.

маркази тиҷоратии Мовароуннаҳр буда, «Мадинату-т-туҷҷор» ном гирифта, бо сабаби деворҳои ҳифозатии хеле устувор доштанаш «Шаҳристони мисин» ном мебурданд. Ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ, дар паҳлуи масҷиди бузурги шаҳр, ки дар давраи Сомониён бунёд шуда буд, осори манораи 11 метрӣ ёфт шуд, ки 1 метр баландтар аз Манораи Калони Бухоро мебошад.[2] Дар харобаҳои шаҳри Байканд қадимтарин дорухона дар ҳудуди Осиёи Марказӣ пайдо карда шуд.

Аз таҳлили маъхазҳои хаттӣ ва таҳкиқоти олимон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Байканд дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати Сомониён мавқеи муҳим дошта, макони обод ва маркази бузурги тиҷоратӣ будааст.

*Ромитан* яке аз қасабаҳои Бухорост, ки дар маъхазҳо бо номҳои Раёмисан, Раёмишан, Ромисан, Арёмисан ва Ромисана низ зикр шуда, қароргоҳи қадимаи ҳокимони вилояти Бухоро будааст. Пас аз таъсис ёфтани Бухоро ҳокимони маҳаллӣ аксар вақти зимистонро дар Ромитан мегузаронидаанд.[3]

Ромитан дар харобаҳои Бухорои кӯҳна, яъне Бухорои пеш аз ислом дар шимолу бохтарии Бухорои асрҳои миёна, наздики соҳили рӯд дида мешавад, ки ба он "Раёмишан" мегӯянд.[4] Муқаддасӣ дар бораи он харобаҳо зикр менамояд, ки он ҷо Бухорои кӯҳна ва ҷои бузург буд, ки вайрон гардидааст.[5] Наршахӣ дар бораи Ромитан менависад, ки он куҳандизи бузург дошта, аз шаҳри Бухоро қадимтар ва макоми подшоҳон буда, онро Афросиёб бино кардааст. Пас аз он ки Бухоро шаҳр шудааст, подшоҳон зимистонро дар ин деҳа мегузарондаанд. Абумуслим ҳангоми ба Бухоро расидан ин ҷойро қароргоҳи худ интихоб намудааст.[6]

*Варахша*. Ин қасаба дар маъхазҳои хаттӣ бо номҳои Фарахша, Барахша Афрахша, Даҳфендун ва Фарахшон дучор мегардад ва он дар масофаи чор

---

[1] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра // Сочинения. Т. 1. Москва 1963. С. 169-170.
[2] А. Р. Мухамеджанов, Ш. Т. Адылов, Д. К. Мирзаахмедов, Г. Л. Семенов, «Городище Пайкенд. К проблеме изучения средневекового города Средней Азии», Издательство «Фан», Ташкент 1988.
[3] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 167-168.
[4] Ле Стренч. Ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. С. 491.
[5] Муқаддасӣ. С. 282.
[6] Наршахӣ. С. 43–45.

фарсах аз Бухоро дар роҳи Хоразм воқеъ аст.[1] Тибқи ахбори Муқаддасӣ он деворе дошт, ки гирди он ҳандақ буд ва оби Зармисан аз он мегузашт. Куҳандиз ва масҷиди ҷомеъ дошт.[2]

Ба қавли Наршахӣ Варахша, деҳаи қадим ва бузурге дар дохили девори Бухоро ҷой гирифта, монанди рабази Бухоро ҳисори бузург ва рабазе доштааст. Варахша дорои кохи қадимии боҳшамате буд. Амир Исмоили Сомонӣ мардумони он деҳаро бихонд ва гуфт: «Ман бист ҳазор дирам ва чӯб бидиҳам ва сохтагии он бикунам ва баъзе иморат бар ҷой аст, шумо ин кохро масҷиди ҷомеъ созед». Он мардумакони деҳа нахостанд ва гуфтанд, ки «масҷиди ҷомеъ дар деҳаи мо наёяд ва раво набошад». Ва ин кох то ба рӯзгори амир Аҳмад ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ас-Сомонӣ бар ҷой буд ва чӯбҳои он кохро ба шаҳр овард ва сарое, ки ӯро буд, бар дари ҳисори Бухоро буд, ба иморат машғул шуд. Одатан дар ин деҳа ҳар понздаҳ рӯз бозор мешуд. Бозори охирини сол бошад, бист рӯз бозор мекарданд ва бисту якум рӯз Наврӯз мекарданд ва онро "Наврӯзи кишоварзон" мегуфтанд. Кишоварзони Бухоро аз он шумор нигоҳ медоштанд ва бар он эътибор мекарданд. "Наврӯзи муғон" панҷ рӯз пас аз он буд".[3]

Дар аввалҳои асри X Исмоили Сомонӣ дар Регистони Бухоро ба бино намудани иморатҳои пуршукӯҳ камар баст. Ба гуфтаи Абубакри Наршахӣ кори саркадаи Исмоилро наберааш Насри II (914–943) давом дода, сохтмони иморатҳои Регистонро вусъат бахшид. Ҳар як девон ба худ бинои хосса дошт, ки он аз ҳуҷраҳои мухталиф иборат буд. Идораҳои девонҳо дар рӯ ба рӯи бинои дарбори подшоҳ қарор доштанд.

**Самарқанд.** Ин шаҳр ба қавли баъзе аз муаррихон макони баромади хонадони Сомониён буда, нахустпойтахти давлати онҳо мебошад. Ба қавли В. В. Бартолд Самарқанд яке аз сераҳолитарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба шумор мерафт ва гарчанде Бухоро пойтахти давлати Сомониён бошад ҳам, аҳолии он

---

[1] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 167.
[2] Муқаддасӣ. С. 281.
[3] Наршахӣ. С. 45–46.

нисбат ба Самарқанд камтар буд.[1] Дар масъалаи ҳудуди Самарқанд Ёқути Ҳамавӣ менависад, ки он дар иқлими чаҳорум буда тӯли он 89 дарача ва нисф ва арзи он 36 дарача ва нисф мебошад.[2] Мувофиқи маълумоти Ибни Фақеҳ, Самарқанд ва гирду атрофи он бо деворе иҳота гардида буд, ки масоҳаташ 12 фарсахро ташкил карда 12 дарвоза дошт. Дарвозаҳояш чӯбин ва аз ду табақа иборат буданд. Дар қафои ин дарвозаҳо боз дарвозаҳои дубақии дигар вуҷуд доштанд. Дар миёни дарвозаҳо хонаҳои дарвозабонон вуҷуд доштанд. Шаҳри Самарқанд бо навоҳии гирду атрофаш масоҳати 6000 ҷарибро[3] ташкил мекард, худи шаҳр бошад, баробари 5000 ҷариб буд. Шаҳристон баробари 1500 ҷариб буда дар дохили он масҷиди ҷомеъ ва арк бо қасри ҳоким воқеъ буд. Арк ду дарвозаи оҳанин дошт. Ҳамин тариқ, дар Самарқанд, бар хилофи шаҳрҳои дигар, чун Бухоро, арк дар таркиби шаҳристон воқеъ буд.[4]

Дар дохил шаҳри Самарқанд чор дарвоза дошта дар он масҷиди ҷомеъ ва куҳандиз буд. Андаруни шаҳри Самарқанд бозоре бузург буд ва дар он наҳрҳову ҷӯйҳо буду чашмаҳо ва бар куҳандиз даре буд аз оҳан ва дар андаруни он дигар даре низ аз оҳан.[5]

Ба қавли Муқаддасӣ дар миёни Самарқанд шаҳристон воқеъ аст, ки чаҳор дарвоза дорад: «дарвозаи Чин», «дарвозаи Навбаҳор», «дарвозаи Бухоро» ва «дарвозаи Кеш».[6] Истахрӣ низ ин гуфтаҳои Муқаддасиро тасдиқ менамояд.[7]

Тибқи ахбори Истахрӣ Шаҳристон дар як гӯшаи рабаз дар наздикии рӯди Суғд воқеъ аст. Ин рӯд гирд ба гирди рабаз чун хандақ. Миқдори ин девор ду фарсанг дар ду фарсанг буд. Дар шаҳр чашмаву бозор ва кушку бӯстонҳои зиёд буданд. Аксари саройҳо дар бӯстонҳо ҷойгир буданд. Девори рабаз дарвозаи зиёд дошт ба мисли: дарвозаи Шадовад, дарвозаи Ашбаск, дарвозаи Савахшин,

---

[1] Бартольд В. В. Географический очерк Мавераннахра. С. 134.
[2] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. Ҷилди 3. Бейрут, 1397. С. 248.
[3] Дар аввалҳои асрҳои миёна 1 ҷариб ба 1592 метри квадратӣ баробар буд; дар давраҳои баъди асри XV як ҷарибро баробари 958 метри квадратӣ ҳисоб мекарданд.
[4] Бартольд В. В. Географический очерк Мавераннахра. С. 135.
[5] Саъид Нафисӣ. 82.
[6] Муқаддавсӣ. С. 278.
[7] Истахрӣ. С. 246-247.

дарвозаи Афшина, дарвозаи Кӯҳак, дарвозаи Варсанин, дарвозаи Ревдад, дарвозаи Фарахшед.[1]

Ҷайҳонӣ дар бораи Самарқанд менависад: «Қасабаи Суғд Самарқанд аст. Шаҳре бар ҷониби ҷануби рӯди Суғд бар баландии рӯд ва онро шаҳристонест ва куҳандизе ва рабазе дигар дорад. Аммо куҳандиз ҷойи саройи иморат аст. Шаҳристон ҳисорест муҳкам ва онро чаҳор дар. Ҷониби машриқро «Дари Чин» гӯянд ва ҷониби мағрибро «Дари Навбаҳор», ҷониби шимолро «Дари Бухоро ва ҷониби ҷанубро «Дари Кеш».[2]

Муаллифи "Ҳудуду-л-олам" Самарқандро шаҳри бузург ва ободон зикр кардааст. "Бо неъмати бисёр ва ҷои бозаргонони ҳамаи ҷаҳон аст. Ӯро шаҳристон, куҳандиз ва рабаз ва аз болои боми бозорашон яке ҷӯи об равон аст аз арзиз".[3]

Самарқанд шаҳракҳо ва рустоҳои зиёд дошт. Зикри баъзеи онҳо чунин аст: *Бунҷикас ё Бунҷийкас*. Ба қавли Истахрӣ ин шаҳри пурнеъмат буда дар он ҷо дарахтони мевадор.[4]

Доир ба тобеияти Бунҷикас дар байни олимон ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. В. В. Бартольд онро аз ҷумлаи рустоҳои Самарқанд мешуморад[5] ва дар ҷои дигар мегӯяд, ки он аз шаҳрҳои Усрушана аст.[6] Академик Н. Неъматов низ Бунҷикатро маркази вилояти Усрушана мешуморад.[7] Ле Стренҷ Бунҷикасро аз зумраи рустоҳои Самарқанд шуморида менависад, ки Бунҷикас дар нуҳфарсахии ҷануби рӯди Суғд воқеъ буд, ки ҳанӯз бо номи Панҷакат маъруф аст. Он дар миёни рустои хуррам ва пурҳосили дорои дарахтони мева воқеъ буда киштзорҳои гандуми он то лаби рӯд имтидод дошт.[8] Муҳаққиқи эронӣ Саъид Нафисӣ низ Бунҷикасро дар қатори рустоҳои Самарқанд номбар мекунад.[9] Муаллифи "Ҳудуду-л-олам" низ Бунҷикасро аз зумраи шаҳрҳои

---

[1] Истахрӣ. С. 247-248.
[2] Ҷайҳонӣ Абуабдуллоҳ. Ашколу-л-олам. С. 186.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.
[4] Истахрӣ. С. 252.
[5] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 144.
[6]Ҳамон ҷо. С. 223.
[7] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Душанбе: Ирфон, 1989. С. 41.
[8] Ле Стренҷ. Ҷуғрофиё. С. 495.
[9] Саид Нафисӣ. С. 51.

Самарқанд пиндошта навиштааст, ки Варағсар, Панҷекас ду шаҳраканд аз Самарқанд бар лаби рӯди Бухоро ниҳода.[1]

Аз таҳлили маводди маъхазҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки манзур аз Бунҷикас, ки дар асри X тобеи Самарқанд будааст, ҳамон Панҷакант аст ва имрӯз бо номи Панҷакент шаҳрест дар канори дарёи Зарафшон.

*Маймурғ.* Мувофиқи ахбори Истахрӣ Маймурғ ҷойгоҳест, ки онро Ривдад хонанд ва малики Самарқанд Ихшид он ҷоро макони худ қарор дода буд. Кушкҳои ихшидӣ то ҳол дар он ҷо барҷост. Рустоҳои Санҷарфаған ва Варғсар ҳарду аз Маймурғ буданд ва аз он ҷо ҷудо шудаанд. Рустои Маймурғ бо рустои Дарғам пайваста буд.[2]

Муқаддасӣ менависад, ки Маймурғ аз рустоҳои ҷануби шаҳри Суғд буд ва дар миёни "рустоҳои Самарқанд рустое набуд, ки монанди он қуро ва дарахтону хайрот дошта бошад. Ҷойгоҳи подшоҳи Самарқанд – ихшид ва коххои вай дар он ҷо воқеъ буд".[3]

Ле Стренҷ қайд менамояд, ки Маймурғ аз ҷиҳати касрати деҳкадаҳо ва дарахтҳо ва фаровонии маҳсул бар ҳама имтиёз дошт. Дар ҷануби Маймурғ рустои кӯҳистонии "Совдор" аз ҷиҳати покизагии ҳаво аз ҳама беҳтар ва бартар буд. Ба қавли Ибни Ҳавқал дар ин русто дайре буд, мутааллиқ ба масеҳиён.[4]

*Даргам.* Истахрӣ дар бораи Дарғам менависад, ки Дарғам ҷои беоб аст лекин ободону сераҳолӣ. "Ҳавои он хуб буда, мардумонаш тавонгаранд. Ҳар деҳи он зиёда аз ду фарсангро ташкил мекард. Мегӯянд, ки агар кишти ин ноҳияро офат нарасад, яксола иртифои он Суғд ва Бухороро солҳо бартобад. Чорогоҳҳои ин ноҳия аз чарогоҳҳои дигари Мовароуннаҳр беҳтар буданд".[5]

Дарғам аз ҷиҳати покизагӣ ва фаровонии чарогоҳҳо ва фузунии об бар рустоҳои дигари ин ноҳия муқаддам буд ва ангури онро ба рустоҳои дигар мебурданд.[1] В. В. Бартолд такя бар маводди маъхазҳои хаттӣ таъкид менамояд, ки заминҳои Дарғам, ки хеле ҳосилхез буданд, аз ҷӯйҳои Варағсер обёрӣ

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.
[2] Истахрӣ. С. 251-252.
[3] Муқаддасӣ. С. 266, 276.
[4] Ле Стренч. С. 495.
[5] Истахрӣ. С. 252.

мешуданд ва ин диёр бо ангурҳои боллаззати худ шӯҳрат ёфта буд. Заминҳои киштзоре, ки аз ҷӯйҳои Варағсер обёрӣ мешуданд дарозии онҳо даҳ фарсах ва барашон чор фарсахро ташкил мекард.[2]

*Вазор*. Муқаддасӣ менависад, ки Вазор аз рустоҳои шимоли рӯди Суғд буда, киштзори зиёд ва кӯҳу дашту заминҳое дошт, ки бо об ва бе об аз онҳо ҳосил мерӯид.[3] Тибқи маълумоти Истахрӣ Вазор ноҳияи ободон ва пурнеъмат буд. Шаҳри Вазор ва шаҳри Касир ба якдигар наздиканд ва "ин ҳар ду ҷой қавми араб доштаанд аз Бакр ибни Воил буданд ва онҳоро Субоъиён меномиданд. Онҳоро дар Самарқанд маконе буд ва бо номи "Дуру-з-зиёфот", яъне, меҳмонхонаҳо, саройҳое доштаанд".[4] В. В. Бартолд доир ба Субоъиён номидани ин қабила мегӯяд, ки ин ном бо Абумузоҳим Сабоъ ибну-н-Надр ас-Суккарӣ (ваф. охири с. 882), ки дар он ҷо масҷиди ҷомеъ сохта буд, алоқаманд аст. Дар Вазор матоъҳои пахтагин истеҳсол мешуд, ки ба он талаботи зиёд будааст.[5]

*Иштихан*. Муқаддасӣ менависад, ки Иштихан аз шаҳрҳои бузурги Самарқанд буда, дар табиату ободонӣ ва хайрот машҳур буд. Рустои он наздики панҷ манзил тӯл дошт дар як манзил арз.[6] Тибқи ахбори Истахрӣ, дар Иштихан рустоҳо, боғхо, бӯстонҳо ва марғзорҳо бисёранд. Навоҳии Суғд ҳама хушу боназҳат ва неъмат аст, лекин ин шаҳр чашмаи Суғд аст. Шаҳристон, куҳандиз рабаз ва рӯдҳои оби равон дорад.[7] Ба қавли Ҷайҳонӣ, Иштихан шаҳрест ҷудогона аз Самарқанд. Дар он ҷо рустоҳо, деҳҳо, боғҳои бисёр ва неъматҳои фаровон, инчунин зироату иморат ва ҷӯйҳои об зиёданд. Он шаҳристон ва рабаз дорад.[8] Дар "Ҳудуду-л-олам" омадааст, ки Иштихан ҷои хуррам аст ва ободон ва бо неъмати бисёр.[9] В. В. Бартолд таъкид менамояд, ки

---

[1] Ле Стренч. С. 495.
[2] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 144.
[3] Муқаддасӣ. С. 266, 279.
[4] Истахрӣ. С. 253.
[5] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 146.
[6] Муқаддасӣ. С. 266, 279.
[7] Истахрӣ. С. 253-254.
[8] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 173.
[9] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.

дар қарни VIII, пас аз ишғоли Самарқанд аз ҷониби арабҳо, ишхидҳои суғдӣ пойтахти худро ба Иштихан кӯчонида буданд.[1]

Аз таҳлили маводи фавқуззикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Иштихон дар асри X яке аз шаҳрҳои муҳим ба шумор рафта, дорои шаҳристон, куҳандиз ва рабаз буда, чун воҳиди маъмурии алоҳида амал мекардааст.

*Кушония ё Кушонӣ*. Истахрӣ менависад, ки Кушония ободтарин шаҳрҳои Суғд аст. Кушония ва Иштихон аз кӯҳҳои Соғраҷ падид бошанд. То ҳадди Кӯшония аз кӯҳ микдори панҷ марҳала дар як марҳала бошад".[2] Ҷайҳонӣ низ ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд.[3] Муаллифи номаълуми "Ҳудуду-л-олам" таъкид мекунад, ки Кушонӣ ободтарин шаҳри Суғд аст.[4] Муқаддасӣ онро аз шаҳрҳои Самарқанд мешуморад.[5]

*Кеш*. Тибқи ахбори Истахрӣ Кеш дар замони Сомониён шаҳре буд, ки куҳандиз, рабаз ва ду шаҳристон дошт ва шаҳристони дарунӣ, куҳандиз ва масҷиди ҷомеи он хароб гашта буд. Бозор дар рабаз дошт. Шаҳри гармсер аст ва имортро аз гилу чӯб месозанд. Меваи ин шаҳр нисбат ба меваҳои шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр тезтар мерасанд. Шаҳристони дарунии он дорои чаҳор дарвоза буд: «дари Оҳанин», «дарвозаи Убайдуллоҳ», «дари Қассобон» ва «дари Шаҳристон». Шаҳристони берунӣ ду дарвоза дорад: яке «дари шаҳристони дарунӣ» ва дигаре «дари Тарканон».[6] Ҷайҳонӣ низ ин ахборро роҷеъ ба Кеш медиҳад, ки он ба маълумоти Истахрӣ монанданд.[7] Ҷайҳонӣ дар идомаи ахбори худ менависад, ки Кеш ду ҷӯй дорад: яке ҷӯи Козарон, ки аз кӯҳи Буттам берун омада бар ҷониби ҷануби шаҳр меравад ва дигаре ҷӯи Асруд, ки аз рустои Куҳакрӯд берун омада ба ҷониби шимоли шаҳр меравад. Ҳарду ҷӯй бар дари шаҳр мераванд.[8] Муаллифи "Ҳудуду-л-олам" ахбори Истахрӣ ва Ҷайҳониро таъйид карда, менависад, ки "дар кӯҳҳои вай маъдани

---

[1] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 146-147.
[2] Истахрӣ. С. 254.
[3] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 173.
[4] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.
[5] Муқаддасӣ. С. 266.
[6] Истахрӣ. С. 254.
[7] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 174.
[8] Ҳамон ҷо.

доруҳост. Аз ӯ астарон нек хезад ва тарангубин ва намаки сурх, ки бо ҳамаи ҷаҳон ҳамебаранд”.[1]

Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд шаҳри Кеш аз тавобеи Бухоро буда, дар роҳи тиҷоратии Бухорову Самарқанд воқеъ буд.[2]

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Самарқанд дар садаи X дорои шаҳру қасабаҳои зиёде будааст, ки онҳо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Мовароуннаҳри он замон нақши муҳимме доштаанд.

**Усрушана ё Сурушан.** Шаҳрҳои асосии ин вилоят Бунҷикат, Зомин ва Дизак буданд. Ҷайҳонӣ Усрушанаи замони Сомониёнро чунин тавсиф мекунад: «Усрушана номи вилоятест ва бештари он вилоят кӯҳҳост ва гирдогирди он аз ҷониби машриқ баъзе аз Фарғона аст. Ва аз ҷониби мағриб ҳудуди Самарқанд ва аз ҷониби шимол Шош ва баъзе Фарғона ва аз ҷануб аз ҳудуди Кеш ва Чағониён ва Шумон. Ва шаҳри бузургтари онро ба забони Усрушана Лутиҳкат хонанд. Ва онро шаҳрҳои дигар аст чун Арасмонкат, Куркат, Арфат, Фаъкат, Собот, Зомин, Дуркат, Луҳкат, Хирқона. Сарои аморат дар Луҳкат бошад».[3] Истахрӣ пиромуни Усрушанаи ин замон чунин ахборро медиҳад: “Сурушана номе чун Суғд номи иқлим аст. Ҳеҷ шаҳр ва деҳ дар ин ноҳия ба ин ном нест. Дар кӯҳистоне ниҳодаст. Ҳадди шарқӣ Сурушана бо Фомир (Помир) ва Фарғона дорад ва ғарбӣ бо ҳудуди Самарқанд, шимолӣ бо Чоч ва ҷонибе аз Фарғона ва ҷанубӣ сӯи Кеш, Чағониён, Шумон, Вашгирд ва Рошт. Қасабаи онро ба забони эшон Бумҷикас хонанд. Номҳои навоҳии он ин аст: Арсиёнкас, Каркас, Ғазақ, Вағкас, Собот, Зомин, Дизак, Навиҷкас ва Харқона.[4] Ҷайҳонӣ низ инро тасдиқ менамояд”.[5] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» ахбори болоро зикр карда, менависад, ки “аз вай набизи бисёр хезад ва аз кӯҳҳои вай оҳан хезад”.[1]

*Бунҷикас*. Истахрӣ менависад, ки ҷойгоҳи волиёни Сурушана Бунҷикас аст (Истаравшани кунунӣ). «Дар ин шаҳр наздики даҳ ҳазор мард зиндагӣ доранд.

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 69.
[2] Бартольд В.В. Кеш // Соч. Т. III. Москва: Наука, 1965. С. 460.
[3] Ҷайҳонӣ. С. 189-190.
[4] Истахрӣ. С. 256.
[5] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 175.

Иморати он аз чӯбу гил буд. Шаҳристони дарунӣ девор дорад. Рабаз низ дорои девор аст. Шаҳристони дарунӣ ду дарвоза дорад: якеро «дарвозаи Болойин» хонанд ва дигареро «дарвозаи Шаҳристон». Масҷиди одина ва куҳандиз дар шаҳристони дарунӣ аст. Дар ин шаҳристон рӯди бузург меравад ва осиёбе бар ин об сохтаанд. Бозор дар шаҳристон аст. Рабаз низ бозор дорад. Масоҳати шаҳр як фарсанг буд. Рабаз чаҳор дарвоза дошт: яке «дарвозаи Зомин», дуввум «дарвозаи Марсманда», севвум «дарвозаи Нуҷикас» ва чаҳорум «дарвозаи Каҳбод».[2] Гуфтаҳои Ҷайҳонӣ низ доир ба Бунҷикас ва тавсифи куҳандизу рабази он бо ахбори Истахрӣ мувофиқанд ва ӯ боз илова менамояд, ки ҳоити рабаз ним фарсанг буда онро хандақ аст, чаҳор дар – «дари Амир» ва «дари Марсаманда», «дари Навҳакат» ва «дари Гулҳор».[3]

Мувофиқи ахбори Истахрӣ заминҳои Бунҷикас ба воситаи шаш рӯд обёрӣ мегардид, ки дар шаҳр ҷорӣ буданд: Сорин, ки аз шаҳристон мегузашт, Бурҷан, Ямоҷин, Саканҷин, Руйҷин ва Ситингҷин. Ҳамаи ин шаш рӯд аз як чашма об мегирифтанд. Дар гирди ин рӯдҳо даҳ осиёб кор мекард. Аз шаҳр то сарчашма кам аз ним фарсанг буд.[4] Дар асари Ҷайҳонӣ «Ашколу-л-олам» ин рӯдҳо аз маълумоти Истахрӣ фарқ мекунанд.[5]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» номи ин шаҳрро ба шакли Нумиҷкат оварда, онро чунин васф намудааст: «Нумиҷкат маркази Сурушан аст ва мустақарри амири ин ноҳият ва ҷое ободону пурҷамъият аст».[6] Лақаби фармонравои ин ноҳия «афшин» буд.

*Зомин* дуввумин шаҳри бузурги Усрушана шумурда мешуд ва дар машриқи Бунҷикас, сари роҳи Хуросон, ки аз Бухоро ва Самарқанд меомад, ҷой дошт. Шоҳроҳи Хуросон дар Зомин ду шоха мешуд. Яке ба тарафи шимол ба Чоч ва дигаре дар ҷиҳати шимолу шарқӣ ба Фарғона мерафт. Зомин дар асри X ба андозаи Бунҷикас буд.[7]

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 70-71.
[2] Истахрӣ. С. 257.
[3] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 175-176.
[4] Истахрӣ. С. 257.
[5] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам. С. 176.
[6] Ҳудуду-л-олам. С. 110-111.
[7] Ле Стренҷ. С. 505.

Истахрӣ дар бораи ин шаҳр менависад, ки Зомин бар роҳи Фарғона аст, ки сӯи Суғд равад ва ба забони эшон ин шаҳрро Сусанда хонанд. Иморати муҳаддас сохтаанд ва деворе гирди он кашидаанд. Корвон ва роҳгузаре, ки аз Фарғона сӯи Суғд раванд, он ҷо фурӯд оянд. Оби равон ва боғу кишоварзии фаровон доранд.[1]

Дар «Ҳудуду-л-олам» омадааст, ки «Зомин шаҳрест ба роҳи Хуҷанд ва Фарғона ва аз Сурӯшана аст. Ва андар вай ҳисорест муҳкам. Ҷои бо кишту барзи бисёр».[2]

Ба назари В.В. Бартолд дар наздикии Зомин шаҳри қадиме вуҷуд дошт, ки дар асри X сокинонаш он ҷойро тарк намуда буданд. Шаҳри нав Сарсанда номида мешуд ва он девор надошт. Бозорҳо дар ҳар ду соҳили рӯд воқеъ буда, ҳар ду соҳил ба воситаи пулҳои хурд бо якдигар пайваст мешуданд. Масҷиди ҷомеъ дар самти рости роҳи Самарқанд қарор дошт.[3]

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Зомин яке аз шаҳрҳои маъруфи Усрушанаи аҳди Сомониён буда, дар роҳи муҳими шаҳрҳои Мовароуннаҳр қарор дошт. Ҳоло Зомин шаҳраки марказии ноҳияи ҳамном дар вилояти Ҷиззахи ҷумҳурии Ӯзбекистон аст.

*Дизак* ё *Ҷизак* аз лиҳози вусъат сеюмин шаҳри Усрушана буд. Ҷайҳонӣ номи ин шаҳрро Дизак зикр карда, навиштааст: «Шаҳрест дар замини нарм ва бад-он ҷо дарбанд нигоҳ медоранд ва дар он ҷо работҳову саройҳо бисёр аст гузарандагонро. Бузургтар работи Ҳадасир бошад аз он ҷо бар ду фарсанг ва ин работест машҳуртар аз работҳои Мовароуннаҳр ва онро афшин сохтааст».[4]

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» менависад: «Дизак шаҳракест андар вай оби равон аст. Ва ба наздикии ӯ ҷоест Марсаминда хонанд ва он ҷо дар ҳар соле як рӯз бозор бувад, ки гӯянд он рӯз дар он бозор афзун аз сад ҳазор динор бозаргонӣ кунанд».[5] Ле Стренҷ дар ин бора навиштааст: «Дар кӯҳистоне бисёр

---

[1] Истахрӣ. С. 257.
[2] Ҳудуд-ул-олам. С. 71.
[3] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 224.
[4] Ҷайҳонӣ. Ҳамон Ҷо.
[5] Ҳудуду-л-олам. Ҳамон Ҷо.

сард воқеъ буд, оби равон бисёр дошт, вале ба иллати иртифоъи зиёд фоқиди боғистони васеъ бувад».[1]

Бино ба навиштаи В. В. Бартолд Дизак яке аз ҷойҳои фароҳам шудани ҷанговароне буд, ки барои мазҳаб мубориза мебурданд. Барои онҳо дар ин ҷо меҳмонхона ва работҳои зиёд бино карда буданд.[2]

**Фарғона** дар аҳди Сомониён шаҳрҳои хеле зиёд дошт, ки Ахсикат, Косон, Қубо, Насоия, Ӯш ва Ӯзканд бузургтарини онҳо буданд. Тибқи ахбори Истахрӣ "Фарғона иқлимест фарох ва бонеъмат. Рустоҳои бисёр дорад. Қасабаи онро Ахсикат хонанд. Куҳандиз, шаҳристон ва рабаз дорад. Сарои иморот ва зиндон дар куҳандиз аст. Масҷиди одина дар шаҳристон воқеъ аст. Масоҳати шаҳр миқдори се фарсанг буд. Рабази шаҳр девор дорад. Шаҳристони дарунии он панҷ дарвоза дошт. Дар шаҳристон ва рабаз обҳои равон ва ҳавзҳо буданд. Ҳама дарвозаҳо боғу бӯстон доштанд".[3]

*Ахсикат* яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳқиқоти олимон Ахсикат аз ду вожаи суғдӣ – «ахшиз» (ба маънии сарвар) ва «кат» (ба маънии шаҳр ва русто) иборат буда, мазмуни «шаҳри подшоҳ»-ро дорад. Ибни Ҳавқал гуфтаҳои Истахриро дар бораи Ахсикат таъйид намуда, менависад, ки вусъати шаҳри дохилӣ як мили мураббаъ буда, ҳам шаҳри дохилӣ ва ҳам ҳудуди атрофи он дорои бозорҳо ҳастанд ва атрофи он бо девор иҳота шудааст.[4]

Ҷайҳонӣ зимни тавсифи Фарғона менависад: «Қасабаи он Ахсикат аст, шаҳрест дар канори ҷӯйи Шош бар замини рости ҳамвор ва миёни он ва кӯҳҳо фарсанге бошад бар ҷониби дасти рости рӯд. Бозорҳои он дар шаҳр ва рабаз бошад. Миқдори он дар бузургӣ даҳ донги фарсахӣ бувад. Биноҳои он аз гил бошад».[5]

Дар "Ҳудуду-л-олам" қайд гардидааст, ки Ахсикат қасабаи Фарғона буда мустақарри амир аст. Шаҳри бузург буда бар лаби рӯди Ҳашрат дар домани кӯҳ

---

[1] Ле Стренч. С. 504–506.
[2] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 224.
[3] Истахрӣ. С. 265.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 237.
[5] Ҷайҳонӣ. С. 194

воқеъ аст. Дар он кӯҳ маъдани сим ва зар бисёр аст ва мардуми Ахсикат набидхораанд.[1]

Фарғона дар замони ҳукумронии Сомониён ба нуқтаи баландтарини рушд расида, аз марказҳои бузурги фарҳангию тиҷоратӣ маҳсуб мешуд. В. В. Бартолд бо такя ба ахбори Муқаддасӣ менависад, ки Фарғона дар асри X дорои чил шаҳру деҳ будааст, ки кулли онҳо масҷиди ҷомеъ доштаанд.[2] Сомониён шумори зиёди ғуломони туркро пас аз асорат дар ҷангҳои марзӣ ба ин ҷо меоварданд.

Харобаҳои шаҳри Ахсикати асримиёнагӣ ҳоло дар ҳудуди ноҳияи Тошкӯрғони вилояти Намангони Узбекистон боқӣ мондааст. Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ муайян гардид, ки ҳудуди шаҳр 30 га-ро фаро гирифта, он дорои низоми мукаммали обёрӣ ва хидматрасонии замони худ будааст. Дар Ахсикати замони Сомониён зарробхонае мавҷуд буд, ки ба номи амирони Сомонии вилояти Фарғона ва худи амири давлати Сомониён дар он сиккаҳо зарб мешуданд. Ахсикат коргоҳи бузурги коркард ва гудозиши филиз дошт, ки бар асоси натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ 70 га-ро фаро мегирифт. Дар натиҷаи охирин ковишҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди шаҳри Ахсикат нақбҳои нисбатан хурд ёфта шуданд, ки аз дохили онҳо қубурҳои обгузар пайдо карда шудаанд. Ин бозёфтҳоро олимон далели низоми обёрии бисёр мукаммал доштани шаҳр медонанд.[3]

*Қубо* дар асри Сомониён дуввумин шаҳри Фарғона будааст. Бино бар гуфтаи Муқаддасӣ, Қубо аз лиҳози вусъат бартар аз Ахсикат буда, мебоист шаҳри умдаи Фарғона шумурда шавад. Дар марказ он майдоне дошт ва масҷиди ҷомеъ дар байни бозорҳо ҷойгир буд.[4] Ҷайҳонӣ дар бораи Қубо менависад, ки «Қубо шаҳрест хуштар аз шаҳрҳои Фарғона ва дар бузургӣ наздики Ахсикат бошад. Ва онро куҳандизеву рабазест ва бозорҳову сарои аморат дар рабаз бошад. Ва онро бӯстонҳои бисёр, обҳои фаровон аст, чунонки

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 71.
[2] Бартолд В.В. Обёрӣ дар Туркистон. Тарҷумаи Карими Кишоварз. Теҳрон, 1350 ҳ.ш. С 187.
[3] И. Ахраров. Новые археологические материалы с городища Ахсикет XIV–XVI веков: Общественные науки в Узбекистане, вып. № 8-9. Ташкент, 1969.
[4] Бартольд В. В. Географический очерк Мавераннахра. С. 215.

бӯстонҳо ва обҳои он зиёдат бошад аз Ахсикат».[1] Маълумоти Истахрӣ низ гуфтаҳои Ҷайҳониро тасдиқ менамоянд, ки ӯ мегӯяд, Қубо тақрибан ба андозаи Ахсикат буда, аз ҳама вилоятҳо хуштар аст. Куҳандиз, шаҳристон ва рабаз дорад. Куҳандиз вайрон аст ва масҷиди одина дар қуҳандиз воқеъ аст. Бозор, сарои аморат ва зиндон дар рабаз аст. Рабаз девор дошта дорои боғу бӯстон ва оби равони фаровон аст.[2] Аммо муддати равнақи шаҳри Қубо тӯлонӣ набуда, пас аз аҳди Сомониён дигар аз он ба унвони шаҳр ном бурда нашудааст.[3]

*Насоия.* Қисматҳои ҳудуди Фарғонаро, ки дар ҷануби рӯди Сайҳун буд, вилояти Насиё ё Насоия мегуфтанд, ки вобаста ба иқлими худ ба ду қисмат ҷудо мешуд: Насоияи Боло ва Пойин. Насоияи Боло дар миёни кӯҳҳо воқеъ буд ва масҷиди ҷомеъи он дар бозор ҷой дошт.[4] Дар Насоияи Пойин шаҳри кӯчаки Марғаниён (Марғелони кунунӣ) воқеъ буд. Ҷайҳонӣ дар бораи Насоияи Боло менависад: «Аввали шаҳри Фарғона аст чун аз ноҳияи Хуҷанд дароӣ. Ва аз шаҳрҳои он Ронкас ва Басваҳ ва Хоканд ва Раштон». Дар бораи Насоияи Пойин менависад: «Зер аз шаҳрҳои Марғенон, Надомис, Баранд, Иштиқоқ, Андикон ва ин ҳар ду шаҳр бар замини нарм ва марғзор аст ва дар миёни он ҳеч кӯҳ нест».[5] Ба назари академик В. В. Бартолд Марғенон тадриҷан маркази тамоми ҳудуди ғарбии Андиҷону Ош ва ҷануби Сирдарё гардид ва илова мекунад, ки дар асри X Марғенон дар муқоиса ба Раштон шаҳри камаҳаммият будааст.[6]

*Хуҷанд* аввалин шаҳре буд, ки дар самти ғарбии Фарғона, сари роҳе, ки аз Самарқанд меомад дар соҳили чапи Сирдарё қарор дошт. Хуҷанд дар замони Сомониён хеле камзамин буда, як қалъаву як зиндон доштааст. Як фарсах дар ҷануби он рабази Канд воқеъ буд, ки қасри фармонравои Хуҷанд дар миёни рабаз қарор дошт. Ибни Ҳавқал дар бораи Хуҷанд менависад: «Аҳолии ин шаҳрҳо завраққу киштиҳое доранд, ки ба василаи онҳо рӯи рӯди Сайҳун сафар мекунанд».[7] Ҷайҳонӣ менависад, ки Хуҷанд наздики Фарғона аст, вале аз

---

[1] Ҷайҳонӣ. С. 181–182.
[2] Истахрӣ. С. 265.
[3] Бартольд. В. В. Соч. Том 3. К истории орошения Туркестана. С. 189.
[4] Ле Стренч. С. 510.
[5] Ҷайҳонӣ. С.112.
[6] Бартольд. В. В. Соч. Том 3. К истории орошения Туркестана. С. 191-192.
[7] Ибни Ҳавқал. С. 240.

тавобеи он ба шумор намеравад: «Он шаҳрест бар ҷӯйи Шош бар ҷониби ғарбии он ва дарозии шаҳр бештар аз арзи он бошад ва дарозӣ мекашад як фарсанг. Дар амал ҳеч шаҳри дигаре нест магар Канд». Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» дар бораи Хуҷанд навиштааст, ки “шаҳрест ва қасабаи он ноҳияест ва бо кишту бурузи бисёр ва мардумони бомурувват ва аз вай анор хезад”.[1] Истахрӣ мегӯяд, ки “дарозии шаҳр беш аз паҳност ва миқдори як фарсанг дарозо дорад. Танаи шаҳр бе боғу бӯстон бошад. Дар аъмоли он ба ҷуз Канд шаҳри дигар нест. Шаҳристон ва куҳандиз дорад. Масҷиди одина дар шаҳристон аст. Сарои аморат дар рабаз ва зиндон дар куҳандиз. Шаҳри хуш аст ва меваҳои накӯ дорад. Мардуми ин шаҳр аҳли мурувват ва боҷамол бошанд”.[2]

Ба андешаи В. В. Бартолд Хуҷанд дар асри X яке аз шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр ба шумор рафта, воҳиди ягонаи маъмурии алоҳидаро ташкил мекард ва дорои куҳандиз, шаҳристон ва рабаз буд. Аҳолии ниҳоят зиёд дошт, ки маҳсулоти зироати маҳаллӣ онҳоро таъмин карда, наметавонист ва гандумро аз Фарғона ва Усрушана меоварданд. Аз байни шаҳр ҷӯй ҷорӣ мешуд, ки он аз Хоҷа Боқирғон меомад.[3]

Маълумоти маъхазҳои хаттӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шаҳри Хуҷанд дар давраи Сомониён шаҳри ободу сераҳолӣ буда, дар Сирдарё киштиҳо равуо доштаанд ва ин шаҳр дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии он давр мақоми хос доштааст.

*Ӯш* яке аз шаҳрҳои Фарғона аст, ки дар марзи туркон воқеъ буд. Ҷайҳонӣ дар бораи ин шаҳр менависад: «Ӯш дар бузургӣ монанди Қубо бошад. Ва шаҳрест ободон ва онро куҳандизе маъмур. Сарои аморат дар куҳандиз ва шаҳрро рабаз ва рабазро бора ва он бора муттасил бошад ба кӯҳе, ки бар он нигаҳбонони туркон бошанд. Онро се дар бошад, аввали “дари Кӯҳ”, дуввум “дари Об”, сеюм “дари Муғкада”. Ва дари куҳандиз нек устувор».[4] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» низ дар бораи Ӯш менависад, ки ҷое ободон асту

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 113
[2] Истахрӣ. С. 264.
[3] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 221.
[4] Ҷайҳонӣ. Ҳамон Ҷо

бисёрнеъмат ва мардумоне ҷангӣ ва дар он ҷо кӯҳест, ки бар он посбон аст, ки кофири туркро нигаҳ дорад.[1]

Тибқи маълумоти Истахрӣ Ӯш дар наздикии Қубо воқеъ буда, шаҳристон ва куҳандизи обод дорад. “Сарои аморат ва зиндон дар куҳандиз қарор доранд. Шаҳристон рабаз дорад, ки атрофи он бо девор иҳота гардидааст ва девор бо кӯҳ пайвастааст. Дар болои он кӯҳ дидбон ҷойгир аст, то шаҳрро аз ҳуҷуми тавоифи турк огоҳ ва ҳиросат кунад. Шаҳри Ӯш се дарвоза дорад: дарвозаи Кӯҳ, дарвозаи Об ва дарвозаи Муғкада.[2] Ле Стренҷ менависад, ки шаҳри Ӯш дар ховари Қубо воқеъ буд. Қасри ҳоким ва зиндон дар қалъаи шаҳр воқеъ буда, атрофи қалъа бо девор иҳота будааст. Рабаз низ деворе доштааст. Масҷиди ҷомеъ дар майдони бузурге миёни бозор қарор доштааст. Заминҳои шаҳрро чандин наҳр обёрӣ мекард.[3]

Ахбори дар боло овардашуда аз он далолат менамоянд, ки Ӯш дар аҳди Сомониён шаҳри обод буда, бо сабаби дар наздикии марз бо туркон қарор доштанаш яке аз шаҳрҳои аз лиҳози ҳарбию стратегӣ муҳимми кулли мусулмонон дар Мовароуннаҳр ба шумор мерафтааст.

*Ӯзканд*. Ҷайҳонӣ дар тавсифи ин шаҳр менависад: «Ӯзканд охирин шаҳри Фарғона аст аз он ҷӣ наздики дорулҳарб аст. Ва миқдори чаҳор донги Ӯш бошад ва онро куҳандизест ва шаҳристоне нек муҳкам ва устувор. Ва онро рабази дигар ва бозорҳои он дар рабаз. Ва онро обҳои равон ва боғҳову бӯстонҳо ва он шаҳр ҷои бозаргонони туркон аст».[4]

Дар “Ҳудуду-л-олам” омадааст, ки “Ӯзганд шаҳрест бар ҳадди миёни Фарғона ва Турк ва дар каронаи вай ду рӯд бигзарад: якеро рӯди Батоғар хонанд аз Таббат равад ва дигареро Барсанҷон хонанд, ки аз Халлух равад”.[5]

Истахрӣ дар бораи Ӯзганд менависад, ки он гармсертарин ва сарҳадтарин вилояти Фарғона аст. Куҳандиз ва шаҳристон дорад. Дар он ҷо боғу бӯстон ва оби равон зиёд аст.[1]

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 113
[2] Истахрӣ. С. 265–266.
[3] Ле Стренҷ. С. 509.
[4] Ҷайҳонӣ. С. 194
[5] Ҳудуд-ул-олам. С. 72.

Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд Ӯзганд аз лиҳози масоҳат ба 2/3 шаҳри Ӯш баробар буда, куҳандиз, шаҳристон ва работ дошт. Куҳандиз ба таркиби шаҳристон дохил буд, ки Ӯзганд бо ин аз шаҳрҳои дигари Фарғона фарқ мекард. Шаҳр чор дарвоза дошта, ба ҳама қисмҳои шаҳр об ҷорӣ буд. Аз канори дарвозаи шаҳр рӯде ҷорӣ мешуд ва мардум аз сабаби набудани пул аз он пиёда убур менамуд. Дар Ӯзганд тиҷорат бо туркҳо ривоҷ дошт, зеро ба Ҳафтрӯд роҳ аз ин ҷо мегузашт. Дар замони Қарахониҳо Ӯзганд пойтахти Мовароуннаҳр ба шумор мерафт.[2]

Хулоса, Ӯзганд дар замони Сомониён яке аз минтақаҳои сарҳаддии сарсабзу ободу буда, дар он ҷо тиҷорат ривоҷу равнақ доштааст.

**Чочу Элок** ду вилояти аз лиҳози таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд. Чоч аз ҳамворӣ ва Элок бошад аксаран аз кӯҳистон иборат буд. Шумори шаҳрҳои Чочро Истахрӣ 27[3], Муқаддасӣ 34[4] ва Ҷайҳонӣ 22[5] гуфтаанд. Маркази Чоч шаҳри *Банокат* бо ду қабат девори мудофиавӣ иҳота шуда, дорои боғу киштзорҳои фаровон буд. Дар арк, ки ду дарвоза дошта, бо девор иҳота шуда буд, қасри ҳоким ва зиндон воқеъ буданд. Шаҳристон низ бо девор иҳота шуда, се дарвоза ва бозорҳо дошт. Рабаз ба қисмати дохилӣ ва берунӣ тақсим мешуд, ки якумӣ 10 дарвоза ва дуюмӣ 7 дарвоза доштанд. Дар Банокат сиккаҳои мисӣ ва баъзан нуқраӣ зарб мешуданд.[6]

Ҷайҳонӣ дар бораи Чоч менависад, ки “он дар замини нарм ҷойгир аст. Дар ҷумлаи иморат, ки пайваста ба якдигар аст, ҳеч кӯҳу замин баланд нест. Бузургтарин сағре дар дар рӯи туркон аст. Биноҳои эшон ва саройҳо аз гил аст, кушода ва фаррох. Дар ҷумлаи саройҳои эшон оби равон бошад ва сабзӣ. Ҷумлаи Шош аз хуштарин билоди Мовароуннаҳр аст. Қасабаи онро Сакас гӯянд”.[7]

---

[1] Истахрӣ. С. 266.
[2] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 213.
[3] Истахрӣ. С. 266.
[4] Муқаддасӣ. С. 264.
[5] Ҷайҳонӣ. С. 177.
[6] История таджикского народа. Том. 2. С. 347.
[7] Ҷайҳонӣ. С. 177.

Тибқи ахбори “Ҳудуду-л-олам” Чоч ноҳияест бузургу ободон, мардумони ҷанганда ва тавонгар доштааст. Қасабаи он Байкас буда, шаҳри бузургу ободон ва макони султон дар он ҷост.[1]

Истахрӣ менависад, ки Чоч иморатҳои фаррох бисёр дорад. Иморатҳо ҳама аз гил сохта шудаанд.[2]

Шаҳри асосии Элок – *Тункат* (ё Туванкат) ба андозаи нисфи Банокат буда, дорои девор ва чандин дарвоза будааст. Ба қавли Муқаддасӣ Тункат қароргоҳи ҳокими Элок буда, яке аз зарробхонаҳои бузурги Сомониён дар он ҷо қарор доштааст.[3] Харобаҳои Тункат дар соҳили чапи рӯди Оҳангарон воқеъ мебошад. Ҳафриёти он дар солҳои охир нишон дод, ки дар замони Сомониён коркарди филизз дар ин ҷо хеле рушд кардааст.[1]

Шумори умумии шаҳрҳои Элокро Истахрӣ 14 ва Муқаддасӣ 17 гуфтаанд, ки Навкат, Шавкат, Заронкат, Тускат ва ғайра мебошанд.

Ҳамин тариқ, маводди фавқуззикр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Чоч ва Элок дар давраи Сомониён аз минтақаҳои сарҳаддии васеъ ва мутаррақиву обод ва дорои шаҳрҳои зиёд буда, дар ҳаёти сиёсии Мовароуннаҳр мавқеи хос доштаанд.

Вилояти **Исфиҷоб** дар самти шимолии Фарғонаву Чоч, байни воҳаи рӯди Арис ва шохобҳояш ҷойгир шуда, ҳудуди он дар шарқ то Талас ва дар шимолу ғарб то Саброн ва дар ҷануб то Чоч мерасид. Муҳаққиқон дар бораи решаи номи Исфиҷоб ду ақида изҳор кардаанд: яке ин ки вожаи мазкур аз ду ҷузъ: «испиг» (spig – дурахшон) ва «об» иборат буда, минбаъд ҳарфи «г» ба «ҷ» табдил ёфтааст; дигарон «испиҷ»-ро бо вожаи «сафед»-и форсӣ рабт дода, маънии онро «шаҳри сафед» гуфтаанд. Маркази ин вилоят шаҳри *Исфиҷоб* буд ва шаҳрҳои дигаре ҳам дошт (ба иттилои Муқаддасӣ беш аз 40 шаҳр), ки Канҷида, Фороб, Шавроғ, Саврон, Тироз, Ҷамукат ва Соникат маъмуртарини онҳо буданд. Бори аввал мусулмонҳо соли 678 И.-ро фатҳ карда буданд, аммо пас аз чанде онро аз даст доданд. Солҳои 839–40 Нӯҳ ибни Асади Сомонӣ ин

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 73.
[2] Истахрӣ. С. 260.
[3] Муқаддасӣ. С. 265.

шаҳрро комилан фатҳ кард ва ба худ тобеъ намуд. Аммо тасаллути комили Сомониён дар ин сарзамин аз замони ҳукумати Исмоили Сомонӣ (892–907) шуруъ шудааст. Дар замони Сомониён Исфиҷоб хеле тараққӣ карда, куҳандиз, шаҳристон, работ ва чаҳор дарвоза доштааст: "Нуҷкас", "Фархоз" (Фархон), "Сари карона" ва "дарвозаи Бухоро". Ҳар се қисми шаҳр бо девори алоҳида иҳота шуда, истеҳкоми худро доштаанд. Дар шаҳристон қасри ҳоким, зиндон, масҷиди ҷомеъ, бозору корвонсаройҳои болопӯшида ва дар работ имorату боғҳои бисёре ҷойгир будааст. Масҷиди ҷомеи Исфиҷоб чаҳор дарвоза доштааст, ки назди ҳар кадом аз дарвозаҳо работе будааст бо чунин ном: "работи нахшабиён", "работи бухориён", "работи самарқандиён" ва "работи Қаротакин" (саркардаи Сомониён – Мансури Қаротакин, ки баъди вафоташ ӯро дар работи худаш дафн кардаанд). Тибқи ахбори Муқаддасӣ Исфиоҷоб 1700 работ доштааст[2]. Тибқи ахбори Ёқути Ҳамавӣ И. дар тамоми Хуросону Моварооуннаҳр ягона вилояте буд, ки мардумаш аз пардохти хироҷ озод буданд, зеро И. дар марзи мусулмонон бо туркон қарор дошт ва мардуми он бояд бо маблағи хироҷ барои худ аслиҳа ва озуқа мехариданд. Ҳокимони И. чун нишони тобеият ба амирони Сомонӣ ҳадяҳо мефиристоданд[3]. Ба ривояти муаллифи «Ҳудуду-л-олам», И. «маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст» ва аз он ҷо «намад хезад ва гӯсфанд» ва, ба гуфтаи Муқаддасӣ, «аз он ҷо бардагони турк, ҷомаҳои сафед ва ҷангафзор ба дигар шаҳрҳо баранд».[4] Соли 993 Буғрохони Қарахонӣ Исифҷобро тасарруф намуд ва аз он вақт ин шаҳр шукӯҳу шаҳомати худро батадриҷ аз даст дод. Ҳоло шаҳри асримиёнагии Исфиҷоб дар ҷои шаҳри Сайрами кунунӣ дар ҷумҳурии Қазоқистон воқеъ аст, ки харобаҳои он 28га-ро ташкил медиҳанд.

*Фороб* ё *Бороб* дар соҳили шарқии Сайҳун дар резишгоҳи рӯди Чимкент воқеъ буд, ки минбаъд номи Утрорро гирифт. Ба қавли Муқаддасӣ дар шаҳри Фороб беш аз 70 ҳазор мард мезистанд. Ин шаҳр яке аз шаҳрҳои муҳимми

---

[1] Массон М. Е. Ахангаран. – С. 70–93.

[2] Муқаддасӣ. С. 394.

[3] Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷаму-л-булдон. Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. Теҳрон, 1380. С.

[4] Ҳудуду-л-олам. С 73; Муқаддасӣ. С. 394.

тиҷоратии Мовароуннаҳр буд, ки бар сари роҳи аслии тиҷории Аврупо ба Чин қарор дошт. Ҷайҳонӣ ин шаҳрро Пороб зикр карда, навиштааст: «Пороб номи вилоятест ва миқдори он дар тӯлу арз якест. Ва як рӯз роҳ бошад ва ҷои устувор ва мардумони далер. Ва он дар замини шӯра аст ва онро бешаҳову мазраъаҳо ва иморату зироати бисёр. Ва он дар ҷониби ғарбии ҷӯйи Шош аст».[1]

Истахрӣ дар бораи Фороб менависад, ки "масоҳати он қариб якрӯза роҳ буда ҳама ҷойҳо устувор ва дар арзи водӣ аст, ки аз рӯди Чоч об бардорад".[2] Дар "Ҳудуду-л-олам" омадааст, ки "Пороб ноҳиятест бо неъмат ва қасабаи ӯро Қадир хонанд. Мардумонеанд ҷангӣ ва диловар ва ҷои бозаргонон аст".[3]

Дар асри X рабази Фороб бо номи "Кадар" низ мавсум буд.[4] Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд Фороб шаҳри бузург буда, масчиди ҷомеъи он дар шаҳристон ва бозорҳои асосӣ дар работ қарор доштанд.[5] Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Абунасри *Форобӣ* дар ш. Васиҷи ноҳияи Фороби вилояти И. ба дунё омадааст.

Ҳоло харобаҳои шаҳри асримиёнагии Фороб дар ҷануби ҷумҳурии Қазоқистон, дар наздикии резишгоҳи рӯди Арис ба Сирдарё воқеъ буда, бо номи шаҳраки Утрор маъруфанд. Масоҳати умумии шаҳрак 200 га буда, дар пайи ҳафриёт, ки то кунун идома дорад, аз он осори арзишманди бостоншиносӣ пайдо шудааст. Хулоса, маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Фороб бо натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ комилан мувофиқанд.

Дар шимолу шарқи Исфиҷоб шаҳри *Тироз* қарор дошт, ки дар ибтидои асри X аз лиҳози тиҷоратӣ ва мавқеи стратегӣ шаҳри муҳимме буд. Ибни Ҳавқал мегӯяд, ки он нуқтаи тамоси мусулмонону туркон буд, ки мусулмонон фаротар аз Тироз намерафтанд. Ҷайҳонӣ низ дар тақвияти суханони Ибни Ҳавқал менависад: «чун аз он ҷо бигзарӣ, билоди ислом нест. Хиргоҳҳо ва чарохӯри харлухон бошад. Пас он чӣ зикр карда шуд, ҳадди Шош ва навоҳии

[1] Ҷайҳонӣ. С. 195.
[2] Истахрӣ. С. 363.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 74.
[4] Ле Стренч. С. 516.
[5] Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. С. 233.

он буд».[1] Ҳоло шаҳри Тироз маркази маъмурии вилояти Ҷамбули ҷумҳурии Қазоқистон аст. Дар пайи таҳқиқоти охири бостоншиносӣ муайян гардид, ки шаҳри асримиёнагии Тироз дар ҷои ду бозори марказии шаҳри кунунӣ воқеъ будааст ва барои анҷоми корҳои ҳаффорӣ бозорҳои мазкур кӯчонда шуда, бостоншиносон ба таҳқиқи амиқтар шуруъ кардаанд.[2]

**Хоразм.** Дар замони Сомониён Хоразм тавассути амирони гумоштаи онон (Афреғиён) идора мешуд. Ин вилоят аз лиҳози ҷуғрофиёӣ ва маъмурӣ ба ду қисм: қисмати соҳили чапи Ому ва рости он ҷудо мешуд. Маркази маъмурии қисмати рости Ому шаҳри *Кат* буд. Ин шаҳрро Ҷайҳонӣ қасабаи Хоразм[3] ва муаллифи «Ҳудуду-л-олам» «дарвозаи туркони ғуз»[4] гуфтаанд. Ба қавли Истахрӣ Кот куҳандизи қадимие доштааст, ки дар асл шаҳре буд ва оби рӯд онро хароб кардааст. Сарои хоразмшоҳ наздики масҷиди ҷомеъ ва зиндон наздики куҳандиз буд. Он замон дарвозаҳои шаҳр баъзе хароб шуда буданд ва баъзеро бино карданд.[5] Шаҳр то соли 995 (заволи ҳукумати Афреғиён) чун маркази Хоразм боқӣ монда[6] пас аз он ҷои худро ба Гурганҷ дод. Харобаҳои Кат, ки имрӯз бо номи «Шайх Аббоси Алӣ»[7] маъруфанд, ки 44 га-ро дар бар гирифта, аз он маводди зиёди бостоншиносӣ дарёфт шудааст.

Дуюмин шаҳри Хоразм ва маркази қисмати чапи соҳили Ому *Гурганҷ* буд. Ин шаҳр дорои деворҳои мустаҳкам ва чаҳор дарвоза буда, ҷуғрофиёнависон аз қасрҳои ҳокими он Маъмун ва писари ӯ Алӣ ёдовар шудаанд. Дар ҷои Гурганҷи асримиёнагӣ ҳоло шаҳри Кёнеургенч (Гурганҷи куҳна)-и Туркманистон қарор дорад. Дар қатори ду шаҳри мазбур Хоразм шаҳрҳои дигаре дошт, ки бузургтаринашон инҳо буданд: Тоҳирия, Дарғон, Ҳазорасп ва Миздаҳқон.[1]

**Чағониён** дар замони Сомониён аз вилоятҳои хеле пурғановат ба ҳисоб мерафт, ки шаҳрҳои маъруфи он Чағониён (пойтахт), Дарзангӣ, Ҳамоварон, Навандак, Регдашт, Шумон ва Аҳорун буданд.

---

[1] Ҷайҳонӣ. С. 195.
[2] Марат Шибутов. Древний Тараз, тёплый Джамбул: “ Городу две тысячи лет” // REGNUM, 6.01.2018.
[3] Ҳамон. С. 183
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 122.
[5] Истахрӣ. С. 322–323.
[6] История таджикского народа. Том. 2. С. 348.
[7] Бартолд. Том 1. С. 200.

Харобаҳои шаҳраки Будроч воқеъ дар 6-километрии ҷанубу шарқи Деҳнави имрӯзӣ макони ҷойгиршавии пойтахти Чағониёни асримиёнагӣ дониста мешавад.[2]

Дар замони Сомониён шаҳри Чағониён боз ҳам васеътар шуда, бештар аз 6 км² масоҳат дошт.[3] Қасри ҳокими шаҳр дар замони Сомониён дар ҷои шаҳристони давраи Кушониён қарор дошт.[4] Масҷиди ҷомеи шаҳр ва бозорҳои он дар ҳудуди шаҳристон ва миёни маҳалҳои сукунати ҳунармандон воқеъ буданд.[5]

Вилояти Чағониён ба қавли Муқаддасӣ сарзамини хеле васеъ ва пурғановат буд, аммо муаллифи «Ҳудуду-л-олам» онро ҳамчун вилояти дорои ҷамъияти кам тавсиф намуда, қайд мекунад, ки мардумаш фақир буданд.[6] В. В. Бартолд чунин мешуморад, ки рукуди ин сарзамин ба давраи ошӯби ҳокими ин вилоят Абуалии Чағонӣ ба муқобили амири Сомонӣ Нӯҳ ибни Наср (943–954) дар солҳои 946–948 рост меояд.[7] Аз ин ҷост, ки муаллифи «Ҳудуду-л-олам» ин вилоятро камаҳолӣ ва мардумашро фақир дарёфтааст.

Қариб ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Чағониён дар сари роҳи корвонгузар, ки асосан қад-қади соҳилҳои Сурхондарё тӯл мекашид, воқеъ буданд. Масофа аз маркази Чағониён то шаҳри Тирмиз тавассути ин роҳ чаҳор манзил[8] ё ин ки 24 фарсах[9] буд.

Нахустин шаҳри Чағониён ба ҳангоми вуруд аз самти Тирмиз шаҳри Дарзанҷӣ ё Дарзангӣ буд. Яъқубӣ номи ин шаҳрро ба сурати Дарзанко овардааст.[10] Дарзангӣ дар нимароҳи байни Тирмиз ва маркази Чағониён воқеъ

---

[1] Истахрӣ. Ҳамон ҷо.
[2] Пугаченкова Г. А. К исторической топографии Чаганиана. Научные труды Ташкентского гос. университета, вып. 200. С. 59.
[3] Ртвеладзе Э. В. Новые археологические данные к истории городища Будрач. История материальной культуры Узбекистана, вып. 18. С. 173.
[4] Ртвеладзе Э. В. Исследования на городище Будрач и в его окрестностях. Археологические открытия 1981 г. С. 464.
[5] Ртвеладзе Э. В., Сагдуллаев А. С. Памятники минувших веков. С. 107.
[6] Ҳудуду-л-олам. С. 114.
[7] Бартолд В. В. Соч. т. 8. С. 152–154.
[8] Яъқубӣ. С. 292.
[9] Ибни Хурдодбеҳ. С. 33.
[10] Яъқубӣ. С. 289.

буда, шаҳри пурҷамъият[1] ва зебое буд, ки работи мутааллиқ ба Абулҳасан ибни Ҳасани Моҳу дар он ҷо қарор дошт.[2] Бино бар навиштаи Муқаддасӣ сокинони ин шаҳр ҳамагӣ бофанда буда, ба истеҳсоли матоъ сари кор доштанд. Оби нӯшокии сокинони шаҳр аз дарёи Сағониён буда, аз канори шаҳр як рӯди дигар ҳам мегузашт.[3] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» Дарзангиро шаҳраке номидааст, ки бо хандақ иҳота шуда, сокинонаш ба кордсозӣ ва бофтани навъҳои гуногуни гилем машғул буданд.[4]

Макони ҷойгиршавии Дарзангии асримиёнагиро В. В. Бартолд дар 62-километрии Тирмиз, ҷои ба Сурхондарё рехтани рӯди Кукҷар медонад.[5] Харобаҳои он дар соҳили рости Сурхондарё воқеъ буда, қариб 50 га-ро дар бар мегиранд. Давраи мавҷудияти он аз ибтидои асрҳои миёна то ҳамлаи муғул гуфта мешавад.[6] Ёдгориҳое, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омаданд, далели дар ин ҷо маъмул будани ҳунари бофандагӣ аз замонҳои қадим мебошанд.[7]

Роҳи асосии корвонгузар дар замони Сомониён аз маркази Чағониён ба самти шимолу шарқ, дар тӯли қаторкӯҳҳои Ҳисор то Рошт мерафт ва пас аз он қад-қади дарёи Сурхоб аз кӯҳҳои Помир убур намуда, ба Чин мерасид. Нахустин шаҳр дар ин роҳ аз самти Чағониён дар сарчашмаҳо бо номи Наванд ё Навандак оварда шудааст. Он аз маркази Чағониён ба қавли Қудома ибни Ҷаъфар дар масофаи 3 фарсах[8] ва ба андешаи Ибни Хурдодбеҳ ба масофаи 6 фарсах[9] воқеъ буд.

Макони ҷойгиршавии Наванд ба андешаи муҳаққиқон[10] шаҳраки Навандактеппа мебошад. Шаҳр аз арки устувор, ки бо хандаки паҳнояш 50 м

---

[1] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 211.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 518.
[3] Муқаддасӣ. С. 283.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 114.
[5] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 124.
[6] Аршавская З. А., Ртвеладзе Э. В., Хакимов З. А. Средневековые памятники Сурхандарьи. Ташкент: Изд.-во лит.-ры и искусства, 1982. -152 с. с илл.
[7] Ртвеладзе Э. В., Исхаков М. Два средневековых чаганианских селения. История материальной культуры Узбекистана, вып. 15. – Ташкент, 1979. С. 86.
[8] Қудома ибни Ҷаъфар. С.
[9] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34.
[10] Ртвеладзе Э. В., Исхаков М. Два средневековых чаганианских селения. История материальной культуры Узбекистана, вып. 15. С. 117.

иҳота шуда буд, аз шаҳристон (450x450 м) ва рабази фарох иборат буда, аз ибтидои асрҳои миёна то асри XVIII вуҷуд доштааст. Натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ ба маълумоти Ибни Хурдодбеҳ оид ба масофаи байни Наванд то маркази Чағониён мутобиқ мебошанд.

Дар ҳафтфарсахии Навандак[1] шаҳри дигари Чағониён – Ҳамоварон воқеъ буд. Қудома ибни Ҷаъфар менависад, ки рустоест, ки роҳи он фақат барои пиёдагардӣ мувофиқ аст.[2] Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» Ҳамоварон шаҳри хурде буд бо ҷамъияти кам воқеъ дар наздикии рӯди Касавон.[3] Ибни Хурдодбеҳ навиштааст, ки ҳангоми рафтан ба самти Ҳамоварон роҳи корвонгузар аз водие убур мекард, ки ду ё се фарсах паҳно дошт.[4]

М. М. Дяконов онро водии Сурхондарё медонад.[5] Аммо ба андешаи Э. В. Ртвеладзе роҳи корвонгузар дар асрҳои миёна аз Навандак ба шимолу шарқ гашта, водии паҳноаш 10–15-километриро воқеъ дар резишгоҳи дарёҳои Дашнободу Ширкент ба дарёи Қаратоғ убур мекард.[6]

Г. А. Пугаченкова маҳалли ҷойгиршавии Ҳамоварони асримиёнагиро шаҳраки Шаҳринав донистааст.[7] Муқаддасӣ менависад, ки дар думанзилии пойтахти Сағониён шаҳре буд бо номи Ҳонабон[8] ва шояд манзур Ҳамоварон бошад.

Бино бар навиштаи Истахрӣ дар масофаи 6 фарсах аз пойтахти Чағониён дар сари роҳи корвонгузар шаҳри Рекдашт[9] ва ё Рекар[10] воқеъ буд. Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» номи ин шаҳрро Регар навишта, қайд мекунад, ки он дар наздикии дарёи Наҳом воқеъ буд ва ҳавои фораму неъматҳои фаровон дошт.[11]

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34
[2] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 211.
[3] Ҳудуду-л-олам. С. 114.
[4] Ибни Хурдодбеҳ. С. 34.
[5] Дьяконов М. М. Работы Кафирниганского отряда. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М-Л., 1950. С. 185.
[6] Ртвеладзе Э. В. Обнаружение средневекового селения Навандак в области Саганиан. История материальной культуры Узбекистана, вып. 14. Ташкент, 1978. С. 119.
[7] Пугаченкова Г. А. Халчаян. К проблеме художественной культуры Северной Бактрии. С 25.
[8] Муқаддасӣ. С. 344.
[9] Истахрӣ. С. 340–341; Муқаддасӣ. С. 49, 268.
[10] Ибни Ҳавқал. С. 519.
[11] Ҳудуду-л-олам. С. 114.

**Шумон ва Ахарун.** Ин ду ноҳия дар шарқи Чағониён ва ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор воқеъ буданд. Ҳоло дар ин ҳудуд ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Дар замони Сомониён Шумон дар тобеияти Чағониён қарор гирифта, бо он як воҳиди маъмуриро ташкил медод. Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» шаҳр дар нишебии кӯҳ воқеъ буда, атрофи он девори мустаҳкаме дошт. Арки Шумон дар баландии кӯҳ қарор дошт ва дохили он хеле фарох буд.[1] Истахрӣ Шумонро аз лиҳози масоҳат кучактар аз Тирмиз ва Вашгирд навиштааст,[2] аммо ба қавли Муқаддасӣ шаҳре зебо ва пурҷамъият будааст.[3] Ибни Ҳавқал аз работҳои Шумон ёдовар шуда, зикр намудааст, ки онҳо ба шаҳр даромади зиёд меоварданд.[4]

Ба андешаи Ғ. Ғоибов қалъаи Шумони тоисломӣ дар ҳудуди Ҳисор воқеъ буда, пас аз омадани арабҳо ин шаҳр мавҷудияти худро қатъ намуд. Шумони замони Сомониён бошад, дар ҷои шаҳраки Шишахона воқеъ дар соҳили чапи дарёи Варзоб дар ҳудуди шаҳри Душанбе қарор доштааст.[5]

Дар замони Сомониён Шумон ва Ахарун ба ҳайати Чағониён ҳамроҳ шуда, дар якҷоягӣ бо он як воҳиди маъмуриро ташкил медоданд. Макони Ахарун дақиқан маълум нест. В. В. Бартолд навиштааст, ки он дар шарқи Шумон воқеъ буд.[6] Дяконов макони Ахарунро водии дарёи Қаратоғ гуфта, қайд намудааст, ки худи шаҳри Ахарун дар ҷои имрӯзии шаҳраки Шаҳринав воқеъ буд.[7] В. А. Зеймал шаҳри Ахарунро бо шаҳраки Узбекontеппа воқеъ дар соҳили рости Ширкентдарё як макон донистааст.[8]

Номи Ахарун дар асри X тамоман истифода намешавад ва ба ҷои он дар сарчашмаҳо Ҳамоварон зикр мегардад. Дар баъзе сарчашмаҳо ин ду ном якҷоя зикр шуда, дар онҳо Ахарун ҳамчун вилоят ва Ҳамоварон чун шаҳр ном

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 115.
[2] Истахрӣ. С. 228.
[3] Муқаддасӣ. С. 284.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 455.
[5] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644—704 гг.). -Душанбе: Дониш, 1989. С. 32.
[6] Бартолд В. В. Соч. Т.3. С. 320.
[7] Дяконов. М. М. С. 285.
[8] Зеймал В. А. С 135.

гирифта шудаанд.[1] Дар осори Табарӣ, Балозӯрӣ ва Ибни Фақеҳ яке аз инҳо, яъне ё вилояти Ахарун ва ё шаҳри Ҳамоварон зикр шудаанд. Шаҳре бо номи Ахарун танҳо дар навиштаҳои Яъқубӣ мушоҳида мешавад.[2] Дар сарчашмаҳои асри X Ҳамоварон низ зикр намешавад ва аз ин бармеояд, ки дар ибтидои асрҳои миёна номи ин вилоят, ки дар водии дарёи Қаратоғ воқеъ буд, Ахарун ва маркази он шаҳри Ҳамоварон будааст. М. М. Дяконов чунин мешуморад, ки сабаби зикр нашудани номи Ахарун дар баъзе осори асримиёнагӣ дар он аст, ки он дар сари роҳи корвонгузар қарор надошт.[3]

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки вилояти Чағониён дар замони Сомониён макони серғановат буда, масоҳати васеъеро ишғол карда, он шомили шаҳру навоҳии зиёде будааст. Бо сабаби задухӯрдҳои ҳокимони маҳаллӣ он муддате дар ҳолати рукуд қарор ёфта будааст, ки аз он маводди маъхазҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд.

**Вашгирду Рошт.** Ҳудуди Вашгирди таърихӣ дар ноҳияи Файзобод ва ҳудуди Рошт дар ноҳияи Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ аст. Таърих ва ҷуғрофиёи таърихии ин сарзамин бори нахуст аз ҷониби В. В. Бартолд[4] мавриди пажӯҳиш қарор гирифта буд.

Дар марзи Вашгирд бо шаҳри Тамлиёти Хутталон дарёи Вахш мегузашт, ки дар асрҳои миёна иртиботи ин ду вилоят ба воситаи тангнои дарё мавсум ба Пули Сангин буд, ки дар ҳудуди Нораки имрӯз қарор дошт. Ба қавли Истахрӣ аз пули Сангӣ то Вашгирд ду рӯза роҳ буд.[5]

Яъқубӣ навиштааст, ки дар асри X шаҳри Вашгирд бузургтар аз Шумон ва тақрибан баробар бо Тирмиз буд.[6] Шаҳр дар миёни кӯҳҳо ва дашт қарор дошта, ҳамеша дар он бод мевазид.[7] Дар ин ҷо дар водии дарёи Ромрӯд чанд кони истихроҷи ҷомосп (лаъли кабуд, аметист) вуҷуд дошт.[8]

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. С. 37; Қудома ибни Ҷаъфар. С. 243.
[2] Яъқубӣ. С. 289.
[3] Дяконов. М. М. Работы Кафирниганского отряда. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. с. 185.
[4] Бартолд В. В. Соч. т.3, с. 445–447.
[5] Истахрӣ. С. 339,341.
[6] Яъқубӣ. С. 298.
[7] Ҳудуду-л-олам. С. 115.
[8] Ҳамон ҷо.С. 181.

В. В. Бартолд макони Вашгирдро ҳудуди Файзобод[1] ва А. М. Беленитский шаҳраки Қалъаи Сангин – воқеъ дар соҳили дарёи Элок донистаанд.[2] Ин шаҳрак 80 га масоҳат дошта, қабатҳои поинтарини он мансуб ба давраи антиқӣ мебошанд.[3] Арк ва шаҳристони он бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ ва хандақҳо итоҳа шуда буданд. Аз самти шарқи шаҳрак чандин теппа воқеъ гардидаанд, ки эҳтимол боқимондаи «работ»-ҳои зикрнамудаи Самъонӣ ва «700 истеҳком»-и навиштаи Яъқубӣ бошанд.

Шаҳри Элок (Илок) дар масофаи якрӯза роҳ дар шарқи Вашгирд воқеъ буд. Ҳоло яке аз деҳаҳои ноҳияи Файзобод аст. Рӯде, ки аз ҳудуди ин ноҳия гузашта ба дарёи Кофарниҳон мерезад, Элок ном дорад. В. В. Бартолд вайронаҳои истеҳкоми Қалъаи Даштро макони шаҳри асримиёнагии Элок мешуморад.[4] Дар харитаи асри XIX ин мавзеъ дар шимолу шарқи Файзобод, миёни ин ноҳия ва Обигарм маҳалле бо номи Элокдара қайд шудааст, ки эҳтимол маҳалли аслии Элоки асримиёнагӣ бошад.

Манзилгоҳи навбатӣ Дарбанд буд, ки то Элок якрӯза роҳ дошт. В. В. Бартолд маҳалли Дарбандро Обигарми кунунӣ навиштааст.[5] Аммо бо такя ба маълумоти нав макони Дарбанди асримиёнагӣ шаҳраки Қалъаи Имлок воқеъ дар наздикии шаҳри Роғун мебошад. Шаҳрак дорои арк ва шаҳристон буда, зиндагӣ дар арки он то асри VIII ва дар шаҳристон то асри XIII идома доштааст.[6]

Дар шарқи Вашгирд ва миёнаоби рӯди Вахш ноҳияи Рошт бо марказияти шаҳри ҳамном воқеъ буд. В. В. Бартолд навиштааст, ки шаҳри маркази вилояти Рошт дар ҷои шаҳраки Ғарм (Рашти кунунӣ) воқеъ буда,[7] қалъаи Рошт

---

[1] Бартолд В. В. Т. 1. С. 121.
[2] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1946 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М. - Л., 1950. С. 128-139.
[3] Беленицкий А. М., Бентович И. Б., Большаков О. Г. Средневековый город Средней Азии. — Л.: Наука ЛО 1973. -352. с.
[4] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 121.
[5] Ҳамон ҷо. Т. 1. С. 121.
[6] Якубов Ю. О работах Нурекского отряда в 1972 году на пещерных средневековых памятниках. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12. Душанбе, 1976. С. 171-182.
[7] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 120–121.

аз он дар масофаи якрӯза роҳ ба самти шарқ, дар марз бо туркони бодиянишин қарор дошт.[1]

Дар наздикии резишгоҳи дарёҳои Ясмон ва Оби Кабуд ба дарёи Сурхоб, воқеъ дар 1,5-километрии деҳаи Ҳисораки ноҳияи Рашт қалъае маъруф ба Ҳисорак боқӣ мондааст. Ин қалъа дар асрҳои миёна ҳамчун посгоҳи марзӣ барои рафъи ҳамлаҳои душманон аз самти водии Олой ва болооби дарёи Сурхоб ба самти водии Рошт хидмат мекард. Ба андешаи Н. А. Кисляков ин қалъа ҳамонест, ки дар осори асримиёнагӣ аз он бо номи «қалъаи Рошт» ёд шуда ва масофаи он то Вашгирд 5-рӯза роҳ гуфта шудааст.[2]

Чунон ки қайд гардид, Ибни Хурдодбеҳ масофаи миёни Вашгирд то маркази Роштро чаҳоррӯза роҳ гуфта, Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ аз се манзилгоҳ дар ин қитъаи роҳ ёдовар шудаанд, ки Элок, Дарбанд ва Ҷовакон ё Ҳовакон ном доштанд.[3]

Дар асри X дар Рошт зарробхонае фаъолият мекард, ки дар он дирҳамҳои нуқрагии Сомониён сикка зада мешуданд.[4] Ин далели мавҷудияти кони нуқра дар ин минтақа аст. Ғайр аз ин, дар кӯҳҳои Лангаршоҳи ин ноҳия кони намак вуҷуд дошт.[5]

**Қубодиён** мулке буд дар миёни Вахш ва Чағониён, ки аксари ҳудудашро заминҳои ҳамвору нимабиёбон ташкил медоданд. Маркази маъмурии Қубодиён ба ҳамин ном маъруф буда, аз шаҳри Тирмиз дар масофаи ду манзил воқеъ буд.[6] Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар асри IX маркази Қубодиён аз рӯи андоза ҳамонанди Тирмиз буд,[7] аммо дар замони Сомониён Тирмиз аз он бузургтар шуд.[1] Аз ин ҷо маълум мешавад, ки маркази Қубодиён дар замони Сомониён яке аз шаҳрҳои муҳим ва рушдкардаи ҳавзаи рӯди Омӯ будааст.

Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ шаҳракҳои Кайқубодшоҳ ва Қалъаи Мир ҳафр шуда, ба замони қабл аз ислом тааллуқ доштани онҳо муайян

---

[1] Кисляков Н. А. Очерки по истории Каратегина. К истории Таджикистана. Сталинабад. 1954. С. 42.
[2] Кисляков Н. А. Очерки по истории Каратегина. К истории Таджикистана. С.41.
[3] Истахрӣ. С. 340; Ибни Ҳавқал. С. 519.
[4] Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть 5. Ташкент. 1983. С. 211.
[5] Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи. Составил И. Минаев. СПб., 1879. С. 53.
[6] Истахрӣ. С. 298, 341.
[7] Яъқубӣ. С. 291.

гардид.[2] Яъне маркази Қубодиёни замони Сомониён бояд дар маҳалли дигаре воқеъ бошад.

Ба қавли М. М. Дяконов харобаҳои воқеъ дар 10-километрии шимоли Шаҳритуз ва 1,5 километрии ғарби дарёи Кофарниҳон маркази Қубодиёни асримиёнагӣ будаанд.[3] Дар ҷануби ин харобаҳо ва 9 километр дуртар аз Шаҳритуз шаҳраки Қизилтеппа воқеъ аст. Ин шаҳрак шакли чоркунҷа дошта, давраи мавҷудияташ аз замони Кушониён то асри XIII дониста мешавад. Ба андешаи А. М. Манделштам маҳз ҳамин шаҳрак маркази Қубодиён дар замони Сомониён будааст.[4]

Истахрӣ ҳангоми зикри Қубодиён танҳо аз як шаҳр бо номи Навдиз ё Йузар ёдовар шудааст.[5] Ибни Ҳавқал ҳамин шаҳрро Қуз навишта, қайд мекунад, ки он поинтар аз Қубодиён воқеъ буд.[6]

Ба андешаи Ғ. Ғоибов ҳамаи ин номҳо (Биз, Қуз, Йуз) ба як шаҳр тааллуқ дошта, манзур шаҳри Туз аст, ки дар ҳудуди Шаҳритузи кунунӣ воқеъ мебошад.[7] Ба қавли ҳамин муҳаққиқ истилоҳи Тус ё шаҳри Туз аз номи шаҳри Тӯси Эрон гирифта шуда, ба лашкаркашиҳои шоҳони Сосонӣ ба ҳудуди Вարорӯд иртибот дорад.[8] Дар 7,7-километрии шимоли Шаҳритуз шаҳраки асримиёнагие воқеъ аст, ки Ғ. Ғоибов онро Навдизи асримиёнагӣ мешуморад, ки эҳтимол Тузи замони Сомониён бошад, зеро дар худи Шаҳритуз қабатҳои марбут ба асрҳои IX–X ёфт нашудааст. Аз ҷануби Шаҳритуз дар асрҳои миёна роҳи корвонгузаре мегузашт, ки аз Қубодиён тавассути ағбае дар кӯҳҳои Боботоғ ба водии Сурхондарё мерафт. Масофа аз маркази Қубодиён то Тирмиз

[1] Истахрӣ. С. 298, 341.
[2] Мандельштам А. М. Предварительный отчет о работах Кафирниганского отряда в 1958 году. Доклады АН ТаджССР, № 11. С. 64.
[3] Дьяконов М. М. Археологические работы в нижнем течении реки Кафирнигана (Кобадиан). Труды Таджикской археологической экспедиции. Т. 2. С.267–268.
[4] Мандельштам А. М. Предварительный отчет о работах Кафирниганского отряда в 1958 году. Доклады АН ТаджССР, № 11. с. 68.
[5] Истахрӣ. С. 298.
[6] Ибни Ҳавқал. С. 476.
[7] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644—704 гг.). С. 29.
[8] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644–704 гг.). С. 30.

ба воситаи ин роҳ ду манзил ва то маркази Чағониён се манзилро ташкил медод.[1]

**Вахш** дар замони Сомониён бахше аз мулки ниммустақили Хутталон буд. Шаҳри асосӣ ва марказии Вахш дар замони Сомониён Ҳаловард буд, ки дар масофаи ду манзил аз гузаргоҳи Орҳан қарор дошт.[2] Аз рӯи андоза Ҳаловард бузургтар аз Ҳулбук буд[3] ва қалъа ҳам дошт.[4] Дар атрофи шаҳр боғҳо ва киштзорҳо бисёр буданд.[5] Он дорои киштзорҳои фаровон ва рустоқҳои бисёр буд ва сокинонаш тирандозони моҳир буданд.[6]

В. В. Бартолд андеша дорад, ки Ҳаловарди асримиёнагӣ дар маҳалли Бохтари кунунӣ (собиқ Қӯрғонтеппа) воқеъ буд.[7] Аммо ба қавли В. С. Соловёв Ҳаловарди тоисломӣ дар шаҳраки Кофирқалъа, воқеъ дар қисмати ғарбии шаҳраки Ҷалолуддини Балхӣ воқеъ буд, ки масоҳати он 12 га-ро ташкил медод.[8] Шаҳр аз арк, шаҳристон ва работ иборат буда, аз дарвозаи ғарбии шаҳр ба дарвозаи шарқии он кӯчаи асосӣ тӯл мекашид, ки шаҳрро ба ду қисми баробар ҷудо мекард. Дар маркази шаҳр майдони калоне воқеъ буда,[9] дар кӯчаи асосии шаҳр маҳалли иқомати ҳунармандон қарор дошт.[10] Шаҳристон монанди арк бо ду қабат девори похсагии мудофиавӣ иҳота шуда буд.[11] Дар назди дарвозаи ғарбии шаҳристон аз дохил анборе мавҷуд буд, ки дар он маҳсулоти ҳамчун андоз аз амволи заминдорону тоҷирони ба шаҳр омада ситонидашуда, нигоҳдорӣ мешуд.[12]

---

[1] Истахрӣ. С. 341; Дьяконов М. М. Археологические работы в нижнем течении реки Кафирнигана (Кобадиан). Труды Таджикской археологической экспедиции. Т. 2. С. 270.
[2] Истахрӣ. С. 359.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Яъқубӣ. С. 291.
[5] Муқаддасӣ. С. 291.
[6] Ҳудуду-л-олам. С. 120.
[7] Бартол. В. В. Соч. Т.1. С. 119.
[8] Соловьев В, С. Работы на Кафыркале в Вахшской долине. Археологические работы в Таджикистане, вып. 18. Душанбе, 1984. С. 167-177. С. 167.
[9] Соловьев В. С. Изучение раннесредневекового Хелаверда. Археологические открытия 1986 года.М., 1988. С. 519; С. 212.
[10] Ҳамон ҷо.
[11] Соловьев В. С. Раскопки на городище Кафыркала в 1974 году. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. Душанбе. 1979. С. 145-155; С. 149–152.
[12] Соловьев В. С. Раскопки Кафыркалы в Колхозабаде. Археологические открытия 1978 года. М., 1979. С. 586.

Тибқи маълумоти бостоншиносӣ шаҳри воқеъ дар маҳалли Кофирқалъа дар замони Кушониён бунёд шуда,[1] дар замони ҳуҷуми арабҳо хароб гардидааст.[2] Пас аз истилои араб маркази Вахш ба 12-километрии шимолу ғарби Кофирқалъа ва соҳили рӯди Вахш интиқол ёфт. Ин шаҳр номи қаблии маркази Вахш, яъне Ҳаловардро дошта, дар соҳили чапи рӯди Вахш қарор дорад. Дар ҷои он ҳоло шаҳраки Золи Зар воқеъ буда, то шаҳри Бохтар 23 километр масофа дорад.[3] Масоҳати умумии шаҳрак бо маҳалҳои атрофи он 100 га-ро ташкил медиҳад.[4] Шаҳр бо деворҳои мудофиавӣ (дар баъзе ҷойҳо бо ду қабат) иҳота шуда, дорои чаҳор дарвоза бо манораҳои дидбонӣ буд.[5] Тибқи андешаҳо шаҳраки Золи Зар ҳанӯз аз асрҳои 3–4 бунёд шуда, пас аз густариши ислом ба шаҳри бузурге табдил шудааст.[6]

Давраи авҷи шукуфоии шаҳр маҳз ба замони Сомониён тааллуқ дошта, то ибтидои асри XIII идома ёфтааст.[7] Қариб ҳамаи биноҳои шаҳр аз хишти пӯхта бунёд шуда, кӯчаҳо ва майдонҳои он бо шағал рӯпӯш шуда буданд.[8] Дар замони Сомониён дар Вахш зарробхона мавҷуд буд, ки сиккаҳои нуқрагӣ дар он зарб мешуданд.[9]

**Леваканд.** Дар якманзилии Ҳаловард ва думанзилии Пули Сангин дуввумин шаҳри бузурги вилояти Вахш – Ловаканд ё Леваканд воқеъ буд.[10] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» навиштааст, ки дар ин ҷо гӯсфандони маҳаллии бо номи «Вахшӣ» парвариш мешуданд.[11]

---

[1] Древности Таджикистана. Каталог выставки. Душанбе: Дониш, 1985. С. 156.

[2] Соловьев В. С. Работы на Кафыркале в Вахшской долине в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане вып. 20. Душанбе, 1987. С. 178.

[3] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т.1. С. 144; Литвинский В. А. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой. Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1954. С. 38.

[4] Литвинский Б. А., Соловьев В. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине). М.; Наука, 1985. С. 158.

[5] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. С. 144.

[6] Древности Таджикистана. Каталог выставки. С. 284.

[7] Соловьев В. С. Работы Колхозабадского отряда. Археологические открытия 1981 года. М., 1983. С. 491.

[8] Литвинский Б. А., Соловьев В. с. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине). — М.; Наука, 1985. С. 148–151.

[9] Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 10. – М., 1973. С. 262.

[10] Муқаддасӣ. С. 49, 490; Истахрӣ. С. 339.

[11] Ҳудуду-л-олам. С. 120.

В. В. Бартолд макони ҷойгиршавии Левакандро деҳаи Сангтӯда[1] ва А. М. Беленитский шаҳраки Каунтеппа воқеъ дар 10-километрии ғарби Бохтар[2] гуфтаанд. Ба андешаи Т. И. Зеймал Леваканди асримиёнагӣ дар ҷои шаҳри Бохтари кунунӣ воқеъ буда, бузургтарин шаҳри асримиёнагии водии Вахш дар самти шимол буд. Шаҳр дар канори наҳри Ҷӯйбор қарор дошта, ҳамчун истеҳкоми муҳимми стратегӣ аҳаммияти худро то ибтидои асри XX нигоҳ дошт.[3]

А. М. Беленитский мегӯяд, шаҳри асримиёнагии Вахш, ки дар осори таърихӣ зикр шудааст, ҳамон Леваканд аст.[4] Э. Шаванн ҳам ин нуктаро таъйид мекунад.[5] А. Мухторов чунин мешуморад, ки Вахши асримиёнагӣ дар ҷои шаҳраки Лағмон, воқеъ дар шоҳроҳи байни Бохтар – Панҷи Поён қарор доштааст.[6] В. Н. Логофет наздикии резишгоҳи дарёи Вахшро ба дарёи Омӯ макони ҷойгиршавии шаҳри Вахши асримиёнагӣ донистааст. Ба қавли ӯ қалъаи Вахш, ки дар баландии соҳили дарё қарор дошт, ҳамчун дидбонгоҳ барои вуруд ба водӣ аз самти ҷануб хидмат мекард ва ҳамзамон пойгоҳ ва паноҳгоҳи нафароне буд, ки дар ин ҷо ба кофтукофи тилло ва дигар корҳо машғул буданд.[7]

**Хатлон.** Дар замони Сомониён Хутталон мулки ниммустақил ба шумор мерафт, ки ҳокими он аз пардохти хироҷ озод буда, ба Бухоро ҳамчун рамзи тобеият танҳо ҳадяҳо мефиристод.[8] Шаҳрҳои Хутталон дар ҳамворӣ ва соҳилҳои рӯдҳо воқеъ буда, заминҳои ҳосилхез ва боғҳои фаровон доштанд.[9] Пойтахти Хутталон дар замони Сомониён – *Ҳулбук* шаҳре пурҷамъият буда,

---

[1] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 119.
[2] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т.1. С. 144; Литвинский В. А. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой. Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1954. С. 38.
[3] Зеймаль Т. И, Древние и средневековые каналы Вахшской долины. Страны и народы Востока, вып. 10. Средняя и Центральная Азия. –М.,1971. С. 50.
[4] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. С. 140.
[5] Chavannes E. Documents sur les Tou-Kiue (Turks) occidentaux. Сборник трудов Орхонской экспедиции, вып. 6. С. 277.
[6] Мухтаров А. По следам прошлого. Душанбе: Ирфон, 1982. С. 9.
[7] Логофет Д. Н. На границах Средней Азии. Путевые очерки, в трех книгах. СПб., 1909. С. 57.
[8] Муқаддасӣ. С. 336.
[9] Истахрӣ. С. 279.

рустоқҳои бисёр дошт.[1] Ҳулбук аз Мунк хурдтар буд.[2] Биноҳои ин шаҳр аз гил сохта шуда,[3] масҷиди ҷомеи он дар маркази шаҳр қарор дошт.[4] Аз назди Ҳулбук рӯде мегузашт, ки онро Барсон[5] ё Барбон[6] ва ё Наҳри Ҳулбук[7] мегуфтанд ва оби нӯшокии сокинони шаҳр аз он буд.[8]

Ҳоло макони Ҳулбуки асримиёнагӣ дар ҳудуди ноҳияи Восеи вилояти Хатлон буда, он 70 га масоҳат дошта, аз арк, шаҳристон ва рабаз иборат буд, ки арк дар навбати худ ба ду қисмат – дохилӣ ва берунӣ тақсим мешуд.[9]

Дар замони Сомониён дар Хутталон зарробхонае фаъолият мекард, ки дар он сиккаҳои нуқрагӣ – дирҳамҳоро зарб мезаданд.[10] Ба андешаи Е. А. Давидович зарробхонаи мазкур дар Ҳулбук воқеъ буд.[11] Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ аз қисмати поёнии арк шумораи зиёди сиккаҳои марбут ба асрҳои X–XI ёфт шуданд, ки дар зарробхонаи ҳамин ҷо зарб шудаанд.[12]

Тибқи бозёфтҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди шаҳри Ҳулбук илова ба наҳрҳо қариб дар ҳар хона лӯлаҳои обгузар вуҷуд доштанд.[13] Дар асрҳои миёна дар ин шаҳр ҳунарҳои филиззкорӣ, кулолгарӣ, шишагарӣ, хиштпазӣ ва ғайра рушд карда буданд.[14] Дар осори Истахрӣ қайд шудааст, ки биноҳои Ҳулбук аз гил сохта шудаанд,[15] вале ҳафтиёт нишон дод, ки ҳамаи биноҳо Ҳулбук аз хишти пухта сохта шуда, фарши онҳо бо хиштҳои муқарнас пӯшонида

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 119.
[2] Истахрӣ. С. 297.
[3] Ҳамон. С. 279.
[4] Муқаддасӣ. С. 291.
[5] Истахрӣ. С. 339.
[6] Ибни Ҳавқал. С. 518.
[7] Ибни Хурдодбеҳ. С. 296.
[8] Муқаддасӣ. С. 291.
[9] Гулямова Э. Раскопки в Хульбуке в 1961 г Археологические работы в Таджикистане, вып. 9. Душанбе. 1964. С. 103-113.
[10] Убайдуллоҳ Уқайлӣ. Дору-л-зарбҳои Эрон дар давраи исломӣ. С. 167; Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. London: The British Museum, 1941— 244 p
[11] Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана в 1953 году, Доклады АН ТаджССР. № 11. Сталинабад, 1954. С. 69—79.
[12] Гулямова Э. О работах Хульбукского и Московского отрядов в 1979 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 19. Душанбе, 1986. С. 264—277; С. 264–272.
[13] Гулямова Э. Хульбук - столица Хутталя. Душанбе: Ирфон, 1969. С. 52.
[14] Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 10. М., 1973.С. 249—281. С. 59.
[15] Истахрӣ. С. 279.

шудаанд.[1] Қабати мадании шаҳраки Хишттеппа мансуб ба асрҳои X-XII мебошад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳулбуки ибтидои асрҳои миёна дар макони дигаре воқеъ гардидааст.

Бузургтарин шаҳри Хутталон дар замони Сомониён **Мунк** буд.[2] Ин шаҳр дар масофаи дурӯза роҳ аз Ҳулбук дар марз бо Карон воқеъ буда, нуқтаи марзии мусулмонҳо дар шарқ буд.[3] Ба қавли Ибни Ҳавқал Мунк шаҳри бузург набуд, аммо рустоқи фарох дошт.[4] Он шаҳри бисёр зебо ва сарсабз буд, ки сокинонаш ғаюр ва ҷангозмуда буданд.[5]

В. В. Бартолд макони Мунки асримиёнагиро Балҷувони кунунӣ гуфтааст.[6] Аммо А. М. Беленитский бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносии баъдтар макони Мунки асримиёнагиро яккилометрии Ховалинг ва ҳудуди деҳаҳои Шаҳри Мунг ва Гулзор (собиқ Хонақоҳ) донистааст.[7] Ба андешаи Б. А. Литвинский зиндагӣ дар ин шаҳр аз замони Кушониён оғоз шуда, то давраи истилои муғул идома кардааст.[8] Тӯли водии он 10–12 километр ва паҳнояш 6–7 километр буда, замини ҳосилхез дорад, ки барои рушду нумуи шаҳр мутобиқ буд.[9] Дар водии дарёи Оби Мазор ду теппаест, ки ба андешаи М. Муллоқандов дарвозаҳои ҷанубии Шаҳри Мунг будаанд.[10] Дар соҳили рӯди Оби Мазор воқеъ дар наздикии деҳаи Гулзор гӯристони Мунки асримиёнагӣ қарор дорад, ки ҷасадҳо дар он рӯ ба шимол дафн шудаанд.[11] Дар соҳили чапи рӯди Оби Мазор

---

[1] Литвинский Б. А., Давидович Е. А. Предварительный отчет о работах Хуттальского отряда на территории Кулябской области в 1953 году. Доклады АН ТаджССР, № 11. Сталинабад, 1954 С. 40.
[2] Муқаддасӣ. С. 291.
[3] Яъқубӣ. С. 290.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 476.
[5] Ҳудуду-л-олам. С. 120.
[6] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 119.
[7] Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1946 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции, т. 1. — М. - Л., 1950. С. 128–129.
[8] Литвинский В. А. Археологические работы Института истории АН Таджикской ССР. Археологические открытия 1966 года. — М., 1967. С. 39.
[9] Гулямова Э. Раскопки у селения Саят (Пархарский район). Археологические работы в Таджикистане, вып 10 — М 1973. С. 217.
[10] Муллокандов М. Археологические работы в долине реки Обимазар в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 20. Душанбе, 1987. С. 219—226. С. 221–222.
[11] Муллокандов М. Археологические работы в долине реки Обимазар в 1981 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 21. Душанбе, 1988. С. 404-413. С. 406–413.

дар маҳалли Сумбулхор нишонаҳои маҳсулоти кулолӣ ва маҳалли сукунати ҳунармандони асрҳои X–XII ёфт шудаанд.[1]

Дар марзи Хутталон бо Вашгирд дар асрҳои миёна маҳалли Пули Сангин қарор дошт, ки ягона роҳи ба ҳам пайвастани ин ду вилоят буд. Масофа аз Пули Сангин то Вашгирд ду рӯз роҳ ва то Мунк низ ҳамин андоза буд.[2]

Дар чаҳорфарсахии Пули Сангин, дар роҳ ба самти Мунк шаҳри Тамлиёт[3] воқеъ буд, ки он яке аз рустоқҳои Хутталон ба шумор мерафтааст. Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» Тамлиёт шаҳри хурд, аммо хеле зебою сарсабз ва сокинонаш ҷасуру ҷангозмуда буданд.[4]

Маҳалли шаҳри *Тамлиёт* шаҳраки Тутқавултеппа воқеъ дар дараи Пули Сангин дониста мешуд,[5] ки ҳоло ин шаҳрак зери оби обанбори Норак қарор дорад.[6] Аммо наметавон гуфт, ки Тамлиёт ҳамон Тутқавул аст, зеро сарчашмаҳо масофаи онро то Пули Сангин 4 фарсах (тақрибан 26 км) гуфтаанд, дар ҳоле, ки Пули Сангин ва Тутқавул тақрибан дар як ҷо қарор доранд. Ғ. Ғоибов зимни таҳқиқ макони Тамлиётро дар деҳаи Корези ноҳияи Данғара пайдо намуд, ки бо ахбори ҷуғрофиянависони асримиёнагӣ комилан мувофиқанд.[7]

Дар Хутталони замони Сомониён шаҳрҳои Форғар ё Порғар,[8] Андиҷороғ[9] ва Сакандара низ зикр шудаанд, ки аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта буданд. [10] Ба андешаи О. И. Смирнова «*Порғар*» истилоҳи суғдӣ буда, маънии кишвари кӯҳистониро дорад.[11] Аммо муҳаққиқони дигар ин номро аз истилоҳи

---

[1] Тот же. С. 224–226.
[2] Истахрӣ. С. 339, 341.
[3] Ҳамон ҷо. С. 339; Ибни Ҳавқал. С. 518.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 120.
[5] Эдельман Д. И. Географические названия Памира. Страны и народы Востока, вып. 16. М., 1975. С. 114–124.
[6] Пьянкова Л. Т. Отчет о работе Нурекского археологического отряда. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. Душанбе, 1979. С. 78.
[7] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон. С. 173.
[8] Муқаддасӣ. С. 49, 290.
[9] Истахрӣ. С. 339; Ибни Ҳавқал. С. 518.
[10] Ҳудуду-л-олам. С. 119.
[11] Смирнова О. И. Вопросы топографии и топонимики верхнего Зарафшана. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М. – Л., 1950. С. 58.

санскритии «вихара» донистa, маънии онро дайри буддоӣ гуфтаанд.[1] Дар замони Сомониён Порғар шаҳри сарсабзу пурҷамъият ва дорои киштзорҳои фаровон буд. Ҳоло номи Порғар дар шакли Фархор боқӣ монда, яке аз навоҳии вилояти Хатлон мебошад.

В. Маркварт чунин мешуморад, ки Порғари асримиёнагӣ дар ҷои Фархори кунунӣ не, балки дар ҷануби рӯди Омӯ, дар ҳудуди Фархори Афғонистон қарор дорад. Аммо Х. Франкфорт менависад, ки Фархори Афғонистон хеле дур аз шаҳрҳои Ҳулбук ва Мунк қарор дошта, ба маълумоти сарчашмаҳо мутобиқат намекунад.[2] Ле Стренҷ рӯди Порғарро дарёи Ванҷ донистааст, ки ин ҳам воқеият надорад.[3]

Бузургтарин ёдгории асримиёнагӣ дар ҳудуди Фархор дар ҳудуди деҳаи Сайёд ва соҳили рӯди Панҷ қарор дорад.[4] Аз рӯди Панҷ наҳре бо паҳнои 10 метр ба самти шаҳр канда шуда буд, ки онро бо об таъмин мекард.[5] Ин наҳр тамоми ҳудуди шаҳрро аз ҷанубу ғарб ба шарқ убур намуда, аз назди арк мегузашт ва ба Сурхоб (Қизилсу) мерехт.[6] Дар қисмати ғарбии шаҳрак биноҳои бузурги ҷамъиятию иқоматии қасрмонанд бо ҳавлиҳои мураббаъшакл дар миёнаашон вуҷуд доштанд.[7] Девори аксари биноҳо аз дохил бо гач андова шуда, баъзеи онҳо наққошӣ доштанд.[8] Шаҳр ҳудуди васеъро фаро гирифта, бо девори мудофиавӣ иҳота шуда буд[9] ва тамоми маводди аз он ёфтшуда мансуб ба асрҳои IX–XI мебошанд.[10]

---

[1] Литвинский Б. А., Мухитдинов Х. Античное городище Саксанохур (Южный Таджикистан). Советская археология, 1969, № 2. С. 160.
[2] The Encyclopaedia of Islam. New edition. Prepared by a number of leading orientalists. Leiden: E. J. Brill, 1960-1986. 6 vols. p. 31.
[3] Ле Стренч. С. 435.
[4] Гулямова Э. Отчет о работах Пархарского отряда в 1972 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12. Душанбе. 1976. С. 155.
[5] Гулямова Э. Раскопки на городище Сайед. Археологические открытия 1977 года. М., 1978. С. 560.
[6] Гулямова Э. Раскопки на городище Сайёд в 1976 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 16. Душанбе, 1982. С. 157.
[7] Гулямова Э. Раскопки городища Сайед. Археологические открытия 1978 года. М., 1979. С. 576.
[8] Древности Таджикистана. Каталог выставки. Душанбе: Дониш, 1985. С. 283; Гулямова Э. Раскопки на городище Сайёд в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 20. Душанбе, 1987. С. 210.
[9] Гулямова Э. Раскопки у селения Саят (Пархарский район). Археологические работы в Таджикистане, вып 10. М 1973. С. 221.
[10] Гулямова Э. Раскопки на городище Сайёд в 1974 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. Душанбе, 1979. С. 203.

Вале Порғари асримиёнагӣ ҳамон шаҳраки Золи Зард аст, ки 60 га масоҳат дошта, ба тавсифоти сарчашмаҳо мувофиқ аст.

*Андиҷорог* ё *Андишорог*[1] миёни дарёҳои Андиҷороғ ва Порғар қарор дошт.[2] Муқаддасӣ онро шаҳри хурд ва макони онро наздикии соҳили Омӯ ва яке аз шохобҳои он гуфтааст.[3] Дар «Ҳудуду-л-олам» шаҳре бо номи Начоро ёд шудааст, ки ҳамон Андиҷороғ дониста мешавад. Ин шаҳр дар замони Сомониён хеле устувор ва дар миёни рӯдҳои Харноб ва Омӯ воқеъ буд. Ҳудуди он то марзи Бадахшон тӯл кашида, аз як самти он рӯди Омӯ ва аз дигар самт бо кӯҳҳо иҳота шуда буд. Ин шаҳр хеле зебо ва маркази тиҷоратии Хутталон маҳсуб мешуд.[4] Дар замони Сомониён дар ин шаҳр зарробхона вуҷуд дошт.[5]

Дар масъалаи макони ҷойгиршавии Андиҷороғ ақидаҳо мухталифанд. В. В. Бартолд рӯди Андиҷороғро Оби Тоҳир (Тоирсу)-и имрӯзӣ ва макони шаҳрро наздикии резишгоҳи ин дарё донистааст.[6] Ле Стренҷ дарёи Бартангро рӯди Андиҷороғи асримиёнагӣ донистааст.[7] Х. П. Франкфорт макони Андиҷороғи асримиёнагиро шаҳраки Зуём воқеъ дар ҳудуди вилояти Тахори Афғонистон донистааст. Аммо ин назар бо маълумоти Истахрӣ, ки гуфтааст, Андиҷороғ дар миёни рӯди ҳамном ва Порғар воқеъ буд, мухолиф аст. Хулосаи мо ҳам ин аст, ки дар ҳар сурат шаҳри Андишороғ миёни рӯдҳои Кукча ва Ҷайҳун, яъне ҳоло дар ҳудуди Афғонистон аст.

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ аз чандин шаҳри дигари Хутталон ёд мешавад, ки маҳалли онҳо номаълум аст. Масалан, Табарӣ аз қалъаи Зағразак,[8] Берунӣ аз Роҳшаҳр[9] ва Муқаддасӣ аз Маранд[1] ёдовар шудаанд. Ҳамчунин шаҳрҳое мавҷуд буданд, ки дар сарчашмаҳо зикр нашуда, дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ ёфт гардидаанд. Яке аз онҳо Тоҷикқалъа дар ҳудуди ноҳияи Данғара мебошад, ки аз он осори мансуб ба давраи Сомониён то асри

---

[1] Яъқубӣ. С. 290.
[2] Истахрӣ. С. 339.
[3] Муқаддасӣ. С. 291.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 119.
[5] Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. – London: The British Museum, p. 55.
[6] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 120.
[7] Ле Стренҷ. С. 435.
[8] Табарӣ. Ҷ. 2, С. 1593.
[9] Берунӣ. С. 468.

XIII ёфт шудаанд. Он дар баландии 14 метр бунёд шуда, арки он шакли давраро дошт ва масоҳати 11 га-ро фаро мегирифт.

Берунӣ навиштааст, ки дар кӯҳҳои Хутталон маҳаллест маҳрум аз ҳамаи неъматҳо, ки зиндагии сокинони он танҳо аз ҳисоби дарёфти тило аст ва онро дар баҳорон аз сели лойҳое мегиранд, ки ҷараёни об ба назди соҳил меорад.[2] Дар кӯҳҳои Хутталон конҳои истихроҷи тило ва нуқра мавҷуд буданд, ки дар замони Сомониён хуб коркард мешуданд.[3]

Ҳамин тариқ, аз таҳлили маълумоти маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқи асарҳои илмӣ чунин хулоса мешавад, ки дар замони Сомониён шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр аслан дар ҳолати рушду нумӯъ буда, қариб дар ҳамаи онҳо шаҳристону куҳандиз ва работҳо вуҷуд доштаанд, ки яке аз нишонаҳои муҳимми шаҳрдорӣ буданд. Дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр вазъи сиёсӣ нисбат ба давраҳои пешин нисбатан ором буд, ки ин ба инкишоф ва рушди кишоварзӣ, ҳунармандиву косибӣ, тиҷорат ва илму фарҳанг мусоидат намуд. Дар ин давра дар ҳудуди Мовароуннаҳр дар соҳаи илму фарҳанг як қатор олимону адибони маъруф асарҳои ҷовидона эҷод намуда, машҳури олам гаштаанд.

**Хуросон** дар замони Сомониён ба чаҳор қисм: Нишопур, Марв, Ҳирот ва Балх тақсим мешуд. Нишопур пойтахти кулли Хуросон, иқоматгоҳи сипаҳсолор ва ҳамзамон қароргоҳи дуюми амирони Сомонӣ буд. Дар замони Сомониён Нишопур ҳамчун пойтахти Хуросон шаҳри бузургу ободе буд, ки як фарсах дар як фарсах масоҳат дошта, дорои, куҳандиз, рабаз ва масҷиди бузурге буд. Доруламораи шаҳр наздики масҷид буд ва зиндон дар наздикии дорулимора, тақрибан дар фосилаи 0,25 фарсах қарор дошт.

Куҳандиз ду дарвоза ва шаҳр чаҳор дарвоза бо номҳои: “Дарвозаи Пул”, “Дарвозаи кӯчаи Маъқил”, “Дарвозаи Куҳандиз”, “Дарвозаи Пули Тагин” дошт.

Дар беруни шаҳр ва куҳандиз ва атрофи онҳо рабаз воқеъ буд, ки бозорҳои шаҳр дар он қарор доштанд. Рабаз низ чандин дарвоза дошт, аз он ҷумла дарвозаи Қубоб (Гунбадон) дар самти ғарб, дарвозаи Ҷанг дар шарқ, дарвозаи

---

[1] Муқаддасӣ. С. 291.
[2] Беруни Абу Райхан. Избранные произведения. Т. V. С. 468, 471. –Ташкент: «Фан». 1973. 648 с.
[3] Ҳудуду-л-олам. С. 119.

Аҳвасобод дар самти ҷануб ва ғайра. Бозорҳои маъруфи шаҳр яке бозори Марбааи бузург ва дигар бозори Марбааи кӯчак буданд. Бозори марбааи бузург дар атрофи Масҷиди ҷомеи шаҳр ва бозори Марбааи кӯчак дар ҳаволии доруламора воқеъ буданд. Дар дохили ин бозорҳо саройҳое буданд, ки савдогарон вобаста ба соҳаи худ дар онҳо мезистанд. Обҳои Нишопур дар зери замин мерафтанд, дар он ҷо корезҳо вуҷуд доштанд. Шаҳр ва рустоҳои он аз рӯди бузург обёрӣ мешаванд. Дар он ҷо абрешим ва карбосҳои борик истеҳсол мекунанд, ки ба ҷойҳои дигар мебаранд.[1] Ле Стренҷ менависад: «Каффошон, баззозҳо, харозифурӯшҳо ва пешаварони дигар ҳар як саройи махсус ба худ доштанд ва ҳар як аз хонаҳои шаҳр ба василаи қаноте, ки аз он хона убур мекард, аз наҳри водии Сағовар об бармедошт. Ин наҳр аз қаряи Бастанкон, ки муҷовири Нишобур аст, ба самти Нишобур ҷорӣ мегардид ва касоне ба ҳифзи наҳр ва назму тартиби об гумошта буданд».[2]

Нишопур дар миёни роҳи корвонгузаре воқеъ буд, ки Форсу Кирмон ва Раю Гургону Хоразмро ба ҳам мепайваст ва барои рушди иқтисоди шаҳр аҳамияти бузург дошт.[3]

Шаҳрҳои дигари хурдтар аз Нишопур низ дар ин қисмати Хуросон вуҷуд доштанд, ки Тӯс, Байҳақ, Сарахс, Нисо, Абевард муҳимтарини онҳо буданд. Тӯс дар асри X дуввумин шаҳри бузурги вилояти Нишопур маҳсуб мешуд, ки аз ду шаҳри бо ҳам пайваст – Тобарон ва Нуқон иборат буд. Ба қавли Яъқубӣ дар асри IX Нуқон аз Тобарон бузургтар буд, аммо пас аз як аср баръакс Тобарон аз Нуқон бузургтар шуд ва то замони ҳамлаи муғул ба чунин вазъ буд. Аз кӯҳҳои Нуқон тило, нуқра, оҳан ва мис истихроҷ мешуд ва зарфҳое, ки аз санг дар он ҷо сохта мешуданд, ба навоҳии дигар содирот мегардиданд. Дар атрофи Тӯс, ки минтақаи камоб буд, санги мармари сабз мавҷуд буд, ки онро барои фурӯш ба Нуқон мебурданд. Муқаддасӣ менависад, ки қалъаи наздики

---

[1] Истахрӣ. С. 204-205.
[2] Ле Стренҷ. С. 410.
[3] История таджикского народа. Том. 2. С. 355.

Тобарон бинои бошукӯҳе буд, ки аз дур дида мешуд ва бозорҳои ин қисмати шаҳр матои бисёр дошт ва Масҷиди ҷомеи он бисёр зебо ва ороста буд.[1]

**Сабзвор** ва **Хусравгирд**и вилояти Байҳақ миёни ҳам камтар аз як фарсах фосила доштанд. Шаҳри Сабзвор аз Хусравгирд бузургтар буд ва дар асрҳои миёна онро Байҳақ меномиданд. Ёқут шумори деҳкадаҳои Байҳақро сесаду бисту як ҳисобида, менависад, ки истилоҳи «Байҳақ» аз форсии «байҳа» – ба маънии «бисёр бахшанда» гирифта шуда, исми саҳеҳтари шаҳр «Собзавор» аст, вале мардум онро ихтисоран Сабзвор гӯянд.[2] Маркази вилояти Байҳақ қаблан шаҳри Хусравгирд буда, минбаъд он ба Сабзвор интиқол шудааст. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ менависад, ки қариб чиҳил пора деҳ аз тавобеи он аст ва ҳосилаш ғалла ва андаке мева бошад.[3]

Шаҳри Нисои замони Сомониён, ки харобаҳои он дар 18 километрии шимолу ғарби шаҳри Ашқободи Туркманистон қарор дорад, яке аз марказҳои муҳим ба шумор мерафт. Ибни Ҳавқал менависад, ки Нисо ба андозаи Сарахс аст.[4] Муқаддасӣ аз масҷиди зебо ва бозори пурравнақи Нисо ситоиш карда, мегӯяд, ҳар хонае ҳарчанд хурд бошад, боғу оби равон дорад ва деҳкадаҳои бузург дар атрофи шаҳр вуҷуд доранд.[5] Нисо дорои даҳ дарвоза, ду работ ва се қалъаи устувор буда, дар ихтиёри ҳокими Хоразм – Маъмун қарор дошт.[6] Нисоро «шаҳри Фирӯз» низ меноманд, бо сабаби ин, ки онро Фирӯзи Сосонӣ бунёд кардааст.[7] Аммо ковишҳои бостоншиносӣ собит кардаанд, ки Нисо ҳанӯз аз замони Ашкониён вуҷуд дошт.[8]

Дар шарқи Нисо, он сӯи кӯҳ ва дар ҳошияи биёбони Марв **Абевард** воқеъ аст. Муқаддасӣ менависад, ки Абевард аз Нисо беҳтар ва хокаш ҳосилхезтар аст. Муставфӣ навиштааст: «Шаҳре кӯчак аст ва дар ӯ мева фаровон»[1]. Ҳамчунин зикр кардааст, ки работи машҳури Куфан (Кавфан), ки Абдуллоҳ

---

[1] Муқаддасӣ. С. 300–319.
[2] Ёқут. С. Ҷ. 1. С. 804.
[3] Муставфӣ. С. 186.
[4] Ибни авқал. С. 324.
[5] Муқаддасӣ. С. 320.
[6] Аблуллоев С. Ҷуғрофиё. С. 336.
[7] Ибни Ҳавқал. С. 324; Қазвинӣ. С.
[8] Массон В. М. Старая Ниса – резиденция парфянских царей / АН СССР. ИА; ООПИК Туркм. Л: Наука, 1985 – 12 с: ил.

ибни Тоҳир бунёд карда буд, дар шашфарсахии Абевард қарор дошт. Ин работ чаҳор дарвоза дошт ва масҷиди ҷомее дар миёни он сохта шуда буд. Вилояти Абевардро Хобарон ё Ховарон низ мегуфтанд, ки маркази он Майҳана буд, ки дар замони Ёқут вайрон будааст. Ёқут аз чанд деҳкадаи Абевард бо номҳои Азҷа, Бозон, Хирво, Алҷабл ва Шукон ёдовар шудааст.[2]

Макони Абеварди замони Сомониён, ки дар миёнароҳи байни Ашқобод ва Марв (Туркманистон) воқеъ гардидааст, ҳоло мамнӯъгоҳи таърихӣ аст, ки бештар аз 12 $км^2$ масоҳат дорад.

Шаҳри Сарахс дар канори роҳи Тӯс ба Марв, дар соҳили шарқии рӯди Машҳад (Теҷен) воқеъ аст. Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал Теҷенро шохоби рӯди Ҳирот шумурдаанд[3]. Ибни Руста низ чунин пиндошта, менависад, ки чун рӯди Ҳирот (қисмати пойини Теҷен) ба дуфарсахии Сарахс мерасад, рӯде аз он ҷудо гардида, ба он шаҳр ҷорӣ мешавад. Ба илова наҳрҳое чанд аз он ҷудо мешаванд, ки вилояти Сарахсро об медиҳанд. Муҳимтарини он наҳрҳо Хушкрӯд ном дорад, ки пули сангии азиме бар он баста шудааст, вале аксари фаслҳои сол дар он наҳрҳо, ҳатто дар наҳри бузурге, ки ба Сарахс меравад, об намемонад.[4]

Истахрӣ менависад, Сарахс шаҳрест миёни Нишопуру Марв. Оби равон надорад, шаҳри ободон аст. Кори онҳо бештар бозаргонии шутур аст. Онҳо аз оби чоҳ истифода мебаранд.[5] Дар “Ҳудуду-л-олам” омадааст, ки “Сарахс шаҳрест бар роҳ ва андар миёни биёбон ниҳода. Эшонро яке хушкрӯд аст, ки андар миёни бозор мегузарад ва ба вақти обхез андар ӯ об раваду бас. Ҷои бокишт ва барзи бисёр аст. Хостаи эшон шутур аст”.[6]

Сарахс дар асри Х ба андозаи нисфи Марв буд ва обу ҳавои хуш дошт. Дар чарогоҳҳояш шутур ва гӯсфанд бисёр буд ва чун оби фаровон надошт,

---

[1] Муставфӣ. С. 189.
[2] Ёқут. Ҷ. 1. С. 232, 462. Ҷ. 2. С. 383, 395, 428.
[3] Истахрӣ. С. 262; Ибни Ҳавқал. С. 363.
[4] Ибни Руста. С. 173.
[5] Истахрӣ. С. 215.
[6] Ҳудуд-ул-олам. С. 61-62.

киштзораш кам буд.[1] Муқаддасӣ аз масҷиди зебо ва бозори хуби Сарахс ёдовар шуда, мегӯяд дар атрофаш боғҳои бисёр аст.[2]

Ҳоло харобаҳои шаҳри Сарахси замони Сомониён дар наздикии шаҳраки ҳамном воқеъ дар ҷануби Туркманистон мавҷуданд.

**Марв.** Соли 885 Сомониён ҳукумати Марвро соҳиб шуданд ва он то замони заволи давлати онҳо дар ихтиёрашон буд. Ҳоло ҳудуди Марви замони Сомониён дар ҷумҳурии Туркманистон шомил аст. Ахбори сарчашмаҳо собит мекунанд, ки номҳои ҷуғрофии Марв то туркнишин шудани ин сарзамин пас аз Сомониён ҳама тоҷикӣ будаанд ва ҳатто баъзе аз ин номҳо то кунун боқӣ мондаанд.

Дар нимаи дуюми асри X, ки Муқаддасӣ аз шаҳри Марв дидан кардааст, аз се ду ҳиссаи маҳаллоти атрофи он вайрон буда, куҳандизи он низ ободие надоштааст. Тибқи ахбори "Ҳудуду-л-олам" Марв шаҳри қадим аст ва "андар қадим нишасти мири Хуросон он ҷо буд ва акнун Бухоро нишинад. Ҷои бонеъмат ва хуррам аст. Дар он ҷо куҳандиз аст, ки онро Таҳмурас сохтааст. Андар вай кӯшкҳои бисёр аст ва он ҷои хусравон будааст. Андар ҳамаи Хуросон шаҳре нест аз ниҳоди бозори вай накӯ. Хироҷашон бар об аст ва аз вай пунбаи нек, уштурғоз, фулота, сирка, обкома, ҷомаҳои қазин ва мулҳам хезад".[3]

Истахрӣ менависад, ки "Марвро "Шоҳҷаҳон" хонанд ва он шаҳри қадим аст. Куҳандиз ва шаҳристон дорад. Замини он шӯранок аст. Се масҷиди одина дорад. Якеро дар шаҳристон дар аввали ислом бино намудаанд. Чун мусулмонӣ қувват гирифт, дигареро бар дари шаҳр бино карданд, ки онро имрӯз "Масҷиди одинаи кӯҳан" хонанд. Соҳиби ҳадисон он ҷо намоз хонанд ва онро "Масҷиди банӣ Моҳон" гӯянд. Ва аз он пас Масҷиди одинаи Моҷон бино ниҳоданд. Гӯянд, ки масҷид, сарои аморат ва бозори Моҷон ҳама Абумуслим бино намудааст. Куҳандиз ба бузургӣ чанд шаҳристон бошад, лекин хароб аст. Куҳандиз оби корез дорад."[4]

---

[1] Ле Стренч. С. 422.
[2] Муқаддасӣ. С. 312.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 62.
[4] Истахрӣ. С. 205-206.

Ба қавли Ёқут дар замони ӯ Марв ду масҷиди ҷомеи бузург доштааст воқеъ дар дохили девор, ки яке аз онҳо ба ҳанафиҳо ва дигар ба шофеиҳо мутааллиқ будааст. Ёқут се сол дар Марв иқомат карда, ба эҷоди асари худ – «Муъҷаму-л-булдон» пардохтааст, зеро қабл аз фитнаи муғул Марв дорои китобхонаҳои бисёр буд.[1] Дар ин хусус худи Ёқут ёдовар шуда, навиштааст, ки агар ҳамлаи муғулҳо намебуд, ӯ то поёни умр дар Марв зиндагӣ мекард. Ёқут аз ду китобхонаи Марв ёдовар шудааст, ки яке китобхонаи “Азизия” бо дувоздаҳ ҳазор ҷилд китоб ва дигаре китобхонаи “Камолия” буданд. Яке аз китобхонаҳои бузург ва қадимиро дар Марв Сомониён таъсис дода буданд.[2]

Харобаҳои шаҳри Марв дар 30-километрии шарқи шаҳри Марии Туркманистон воқеъ буда, худи шаҳр 4 км$^2$ ва дар якҷоягӣ бо рустоҳои атроф 40 км$^2$-ро дар бар мегирад. Аз лиҳози топографӣ шаҳр аз чанд қисм иборат буд. Арки қадимии шаҳр (Эрк-қалъа) ҳанӯз дар замони Сомониён вайрон шуда, шаҳристони он (Габрқалъа) шаҳри дохилӣ дониста мешуд, ки чаҳор дарвоза дошт.[3] Дар асрҳои VIII–IX қисмати асосии рушдкардаи шаҳр самти ғарбии он буд, ки ба рабази дорои девори мудофеъ табдил ёфт. Дар замони шукӯҳи Сомониён шаҳр боз ҳам дар самти ғарб васеътар шуда, бо девори махсус иҳота карда шуд.

Шаҳрҳои дигаре, ки тобеи Марв ба шумор мерафтанд, Қушмайдон, Ҳурмузфараҳ, Борикдиз (Каронайн), Фарҳодгирд, Савонгирд, Наҷор ва ғайра буданд.

Дар шимолу шарқи Марв, дар мавзее, ки шоҳроҳи Хуросон аз рӯди Ҷайҳун гузашта, ба самти Бухоро ва Мовароуннаҳр меравад, шаҳри Омул ва дар шарқи Омул шаҳри Замм воқеъ буд. Дар ин ҷо низ роҳ аз рӯди Ҷайҳун убур мекард. Омул дар асрҳои миёна бо номи Омуя маъруф буда, минбаъд номи Чорҷӯйро гирифт ва то имрӯз бо номи Туркменобод маъруфият дорад. Ибни Ҳавқал дар васфи ин шаҳр навиштааст, ки шаҳраке некӯ ва бисёр муҳим аст, зеро ҳамаи роҳҳои Хуросон, ки ба Мовароуннаҳр мераванд, дар ин шаҳр ба ҳам

---

[1] Ле Стренч. С. 427.
[2] Ле Стренч. С. 429.
[3] История таджикского народа. Том. 2. С. 353.

мерасанд. Дар роҳи Марв, ки ба самти ҷанубу ғарб меравад, дар ҳар манзиле чоҳҳои об вуҷуд дошт, аммо тамоми ҷиҳоти дигар то соҳили рӯди Ҷайҳун биёбон буд.[1] Муқаддасӣ аз бозорҳои пурравнақи Омул ситоиш намуда, менависад, ки масҷиди он болои теппаест ва то рӯди Ҷайҳун беш аз як фарсах фосила надорад. Деҳкадаҳои бисёре дар ҳудуди он аст ва ангури некӯ дорад.[2] Муқобили Омул дар соҳили рости рӯд шаҳри Фарабр воқеъ буд, ки ҳудуди ноҳияи Бухоро ба ҳисоб мерафт. Ба хотири он, ки шаҳри Омул аз Омули Табаристон фарқ карда шавад, онро “Омули Замм”, “Омули Ҷайҳун” ва “Омули Кавир” низ мегуфтанд. Дар замони Ёқут Омулро “Омӯя”, “қалъаи Омӯя” ва “Омӯ” мегуфтанд ва ҳангоми зикри воқеаҳои замони муғул ва темуриён бо ҳамин номҳо омадааст.[3]

Ибни Ҳавқал дар бораи Замм мегӯяд, ки бузургии он ба андозаи Омул аст, аммо аз он ҷо наметавон ба Омул рафт, магар аз ҷониби Хуросон, аз роҳе, ки дар имтидоди Ҷайҳун боло рафта, пас аз чаҳор манзил ба Омул мерасад. Роҳи Замм ба Марв сар то сар аз дашти хушку беоб мегузашт. Аз Замм ба самти шарқ роҳе ба Балх мерафт ва пас аз убур аз Ҷайҳун ба Тирмиз мерасид. Муқаддасӣ ба иҷмол дар бораи Замм сухан ронда, мегӯяд, масҷиди он дар миёни бозор аст ва ин нукта далолат дорад, ки дар асри 10 Замм аҳаммияти камтар доштааст.[4]

**Ҳирот.** Ҳирот навоҳии Исфизор, Бодғис, Бомиён, Ганҷрустоқ ва Ғурро дар бар мегирифт. Ҳукумати Сомониён дар ин вилоят ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри X шурӯъ шуда буд. Бино ба навиштаҳои Ибни Ҳавқал ва Муқаддасӣ Ҳирот дар асри X шаҳри бузурге буд, ки қалъа ва чаҳор дарвоза дошт: “дарвозаи Сарой” дар шимол, сари роҳи Балх, “дарвозаи Зиёд” дар самти ғарб рӯ ба Нишопур, “дарвозаи Фирӯзобод” дар ҷануб, сари роҳи Сиистон, “дарвозаи Хушк” дар самти шарқ рӯ ба кӯҳистони Ғур.[5]

---

[1] Ибни Ҳавқал. С. 329.
[2] Муқаддасӣ. С. 291-292.
[3] Ёкут. Ҷ. 1. С. 269.
[4] Ле Стренҷ. С. 430.
[5] Ибни авқал. С. 318; Муқаддасӣ. С. 329, 330.

Ибни Ҳавқал мегӯяд, "дарвозаи Сарой" оҳанӣ ва се дарвозаи дигар чӯбӣ буданд.[1] Қалъаи Ҳирот ҳам чаҳор дарвоза дошт, ки ҳар яке аз онҳо рӯ ба рӯи дарвозаҳои шаҳр буд ва бо ҳамон ном хонда мешуд. Масоҳати шаҳр ним фарсах дар ним фарсах буд. Доруламора дар маҳалле бо номи Хуросонобод дар якмилии хориҷи шаҳр сари роҳи Фушанҷ қарор дошт. Наздики ҳар як дарвозаи шаҳр бозор буд ва масоҷиди ҷомеъ дар мобайни бозорҳо қарор доштанд, ки дар зебоӣ ва афзунии шумораи намозгузорон дар тамоми Хуросону Сиистон назир надоштанд. Пушти девори ғарбии шаҳр зиндон воқеъ буд.

Истахрӣ дар бораи Ҳирот менависад, ки он девори азим дорад. Куҳандиз ва Масҷиди одина дар шаҳр аст. Шаҳристон чаҳор дарвоза дорад: "дарвозаи Балх", "дарвозаи Зиёдӣ", "дарвозаи Пирӯзобод" ва "дарвозаи Дари Хушк". Ҳамаи ин дарвозаҳо аз чӯб аст, ба ҷуз аз "дарвозаи Балх", ки оҳанин аст. Дар миёни шаҳр ва рабаз обҳои равон аст. Ҳисори он чаҳор дар дорад. Гирдогирди ҳисор девор ва паҳнои девор се гом аст. Масҷиди одина дар миёни шаҳр аст. Дар ҳамаи Хуросону Мовароуннаҳр ҳеч ҷое масҷиди ободонтар ва анбӯҳтар аз масҷиди Ҳирот нест. Ҳирот боркадаи Порс ва Хуросон аст. Бар ду фарсанги шаҳр дар роҳи Балх кӯҳ аст, ба ҷуз аз гиёҳу ҳезум чизе надорад. Бар сари кӯҳ канисаи тарсоён аст. Миёни шаҳр ва ин кӯҳ ҳеч обу боғу бӯстон нест, магар рӯди шаҳр, ки пул надорад. Ободтарин дарвоза "дари Пирӯзобод" аст ва оби эшон аз наздики работи Кирвон бархезад. Чун аз Ғур берун ояд ва наздики Ҳирот расад, рӯдҳои дигар аз он ҷудо шаванд.[2]

Ободӣ ва равнақи Ҳирот то замоне, ки муғулҳо бар он даст ёфтанд, боқӣ буд. Ёқут, ки чаҳор сол қабл аз ҳамлаи муғул аз Ҳирот дидан карда буд, менависад: «Дар Хуросон шаҳре бузургтару муҳимтар ва некӯтару боравнақтар ва пурҷамъияттар аз Ҳирот надидаам. Боғҳои бисёр ва оби фаровон дорад».[3] Қазвинӣ ҳам гуфтаи Ёқутро таъйид мекунад ва мегӯяд дар Ҳирот осиёбҳои бодиро дидааст, ки қаблан дар ҳеч куҷо надида буд.[1] Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар хусуси ободиҳои Ҳирот мегӯяд: «Даври боруяш нӯҳ ҳазор гом аст ва ҳавое

---

[1] Ибни Ҳавқал. С. 318.
[2] Истахрӣ. С. 209-210.
[3] Ёқут. Ҷ. 4. С. 958

дар ғояти некӯиву дурустӣ дорад ва пайваста дар тобистон шамол вазад. Ва ҳаҷдаҳ пора деҳ аст муттасили он шаҳр ва обаш аз наҳрчаи Ҳарирӯд аст ва аз меваҳояш ангури “Фахрӣ” ва харбуза некӯст. Ва мардуми он ҷо силоҳварзу ҷангӣ ва айёрпеша бошанд ва суннимазҳабанд. Ва дар он ҷо қалъае муҳкам аст онро Шамирон хонанд. Ва бар дуфарсангии Ҳирот бар кӯҳ оташхонае будааст, онро Аршак гуфтаанд. Дар ҳини ҳукумати моликони Ғур дувоздаҳ ҳазор дӯкон ободон будааст ва шаш ҳазор ҳаммому корвонсаро ва тоҳуна ва сесаду панҷоҳу нуҳ мадраса ва хонақоҳу оташхона ва чаҳорсаду чиҳилу чаҳор ҳазор хонаи мардумнишин будааст».[2]

Вилояти **Исфизор** дар ҷануби Ҳирот, сари роҳи Заранҷ қарор дошт. Дар асри X ин вилоят ба ғайр аз маркази он – шаҳри Исфизор чаҳор шаҳри дигар дошт, ки инҳо буданд: Адраскар, Каврон, Кушак, Кавошон. Исфизорбо номи Сабзвор низ маъруф буд ва онро барои фарқ кардан аз Сабзвори Нишопур Сабзвори Ҳирот мегуфтанд. Тӯли ин вилоят аз шимол ба ҷануб ба се рӯз ва арзи он ба якрӯза роҳ баробар буд. Истахрӣ аз дараи машҳуре бо номи Кошон ёдовар шуда, қайд намудааст, ки деҳкадаҳои маъмур дошт. Сарчашмаи рӯди ин вилоят дар ҳаволии Исфизор буд, ки дар самти ғарби Ҷувайн ба дарёчаи Зара мерехт. Тамоми шаҳрҳои вилояти Исфизор боғу киштзорҳои бисёр доштанд.[3]

Дар осори ҷуғрофии асримиёнагӣ Исфизор бо исмҳои Хоштон ва Ҷоштон омадааст ва эҳтимол Хавошон низ шакли дигари ҳамин ном ва бо Исфизор яке бошад. Шаҳри Адраскар ё Ардаскар ҳоло ҳам дар самти шарқи Исфизор боқист ва бо номи Адраскан хонда мешавад. Ёқут Исфизорро аз ҳудуди Сиистон шумурда, Ҳамдуллоҳ Муставфӣ мегӯяд шаҳре васат аст... ва аҳли он ҷо суннии шофеӣ ҳастанд ва дар дин мутаассиб. Мутаассифона, маҳалли шаҳрҳои дигари ин вилоят ва маҳсулоти онҳо дар осори ҷуғрофии асримиёнагӣ зикр нашудаанд.[1] Бо сабаби обҳои фаровон ва мавқеи душворраси кӯҳистонӣ доштанаш Исфизор аз охирҳои асри 8 то миёнаҳои асри 9 ба паноҳгоҳи хавориҷ табдил шуда, исёнҳои чандкаратаи хавориҷи ин ноҳия ба дасти умарои Тоҳирӣ

---

[1] Қазвинӣ. Ҷ. 2. С. 322.
[2] Муставфӣ. С. 187.
[3] Ле Стренч. С. 438.

ва Саффорӣ пахш карда шуд. Ба андешаи олимон макони шаҳри асримиёнагии Исфизор харобаҳои Қалъаи Духтар ва Қалъаи Рустами Зол аст, ки дар ҳудуди ноҳияи Шинданд воқеъ мебошанд.

Дар асри X **Ғарҷистон** вилояти ғанӣ буд ва дар шаҳрҳои мухталифи он даҳ масҷиди ҷомеъ вуҷуд дошт. Истахрӣ дар бораи Ғарҷистон менависад, ки он ду шаҳр дошт: яке Нишин ва дигаре Сурмин. Дар шаҳри Нишин биринҷи бисёр ва дар Сурмин мавизи зиёд аст.[2] Тибқи таҳқиқи Ле Стренҷ шаҳрҳои бузурги Ғарҷистон Обшин ва Шузмин ном доштанд, ки маҳалли дақиқи ҷойгиршавии онҳо маълум нест. Обшин ба фосилаи як тиррас дар соҳили шарқии Марғоби Боло ва ба масофаи чаҳор манзил болои Марврӯд воқеъ буд. Он қалъаи мустаҳкам ва як масҷиди ҷомеъ дошт ва атрофи онро боғҳои хеле зебо фаро гирифта буданд. Маҳсулоти асосии он биринҷ буд, ки ба Балх бурда мешуд. Шузмин дар кӯҳистоне ба фосилаи чаҳор фарсах дар ҷануби Обшин ва ба ҳамин фосила нисбат ба Карух дар шимолу шарқи Ҳирот воқеъ буд. Аз ин маҳал мавиз ба нуқоти дигари ҳамҷавор содирот мешуд. Аммо қароргоҳи ҳокими маҳаллӣ на дар ин ду шаҳр, балки дар деҳкадае бо номи Баликон ё Балкиён буд. Ёқут ду шаҳри дигари Ғарҷистонро бо номҳои Санҷад ва Бевор зикр намуда, ба нақл аз забони яке аз сокинони маҳаллӣ мегӯяд, ҳар дуи он дар кӯҳистон воқеанд, аммо маҳалли дақиқи онҳоро зикр намекунад.[3] Номи шаҳрҳои Ғарҷистон, ки онҳоро Истахрӣ номбар кардааст ва дар таҳқиқоти Ле Стренҷ бо каме тағйирот омадаанд, ҳар ду ҳамон шаҳрҳои Ғарҷистонанд, танҳо аз рӯи табдили ҳарфҳо бо ҳам фарқ мекунанд.

**Ғур.** Вилояти бузурги кӯҳистонӣ дар самти ҷанубу ғарби Ғарҷистон маъруф буд ба Ғур ва ё Ғуристон. Тибқи маълумоти Истахрӣ Ғӯр кӯҳистон аст ва гирдогирди он ҳама вилояти мусулмон аст, аммо на ҳамаи онҳо исломро напазируфта буданд, вале андаке мусулмон дар миёни ғуриён ҳастанд. Кӯҳҳои устувор ва пурнеъмат дорад. Забони Ғур чун забони Хуросон аст. Сарҳадди Ғур то Хуросон аст ва як ҳад бо навоҳии Сиистон. Дар кӯҳҳои Ғур аз аввал то охир

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 439.
[2] Истахрӣ. С. 209.
[3] Ҳамон ҷо. С. 249, 264, 267.

маъданҳои нуқра аст.[1] Дар “Ҳудуд-ул-олам” омадааст, ки “Ғур ноҳиятест, андар миёни кӯҳҳо ва шикастагиҳо. Андар қадим ин ноҳияти Ғур ҳама кофирон буданд, акнун бештар мусулмонанд. Эшонро шаҳракҳо ва деҳҳои бисёр аст. Аз ин ноҳият барда, зар, ҷавшан ва силоҳҳои некӯ афтад.”[2]

Ин вилоят минтақаи ҷануби рӯди Ҳиротро дар бар гирифта, дар самти шимол аз работи Кирвон оғоз шуд, дар Шарқ то Бомиёну Ғазна, дар Ҷануб то Заминдовару Фароҳ, дар Ғарб то Ғарҷистону Ҳирот тӯл мекашид. Шаҳрҳои асосии Ғур – Фирӯзкӯҳ, Бомиён, Шаҳрак, Тулак, Оҳангарон, Қарабоғ, Кирмон, Шаҳри Заҳҳок, Шаҳри Шоҳи Қадим ва Ғулғула буданд. Ҷуғрофиёнависони асримиёнагӣ қайд намудаанд, ки рӯдҳои бузург, монанди Ҳарирӯд, Ҳирманд, Хош ва Фараҳ аз кӯҳҳои ин сарзамин сарчашма мегиранд ва рӯди Марғоб аз ҳудуди Ғарҷистон бармехезад. Ғур қалъаҳои муҳофизатии зиёде дошт, ки Фирӯзкӯҳ, Мандеш, Баркушк, Тӯлак, Хайсар, Тамрон, Сайфрӯд, Волиштон аз ҷумлаи онҳо буданд.[3] Макони аксари қалъаҳои номбурда дар болооби Ҳариррӯд муайян шуда, муҳаққиқон қалъаҳои Оҳангарон, Мандеш ва Фирӯзкухро, ки харобаҳояшон ҳоло ҳам боқианд, аз марокизи муҳимми маъмурии Ғур дар замони Сомониён донистаанд.[4]

**Бомиён.** Тибқи ахбори “Ҳудуду-л-олам” Бомиён шаҳрест миёни Гузгонон ва ҳудуди Хуросон. “Подшоҳи ӯро “Шер” хонанд. Рӯди бузург бар каронаи он ҳамегузарад. Андар вай ду бути сангин аст: якеро “сурхбут” хонанд ва якеро “хингбут”.[5] Ёқут аз муҷассамаҳои бузурги Буддо ёдовар шуда, менависад: «он ҷо бутхонаест бисёр баланд ва бар сутунҳое устувор. Ва дар он шакли ҳамаи парандагоне, ки Худованд офаридааст, нақш гардида. Ва бар сатҳи кӯҳ ду бути бузург аз пойин то қалъаи кӯҳ канда шудааст, ки якеро “сурхбуд” ва дигареро “хунукбуд” меноманд ва онҳоро дар тамоми ҷаҳон ҳамтое нест».[6] Истахрӣ андозаи шаҳри Бомиёнро ба нисфи Балх баробар дониста, менависад: «бар

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 220.
[2] Ҳудуд-ул-олам. С. 66.
[3] Амиршоев Н. Қ. Инъикоси таърихи Ғур ва Ғуриён дар сарчашмаҳои хаттии форсӣ // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. №3 (11), 1988. С. 3–9.
[4] Азиз Аҳмади Панҷшерӣ. Ҷуғрофиёи торихии Ғур. Кобул., 1360. С. 43–47.
[5] Ҳамон ҷо. С. 65.
[6] Ёқут. Ҷ. 1. С. 481.

фарози теппае ҷой дорад, вале бору надорад. Вилояти он дар ниҳояти хуррамист ва наҳри бузурге онро обёрӣ мекунад».[1]

Вайронаҳои шаҳраки Ғулғула ва Шаҳри Заҳҳок, ки ҳоло дар наздикии шаҳри Бомиёни ҷумҳурии Афғонистон воқеанд, марказҳои маъмурии Бомиён дар замони Сомониён буданд.

Дар асри X шаҳрҳои дигаре низ монанди Басғурфанд, Сакеванд ва Лахроб дар вилояти Бомиён вуҷуд доштанд, ки маҳалли онҳо маълум нест.

**Балх** яке аз чаҳор маркази маъмурии Хуросон ба шумор рафта дар асри IX 13 дарвозаю 3 девор ва дар аҳди Сомониён ҳафт дарвоза доштааст.[2] Тибқи ахбори "Ҳудуду-л-олам" "Балх шаҳри бузург ва хуррам буда, боркардаи Ҳиндустон аст".[3]

Пас аз шикаст додании Амр ибни Лайси Саффорӣ аз ҷониби Исмоили Сомонӣ дар соли 900 Хуросон ба тобеияти Сомониён даромад. Яъқубӣ, ки дар замони Сомониён аз Балх дидан кардааст, ҳудуди онро чунин ба қалам медиҳад: «Балх 74 минбар дорад... дар шарқ то марзи Таббат, дар ҷануб то Бомиён ва дар шимол то Ҳулбук, Ҳаловард, Вахш ва Суғд густарда аст».[4] Ӯ ҳатто шаҳрҳои Парвон ва Панҷшерро низ аз лиҳози маъмурӣ тобеи Балх донистааст. Ҳудуди зикрнамудаи Яъқубӣ барои вилояти Балх дар ду ҷониби рӯди Ҷайҳун воқеъ гардидаанд. Балх муддате пойтахти қисмати хуросонии давлати Сомониён буда, бо расидан ба авҷи шукуфоӣ дар замони Насри II ибни Аҳмад (914–943) бо номҳои «Умму-л-билод»[5] ва «Қуббату-л-ислом»[6] маъруф гардид.

Дар хусуси ҳудуди Балх ақидаҳо мухталифанд. Ҷайҳонӣ масоҳати ин шаҳрро «як фарсанг дар як фарсанг»[7], Истахрӣ «ним фарсанг дар ним фарсанг»[8] ва Яъқубӣ «се мил дар се мил»[9] гуфтаанд

---

[1] Истахрӣ. С. 277.
[2] Ле Стренҷ. С. 446.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 65.
[4] Яъқубӣ. Ал-Булдон. С. 55–56.
[5] Ле Стренҷ. С. 465.
[6] Деҳхудо. Ҷ. 11. С. 236.
[7] Ҷайҳонӣ. С. 147.
[8] Истахрӣ. С. 292.
[9] Ле Стренҷ. С. 446.

Шаҳри асримиёнагии Балх қадимтарин ва бузургтарин натанҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки дар тамоми Машриқзамин ба ҳисоб мерафт. Масҷиди ҷомеи Балх яке аз зеботарин ва бузургтарин масоҷиди ҷаҳони ислом буд.[1] Он дар маркази шаҳр дар паҳлуи бозорҳо воқеъ гардида буд. Бинои он тақрибан як фарсах тӯл дошта[2], бино бар навиштаи Муқаддасӣ дар асри 10 мисоли он дар тамоми Шарқ аз лиҳози зебоӣ ва бузургӣ мавҷуд набуд.[3]

Балх ҳудуди хеле васеъ дошта, дар умум ба ғайр аз шаҳри Балх ва ноҳияҳои атрофи он ба вилоятҳои Ҷузҷон ва Тахористон ҷудо мешуд.

**Гузгонон, Ҷузҷон ё Ҷузҷонон** ноҳияе буд дар ғарби Балх сари роҳи Марворӯд, ки дар асрҳои миёна ободтарин ва пурҷамъияттарин ноҳияи Балх маҳсуб мешуд. Ин ноҳия чандин шаҳр дошт, аммо се шаҳри он, ки бо номҳои қадимии худ хонда мешаванд, боқӣ мондаанд. Ҷуғрофиёнависон маҳалли шаҳрҳои дигарро зикр кардаанд ва ба бо истинод ба осори онҳо метавон харобаҳо ва ё маҳалли шаҳрҳои ҳоло мавҷуд набударо муайян кард. Маҳсулоти асосие, ки аз Ҷузҷон ба навоҳии ҳамҷавор содирот мешуд, пӯстҳои даббоғишуда буд. Ҷуғрофиёи таърихии Гузгонон дар шакли умумӣ аз ҷониби В. В. Бартолд[4] омӯхта шуда, ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории он аз ҷониби Г. А. Пугаченкова[5] таҳқиқ шудаанд.

Дар замони ҳукумати Сомониён дар Гузгон сулолаи маҳаллии Фариғуниён ҳукмронӣ мекарданд, ки худро аз оли Афридун – шоҳаншоҳи асотирии Эрони Қадим медонистанд.[6]

Вилояти Гузгон дар асри IX дорои 4 шаҳр – Анбор, Сон, Кандарам ва Шибурқон буд.[7] Шаҳрҳои Форёб, Андхуд, Яҳудия ва Толиқон, ки дар замони Сомониён ба ҳайати Гузгон ворид мешуданд, вилоятҳои алоҳидаи ҳамҷавори

---

[1] Байҳақӣ. С. 383.
[2] Истахрӣ. С. 292.
[3] Муқаддасӣ. С. 302.
[4] Бартолд В. В. Соч. Т.7. С. 56–59.
[5] Пугаченкова Г. А., Мухтаров А. М. Два неизвестных архитектурных памятника в округе Балха. Народы Азии и Африки, 1977, №6. С.137-145.
[6] Ҳудуду-л-олам. С. 105.
[7] Яъкубӣ. С. 287.

Гузгон ба ҳисоб мерафтанд.[1] Дар асри X вилояти Гузгонон хеле рушд карда, аз лиҳози масоҳат васеъ буд. Он дар ғарб бо Ғарчистон ва Марв, дар шарқ бо Балх, Тахористон ва Бомиён, дар ҷануб бо Ғур ва Буст ҳаммарз буда, дар шимол то рӯди Омӯ тӯл мекашид.[2] Ба андешаи Муқаддасӣ ҳокими Гузгонон аз сулолаи Фариғуниён чунон муқтадир буд, ки ба Сомониён танҳо ҳадя мефиристод ва хироҷ намедод.[3] Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» қайд мекунад, ки шоҳи Гузгонон аз лиҳози шуҳрат, хирадмандӣ ва маърифату ақл аз дигар ҳокимони замони худ бартарӣ дошт. Дар мулки ӯ адолат, субот ва оромӣ барқарор буд. Баъзе аз шаҳрҳои дар самти ҷануби кӯҳҳои Ҳиндукуш қарордошта низ дар тобеияти шоҳи Гузгонон буданд.[4]

Шаҳри **Ҷурзивон** дар самти Маймана (Яҳудия) миёни кӯҳистон воқеъ буд ва амири Ҷузҷон дар вақти тобистон дар он ҷо иқомат мекард. Ҷурзивон номи арабии ин шаҳр буда, эрониён онро Гурзивон мегӯянд. Ҳамчунин бо номҳои Курзибон, Курзиён[5], Курзибон ё Ҷурзибон[6] ва Қурзимон[7] ҳам навишта шудааст. Дар сиккаҳои замони Сомониён, ки дар Гурзивон зарб шудаанд, номи ин вилоят Ҷурзиқон[8] омадааст. Маркази ин вилоят шаҳри Гурзивон миёни Толиқон ва Марврӯд дар марзи Ғур воқеъ буда, иқлимаш боду ҳавои форам дошт. Дар асри X дар ин ҷо қароргоҳи тобистонии ҳокимони маҳаллӣ аз сулолаи Фариғуниён буд.[9] Ёқут менависад, ки мардуми ин шаҳр ҳама сарватманд ҳастанд. Аз ин шаҳр осоре дар нақшаҳо нест, аммо эҳтимол меравад харобаҳои маъруф ба Қалъаи Волӣ, макони он бошанд. Ин харобаҳо дар болои Марғоб воқеанд. Ёқути Ҳамавӣ мегӯяд, аз лиҳози ҷойгиршавӣ ва кӯҳистонӣ будан Гурзивон ба шаҳри Макка шабоҳат дошт.[10]

---

[1] Ибни Фақеҳ. С. 98; Ибни Хурдодбеҳ. С. 33.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 105.
[3] Муқаддасӣ. С. 337.
[4] Ҳамон ҷо.
[5] Муқаддасӣ. С. 348.
[6] Ёкут. Ҷ. 4. С. 258.
[7] Яъкубӣ. С. 287.
[8] Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. — London: The British Museum, 1941. P. 97.
[9] Ибни Ҳавқал. С. 107.
[10] Ёқути Ҳамавӣ. С. 443.

Яъқубӣ аз шаҳри Кандарам ёдовар шудааст, ки ба қавли ӯ қароргоҳи шоҳи Гузгонон дар он ҷо воқеъ буд.[1] Ин шаҳр дар якманзилии Яҳудия ва чаҳорманзилии Шопургон воқеъ буд. Он дорои обҳои равон, боғҳои ангуру чормағз, бодом ва дигар неъматҳо буд.[2]

В. В. Бартолд бо такя ба маълумоти Яъқубӣ[3] шаҳри Кандарамро бо Гурзивон яке шумурдааст.[4] Дар асри 10 ҳудуди васеъи кӯҳистонӣ бо рустоҳои зиёд тобеи Гурзивон ё Кандарам буд. Ноҳияҳои Маншон ва Тамрон бо шаҳрҳои марказии ҳамном, лашкаргоҳи Дори Андара ва қароргоҳи тобистонии ҳокимони маҳаллии Гузгонон аз сулолаи Фариғуниён (864–1019) дар ҳудуди ин вилоят қарор доштанд.[5]

Шаҳри **Маймана**, ки дар думанзилии Толиқон воқеъ буд, дар асрҳои миёна Яҳудон,[6] Ҷаҳудон[7] ва ё Яҳудия номида мешуд ва ғолибан маркази Ҷузҷон ба ҳисоб мерафт. Ибни Ҳавқал мегӯяд Масҷиди ҷомеи он ду манора дорад. Ёқут ин шаҳрро Яҳудони Бузург номида қайд мекунад, ки чун дар замони Навохудоносор – ҳокими Бобил яҳудиён аз Байтулмуқаддас ронда шуданд, нахустин ҷое, ки сокин шуданд, ин шаҳр буд. Баъдҳо мусулмонон номи ин шаҳрро иваз намуда, онро Маймана номиданд, "то бо муборакӣ ва майманат ҳамроҳ бошад".[8] Муставфӣ дар бораи Маймана навиштааст, ки шаҳре васат ва гармсер аст ва гандуму мева ва хурмо дорад ва оби он аз наҳри наздике меояд. Шояд дар ин маврид иштибоҳ ва ихтилоте байни Майманаи Ҷузҷон ва Майманда ба ҷои Майванди Зобулистон миёни Гиршак ва Қандаҳор рӯй дода ва ин иштибоҳ дар навиштаи Ёқут низ зоҳир шудааст, он ҷо, ки гӯяд: «Майманди Ғазна миёни Ғур ва Бомиён воқеъ аст». Чунонки маълум мегардад, манзури Ёқут аз ин Майманд ҳамон Яҳудия ё Маймана аст.[9]

---

[1] Яъқубӣ. С. 287.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 443.
[3] Яъқубӣ. С. 287.
[4] Бартолд. В. В. Соч. Том 1, С. 130.
[5] Ҳудуду-л-олам. С. 106–107.
[6] Яъқубӣ С. 287.
[7] Ҳудуду-л-олам. С. 107.
[8] Ёқут. Ҳамон Ҷо.
[9] Ле. Стренҷ. С. 451.

Истахрӣ менависад, ки шаҳри Яҳудия дар миёни кӯҳҳо воқеъ буда, дорои обҳои равон ва боғҳо буд.[1] Дар асри IX дар ин ҷо қароргоҳи омили Форёб воқеъ буда,[2] дар асри X Яҳудия шаҳри пурғановат ва маркази тиҷорату ҳунармандӣ буд. Ибни Ҳавқал навиштааст, ки шаҳри асосии вилояти Ҷузҷон дар асрҳои миёна Нақомиш ном дошт.[3] Эҳтимол то тағйири ном кардани Яҳудия ба Маймана шояд муддате номи он Нақомиш будааст. Шаҳри Маймана бо чаҳор қатор девори қалъа иҳота шуда, аз дарвозаҳои берунии шаҳр то майдони марказии он се дарвозаи дигар мавҷуд буд. Дар наздикии дарвозаи дуюм масҷид ва дар наздикии дарвозаи сеюм чоҳи бекорхобида мавҷуд буданд. Дар наздикии дарвозаҳои охирин теппае мавҷуд буд, ки аз он тамоми шаҳр ва рустоҳои атрофи он дида мешуд. То имрӯз дар шаҳри Маймана ҷамъияти алоҳидаи арабҳо зиндагӣ мекунанд.

Дар масофаи якуним фарсах аз Яҳудия дар асри X лашкаргоҳи Дарандаро воқеъ буд, ки шоҳи Гузгонон дар он ҷо қароргоҳ дошт. Он маконе дар домани кӯҳҳо буд, ки обу ҳавои солимтарин дар тамоми Гузгонон дар он ҷо буд.[4]

**Форёб.** Номи Форёб дар манобеи асримиёнагӣ ба шаклҳои Борёб ё Порёб, инчунин Ферёб ё Фирёб низ вомехӯрад.[5] Самъонӣ менависад, ки Форёб арабишудаи Порёб аст[6] ва аз ду истилоҳи форсии асримиёнагӣ – «пори ё бори» ва «об» иборат буда, маънии замини киштро дорад.[1]

Форёб аз шаҳрҳои муҳимми Ҷузҷон дар асрҳои миёна маҳсуб мешуд. Маҳалли ин шаҳр ба эҳтимоли қавӣ ҷоест, ки онро имрӯз Хайробод мегӯянд ва қалъаи қадимае он ҷост, ки теппаҳои хиштӣ атрофи онро иҳота кардаанд. Ибни Ҳавқал мегӯяд, Форёб аз Толиқон хурдтар аст, аммо боғҳои бисёртар ва обу ҳавои солимтар дорад. Инчунин санъату тиҷорати рушдкарда дошт ва Масҷиди ҷомеи он дорои манора буд. Ёқут ин шаҳрро ба сурати Ферёб навиштааст ва бо зикри мавқеи он нисбат ба Толиқон ва Шибурқон иктифо кардааст. Ибни

---

[1] Истахрӣ. С. 270.
[2] Ёқут. С. 287.
[3] Ибни Ҳавқал. С. 442.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 107.
[5] Ёқут. Ҷ. 3, С. 888, 930.
[6] Самъонӣ. С.

Ҳавқал аз шаҳри Марсон, ки ба қавли ӯ миёни Яҳудия ва Форёб воқеъ буд, ёдовар шуда, мегӯяд, он тақрибан ба андозаи Яҳудия аст. Ҳамчунин Ибни Ҳавқал аз шаҳраки Сон ёд намуда, мегӯяд, дар кӯҳистон аст ва боғу оби фаровон дорад.[2]

Дар замони Сомониён шаҳри Форёб ва вилояти он дар тобеияти ҳокими Гузгонон қарор дода шуданд. Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» Форёб шаҳри зебое буд, ки дар он тиҷорат рушд карда буд.[3] Аз лиҳози масоҳат кучактар аз Толиқон буд, аммо обҳои равон ва боғҳои бештар дошт. Масҷиди ҷомеи Форёб манора надошт ва биноҳои шаҳр аз лой буданд. Тамоми анвои ҳунармандӣ, ки он замон дар шаҳрҳои бузург рушд карда буданд, дар ин ҷо низ мавҷуд буданд.[4] Дар атрофи Форёб шумораи боғҳо зиёд набуд, аммо киштзорҳои бисёр дошт.

Номи Форёб то имрӯз мавҷуд буда, ҳоло яке аз музофотҳои шимолу ғарбии Афғонистон Форёб ном дорад. В. В. Бартолд макони Форёби асримиёнагиро шаҳри Давлатобод ё ин ки ҳудуди рустои Хайробод шумурдааст.[5] Аммо Б. А. Ахмедов андеша дорад, ки шаҳри асримиёнагии Форёб дар макони Салуртеппа воқеъ дар наздикии Давлатобод қарор дошт ва исми Давлатобод танҳо аз асри 17 дар сарчашмаҳо ба назар мерасад.[6]

**Шибурқон.** Охирин шаҳри вилояти Гузгонон дар самти шарқ Шибурқон буд. Он дар якманзилии шаҳри Анбор ва думанзилии Андхуд воқеъ буд.[7] Номи ин шаҳр дар шаклҳои Ашбурқон, Ашфурқон, Ашбарқон, Шабурқон, Шибурғон, Шабургон, Шафарқон ва Сибурғон ҳам навишта шудааст. Тибқи ахбори сарчашмаҳо ин шаҳр дар асри VIII як муддат ҳамчун маркази вилояти Ҷузҷон ба ҳисоб мерафт ва масоҳати он бо Маймана баробар буд.[8] Ба қавли

---

[1]. Агаджанов С. Г. Аграрная терминология Средней Азии и Ирана. Народы Азии и Африки, 1965, № 4. С. 100—101.
[2] Ибни Ҳавқал. С. 321.
[3] Ҳудуду-л-олам. С. 107.
[4] Ибни Ҳавқал. С. 442.
[5] Бартолд В. В. Ҷ. 7. С. 58.
[6] Ахмедов Б. А. История Балха. С. 41.
[7] Истахрӣ. С. 271, 286.
[8] Ле Стренч. С. 452.

Яъқубӣ Шопургон дар қадим пойтахти мулки алоҳида будааст.[1] Ба назар мерасад, ки дар ибтидо номи шаҳри Шопургон буда, аз исми шоҳаншоҳи Сосониён Шопур гирифта шудааст.

Шаҳри Шопургон дар биёбон дар сари роҳи корвонгузар воқеъ буд ва обҳои равону неъмати бисёр дошт.[2] Дарёи Гузгонон, ки аз кӯҳҳои Сон ва Чаҳоряк сарчашма мегирифт, то шаҳри Шопургон мерасид.[3] Дар асри X Шопургон бузургтар аз Кандараму Сон ва қариб ба андозаи ал-Яҳудия буд. Обҳои равон дар ин ҷо бисёр, аммо дар атрофи шаҳр боғҳо камтар буданд.[4] Аз ин сабаб қариб тамоми меваҳо дар ин шаҳр аз дигар ҷойҳо оварда мешуданд.[5] Шаҳр ҷамъияти бисёр ва Масҷиди ҷомеъ дошт,[6] ки дар самти шарқии девори шаҳр воқеъ буд ва аз хиштҳои пухтаи калонҳаҷм сохта шуда буд.[7] Ба қавли Байҳақӣ Шопургон дар давраи Ғазнавиён яке аз марказҳои муҳимми иқтисодӣ ва ҳарбию сиёсии вилояти Балх ба ҳисоб мерафт, ки ҳудуди тобеаи он васеъ буд.[8]

Шопургони асримиёнагӣ арки устуворе дошт, ки атрофи он бо девори похсагӣ иҳота шуда буд. Оби дохили арк аз ҳисоби дарёи Сари Пул (Дарёи Сафед) таъмин мешуд.[9] Харобаҳои шаҳри асримиёнагии Шопургон шаҳраки Болоҳисор воқеъ дар шимолу ғарби Шибирғони кунунӣ мебошад.[10] Номи имрӯзаи Шопургон ба шакли Шибирғон тағйир карда, ин шаҳр маркази яке аз вилоятҳои Афғонистон мебошад.

**Тахористон**. Ин вилояти паҳновар дар шарқи Балх воқеъ буда, қад-қади соҳили ҷанубии рӯди Ҷайҳун (Омӯ) то ҳудуди Бадахшон тӯл кашида, аз самти ҷануб тавассути қаторкӯҳҳои шимоли Бомиёну Панҷшер маҳдуд мешавад. Дар асрҳои миёна Тахористон ба ду маънӣ фаҳмида мешуд: якум, ҳудуди ҷануби

---

[1] Яъқубӣ. С. 287.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 107.
[3] Баҳру-л-асрор. С. 57.
[4] Истахрӣ. С. 271.
[5] Ибни Ҳавқал. С. 443.
[6] Қудома ибни Ҷаъфар. С. 210.
[7] Баҳру-л-асрор. С. 57.
[8] Байҳақӣ. С. 420.
[9] Кабул — путевые записки сэра Александра Бориса в 1836—1838 гг. Перевод с английского, в двух частях. М., 1847. С. 319.
[10] Мухтаров А. М. Эпиграфические памятники Гузганана. Прошлое Средней Азии. Душанбе, 1987. С. 205.

рӯди Ҷайҳун миёни Балх ва Бадахшон,[1] дуюм, тамоми ҳудуди Бохтари Қадим. Аммо В. В. Бартолд мегӯяд, ки ҳудуди Тахористон аз вилоятҳои болооби ду соҳили рӯди Омӯ ва шохобҳои он иборат аст.[2] Ле Стренҷ мегӯяд: «Тахористон шомили ду қисмат аст: яке Тахористони Боло дар шарқи Балх, дар имтидоди рӯди Ҷайҳун; дигаре Тахористони Пойин дар ҷанубу шарқи он дар марзи Бадахшон».[3]

Дар адабиёти илмии замони муосир Тахористон ба шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо карда шудааст, ки қисмати шимолии он дар шимол ва қисми ҷанубии он дар ҷануби рӯди Омӯ воқеъ гардидаанд. Тибқи навиштаи Ибни Фақеҳ исми Тахористони Боло дар асри IX ба шаҳри Толиқон ва вилояти он итлоқ мегардид.[4] Яъқубӣ Шикинон (Шуғнон) ва Бадахшонро низ ҳудуди Тахористони Боло шумурдааст.[5] Тахористони Боло дар ҷануби рӯди Омӯ воқеъ буд, ки се дарё: аз-Зарғам, Хатлоб ва Ватроб ба он мерехтанд. Дар асри X бештари ҳудуди Тахористон кӯҳсор буд, аммо даштҳое низ мавҷуд буданд, ки дар онҳо мардумони кӯчӣ ба чорводорӣ машғул мешуданд.[6]

**Толиқон** маркази маъмурии Тахористон буд, ки дар семанзилии Марврӯд аз самти Балх ва ҳамчунин семанзилии Форёб воқеъ буд.[7] Дар сиккаҳои Сомонӣ номи ин шаҳр Толиқон ва ҳам Тойиқон омадааст.[8]

Дар замони Сомониён Толиқон яке аз шаҳрҳои бузурги Тахористон ва аз аз лиҳози масоҳат ба сеяки Балх баробар буд. Он дар ҳамворӣ воқеъ буда, дорои рӯди калон боғҳо ва токҳои бисёр буд. Муқаддасӣ аз ду рӯд бо номҳои Хатлоб ва Тороб ёдовар шудааст, ки аз Толиқон мегузаштанд ва ба дарёи Омӯ мерехтанд. Шаҳр хеле зебо ва пурғановат буд ва бозори ободе дошт.[9] Самъонӣ Толиқонро қасаба, яъне шаҳри марказии Тахористон номида, аз ду рӯд ва Масҷиди ҷомеи он ёдовар шудааст. Қалъаи Толиқон дар асрҳои миёна исми

---

[1] Истахрӣ. С. 275.
[2] Бартолъд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Часть 1. Тексты. СПб., 1898. С. 21—15
[3] Ле Стренҷ. С. 253.
[4] Ибни Фақеҳ. С. 321.
[5] Яъқубӣ. С. 292.
[6] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[7] Истахрӣ. С. 286.
[8] Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. — London: The British Museum, 1941— 244 p. p. 169.
[9] Муқаддасӣ. С. 303.

Мансуркӯҳ ё Нусраткӯҳро[1] дошта, чунон устувор буд, ки аз лиҳози баландӣ ва бузургӣ назир надошт.

Ба андешаи академик В. В. Бартолд шаҳри асримиёнагии Толиқон дар наздикии қалъаи Тахти Хотун ва дар макони қалъаи Каурмах воқеъ дар қисмати ҷанубии водии Қалъаи Валӣ дар болооби рӯди Марғоб қарор доштааст.[2] Боқимондаи шаҳри асримиёнагии Толиқон харобаҳои воқеъ дар наздикии Чачокту мебошанд.[3]

**Хулм** дар асри IX Хулм монанди Толиқон вилояти алоҳидаи Балх маҳсуб меёфт.[4] Муқаддасӣ мегӯяд: «шаҳракест бо деҳкада ва рустоҳо ва киштзорҳои бисёр ва ҳавои солим».[5] Ёқут мегӯяд: «Хулм миёни дараҳо воқеъ аст ва ҷамъе аз аъроби банӣ Тамим ба он ҷо муҳоҷират кардаанд».[6] Яъқубӣ аз Масҷиди ҷомеи Хулм ёдовар шуда, Муқаддасӣ аз арабҳои қабилаи Азд[7] ва Самъонӣ аз қабилаҳои Бакр, Тамим ва Қайс, ки дар Хулм мезистанд, ёд кардаанд. Бинобар навиштаи муаллифи «Ҳудуду-л-олам» дар асри X аз рӯди Хулм чандин наҳр баровабарда шуда буд, ки маҳалҳои атрофи шаҳрро обёрӣ мекард.[8]

Шаҳраки асримиёнагии Хулм дар наздикии баромадгоҳи дарёи Хулм воқеъ дар семилии Тошқӯрғон қарор дорад.[9] Дуртар аз он дар самти шимол шаҳраки дигаре бо номи Шултеппа воқеъ аст, ки макони шаҳри Хулми то истилои араб дониста мешавад.

**Самангон.** Дар аҳди Сомониён ин шаҳр аз Хулм бузургтар буд. Дар он Масҷиди ҷомеъ, чандин наҳр ва боғу чарогоҳҳо мавҷуд буданд. Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» мегӯяд шаҳри Самангон дар миёни кӯҳҳо воқеъ аст ва аз он ҷо набизи хуб ва меваҳои гуногун бармехезад.[1] Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ин шаҳрро Саманҷон навишта, мегӯяд: «Шаҳре кӯчак аст, ба тарафи шарқӣ се маҳалла аст ба ҳам муттасил ва тарафи ғарбӣ се маҳалла аст мутафарриқ. Ва

---

[1] Рашидаддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-т-таворих. Ҷ. 1, қ. 2, С. 219.
[2] Бартолд В. В. Соч. Том 7, С. 62; том 3, С. 255.
[3] Ле Стренч. С. 423.
[4] Таърихи Сиистон. С. 65.
[5] Муқаддасӣ. С. 296.
[6] Ёқут. Ҷ. 1. С. 372.
[7] Муқаддасӣ. С. 303.
[8] Ҳудуду-л-олам. С. 108.
[9] Бартолд В. В. т. 7, С. 49

қалъаи муҳкам дораду оби фаровон. Ва боғистони бисёр дорад ва аз мева ангуру анҷир ва шафтолу ва фустақ бағоят фаровон ва хуб бошад».[2]

Академик В. В. Бартолд маҳалли Самангони асримиёнагиро ба шаҳри Ҳайбак, ки дар васеътарин мавзеи водии дарёи Хулм воқеъ гардидааст, мансуб медонад.[3] Аммо Ле Стренҷ шаҳри Айбаки имрӯза – маркази вилояти Самангони Афғонистонро воқеъ дар болооби рӯди Хулм макони шаҳрҳои Самангон ва Руби асримиёнагӣ мепиндорад.[4]

Аҳли Самангон чунин мешуморанд, ки шаҳри онҳо дар ибтидо Сомонгон ном дошта, ватани аҷдодии сулолаи Сомониён будааст.[5]

**Бағлон.** Дар ҷанубу шарқи Самангон ноҳияи Бағлон воқеъ гардида буд. Шаҳри Бағлон яке аз қадимтарин шаҳрҳои Хуросон аст.[6] Дар манобеи асримиёнагӣ дар хусуси ин ноҳия маълумоти мухтасар оварда шудааст. Ибни Хурдодбеҳ Бағлонро Бекбонул навишта, зимни овардани роҳи Балх то Тахористони Боло фосилаи миёни шаҳрҳоро зикр кардааст, аммо дар масъалаи ҳудуди маъмурии онҳо чизе нагуфтааст.[7] Истахрӣ масофаро аз Балх то Бағлон шаш манзил ва аз Самангон то Бағлон ду манзил гуфтааст.[8] Тибқи нигориши Ҷайҳонӣ пас аз густариши ислом дар Хуросон Бағлон дар тобеияти Тахористон қарор дошт.[9] Бағлон дар асри Х ба ду бахш: Бағлони Боло ва Бағлони Пойин тақсим гардида, Бағлони Пойин курсии ноҳия ба ҳисоб мерафт ва дорои Масҷиди ҷомеъ буд. Муқаддасӣ қайд мекунад, ки Бағлон дараҳои пурдарахт ва бозорҳои гарм дорад.[10] Ин дараҳо дар доманаи шимолии кӯҳҳои Панҷшер қарор доштанд, ки Ибни Ҳавқал аз мавҷудияти маъдани нуқра дар онҳо ёдовар шудааст.[11] Бағлони Боло чун деҳи бузурге дар канори дараи сарсабз қарор дошта, макони истироҳати мардум ба ҳисоб мерафт. Бағлон замоне маркази

---

1 Ҳудуду-л-олам. С. 108-109.
2 Муставфӣ. С. 188.
3 Бартолд. В. В. т.1, С.117; т. 7, С. 49.
4 Ле Стренҷ. С. 423.
5 Камолуддинов Ш. Историческая география южного Согда и Тохаристана.
6 Ставиский Б. Я. Кушанская Бактрия. Проблемы истории и культуры. — М.: Наука, 1977. — 296 С.
7 Ибни Хурдодбеҳ. Масолик вал мамолик. С.
8 Истахрӣ. С. 286.
9 Ҷайҳонӣ. С. 171.
10 Муқаддасӣ. С. 296.
11 Ибни Ҳавқал. С. 326.

Тахористон будааст.[1] Ба андешаи Б. А. Ахмедов Бағлон дар солҳои охири ҳукумати Сомониён шаҳри марказӣ ба ҳисоб мерафт.[2] Имрӯз Бағлон яке аз вилоятҳои Афғонистон аст, ки марказаш шаҳраки Пули Хумрӣ мебошад ва зиёда аз 800 ҳазор аҳолӣ дорад.

**Валволиҷ.** Дар фосилаи дурӯза роҳ аз Толиқон ба самти Балх шаҳри Валволиҷ ё Варволиз[3] воқеъ буд. Истахрӣ Валволиҷро дуввумин шаҳри бузурги Тахористон баъд аз Толиқон гуфтааст.[4] Бино бар маълумоти «Ҳудуду-л-олам» Валволиҷ муддате қасабаи Тахористон шаҳре обод ва дорои обҳои фаровону неъматҳои зиёд будааст.[5] Аз ин шаҳр кунҷит, равғани кунҷит, чормағз, бодом, писта, биринҷ, нахуд, пӯсти рӯбоҳ ва ғайра ба шаҳрҳои дигар содирот мешуд. Самъонӣ Валволиҷро ба Бадахшон мутааллиқ донистааст.[6] В. В. Бартолд макони Валволиҷи асримиёнагиро водии дарёи Оқсарой ва шохобҳои он донистааст.[7] Ҳоло калонтарин шаҳри ин водӣ Кундуз аст ва ба андешаи ин ҷониб маҳз ҳамон Валволиҷ ба Кундуз тағйири ном кардааст.

**Андароб** дар замони Сомониён чаҳорумин шаҳри бузурги Балхи Хуросон пас аз Толиқон ва Валволиҷ буд.[8] Он дорои чанд водӣ бо боғҳои бисёр ва бозорҳои сераҳолӣ[9] ва зарробхонаи сиккаҳои нуқрагӣ[10] буд. Тибқи маълумоти Истахрӣ Андароб ду рӯд дорад: яке рӯди Андароб ва дигаре рӯди Косон. Боғу дарахти бисёр дорад.[11] Ба қавли муаллифи «Ҳудуду-л-олам» «Андароб шаҳракест миёни кӯҳҳост. Ҷои бисёрғалла ва кишту барз. Ӯро ду рӯд аст. Симҳое, ки аз маъдани Панҷҳир ва Чорёна афтад ин ҷо онро дирам занад ва подшоҳи ӯро “шамулир” хонанд».[12] Дар манотиқи кӯҳистонии Тахористон, аз ҷумла Панҷшер ва Парвон бо сабаби мавҷудияти конҳои нуқраи босифат дар

---

[1] Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳру-л-асрор.
[2] Ахмедов Б. А. История Балха (XVI — первая половина XVIII в). —Ташкент: Фан, 1982. С. 53.
[3] Истахрӣ. С. 275; Муқаддасӣ. С. 346
[4] Истахрӣ. С. 279.
[5] Ҳудуду-л-олам. С. 109.
[6] Самъонӣ. Ҷ. 3, С. 235.
[7] Бартолд В. В. т. 7, С. 51
[8] Истахрӣ. С. 278.
[9] Муқаддасӣ. С. 346.
[10] Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. p. 54.
[11] Истахрӣ. С. 218.
[12] Ҳудуду-л-олам. С. 65.

замони Сомониён зарробхонаҳо кор мекарданд.[1] Истахрӣ аз мавҷудияти пойгоҳи ҳарбӣ дар Панҷшер ёдовар шудааст.[2]

Ёқут навиштааст, ки Андароб дар марзи Тахористон ва Кобул воқеъ буд.[3] Маҳмуд ибни Валӣ қайд намудааст, ки Андароб муддате тобеи ҳокими Бомиён буд.[4]

**Бадахшон.** Ин вилоят, ки дар замони Сомониён аз ҳудуди Балх ба ҳисоб мерафт, дар болооби рӯди Ому воқеъ буд. Шаҳрҳои муҳимми Бадахшон Бадахшон (маркази вилоят), Ҷурм, Кишм ва Зебак буданд.

Тибқи ахбори "Ҳудуду-л-олам" Бадахшон шаҳрест бисёрнеъмат ва ҷои бозаргонон. Дар он ҷо маъдани сим, зар, бечода ва лоҷуворд аст. Аз Таббат ба он ҷо мушк мебаранд.[5] Истахрӣ менависад, ки Бадахшон аз Мунк кӯчактар буд. Навоҳии ободон ва боғҳои бисёр дорад. Бар рӯди Ҷарёб аст.[6]

Маҳалли ҷойгиршавии маркази маъмурии Бадахшони замони Сомониён дақиқан маълум нест. Тибқи маълумоти Маҳмуд ибни Валӣ он шаҳри Юмғон буд, ки дар ҷои Файзободи кунунӣ қарор дошт.[7] В. В. Бартолд чунин мешуморад, ки маркази Бадахшон дар тамоми давру замон дар ҷойи Файзобод воқеъ будааст.[8] Аммо ба ақидаи Т. Г. Абаева маркази Бадахшон дар асрҳои миёна дар болооби рӯди Кӯкча дар 15-милии Файзобод воқеъ буд.[9] Шаҳри Бадахшон дар замони Сомониён ҳудуди васеъро дар бар гирифта, хеле пурҷамъият ва дорои обҳои фаровон ва заминҳои ҳосилхезу боғҳои бисёр буд.[10]

**Ҷурм.** Яке аз шаҳрҳои калонтарини Бадахшон дар замони Сомониён Ҷурм буд, ки яке аз зарробхонаҳои Сомониён дар он қарор дошт.[11] Ёқут Ҷурмро

---

[1] Муқаддасӣ. С. 303.
[2] Истахрӣ. С. 286.
[3] Ёқут. Ҷ. 1, С. 372.
[4] Баҳру-л-асрор. С. 18.
[5] Ҳудуд-ул-олам. С. 68.
[6] Истахрӣ. С. 219.
[7] Баҳру-л-асрор. С. 23, 63.
[8] Бартолд В. В. Соч. Т. 1. С. 116.
[9] Абаева Т. Г. Очерки истории Бадахшана. С. 60.
[10] Истахрӣ. С. 279.
[11] Джапаридзе Г. П. Новые добавления к работе Э. Цамбаура. Эпиграфика Востока, вып. 22. С. 80.

шаҳри асосии Бадахшон гуфтааст.[1] Номи ин шаҳр то имрӯз боқӣ монда, он дар 30-километрии ҷанубу шарқи Файзобод қарор дорад.

Шаҳри дигари Бадахшон – **Зебак** дар осори таърихӣ ва ҷуғрофии асримиёнагӣ мушоҳида намешавад. Аммо сиккаҳое аз Сомониён маълуманд, ки зарробхонаи онҳо «Забак» гуфта шудааст.[2] Дар атрофи Зебак конҳои сурмаи баландсифат мавҷуд буданд.[3] Номи Зебак ба истилоҳи арабии «зибақ» рабт дода шудааст, ки маънии симобро дорад, яъне маълум мешавад, ки симоб ҳам дар ин ҷо истихроҷ мешудааст. Эҳтимол дар давраи Сомониён дар Зебак макони истихроҷи нуқра ҳам вуҷуд доштааст, ки дар наздикии он зарробхона фаъолият мекардааст.

Сарвати асосии Бадахшон дар замони Сомониён сангҳои гаронбаҳое буданд, ки аз кӯҳҳои ин сарзамин гирифта мешуданд. Хусусан, конҳои ақиқи сурх ва лоҷвард дар Бадахшон хеле бисёр буданд.[4] Ақиқи холиси Бадахшонро барои зебоӣ ва ҷилои сурхи ҳайратангезаш ба ёқут баробар мекарданд.[5]

Дар замони Сомониён роҳ аз самти Бадахшон ба Таббат тавассути водии Вахон ва қаторкӯҳҳои Сарикӯл мегузашт. Ин долон аз давраҳои хеле қадим муҳимтарин воситаи робита миёни Бадахшон, Таббат, Туркистони Шарқӣ ва Ҳиндустон ба шумор мерафт.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои марбут ба ҷуғрофиёи таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди Сомониён ба чунин хулоса метавон расид, ки маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси шаҳру навоҳии ин сарзамин асоси воқеӣ дошта, бо ҳақиқати таърихӣ мутобиқат доранд. Доир ба омӯзиши ин сарзамини таърихӣ, махсусан манотиқи Бадахшон, таҳқиқоти бостоншиносӣ маводди зиёд дода метавонад, вале мутаассифона, то ҳол чунин таҳқиқот ба таври кофӣ анҷом наёфтааст. Амалӣ гаштани чунин иқдом

---

[1] Ёқут. Ҷ. 2, С. 64.

[2] Джапаридзе Г. П. Новые добавления к работе Э. Цамбаура. Эпиграфика Востока, вып. 22. С. 80.

[3] Бурхан уд-Дин-хан-и Кушкеки. Каттаган и Бадахшан. Данные по географии страны, естественно-историческим условиям, населению, экономике и путям сообщения с 34 картами. Перевод с персидского В. В. Введенского, Б. И. Долгополова и Е. В. Левкиевского. — Ташкент, 1926. С. 138.

[4] Ҳудуду-л-олам. С. 112.

[5] Ибни Ҳавқал. С. 449.

метавонад имкон диҳад, ки ба масоили зиёд ва паҳлӯҳои норавшани ба ҷуғрофиёи таърихии мутааллиқи ин кишварҳо равшанӣ андохта шавад.

## 2. 4. Коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониён

Аз баррасии ахбори сарчашмаҳо ва осори илмии дар замина навишташуда ба назар мерасад, ки давлати Сомониён дар давраи амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ аз лиҳози фарогирии ҳудуд ва ҳам қудрати сиёсию тавонмандии иқтисодӣ ба авҷи камолоти худ расида, бо марказияти Бухоро давлате бунёд шуд, ки сарзаминҳои тоҷикнишинро куллан муттаҳид намуд. Дар замони ҳукумати писари Исмоили Сомонӣ – Аҳмад (907–914), писари Аҳмад Насри дуввум (914–943) новобаста ба баъзе саркашиҳои ҳокимони маҳаллӣ ҳудуди давлати Сомониён то аввали солҳои 60-уми асри X ба таври назаррас тағйир наёфт. Сомониён тавонистанд ҳудуди густардаи худро дар имтидоди ним аср нигоҳ доранд. Ин даврае буд, ки дар ин сарзамини бузург халқи тоҷик ташаккул ёфт, забону адабиёти ягона бо номи форсии дарӣ падид омад. Аз ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ва вусъати он дар ин замон, чуноне ки зикрашонро дар зербобҳои гузашта кардем, дар манобеи таърихӣ бисёр навиштаанд.

Чуноне ки зикр шуд, бо фишори рӯҳониюни мутаассиб ва сарлашкарони ба онҳо наздик Наср ибни Аҳмад аз тахт канор рафт. Ин ки даъватгарони қарматӣ дар ҳамин айём иддае аз наздикони амир Наср ва худи ӯро ба ойини худ ҷалб карда бошанд ва Наср ҳам ба дархости онҳо хунбаҳои як тан аз раисонашонро, ки дар зиндони Бухоро мурда буд, ба халифаи фотимӣ пардохта бошад, таҳқиқоти бунёдиро талаб мекунад. Ба назар мерасад, ки изҳори тамоюли Наср ба даъватгарони қарматӣ мумкин аст як тадбири сиёсии Наср ибни Аҳмад барои ҷилавгирӣ аз тавсеаи қудрат ва нуфузи фақеҳони суннимазҳаб буда бошад, ки дар муқобили ислоҳоти ӯ ба мухолифат истода буданд. Ба ҳар ҳол ривоят бад-он гуна, ки Насрро ба гароишҳои зидди суннӣ муттаҳам мекунанд, аз қавли муаррихони ин аҳд бо сароҳат баён нашудааст. Он чи дар зимн дар ривотҳои дигар ҳаст иборат аз дудастагиҳоест, ки ба назар мерасад дар охири аҳди Наср фақеҳонро дар муқобили ӯ қарор дода буд. Чизе ки воқеият дорад, пирӯзии тарафи мухолифи ӯст, ки саранҷом таҳдид ва таҳрики онҳо Насрро

водор кард ба нафъи писараш аз ҳукумат канора гирад ва рӯзҳои охири умрро дар гӯшанишинӣ гузаронад.

Нӯҳ ибни Наср баъд аз ба тахти Сомониён нишастан кори худро аз саркӯбсозии қарматиён оғоз карда, сарварони онро қатл ва молу мулкашонро мусодира намуд. Дар баробари ошуфтагии авзоъи дохилӣ, зуҳури Бувайҳиён ҳамчун довталабони ҳукумат дар манотиқи ғарбии давлати Сомониён мушкилотро бештар мекард.

Соли 944 Абуалии Чағонӣ бо корнамоиҳояш тавонист амири давлати Бувайҳиён – Рукнуддавларо шикаст дода, тобеияти вилоятҳои ғарбиро ба амири Сомонӣ таъмин кунад. Вале сабукдӯш кардани Абуалии Чағонӣ аз мансаби худ ва ба ҷои ӯ гумоштани Иброҳими Симҷӯр вазъи Хуросонро тамоман ошуфта кард. Барканории Абуалӣ аз сипаҳсолории Хуросон ва исёни ӯро муҳаққиқон нахустин халал дар ҳукуматдории Сомониён донистаанд, ки баъдҳо сабаби парешонии мулки онҳо гашт.[1] Бештари сипоҳиёни фиристодаи амир Нӯҳ ба муқобили Абуалии Чағонӣ ба тарафи Абуалӣ гузашта, намояндаи дигари хонадони Сомониён – Иброҳим ибни Аҳмадро амири давлат эътироф карданд. Абуалӣ соли 946 бо лашкари худ аввал ба Марв ва сипас ба Бухоро омада, Иброҳимро ба тахти аморат нишонд. Вале Иброҳим ибни Аҳмад Нӯҳро амири давлат ва худро сипаҳсолори ӯ эълон кард, ки боиси ранҷиш ва рафтани Абуалӣ аз Бухоро ба Чағониён шуд. Амир Нӯҳ ибни Наср ба Бухоро бозгашта, барои саркӯб кардани Абуалии Чағонӣ лашкар фиристод. Дар ду муҳориба, ки солҳои 947–48 миёни сипоҳи амир Нӯҳ ва лашкари Абуалӣ рух дод, Абуалии Чағонӣ шикаст хӯрда, ба Тахористон рафт ва он ҷоро тасарруф кард.[1]

Соли 948 вақте, хабари дар Чағониён ғорат шудани молу мулки Абуалии Чағонӣ тавассути лашкариёни амири Сомонӣ ба ӯ расид, бо ёрии ҳокимони Хуттал, Рошт ва Элок сипоҳ фароҳам карда, лашкари Нӯҳро дар Чағониён муҳосира кард. Дар натиҷа миёни амир Нӯҳ ва Абуалӣ сулҳ шуда, мансаби сипаҳсолори Хуросон аз соли 951 ба ихтиёри Абуалии Чағонӣ гузашт, аммо ӯ дигар ба Нишопур нарафт ва дар Чағониён монд.

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 112

Ибни Асир зимни зикри хабари дубора таъйин шудани Абуалии Чағонӣ ба мансаби сипаҳсолори Хуросон, қайд кардааст, ки Абуалӣ аз он таърих (951) дар Чағониён ба сар бурд.[2] Вале дар ҷои дигар ба Нишопур ва Рай рафтани ӯро бо фармони амир Нӯҳ хабар медиҳад.[3] Ин хабарро манобеи дигар низ таъйид мекунанд.[4] Ба назари мо дар Чағониён мондани Абуалӣ машкук ба назар мерасад, зеро тамоми манобеи муътамади таърихӣ ҳузури ӯро дар лашкаркашиҳояш ба муқобили Бувайҳиён зикр кардаанд.

Солҳои 946–951 Мансур ибни Қаротакин сипаҳсолори Хуросон буд, ки тӯли ин муддат бо лашкари Рукнуддавлаи Бувайҳӣ кашмакаш карда, то Исфаҳон пеш рафт. Бо вафоти Мансур дар соли 951 Абуалии Чағонӣ ба ҷои ӯ таъйин шуд.

Соли 953 вақте сипоҳи Рукнуддавла ба Рай ва Гургон ҳамла кард, бо фармони амир Нӯҳ Абуалии Чағонӣ ва Вушмгир ибни Зиёр ба муқобили Рукнуддавла рафта, ӯро дар Рай муҳосира карданд. Дар натиҷаи музокироти тарафайн Рукнуддавла вазифадор шуд, ки дар ивази ҳукмронӣ дар Рай солона ба амир Нӯҳ 200 ҳазор дирҳам пардозад.[5]

Аммо Вушмгир ибни Зиёр аз натиҷаи сулҳ норозӣ шуда, ба амир Нӯҳ нома навишт, ки Абуалӣ бо сабаби муҳаббат бо Рукнуддавла сулҳ кардааст. Амир Нӯҳ Абуалиро соли 954 барканор карда, ба ҷои ӯ Абусаъид ибни Молики Фарғониро таъйин кард, аммо Фарғонӣ ба Хуросон наомада, амир Нӯҳ вафот кард.

Чунон ки ба назар мерасад, дар давраи амир Нӯҳ нахустин нишонаҳои заволи давлати Сомониён аз худ дарак медиҳанд.[1] Ҳарчанд бо кӯшиши сарлашкарон Сомониён дар марзҳои ғарбӣ мавқеи худро нигоҳ доштанд, вале барканории Абуалии Чағонӣ муддате Хуросонро бо чанде аз вилоятҳои шарқии давлат, мисли Чағониён, Шумон, Хутталон ва Элок аз ҳукумати марказии Бухоро берун овард. Ҳатто дар ҳамон соли вафоти амир Нӯҳ халифаи Бағдод

---

[1]Ҳамон ҷо. С. 115.
[2] Ибни Асир. Ҷ. 8. С. 493.
[3] Ҳамон ҷо. С. 504–505.
[4] Гардезӣ. С. 448–449.
[5] Ҳамон ҷо. 156–158.

маншури ҳукумати Хуросонро бо дастури Муъизуддавлаи Бувайҳӣ ба Абуалии Чағонӣ дода, бад-ин восита қисматҳои шарқии давлати Сомониёнро то соли 955 аз тобеияти Бухоро берун овард.[2]

Пас аз фавти Нӯҳ ибни Наср писараш Абдулмалики I (954–961) амири давлати Сомониён шуд. Абусаъиди Фарғонӣ, ки қабл аз вафоти амир Нӯҳ ба мансаби сипаҳсолори Хуросон таъйин гардид, ба Нишопур рафта, сипоҳи муттаҳиди Абуалии Чағонӣ ва Рукнуддавлаи Бувайҳиро шикаст дод. Миёни Рукнуддавла ва Фарғонӣ бори дигар созиш ба миён омад, ки дар ивази ҳукумати вилоятҳои Ҷибол ва Табаристон солона аз ҷониби Рукнуддавла ба амири Сомонӣ 200 ҳазор динор пардохта шавад.

Соли 955 Рукнуддавлаи Бувайҳӣ ба Исфаҳон лашкар кашида, онро фатҳ кард ва ин шаҳр ба тамомӣ аз тобеияти Сомониён берун рафт.[3] Дар ҳамин сол Абуалии Чағонӣ дар Рай фавтид ва ба Чағониён дафн шуд. Бо ин рӯйдод хотири Сомониён аз марзҳои ғарбиашон то ҷое осуда гашт.

Соли 956 дар пайи норозигии сипоҳ Абусаъиди Фарғонӣ ба Бухоро даъват шуда, ба дасти Алптегин кушта шуд. Дар ин давра Алптегин – яке аз саркардагони турк умури мамлакатро куллан дар ихтиёри худ гирифта, ҳатто сарлашкарону вазиронро таъйину барканор мекард. Ошуфтагии авзои дохилии мамлакат ба ҳадде расид, ки тӯли солҳои 954–959 чаҳор маротиба мансаби вазорат аз даст ба даст гузашт.[4] Соли 960 Алптегин ба мансаби сипаҳсолори Хуросон ва Абуалии Балъамӣ вазир таъйин шуданд. Ин ду тан аҳд карда буданд, ки бе машварати ҳамдигар кор накунанд ва бад-ин восита тамоми корҳои кишвардорӣ ва сипоҳдории давлати Сомониёнро дар ихтиёр гирифтанд.[5]

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 459.
[2] Гардезӣ. С. 158.
[3] Ҳамон ҷо. С. 159–161.
[4] Ғафуров. Б. Ғ. Тоҷикон. С. 460.
[5] Гардезӣ. С. 159–161.

Абдулмалик ибни Нӯҳ соли 961 ҳангоми чавгонзанӣ аз асп афтида, вафот кард. Дар пайи ин ҳодиса лашкариён исён бардоштанд “ва ҳар касе тамаъи мулк карду фитнаҳо бархост”.[1]

Маҳорати давлатдорӣ надоштани Абдулмалик ибни Нӯҳ давлати Сомониёнро дар вазъи ногувор қарор дод. Чунонки ба мушоҳада расид, сарлашкароне, ки барои нигаҳдошти нуфузи Сомониён дар марзҳои ғарбии давлат кӯшишҳо карданд, ба ҷои подоши нек қурбони дасисаҳо шуда, ба қатл расиданд. Зимоми идораи давлат дар муддати аморати Абдулмалик дар ихтиёри Алптегин ва Абуалии Балъамӣ қарор гирифта, бидуни ризояти онҳо амир коре карда наметавонист.

Бо даргузашти Абдулмалик писари хурдсоли ӯ – Насри III бо сарпарастии Алптегин амири Сомониён таъйин шуд. Вале лашкариёни дигар аз ин норозӣ шуда, бародари амири собиқ – Мансур ибни Нӯҳро (961–976) ба тахт нишонданд. Ин кор сабаби ҷанги Алптегин бо сипоҳи амир Мансур гардид. Пас аз чанд ҷанг миёни тарафайн дар соли 962 оқибат сулҳ шуд, аммо Алптегин Ғазнаро тасарруф карда, дар он ҷо ҳукумат кард. Соли 961 сипаҳсолории Хуросон ба Иброҳими Симҷӯр супорида шуд ва ӯ тавонист муддати панҷ сол авзои он вилоятро муътадил нигоҳ дорад.[1]

Аз соли 965 Сомониён дар Сиистон даргири ҷангҳои мунтазам ва муҳосираҳои пурхарҷи бенатиҷа шуданд, ки рӯҳияи ҷангии лашкарро шикаст ва низоми молию ҳарбии давлатро заъиф кард. Солҳои 967–968 бо ташвиқи волии Кирмон – Муҳаммад ибни Илёс амир Мансур Иброҳими Симҷӯр, Вушмгир ибни Зиёр ва Ҳасани Фирӯзонро барои забти қаламрави давлати Бувайҳиён сӯи Рай фиристод. Аммо марги нобаҳангоми Вушмгир татбиқи нақшаи мазкурро барҳам дод.

Бо кӯшиши сипаҳсолори Хуросон – Иброҳими Симҷӯр ва вазири амир Мансур – Абуҷаъфари Утбӣ сулҳ карда шуд. Ин созиши таърихии ду сулолаи маҳаллӣ буд, ки бори нахуст бе назардошти раъйи хулафои Бағдод сурат мегирифт. Бар асоси созишнома мебоист Азудуддавла ва Рукнуддавлаи

---

[1] Наршахӣ. С. 175.

Бувайҳӣ дар ивази ҳукумат бар Райу Ҷибол ба амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ хироҷ пардозанд.[2] Ин созиш то поёни давлати Сомониён барқарор буд. Аз ин вақт то вафоти Мансур ибни Нӯҳ (977) дар давлати Сомониён оромии нисбӣ пойдор шуд.

Замони Мансур ибни Нӯҳ ҷуғрофиёи сиёсии давлати Сомониён каме коҳиш ёфт. Дар Ғазна Алптегин ҳукуматро ба даст гирифта, то соли 963 он ҷоро бо вилоятҳои ҳамҷавор мустақилона идора мекард. Пас аз фавти ӯ яке аз наздиконаш бо номи Сабуктегин ҷои ӯро гирифта, расман худро тобеи амири Сомонӣ донист. Вилоятҳои Гургон, Табаристон, Рай ва Ҷибол ба ивази пардохти хироҷ тобеи Бувайҳиён шуда, Исфаҳон комилан аз султаи Сомониён баромад. Корҳои идории ҳар вилоятро сипаҳсолорон дар ихтиёр гирифта буданд ва бо розӣ кардани онҳо амир Мансур тавонист қаламрави дар ихтиёри Сомониён мондаро нигоҳ дорад.

Соли 977 Мансур вафот кард ва ба ҷои ӯ писари сездаҳсолааш Нӯҳи II ибни Мансур (977–997) ба тахт нишаст. Худсарии сипаҳсолорон дар аҳди Нӯҳи II ба авҷи худ расид. Бо сабаби хурдсол будани амир зимоми кори давлат ба Фоиқи Хосса ва Ҳоҷиби Бузург – Абулаббоси Тош ва сипаҳсолории Хуросон ба Иброҳими Симҷӯр супурда шуд. Кори муттафиқи ин нафарон муддате эътидоли нисбӣ ба вуҷуд овард. Вале барканории Иброҳими Симҷӯр аз Хуросон ва ба ҷои ӯ таъйин шудани Абулаббоси Тош дар соли 981 боз сабаби ошуфтагии ин сарзамин гардид. Симҷӯр барои муқобилият кӯшиш накарда, бо ёрони худ ба Сиистон ва пас аз он ба Қуҳистон рафта, он ҷо иқомат ихтиёр кард.[3] Муҳаққиқон барканории Иброҳими Симҷӯрро халали дигар дар низоми давлатдории Сомониён гуфтаанд.[1]

Соли 981 Фахруддавлаи Бувайҳӣ, ки ҳукумати Ҳамадонро то тасаллути бародараш Азудуддавла бар он ҷо дар ихтиёр дошт, ба Гургон назди Қобус ибни Вушмгир паноҳанда шуд. Чун Қобус таслими Фахруддавларо ба Азудуддавла рад кард, миёни Қобус ва сипоҳи Бувайҳиён бо сарварии

---

[1] Гардезӣ. С. 356.
[2] Наршахӣ. С. 177; Ибни Асир. Ҷ. 8. С. 577–578, 585–586.
[3] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 129.

Муайидуддавла ҷанг рух дод, ки бо шикасти Қобус анҷомид. Дар натиҷа қаламрави тахти тасаллути Сомониён – Гургон ва Табаристон ба дасти Бувайҳиён гузашт. Сипоҳи амири Сомонӣ бо сарварии Тош ду моҳ Гургонро муҳосира карданд, вале натиҷаи дилхоҳ надод.

Марги Азудуддавла дар соли 982 ва Муайидуддавла дар соли 983 барои Сомониён имкон фароҳам овард, ки ҳудуди собиқи давлати худро дар ғарб бозпас гиранд. Барои ин кор Абулҳусайн Утбии вазир сипоҳе фароҳам кард, вале қатли нобаҳангоми ӯ (982) ва дасисаи Симҷӯру Фоиқ дар Хуросон ин нақшаро барҳам зада, фитнаи бузургеро падид овард.

Соли 982 замони дар Бухоро будани Тош, Абуалии Симҷӯр (писари Иброҳим) бо Фоиқ Хуросонро тасарруф карда, амволи коргузорони Тошро мусодира карданд. Соли 983 Тош бо сипоҳи худ ба муқобалаи Абуалӣ ва Фоиқ омад, аммо миёни онҳо созише шуд, ки Нишопур бо фармондеҳии лашкар аз Тош, Балх аз Фоиқ, Ҳирот аз Абуалии Симҷӯр ва Қуҳистон, Бодғис, Ганҷрустоқ аз Иброҳими Симҷӯр бошад.[2]

Аммо аз маркази давлат фармони бар навоҳии Абеварду Нисо таъйин шудани Тош ва ба ҷои ӯ гумоштани Иброҳими Симҷӯр содир шуд, ки боиси хашми Тош ва ҷанги ӯ бо Симҷӯр гардид.[3]

Дар муҳорибаи соли 983 Тош бо ёрии сипоҳи Фахруддавлаи Бувайҳӣ, ки пас аз вафоти бародаронаш бар Гургону Табаристон тасаллут ёфта буд, лашкари муттафиқи Иброҳими Симҷӯр ва Фоиқро шикаст дод ва онҳо аз Нишопур фирор карданд. Корнамоиҳои Тош ва кӯшишҳои наздик шудани ӯ ба амир Нӯҳ посухи мусбат нагирифтанд.

Соли 987 Иброҳими Симҷӯр лашкари парокандаи худро фароҳам карда, ҳамроҳ бо Фоиқ ва писари худ Абуалӣ ба ҷанги Тош фиристод. Тош пас аз шикаст дар муқобили сипоҳи Иброҳим назди Фахруддавла ба Гургон рафт ва

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 129.
[2] Ибни Асир. Ҷ. 9. С. 24.
[3] Ноҷӣ. С. 133.

то вафоташ (988) Гургону Деҳистон ва Астароботду Обискунро дар ихтиёр дошт.[1]

Бо вуҷуди аз миён рафтани Тош давлати Сомониён натавонист иқтидори худро барқарор кунад. Зеро чунон ки ба назар расид, бештари вилоятҳо дар ихтиёри саркардагони маҳаллӣ ва сипоҳиён қарор гирифтанд, ки ба хазинаи давлат молиёт намепардохтанд. Дар баробари ин, хурдсолӣ ва камтаҷрибагии сиёсии амири Сомонӣ ӯро ба бозичаи дасти сарлашкарон табдил дода буд. Ҳар кадом аз сарони сипоҳ барои худ мансабе металабиду маъзул шудани рақибашро мехост. Амир ҳам ҳар дафъа амру фармонҳои худро бе таҳлилу оянданигарӣ иваз мекард ва барои саркардагони кӯшо подоши хуб намедод. Натиҷа чунин шуд, ки ҳар кадом барои манфиати худ давлатро ба майдони мубориза табдил доданд ва дигар амру фармони амир қурбе надошт.

Пас аз вафоти Иброҳими Симҷӯр соли 988 миёни писари ӯ ва Фоиқ бар сари мансаби сипаҳсолорӣ низоъ сар зад. Дар натиҷаи шикаст хӯрдани Фоиқ мансаби сипаҳсолори Хуросон ва Ҳироту (вилояти Фоиқ) Қуҳистон ба Абуалии Симҷӯр супурда шуд. Тибқи баъзе маълумотҳо Абуалӣ пас аз соҳиб шудан бар Хуросон ба номи худ сикка зад.[2] Агар ба ин қавл такя шавад, метавон гуфт, ки аз соли 991 бештари ҳудуди Хуросон аз итоати давлати Сомониён баромад.

Фоиқ, ки мехост ба Бухоро равад, аз ҷониби сипоҳи амир Нӯҳ ба ақиб ронда шуд ва пас аз он ба Балх рафту он ҷо иқомат гирифт. Фоиқ аз Балх номаҳо ба ҳокими туркон – Буғрохон навишта, ошуфтагии авзоъро хабар дода, ӯро барои забти қаламрави Сомониён ташвиқ кард.

Аз сӯи дигар Абуалии Симҷӯр, ки Хуросонро дар ихтиёр дошт, ба хулосае омад, ки агар Буғрохон Мовароуннаҳрро тасарруф кунад, Хуросон чун мулки мустақил комилан аз ӯ мешавад. Аз ин рӯ, ӯ ҳам монанди Фоиқ ба таври махфӣ ба Буғрохон нома навишта, ӯро ба тасарруфи Мовароуннаҳр тарғиб кард. Монанд ба ин, дигар ҳокимони вилоятҳои Мовароуннаҳр омадани Буғрохонро мехостанд.

---

[1] Утбӣ. Ҷ. 1. С. 130–140.
[2] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 136.

Соли 992 Буғрохон аз Туркистон ба Мовароуннаҳр лашкар кашида, то наздикиҳои Бухоро омад. Чун сипоҳи фиристодаи амир Нӯҳ ба муқобили Буғрохон шикаст хӯрд ва сардори он – Онаҷ асир шуд, амир Фоиқро ба Бухоро хонд. Фоиқ пас аз иззату икром тавассути амир ба муқобили Буғрохон фиристода шуд, аммо хиёнат карда, бо Буғрохон пайваст. Дар натиҷа, лашкари қарахониён ба Бухоро ворид шуда, шаҳрро ғорат карданд.

Буғрохон қасд дошт шаҳрҳои дигари давлати Сомониёнро тасарруф кунад ва барои ин Фоиқро ба Балх фиристод.[1] Амир Нӯҳ ибни Мансур бо ёрони худ аз Ҷайҳун убур карда, ба Омулшатт рафт ва аз он ҷо ба Абуалии Симҷӯр номаҳо навишта хостори ёрӣ шуд. Вале Абуалӣ, ки аллакай заволи воқеии давлати Сомониёнро мушоҳада мекард, бо ваъдаҳои хушк вақтро кашол медод ва мехост мероси Сомониёро бо Буғрохон тақсим намояд.

Марги Буғрохон дар ҳамон соли 992 ва бозгашти сипоҳи ӯ ба Туркистон ба умри давлати Сомониён чанд соли дигар афзуд. Дар пайи ин ҳодиса амир Нӯҳ ба Бухоро бозгашт ва дар фикри саркӯбии Абуалӣ ва Фоиқ бо ҳокими Ғазна – Сабуктегин иттифоқ кард.

Дар муқобили ин кори Нӯҳ Абуалии Симҷӯр ва Фоиқ бо Фахруддавлаи Бувайҳӣ паймони дифои муштарак бастанд.[2] Дар муҳорибаи бузурге, ки соли 994 дар наздикии Ҳирот миёни ду тараф рух дод, сипоҳи амир Нӯҳ ғалаба ба даст овард. Абуалӣ ва Фоиқ ба Гургон паноҳанда шуда, пас аз як сол, замоне ки Маҳмуди Сабуктегин сипаҳсолори Хуросон буд, ба ин ҷо ҳуҷум карда, Маҳмудро то Ҳирот ақиб ронданд. Сабуктегин барои бозпас додани Хуросон ба писари худ Маҳмуд сипоҳ фароҳам карда, соли 995 дар наздикии Абевард Абуалӣ ва Фоиқро шикаст дод. Абуалӣ ва Фоиқ пас аз ин шикаст ба амир Нӯҳ нома навишта, узрхоҳӣ карданд, ки аз Абуалӣ ба шарти рафтанаш ба Ҷурҷония пазируфта шуд, аммо номаи Фоиқ беҷавоб монд. Чун Абуалӣ роҳии Ҷурҷония шуд, Фоиқ низ бо хашм аз Ҷайҳун убур намуда, бо хони турк пайваст.[3] Соли 996 бо миёнаравии ҳокими Хоразм Маъмун ибни Муҳаммад амир Нӯҳ Абуалии

---

[1] Утбӣ. Ҷ. 1. С. 160–169.
[2] Ҳамон ҷо. С. 183.
[3] Утбӣ. Ҷ. 1. С. 201–219.

Симчӯрро бахшид, вале баъдтар бо понздаҳ нафар сипаҳсолоронаш боздошт ва бо дархости Сабуктегин ба Ғазна фиристода шуд, ки пас аз як сол дар зиндон фавтид.[1]

Соли 997 амир Нӯҳ ба Сабуктегин нома навишт, ки ҳокими туркон Илокхон қасди ҳамла ба хоки Мовароуннаҳр дорад. Сабуктегин фавран аз Ҷайҳун убур карда, миёни Кешу Насаф урду зад ва бо дастури ӯ писараш Маҳмуд ва волиёни Ҷузҷон, Хуттал, Чағониён ва дигар навоҳии Хуросон ба ӯ пайвастанд. Илокхон аз чунин лашкари фаровони Сабуктегин огоҳ шуда, ба ӯ пешниҳоди сулҳ кард. Беғайратии амири Сомонӣ ва ҳузур надоштани ӯ дар сафи лашкар рӯҳияи Сабуктегинро барои саркӯб кардани Илокхон шикаст ва ӯ пешниҳоди сулҳи Илокхонро пазируфт.[2]

Тибқи созиши Сабуктегин ва Илокхон тамоми вилоятҳои ҳавзаи Сайҳун ба тобеияти Қарахониён даромада, Самарқанд бо сарпарастии онҳо ба ихтиёри Фоиқ гузашт. Бо ин, нахустпойтахт ва ба қавле баромадгоҳи хонадони Сомониён барои ҳамешагӣ аз ихтиёри онҳо берун рафт.

Давраи ҳукумати Нӯҳи II ибни Мансур (977–997) давлати Сомониён охирин солҳои мавҷудияти худро паси сар мекард. Бар асари кашмакашиҳои дохилӣ ва мансабталошии саркардагони ҳарбӣ низоми давлатӣ ба ҳадде заъиф шуда буд, ки ҳатто дар баробари ҳуҷуми қабилаҳои бодиянишин истодагарӣ карда наметавонист. Пойтахти мамлакат – Бухоро, ки аз бузургтарин шаҳрҳои ҷаҳони он рӯз буд, ба як шаҳри ошӯбзада ва ғоратшуда табдил ёфт. Мардум ба мурофиатҳои амири Сомонӣ барои мубориза бо лашкари қарахониён таваҷҷуҳ накарданд. Чунон, ки академик В. В. Бартолд дар ин бора навиштааст: «Дар сарчашмаҳо дар бораи ба муқовимат дучор шудани Буғрохон ҳангоми лашкаркашии ӯ ба Самарқанд ва Бухоро чизе гуфта нашудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки мардум аз низоъу кашмакашҳои доимӣ бисёртар азият дида, ба табаддулоти давлатӣ ва сулолавӣ хунсардона ва бепарвоёна назар намудааст».[3]

---

[1] Байҳақӣ Абулфазл. С. 62.
[2] Ноҷӣ. С. 152.
[3] Бартолд В. В. С. 319–320.

Бо вуҷуди он, ки давлати Сомониён тамоман заъиф шуда, дар садади пошхӯрӣ қарор дошт, то вафоти Сабуктегин (997) имкони барқарор кардани он мавҷуд буд. Вале марги амир Нӯҳи II ва Сабкутегину Маъмун ибни Муҳаммад, ки ҳамаашон дар як ҷабҳа ба муқобили туркони қарахонӣ қарор дошта, барқарор шудани ҳукумати Сомониёнро мехостанд, суқути давлати Сомониёнро ногузир кард.

Пас аз вафоти Нӯҳи II писараш Мансури II (997–999) ба тахт нишаст. Дар давраи дусолаи ҳукумати ӯ аз давлати Сомониён ҷуз ном боқӣ намонда буд. Чун хабари марги Нӯҳи II ба Илокхон расид, сӣ ҳазор сипоҳро бо фармондеҳии Фоиқ ба Бухоро фиристод. Амир Мансур инро шунида, аз Бухоро ба Омул фирор кард. Чун Фоиқ ба Бухоро расид, ба Мансур нома навишта, изҳори тоат намуд ва ӯро итминон дод, ки ба Бухоро бозгардад. Пас аз бозгашт амир Мансур бо фишори туркон ва бе таҳлили вазъ Бектузунро ба ҷои Маҳмуди Сабуктегин сипаҳсолори Хуросон таъйин кард. Маҳмуд, ки барои гирифтани Ғазна аз бародараш Исмоил ба он ҷо рафта буд, ба Балх бозгашта, аз амир Мансур мансаби сипаҳсолории Хуросонро хост ва ҳимояти худро аз давлати Сомониён ва дифоъи он таъкид дошт.[1] Вале Мансур ба ӯ ҳукумати Балх, Тирмиз, Буст, Ҳирот ва навоҳии атрофро супурд. Ин амр Маҳмудро қонеъ накард ва ӯ ба Нишопур рафта, онро соли 999 аз Бектузун гирифт. Вақте Маҳмуд хабари ба ёрии Бектузун омадани амир Мансурро шунид, аз мубориза даст кашида, ба Марврӯд рафт. Фоиқ ва Бектузун амир Мансурро барои майл доштан ба Маҳмуди Сабуктегин (Ғазнавӣ) муттаҳам карда, ба чашмонаш мил кашида, ӯро аз тахт сарнагун карда, бародари хурдсолаш Абдулмалик ибни Нӯҳро ба тахт нишонданд. Маҳмуди Ғазнавӣ бо шиори гирифтани қасоси амир Мансур ба Нишопур лашкар кашида, он ҷоро гирифт ва Бектузуну Фоиқ ночор рӯ ба фирор оварданд.

Маҳмуди Сабуктегин пас аз ин ғалаба кулли Хуросонро дар ихтиёр гирифта, Балхро пойтахти худ кард. Тамоми ҳокимони вилоятҳои Хуросон сарварии Маҳмудро пазируфтанд ва аз ин лаҳза Хуросон амалан ва расман аз

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 157.

қаламрави Сомониён берун рафта, танҳо Мовароуннаҳр дар ихтиёри онҳо боқӣ монд.[1]

Соли 999 вақте амир Абдулмалик мехост сипоҳ фароҳам карда, Хуросонро аз Маҳмуди Ғазнавӣ бозпас гирад, ҳокими Қарахониён Насри Илокхон бо баҳонаи дифоъ аз давлати Сомониён ба Бухоро омад. Бо расидан ба наздикии Бухоро, Насри Илокхон ба Абдулмалик паёми дӯстӣ фиристод ва сарварони сипоҳи Сомониро, ки ба пешвози ӯ баромада буданд, боздошт кард.[2] Пас аз як рӯз Наср вориди Бухоро шуда, амир Абдулмаликро бо тамоми наздиконаш дастгир карда, ба зиндони Ӯзганд фиристод.

Талоши истифодаи охирин восита барои нигаҳдошти ҳукумат – мавъизаҳои хатибони масоҷид ҳам натиҷа надод. Зеро фақеҳони маъруф, ки нисбат ба хатибони расмӣ мавқеи бузургтар доштанд, ба аҳолӣ гуфтанд, ки ҷанги Сомониёну Қарахониён бар сари моли дунё аст ва набояд барои ин мусулмон ҷони худро зери теғ барад.[3] Ҳамин тариқ, давлати Сомониён рӯй ба завол ниҳод.

Қарахониён пас аз забти Мовароуннаҳр маҷбур шуданд бо охирин намояндаи сулолаи Сомониён Абуиброҳим Исмоил, ки баъдан “Мунтасир” лақаб гирифт, мубориза бурда, тасаллути комили худро бар сарзамини забткардаашон таъмин намоянд. Мунтасир, ки бо ҳамаи намояндагони хонадони Сомониён дар Ӯзганд зиндонӣ шуда буд, соли 1000 бо ёрии канизи худ аз он ҷо фирор карда, ба Бухоро омад. Чун муддати кофтукови Мунтасир дар Хоразм ба поён расид, ӯ ба он ҷо баргашт ва сипоҳи парокандаи Сомониро фароҳам оварда, бо сардории Арслон Болу ба Бухоро фиристод. Арслон Болу дар як шабехун ёрону гумоштагони Илокхонро шикаст дода, чанде аз сарварони сипоҳ, аз ҷумла, Ҷаъфартегинро асир гирифта, ба Гурганҷ (Ҷурҷония) фиристод. Ҳамчунин, Арслон Болу фирориёнро то Самарқанд таъқиб карда, дар наздикии Пули Куҳак онҳоро якҷоя бо мудофеони Самарқанд

---

[1] Утбӣ. Ҷ. 1. С. 290–318.
[2] История таджикского народа. Том. 2. С. 442.
[3] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 463.

саркӯб кард. Мунтасир дар пайи ин рӯйдодҳо ба Бухоро бозгашт ва мардум омадани ӯро ҳамчун нишони барқароршавии ҳукумати Сомониён донистанд.[1]

Вақте Насри Илокхон хабари тасаллути Мунтасирро бар Бухоро ва Самарқанд шунид, сипоҳи асосии худро ба Бухоро фиристод. Мунтасир дар як иқдоми низомӣ қувваҳои худро бо убур аз Ҷайҳун ба Омулшатт, Абевард ва сипас ба Нишопур ақиб кашид.[2] Дар ин ҷо Мунтасир бо Абулқосими Симҷӯр муттафиқ шуда, Наср ибни Сабуктегин – бародари Маҳмудро шикаст дода, соли 1001 Нишопурро гирифт. Аммо пас аз омадани Маҳмуд Мунтасир ба Гургон назди Қобуси Вушмгир рафт. Қобус ба Мунтасир пешниҳод кард, ки ба Рай равад ва ҳукумати он ҷоро соҳиб шавад, вале Арслон Болу ва Абулқосими Симҷӯр Мунтасирро нисбат ба пешниҳоди Қобус бадгумон карданд.

Мунтасир бори дуюм ба Нишопур лашкар кашид, аммо ин дафъа аз Насри Сабуктегин шикаст хӯрд ва чанде аз сарони лашкараш асир шуданд. Вақте Мунтасир хост ба Гургон равад, Қобус ӯро қабул накард ва ӯ ночор ба Сарахс омад. Насри Сабуктегин соли 1002 ба Сарахс лашкар кашида, Мунтасирро шикаст дод.[3]

Пас аз ин Мунтасир бо ёрии туркони оғуз, ки худро дӯстони Сомониён эълом медоштанд ва некиҳои ононро ёдовар мешуданд, сипоҳ фароҳам кард. Соли 1003 Мунтасир лашкари Насри Илокхонро дар наздикии Самарқанд шикаст дода, 18 нафар саркардагони низомии ӯро асир гирифт. Вақте Мунтасир хост оғузҳо асиронро ба вай диҳанд, ҷавоби рад гирифта, аз бими созиши онҳо бо Қарахониён ва надоштани такягоҳи боэътимод онҳоро тарк кард.[4]

Тирамоҳи соли 1003 Мунтасир бо 700 нафар сипоҳи пиёда ва савора аз Ҷайҳун убур карда, аз Маҳмуди Ғазнавӣ барои бозпас гирифтани Бухоро ёрӣ хост. Маҳмуд Абевард ва Нисоро ба Мунтасир дод, ки боиси норозигии ҳокими Хоразм шуд. Соли 1004 Мунтасир дар ҷанг бо лашкари Хоразмшоҳ шикаст хӯрда, ночор ба Мовароуннаҳр бозгашт.

---

[1] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 164.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ибни Асир. Ҷ. 9. С. 157.
[4] История таджикского народа. Том. 2. С. 443.

Дар муборизаҳои баъдӣ ба муқобили Қарахониён Мунтасир то ҷое муваффақ шуд. Ӯ дар наздикии Дабусия лашкари гумоштаи Илокхонро шикаст дода, дар чанд ноҳияи Мовароуннаҳр ҳаракатҳоеро ба вуҷуд овард, ки барқароршавии ҳукумати оли Сомонро мехостанд. Сардори ғозиёни Самарқанд – Ҳорис бо лақаби Ибни Аламдор бо 3 ҳазор лашкар ба Мунтасир пайваста, дар баробари ин, шайхони Самарқанд 300 ғуломи туркро ба ёрии ӯ фиристоданд. Оғузҳо низ қувваҳои худро бо Мунтасир пайвастанд ва лашкари тавонманде дар муқобили Қарахониён фароҳам шуд.[1] Соли 1004 дар муҳорибаи Бурнамад (наздикии Самарқанд) Мунтасир лашкари Насри Илокхонро шикаст дод ва Наср ночор ба Фарғона фирор карда, дар пайи фароҳам кардани лашкар шуд. Вале ин муваффақият дер напоид. Дар муҳорибаи баъдӣ, ки дар саҳрои миёни Дизак ва Хавос рух дод, оғузҳо бо сабаби ғанимати бисёр гирифтанашон аз муҳорибаи қаблӣ дар ин набард ширкат накарданд. Ҳамзамон, яке аз саркардагони лашкари Мунтасир – Ҳасан ибни Тоқ бо 4 ҳазор сипоҳ ба тарафи Қарахониён гузашт, ки ин рӯйдодҳо сабаби шикасти Мунтасир ва фирори ӯ ба Хуросон шуд.[2]

Пас аз шикастҳои пай дар пай низ Мунтасир аз фикри барқароркунии ҳукумати Сомониён даст накашид. Ӯ бо сипоҳи ҳамроҳаш дар пайи таъқиби Қобус ибни Вушмгир аз як шаҳр ба шаҳри дигари Хуросон мерафт, аммо такягоҳе наёфт. Ниҳоят, зимистони солҳои 1004–1005 бори чаҳорум ба Мовароуннаҳр рафт. Сипоҳи ӯ, ки аз нокомӣ ва шикасту кӯшишҳои бенатиҷа хаста шуда буд, ӯро танҳо гузошта, макони буду бошашро ба Қарахониён хабар доданд. Ин дафъа низ гумоштагони Насри Илокхон натавонистанд Мунтасирро боздошт кунанд. Мунтасир соли 1005, вақте, ки дар хаймаи яке аз арабҳои Марв барои шабгузаронӣ истода буд, ба дасти чанде аз бадавиён кушта шуд.[3]

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 523–524.
[2] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 523–524.
[3] Ноҷӣ. Фарҳанг. С. 168; Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 524; История таджикского народа. Том 2. С. 444.

Ба қавли Утбӣ, чун султон Маҳмуд хабари кушта шудани Мунтасирро ба дасти аъроби Марв шунид, сардори онҳоро ба қатл расонда, манзилгоҳи Ибни Буҳаййич (ҷое, ки Мунтасир кушта шуд) ва дигар аръоби бадавиро ғорат кард.[1]

Мунтасир охирин ва ягона намояндаи сулолаи Сомониён буд, ки барои барқарор шудани давлати онҳо мунтазам ва то охирин лаҳзаи ҳаёташ мубориза бурд. Вале чун Сомониён аз заминаҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳукумат ва пуштибонии табақаи асосии мардум маҳрум шуда буданд, корнамоиҳои шахсии Мунтасир натиҷа надод.[1]

Пас аз марги Мунтасир умеди барқароршавии давлати Сомониён комилан аз байн рафта, Хуросон дар ихтиёри Ғазнавиён ва Мовароуннаҳр зери итоати Қарахониён қарор гирифтанд.

Хулоса, сабабҳои асосии коҳиши қаламрави Сомониён ва билохира аз даст рафтани сарзамини зери фармони ин давлат аз қонуниятҳои умумии тараққиёти ҷомеаи он замон берун омадаанд. Дар натиҷаи тақсим кардану инъом додани қаламрави давлат қишри заминдорони бузург падид омад, ки мехостанд ҳокими мустақили сарзаминҳои худ бошанд, аз тобеияти ҳукумати марказӣ озод гарданд ва барои ба ин мақсади худ расидан онҳо бо душманони хонадони Сомонӣ ҳампаймон мешуданд. Дар натиҷаи ин кӯшишҳои марказгурезии ашроф ва заминдорон, ки дар нимаи дуюми садаи даҳум пурзӯр гардида буд, давлат ба амлоки хос ё худ вилоятҳои ҷудогона тақсим шуд. Илова бар ин, ҷангҳои дохилӣ кишварро ба ғорату харобӣ овард. Андозҳо ва хироҷҳои ниҳоят вазнин бухрони сиёсиро дар давлати Сомониён дар даҳсолаи охири мавҷудияти он шиддат бахшид. Даромади хазина назар ба харҷи он бештар гардида, камбуди хазина чунон зиёд шуда буд, ки ҳатто ҳокими Сомониён дар Хуросон ба таври муназзам ба давлатҳои ҳамсояи худ оли Бӯя ва Зиёриҳо, ки дар шимолу ғарби Эрон ҷойгир буданд, барои пӯшонидани харҷи нигаҳ доштани сипоҳи шоҳӣ, ҳуҷумҳо мекарданд.

Яке аз сабабҳои асосии коҳиши сарзамин ва суқути давлати Сомониён ин дар сипоҳи Сомониён зиёд шудани теъдоди ғуломони турк буд, ки дар охирҳои

---

[1] Утбӣ. Ҷ. С. 325–347.

ҳукумати Сомониён асоси сипоҳро ташкил медоданд. Баъд аз ҳар ғалаба Сомониён мақоми онҳоро баланд мебардоштанд ва то вазифаи Ҳоҷиби бузург онҳо пешравӣ карданд. Ба хусус дар замони ҳукумати Абдулмалик (954–961) нақши сипаҳсолори сипоҳи туркон дар дарбори Сомониён хеле бузург шуд ва тамоми идораи давлат ба дасти онҳо гузашт. Дар ин замон дар арсаи сиёсати давлати Сомониён ба сифати Ҳоҷиби бузург фармондеҳи сипоҳи туркон – Алптегин пайдо мешавад. Нуфузи Алптегин то ҳадде дар дарбор зиёд шуда буд, ки ҳатто баъзан вақтҳо амири Сомониён наметавонист бе иҷозати вай касеро ба вазифае таъйин ва ё аз вазифа озод намояд. Алптегин баъд аз таъйин шудан ба вазифаи ҳокими Хуросон, баъд аз иваз шудани ҳокими Сомонӣ дар Бухоро дучори бемеҳрӣ гардида, ба Ғазна омада, дар соли 962 ҳокимияти мустақили худро ташкил дод.

Сababи дигари барҳам хӯрдани давлати Сомониён аз он иборат буд, ки амирони охирини Сомонӣ бо ин ки зулмро ба халқ раво доштанд, аз ёрӣ ва дастгирии мардум маҳрум гардиданд. Дар чунин шароите, ки ҳокимони маҳаллӣ ва заминдорони бузург бо ҳамдигар душманӣ меварзиданд ва ҳамзамон бо ҳокимияти марказӣ даъво дошта, аз итоати онҳо сарпечӣ менамуданд, Сомониён натавонистанд ҳеҷ чизеро дар баробари ҳуҷумҳои ғоратгаронаи нирӯҳои беруна гузоранд. Ва дигар, низоъҳои мазҳабӣ рӯз то рӯз ягонагии аҳли мамлакатро коста ва аз ҳам пароканда мекард. Ҳамин тавр, набудани дастгирӣ аз дохили кишвар боис шуд то дар ибтидои садаи XI сарзамини як замон густурдаи Сомониён байни қабилаҳои турки Қарахониён ва Ғазнавиён тақсим шавад.

---

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. С. 524.

# ХУЛОСА

Омӯзиши ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар таърихнигории замони истиқлолият аз арзиши муҳимми илмӣ бархӯрдор аст. Муҳиммияти ин масъала пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ҷанбаҳои мухталифи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён, чӣ дар сатҳи дохили вилоёту навоҳӣ ва чӣ дар сатҳи ҳудуди умумии он дар сомонишиносии ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳадди кофӣ омӯхта ва комилан мушаххас нашудаанд. Марзҳои тӯлоние, ки ин давлат дошт, номушаххас буда, хатти марзии онҳо то ҳадде номуайян монда, ҳудуди он то имрӯз қариб ки тахминӣ тасвир мешавад. Дар баробари ин, дар ихтиёри Сомониён қарор доштани баъзе аз сарзаминҳои Эрони Марказӣ ва Ғарбӣ ҳам қобили баҳс боқӣ мемонад. Ҳамчунин, густурдагии ҷуғрофиёи давлати Сомониён дар замони шукуфоии он, инчунин коҳиши ин марзҳои ҷуғрофиёӣ дар давраи ба мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифтор шудани онҳо ба таври возеҳ муайян нашудаанд. Бино бар ин, баррасии густурдагӣ ва коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён дар давраҳои мухталиф, инчунин масъалаи макони дақиқи ҷойгиршавии шаҳрҳои давлати Сомониён ва ҳудуди навоҳии тобеи онҳо аз масоили мубрам ва ҳалталаб барои муаррихон ва муҳаққиқони ин давраи таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад.

Дар аксар мавридҳо ба ҳангоми тасвири харитаи давлати Сомониён ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, муаллифи рисола кӯшиш кардааст бо истифода аз маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, маводди бостоншиносӣ ва осори илмӣ камбудиҳои мавҷударо дар масъалаи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бартараф созад.

Таҳқиқи масоили ҷуғрофӣ-таърихии давлати Сомониён имкон медиҳад, ки хусусияти мутараққии ин давлат дар сатҳи мукаммал мушаххас карда шавад.

Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бе таҳлилу баррасии сохтори сиёсӣ-маъмурии он ғайриимкон аст. Муайян кардани хусусияти сохтори идории давлати Сомониён имкон фароҳам мекунад, то равандҳои мухталифи дар ҳудуди ин давлат ҷараёндошта амиқ дарк карда шаванд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ва таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо, маводди бостоншиносӣ ва осори илмӣ метавон чунин хулоса кард:

1. Омӯзиши масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа рухдода, ки дар сарнавишти ояндаи ин давлат нақши муҳим доштанд, хеле зарур мебошад.

2. Идораи бевоситаи давлат ва фармонравоии мутлақ дар давлати Сомониён танҳо ба амир тааллуқ дошта, дар умум тамоми вазоифи давлат тавассути ду ниҳод: даргоҳ ва девонҳо амалӣ мешуданд. Даргоҳ асосан ба ҳайси дастгоҳи иҷроияи амир фаъолият мекард. Девонҳо бошанд мисли вазоратҳои имрӯзӣ ҳар кадом барои иҷрои вазифаҳои мушаххас таъсис шуда буданд.

3. Дар тамоми давраи ҳокимияти Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳудуди ҷуғрофиёии ҳокимият ва давлати онҳоро метавон ба се марҳала ҷудо кард: 1) давраи ба вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҳоким таъйин шудани намояндагони хонадони Сомонӣ, яъне солҳои 819–892; 2) замони таъсиси давлати Сомониён ва густариши ҷуғрофиёи он: 892–943; 3) замони нобасомониҳо, коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён ва аз дасти хонадони Сомонӣ берун рафтани Мовароуннаҳру Хуросон: солҳои 60-асри X – 1005.

4. Дар давраи аввал Сомониён асосан Мовароуннаҳр ва вилояти Ҳироти Хуросонро дар ихтиёр доштанд. Дар давраи дуввум ин давлат Мовароуннаҳру Хуросон ва қисматҳои марказии Эронро то ба ғарби он – Ҳамадон фаро гирифта, дар шимол то марзҳои ҷанубии қабоили турк пеш рафт. Дар давраи сеюм қисмате аз Хуросон ба шумули шаҳри Ғазна ба ихтиёри Алптегин гузашта, баъдан вилоятҳои соҳили ҷануби баҳри Хазар ва пас аз он Хуросон билохира Мовароуннаҳру аз зери ҳокимияти Сомониён берун рафтанд.

5. Ҳудуди давлати Сомониён асосан дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад густариш ёфта, дар ғарб то

марзҳои Ҳамадон, дар ҷануб то Сиистону Синд ва дар шимолу шарқ то Хоразму сарҳаддоти шимолии Чочу Исфиҷобро фаро мегирифт.

6. Ҳудуди давлати Сомониён дар замони густариши он зиёда аз 2,8 млн км$^2$-ро дар бар гирифта, аз вилоятҳо, шаҳрҳо ва рустоҳо иборат буд. Аксари вилоятҳо аз ҷониби волӣ идора мешуданд, ки бевосита бо фармони амир таъйин ё сабукдӯш мегардиданд.

7. Мавҷудияти давлати Сомониён дар чунин ҳудуди васеъ ва сиёсати фарҳангии онҳо боиси ташаккули комили халқи тоҷик ва иттиҳоди сиёсию фарҳангии он гардид.

8. Сомониён аввалин шуда бо забони форсии дарӣ навиштану таълиф карданро дар қаламрави худ ҷорӣ дошта, дар ин самт донишмандонро дастгирӣ ва сарпарастӣ карданд. Ин раванд сабаби афзудани ҷойгоҳи забони форсии дарӣ шуда, онро дар қатори забони арабӣ ба забони дуюми ҷаҳони ислом табдил дод.

9. Сиёсати дурусти Сомониён ва арҷгузории онҳо ба арзишҳои миллии худ имкон дод, ки мардумони қаламрави ин давлати бузург баръакси дигар ақвоми ғайриараби сокини Хилофат аз арабшавӣ эмин бимонанд.

10. Новобаста ба он ки амирони Сомонӣ ба халифаи Бағдод ҳамчун нишони тобеият ҳадяҳо мефиристоданд, чунин тобеият бештар хусусияти рамзӣ дошта, дар асл онҳо комилан мустақил буданд.

11. Халифаҳои Аббосӣ то ҷое, ки эҳтиёҷ доштанд, барои пахши ошӯбҳо аз амирони Сомонӣ ёрӣ мехостанд. Маҳз бар ивази чунин хидматҳояшон хулафо сарзаминҳои бештареро дар ихтиёри амирони Сомонӣ қарор доданд.

12. Шаҳри Самарқанд ҳамчун маркази аслӣ ва нахустпойтахти Сомониён аз ҷойгоҳи махсус бархурдор буд. Аммо аз замони ҳукумати амир Исмоили Сомонӣ (892) ин мақомро Бухоро соҳиб гардида, пас аз сукути Сомониён ҳам ин ҷойгоҳи худро ҳифз намуд.

13. Шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён аз лиҳози рушди иқтисодӣ дар зинаҳои баробар қарор надоштанд. Бештар аз ҳама Бухоро, Балх, Марв, Ҳирот, Рай, Самарқанд ва Нишопур обод ва аз лиҳози иқтисодӣ рушдкарда буда,

имконоту сатҳи зиндагии мардуми ин ҷойҳо хубтар аз дигар манотиқи кишвар буд.

14. Дар аксари сарзаминҳои дур аз марказ Сомониён ашрофи маҳаллии соҳибмақомро ба ҳайси волӣ таъйин карда, аз онҳо хироҷ мегирифтанд ва бад-ин восита тобеияти сарзаминҳоро ба худ нигоҳ медоштанд.

15. Сомониён аз замони Исмоил ибни Аҳмад (892–907) ҳифзи марзҳои шимолӣ ва шарқии мусулмононро бар дӯш дошта, асосан бо туркон даргир буданд. Муддате бар сари баъзе аз вилоятҳои марказӣ ва ғарбии Эрон низ Сомониён бо оли Бӯя баҳсу ихтилоф доштанд, ки бо сулҳ анҷомида буд.

16. Сомониён худ расман пайрави равияи ҳанафии мазҳаби аҳли суннат буданд. Ошӯбҳое, ки зидди Хилофат сар зада, хислати мазҳабӣ доштанд, аз ҷониби амирони Сомонӣ саркӯб мешуданд.

17. Дар тамоми давраи мавҷудияти давлати Сомониён таҳдид ба марзҳои он асосан аз самти шимол аз ҷониби қабоили бодиянишини турк сурат мегирифт.

18. Мусулмоншавии ғуломони турк дар давлати Сомониён онҳоро то вазифаҳои муҳим, мисли Ҳоҷиби бузург боло бурда, ҳатто фармондеҳии кулли лашкари Сомониёнро дар ихтиёрашон қарор дод.

19. Аз замони ба мансабҳои баланди фармондеҳӣ расидани туркон дар давлати Сомониён ва минбаъд саркашии онҳо аз итоат ба амирони Сомонӣ заминаи таназзули давлат ба вуҷуд омада буд. Исёни Алптегин дар соли 961 як такони дигар дар ҳамин раванд шуда, мақоми амирони Сомониро боз ҳам заифтар кард.

20. Пас аз исёни Алптегин марказгурезии вилоятҳои давлати Сомониён авҷ гирифта, бо заиф гардидани қудрати амирони Сомонӣ, аз ҷуғрофиёи давлати онҳо коҳиш ба амал омад. Дар баробари ин, дастёбии туркон ба мансабҳои баланди ҳарбӣ роҳро барои таназзули тадриҷии ин давлат ҳамвор намуд. Кор то ҷойе расид, ки дар охирҳои асри X аз амирони Сомонӣ ҷуз ном чизе аз қудрат боқӣ намонд ва саранҷом ин давлат бо сабаби қудратталабии намояндагони ин хонадон ва кашмакашиҳои дарборӣ аз миён рафт.

21. Нуфузи қарматиён дар дарбори амир Насри II ибни Аҳмад (914–943) боиси норозигии аксари дарбориёну сипоҳиён шуда, дудастагиҳоеро дар дарбор ба вуҷуд овард, ки сабаби барканории амир ва соҳиби тахт шудани писари ӯ Нӯҳ ибни Наср (943–954) гардид. Ибтидои ба заъф рӯ овардани давлати Сомониён ва парокандагии марзҳо маҳз аз ҳамин давра шуруъ шуда буд.

22. Аз солҳои 90-уми асри Х шуруъ карда, умури мамлакат дар ихтиёри сарлашкарон қарор гирифта, амирон ба бозичаи дасти онҳо табдил шуданд. Бо ҳуҷуми Насри Қарахонӣ ба Бухоро давлати Сомониён суқут кард ва 23 октябри соли 999 Карахониён пойтахти Сомониён – Бухороро ишғол карда, баъдан сарзамини ин давлат миёни Қарахониёну Ғазнавиён тақсим шуд.

23. Кӯшишҳои охирин намояндаи сулола Исмоили Мунтасир миёни солҳои 999–1005 барои барқарор кардани ҳукумати хонадони обоӣ Сомониён бенатиҷа анҷомида, билохира сабаби кушта шудани ӯ, барои ҳамешагӣ қатъ гардидани давлатдорӣ ва комилан аз миён рафтани мавҷудияти ҷуғрофиёии давлати Сомониён шуданд.

# РӮЙХАТТИ АДАБИЁТ

## 1. Маъхазҳо


1. Байҳақӣ, Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Тарҷума ва тасҳеҳи Алиакбари Фаёз. Теҳрон, 1373 ҳ.ш.
2. Балозурӣ, Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир. Футуҳ ал-булдон. Тарҷума аз арабӣ ба русӣ, тавзеҳот ва феҳристи номзади илмҳои таърих Ғоибов Ғ. Душанбе: Дониш, 1987. -118 с.
3. Балозурӣ. Футуҳу-л-булдон. Теҳрон: Интишороти илмию фарҳангӣ. 1371 ҳ.ш.
4. Беруни, Абу Райхан. Избранные произведения в 6 томах – Ташкент: Фан, 1957–1975.
5. Беруни, Абу-р-Райхан Мухаммад ибн Ахмад. Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия). Перевод с арабского А. М. Беленицкого. С. 182, 244. – Л.: Изд-во АН СССР, 1963– 518 с.
6. Бурхан уд-Дин-хан-и Кушкеки. Каттаган и Бадахшан. Данные по географии страны, естественно-историческим условиям, населению, экономике и путям сообщения с 34 картами. Перевод с персидского В. В. Введенского, Б. И. Долгополова и Е. В. Левкиевского. -Ташкент, 1926. -248 с.
7. Гардезӣ, Абусаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Таҳия ва нашри электроник Алиризо Каёнӣ. Мунташиршуда дар торнамои www.TARIKHFA.COM.
8. Гардезӣ, Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Бо муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таълиқи Абдулҳайӣи Ҳабибӣ. -Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1347, ҳ.ш.
9. Гардезӣ, Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Теҳрон: Интишороти Дунё, 1367 ҳ.ш.
10. Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷаму-л-булдон. Ҷилдҳои 1-3. Бейрут, 1397.
11. Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷаму-л-булдон. Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. Теҳрон, 1380.
12. Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Дар 13 ҷилд. Баргардони Ҳамид Ризо Ожир. Теҳрон: Асотир, 1382.
13. Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Сомониён дар оинаи таърих . Ҷилди 2. Хуҷанд, 1999.
14. Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. (Сафарномаи Ибни Ҳавқал. Эрон дар «Сурату-л-арз»). Тарҷума ва тавзеъи доктор Ҷаъфари Шиъор. Теҳрон, 1366 ҳ.ш.
15. Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ. Китобу-л-булдон. Теҳрон, 1369.
16. Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ. Ibn al-Fakih al-Hamadani. Compendium Libri Kitab al-Buldan. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. 5. Lugduni-Batavorum, 1967. -365 p.
17. Ибни Халдун, Абу Зайд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад. Ал-Ибар. Таърихи Ибни Халдун. Ҷилди 3. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. Теҳрон, 1383 ҳ.ш.
18. Ибни Хурдодбеҳ. Масолику-л-мамолик.Тарҷумаи Саъиди Хокаранд. Теҳрон 1371.
19. Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1366.
20. Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Бо эҳтимоми Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1373 ҳ.ш.
21. Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ Муставфӣ. Нузҳату-л-кулуб. Теҳрон, 1364. -386 с.
22. Кудома ибни Ҷаъфар. . Kodama ibn Djajar. Accedunt excerptae Kitab al-Kharadj. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 6. — Lugduni-Batavorum, 1967. -P. 184—534.
23. Ҷайҳонӣ, Абулқосим ибни Аҳмад. Ашколу-л-олам. Тарҷумаи Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб. Ба кӯшиши Фирӯз Мансурӣ. Теҳрон, 1368.
24. Ҷайҳонӣ, Абулқосим ибни Аҳмад. Ашколу-л-олам // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Душанбе, 1998.
25. Ҷайҳонӣ, Абулқосим ибни Аҳмад. Ашколу-л-олам. Муқаддима ва таъликоти Ф. Мансурӣ. Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1368 ҳ.
26. Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалик ибни Муҳаммад. Таърихи ҷаҳонгушой. Ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ. Ҷ. 1. Теҳрон, 1387 ҳ.ш. -1098 с.

27. Маев Н. Верхнее течение Амударьи по описанию Ибн Даста. Известия Императорского Русского географического общества. Т. 15, вып. I, отд. 2. Географические известия. СПб., 1880. С. 10-15.
28. Масъудӣ, Алӣ ибни Ҳусайн. Муруҷу-з-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Ҷ.1. -785 с., Ҷ.2. -923 с - Теҳрон, 1382.
29. Масъудӣ. Al-Masudi. Kitab al-tanbih wal-ischraf. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 8.
30. Махмуд ибн Вали. Море тайн относительно доблестей благородных (География). Введение, перевод, примечания, указатели Б. А. Ахмедова. – Ташкент: Фан, 1977. –166 с. и 16 с. текста факсимиле.
31. Мирхонд. Равзату-с-сафо. Теҳрон, 1366 ҳ.ш.
32. Муқаддасӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1361 ҳ.ш.
33. Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон. Ба тасҳеҳи Аббос Иқбол. Ба эҳтимоми Муҳаммад Рамазонӣ Теҳрон: Асотир, 1389.
34. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Таҳияи Ғ.Ғоибов ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе, 2012.
35. Нишопурӣ, Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саъолибӣ. Таърихи ғуруру-с-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саъолибӣ. Тарҷума аз арабӣ ба форсӣ Сайид Муҳаммади Рӯҳонӣ. Баргардон ба расмулхати тоҷикӣ Н.Зоҳидов. Душанбе, 2014.
36. Ҳудуду-л-олам мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб. Душанбе, 2015.
37. Ҳудуду-л-олам. Hudud al-Alam (The regions of the world), a persian geography. Translated and explained by V. Minorsky. London, 1970: - 482 p.
38. Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн Н. Қосимов. Душанбе: Ирфон, 1983.
39. Покатило Н. Н. Путешествие в Центральную и Восточную Бухару в 1886 г. Известия Императорского Русского географического общества. Т. 25. СПб., 1889. С. 480-504.
40. Самъонӣ, Абдулкарим. The Kitab al-ansab of Abd al-Karim al-Sam'ani. With an introduction by D. S. Margoliouth. -Leiden-London, 1912. -603 p.
41. Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи. Составил И. Минаев. СПб., 1879. -270 с.
42. Страбон. География / пер. с др.-греч. Г. А. Стратановского, под общей редакцией С. Л. Утченко. – Ленинград: Наука, 1964. – 944 с.
43. Сыма Цянь. гл. 123 // Исторические записки (Ши Цзи). – XXXII. – Москва: Наука, 2010. – Т. 9. С. 199-203.
44. Сюань-цзан. Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи); введ., пер. и коммент. Н. В. Александровой. Ин-т востоковедения РАН. - М.: Вост. лит., 2012. - 463 с.
45. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русул вал мулук. Дар 8 китоб. Душанбе. 2014.
46. Утбӣ, Абу Наср. Таърихи Яминӣ. Тарҷумаи Носеҳ ибни Саъди Ҷарфодиқонӣ. Теҳрон, 1362 ҳ.ш.
47. Яздӣ, Шарафиддин Алӣ. Зафарнома. Ҷ.1. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми М. Аббосӣ.Теҳрон, 1336 ҳ.ш.
48. Яъкубӣ, Ahmad ibn Abu Jakub ibn Wadhih al-Jakubi. Kitab al-buldan. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 7. -Lugduni-Batavorum, 1967. -P. 232-273.

## 2. Адабиёти илмӣ

1. Абаева Т. Г. Очерки истории Бадахшана. -Ташкент: Наука, 1964. -162 с.
2. Абдуллаев А., Бубнова М. А., Муллокандов М., Якубов Ю. Работы Южно-Таджикистанской экспедиции. Археологические открытия 1986 года. – М., 1988. С. 510 –512.
3. Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. Хуҷанд, 2000. -372 с.

4. Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV. Душанбе, 1998. - 1008 с.
5. Андреев М. С. Выработка железа в долина Ванча (Верховья Амударьи) – Ташкент, 1926. – 17 с.
6. Аршавская З. А., Ртвеладзе Э. В., Хакимов З. А. Средневековые памятники Сурхандарьи. Ташкент: Изд.-во лит.-ры и искусства, 1982. -152 с. с илл.
7. Атаханов Т, М. Расписная керамика из средневекового городища Туткаул. Материальная культура Таджикистана, вып. 3. Душанбе, 1978.
8. Ахмедов Б. А. История Балха (XVI -первая половина XVIII в). Ташкент: Фан, 1982. - 296 с.
9. Ахраров И. Новые археологические материалы с городища Ахсикет XIV–XVI веков: Общественные науки в Узбекистане, вып. № 8-9. Ташкент, 1969.
10. Бабаев А. Д. Крепости древнего Вахана. – Душанбе: Дониш, 1973.-163 с.
11. Баевский С. И. Географические названия в ранних персидских толковых словарях (XI–XV вв.). Страны и народы Востока, вып. 22. География, этнография, история. Средняя и Центральная Азия. Книга 2. – М., 1980 С. 83–89.
12. Бартольд В. В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах // Соч. Т.2. М.: ИВЛ, 1963. С. 118-127.
13. Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра // Сочинения. Т. 1. Москва 1963. –С. 114-237.
14. Бартольд В. В. Историко-географический обзор Ирана // Соч. Т. 7. М.: Наука, 1971. – С. 30-228.
15. Бартольд В. В. Историко-географический обзор Ирана. Спб., 1903.
16. Бартольд В. В. К истории Мерва // ЗВОРАО. Т. 19, вып. 4. Спб., 1910.
17. Бартольд. В. В. К истории орошения Туркестана // Соч. Том 3. Москва: Наука, 1965. –С. 97-236.
18. Бартольд В. В. Кеш // Соч. Т. III. Москва: Наука, 1965. –С. 460-461.
19. Бартолд В. В. Обёрӣ дар Туркистон. Тарҷумаи Карими Кишоварз. Теҳрон, 1350 ҳ.ш.
20. Бартольд В. В.Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Соч. Т. 1. М., ИВЛ, 1963. –С. 45-584.
21. Беленицкий А. М. Отчёт о работе Вахшского отряда в 1946 г. С.128-139.
22. Беленицкий А. М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до X в.н.э. Труды СТАЭ. Т.1, МИА СССР, № 15. М.–Л., 1950. С.109-127.
23. Беленицкий А. М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1946 г. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М. - Л., 1950. С. 128-139.
24. Беленицкий А. М. Отчёт о работе Вахшского отряда в 1947 г. С. 140-146.
25. Беленицкий А. М., Бентович И. Б., Большаков О. Г. Средневековый город Средней Азии. — Л.: Наука ЛО 1973. -352. с.
26. Бернштам А. Н. Историко-археологические очерки Центрального Тянь-Шаня и Памиро-Алая. – М. Л.: Изд-во АН СССР, 1952. – 329 с.
27. Большаков О. Г. Заметки по исторической топографии долины Зеравшана в IX–X вв. – КСИИМК, вып. 61, 1956. С. 17-23.
28. Боровкова Л. А. Запад Центральной Азии во II в. до н.э. – VII в. н.э. (историко-географический обзор по древнекитайским источникам). – М., 1989. – 181 с.
29. Босворт. К. Э. Мусульманские династии. М.: Наука, 1971. – 324 с.
30. Бубнова М. А. Работы Памирского отряда. Археологические открытия 1980 года. — М., 1981. — с. 473.
31. Буряков Ю. Ф. Историческая топография древних городов Ташкентского оазиса (Историко-археологический очерк Чача и Илака). Ташкент: Фан, 1975.
32. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Сталинобод, 1947; (Зери таҳрири. А. Мирзоев). -384 с.
33. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе, 1998.- 413 с.

34. Гафуров Б.Г. Избранные труды. М.,1982.
35. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. –М., 1949, 2-ое издание. -М.,1952. -503 с.; 3-ое издание. М.,1955. -544с.
36. Гафуров Б.Г. О причинах возвышения и падения Саманидов // Советское востоковедение, 1958, №1. С.51-55.
37. Гафуров Б. Г. Прохоров Н. Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Сталинабад, 1944 -212 с.
38. Гафуров Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1972. -664 с.
39. Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644—704 гг.). -Душанбе: Дониш, 1989. -144 с.
40. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе, 2006.-906 с.
41. Гулямова Э. О работах Хульбукского и Московского отрядов в 1979 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 19. Душанбе, 1986. С. 264—277.
42. Гулямова Э. Раскопки на городище Сайёд в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 20. Душанбе, 1987.
43. Гулямова Э. Раскопки у селения Саят (Пархарский район). Археологические работы в Таджикистане, вып 10 — М 1973.
44. Гулямова Э. Средневековые города Хутталя в IX—XI вв. Бактрия-Тохаристан на древнем и средневековом Востоке. Тезисы докладов конференции. – М., 1983. С. 30–31.
45. Гулямова Э. Хульбук - столица Хутталя. Душанбе: Ирфон, 1969.
46. Гумилев Л. П. Эфталиты и их соседи в IV в. Вестник древней истории, 1959. № 1. С. 129-140.
47. Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. – М.: Наука, 1979. – 462 с.
48. Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана в 1953 году, Доклады АН ТаджССР. № 11. Сталинабад, 1954. С. 69—79.
49. Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 10. М., 1973. С. 249—281.
50. Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 10. М., 1973.С. 249—281.
51. Давидович Е. А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН Тадж. ССР. -Т. XXVII. Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад, 1954. С. 69-117.
52. Давидович Е. А. Средневековое оконное стекло из Таджикистана // Доклады АН Тадж. ССР. -Вып. VII, 1953. С. 29-37.
53. Донишномаи Сомониён. Дар ду чилд. Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. -545 с.; 2009. -528 с.
54. Дорн Б. А. Каспий. О походах древних русских в Табаристан с дополнительными известиями о других набегах на прибрежья Каспийского моря. – В кн.: Приложение № 1 к XXVI т. Записок Императорской Академии наук. СПб., 1875.
55. Дьяконов М. М. Работы Кафирниганского отряда. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1.М-Л., 1950. С. 147-186.
56. Жуковский В. А. Древности Закаспийского края. Развалины Старого Мерва. – МАР, 16. Спб., 1894.
57. Забелина Н. Н. О некоторых археологических памятниках Пархарского района. Доклады АН ТаджССР. Сталинабад, 1952, № 3. С. 21-25.
58. Зарринкӯб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то сукути Паҳлавӣ. Чопи панҷум, Теҳрон: Маҳорат,1383. -1014 с.
59. Зарубин П. И. К истории Шугнана. Доклады АН СССР, 1926 г. – Л., 1926. С. 19–22.

60. Зеймаль Т. И, Древние и средневековые каналы Вахшской долины. Страны и народы Востока, вып. 10. Средняя и Центральная Азия. –М.,1971. С. 38-54.
61. Зелинский А. Н. Древние крепости на Памире. Страны и пароды Востока, вып. 3. – М., 1964. С. 120–141.
62. Исоматов М., Муллоҷон С. Ҷуғрофияи таърихии Самарқанд (аҳди Сомониён). Рӯдакӣ. № 5. 2007. С. 91-100.
63. История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. Под редакцией академика Н. Негматова. Душанбе, 1999. -790 с.
64. История таджикского народа. Том 2. Эпоха формирования таджикского народа. Душанбе, 1999. -790 с.
65. Кабанов С. К. Археологические разведки в Шахрисябзском оазисе. Известия АН УзССР, 1951, № 6. С. 61–68.
66. Камалиддинов Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX - начала XIII вв. Ташкент, 1996.
67. Камол Ҳ. Кошифи асрори Бутамон // Проблемы археологии и истории Таджикистана. Душанбе: Дониш, 2017.
68. Камол Ҳ. Руҷӯи таърихӣ ё ба ҷойи пешгуфтор // Таърих хотираи гӯёи миллат. Маводи конференсияи илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир. Рашт, 5-6 ноябри соли 2016. Зери назари Ҳ. Камол. Душанбе: Сухан, 2017.
69. Камол. Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирин шоҳони Сосонӣ ва замони хулафои рошидин // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/3. Душанбе, 2017. С. 3-7.
70. Қариб Б. Фарҳанги суғдӣ (суғдӣ-форсӣ-англисӣ). Теҳрон, 1995.
71. Кастальский Б. Н. Историко-географический обзор Сурхандарьинской и Шерабадской долин. Вестник ирригации. 1930, № 2.
72. Кисляков Н. А. Очерки по истории Каратегина. К истории Таджикистана. Сталинабад. 1954.
73. Ковалевский А. П. Книга Ахмеда ибни Фадлана об его путешествии на Волгу в 921–922 гг. –Харьков, 1956. – 350 с.
74. Костенко Л. Ф. Туркестанский край. Опыт военностатистического обозрения Туркестанского военного округа. Материалы для географии и статистики России. В трех томах с картами. Т. 2. СПб, 1880.
75. Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Ч.5. Ташкент. 1983.
76. Крачковский И. Ю. Избранные сочинения. Т. 4. М., 1957.
77. Ле Стренҷ Гай. Ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. Тарҷумаи М. Ирфон. Теҳрон, 1390 ҳ.ш. –609 с.
78. Лившиц В. А. Тохарская надпись на хуме. Доклады АН ТаджССР. № 7. Сталинабад, 1953.
79. Литвинский Б. А., Давидович Е. А. Предварительный отчет о работах Хуттальского отряда на территории Вахшской долины в 1953 г. Доклады АН ТаджССР, № 11. Сталинабад, 1954. С. 53–60.
80. Литвинский Б. А., Соловьев В. с. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине). — М.; Наука, 1985. С. 148–151.
81. Литвинский В. А. Археологические работы Института истории АН Таджикской ССР. Археологические открытия 1966 года. -М., 1967. –С. 313—320.
82. Литвинский В. А. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой. Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1954. — 81 с.
83. Лунина С. Б. Города Южного Согда в VIII–XII вв.– Ташкент: Фан, 1984. –127 с.
84. Ҷуғрофиёи таърихии Эрони Бостон. Техрон. Дунёи Китоб, 1393.
85. Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей (с древнейших времен до X в. н .э.).— Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1957. —180 с.

86. Мандельштам А. М. Предварительный отчет о работах Кафирниганского отряда в 1958 году. Доклады АН ТаджССР, № 11. –С. 61—68.
87. Мандельштам А. М. Сложение таджикской народности в Среднеазиатском междуречье. Автореф. канд. дис. М.–Л., 1951.
88. Маркварт Ҷ. Эроншаҳр бар мабнои ҷуғрофиёи Мусои Хуренӣ. Тарҷумаи доктор Марям Мир Аҳмадӣ. Теҳрон, 1373. -297 с.
89. Массон В. М. Старая Ниса – резиденция парфянских царей / АН СССР. ИА; ООПИК Туркм. Л: Наука, 1985 – 12 с: ил.
90. Массон. М. Е. Ахангеран. Археолого-топографический очерк. Ташкент, 1953.
91. Мирбобоев А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд. Хуҷанд: Ношир, 2013.
92. Муллокандов М. Археологические работы в долине реки Обимазар в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 20. Душанбе, 1987. С. 219—226.
93. Муллокандов М. Археологические работы в долине реки Обимазар в 1981 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 21. Душанбе, 1988. С. 404-413.
94. Муллоҷонов С. Дувоздаҳ девони Сомониён // Адаб. 2017. №9 (153). С. 24-27.
95. Муллоҷонов С. Ҷуғрофияи таърихии Рай. //Дастовардҳои илмии Абубакри Закариёи Розӣ дар рушду нумӯи илмҳои муосир. Душанбе, 2014.
96. Муллоҷонов С. Ҷуғрофияи таърихии Балх дар замони Сомониён // Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ. Душанбе, 2010. С. 4-10.
97. Мухамеджанов А. Р., Адылов Ш. Т., Мирзаахмедов Д. К., Семенов Г. Л. Городище Пайкенд. К проблеме изучения средневекового города Средней Азии. Издательство «Фан», Ташкент 1988.
98. Мухитдинов Х. Ю. Пархар в системе археологического изучения Южного Таджикистана. Бактрия–Тохаристан на древнем и средневековом Востоке. – М., 1983. С. 58-59.
99. Мухтаров А. М. Эпиграфические памятники Гузганана. Прошлое Средней Азии. Душанбе, 1987.
100. Мухтаров А. По следам прошлого. Душанбе: Ирфон, 1982. -88 с.
101. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. Хуҷанд, 1999.
102. Негматов Н. Историко-географический очерк Уструшаны с древнейших времен по X в. н. э. – «Тр. ТАЭ», т. 2. МИА СССР, № 37. М – Л., 1953. С. 236–252.
103. Негматов Н. Н. Государство Саманидов. Душанбе: Дониш. 1977. -280 с.
104. Негматов Н. Н. и Хмельницкий С. Г. Средневековый Шахристан (Материальная культура Уструшаны, вып. 1.). Душанбе, 1966. -197 с., XXV табл.
105. Негматов Н. Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. Сталинабад, 1957.
106. Неъматов н. Давлати Сомониён. Душанбе: Ирфон, 1989.
107. Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе: Ирфон, 1989.
108. Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. -1295 с.
109. Номаи Оли Сомон. Зери назари А. Шеърдӯст ва Қ.Сулаймонӣ. (Маҷмӯи мақолаҳо), Теҳрон, 1378 ҳ.ш.
110. Ҳиравӣ Ҷ. Эрон дар замони Сомониён. Шероз 1371 ҳ.ш.
111. Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля. СПб., 1873. -82 с.
112. Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля.
113. Пахалина Т. Я. О происхождении топонимов Ишкашим. Язгулям и Вахан. Иранское языкознание. – М., 1976. С. 178–181.
114. Поляков с. П. Отчет о раскопках средневековых погребений у кишлака Пушинг. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12. – Душанбе, 1976. С. 199-212.

115. Пугаченкова Г. А. К исторической топографии Чаганиана. Научные труды Ташкентского гос. университета, вып. 200. — Ташкент, 1963. –С. 49—64.
116. Пугаченкова Г. А., Мухтаров А. М. Два неизвестных архитектурных памятника в округе Балха. Народы Азии и Африки, 1977, №6. С.137-145.
117. Пьянков И. В. Ктесий о Зороастре. Материальная культура Таджикистана, вып. 1. — Душанбе, 1968. С. 55—68
118. Пьянков И. В. Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. – Душанбе: Дониш, 1975. -191 с.
119. Пьянкова Л. Т. Отчет о работе Нурекского археологического отряда. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. Душанбе, 1979.
120. Ранов В. А. Завершение раскопок на поселении Туткаул. Археологические открытия 1967 года. – М., 1968. С. 354-355.
121. Ранов В. А., Коробкова Г. Ф. Туткаул-многослойное поселение Гиссарской культуры в Южном Таджикистане. Советская археология, 1971, № 2.
122. Риттер К. Иран. Перевод и дополнение Ханыкова Н. В. Монография, СПб: Издание Русского географического общества, 1874 – LXV. - 481 с.
123. Ртвеладзе Э. В. Исследования на городище Будрач и в его окрестностях. Археологические открытия 1981 г. — М., 1983. - с. 464-466.
124. Ртвеладзе Э. В. Новые археологические данные к истории городища Будрач. История материальной культуры Узбекистана, вып. 18. — Ташкент, 1983. — с. 173—187.
125. Ртвеладзе Э. В. Обнаружение средневекового селения Навандак в области Саганиан. История материальной культуры Узбекистана, вып. 14. — Ташкент, 1978. –С. 114—119.
126. Ртвеладзе Э. В., Исхаков М. Два средневековых чаганианских селения. История материальной культуры Узбекистана, вып. 15. – Ташкент, 1979.
127. Ртвеладзе Э. В., Сагдуллаев А. С. Памятники минувших веков. – Ташкент: Узбекистан, 1986. –134 с.
128. Семёнов А. А. К вопросу о происхождении Саманидов // Труды АН Тадж. ССР. Т. XXVII. Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад, 1954. С. 3-114.
129. Семёнов А. А. Эпоха Рудаки // Рудаки ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 5-19.
130. Смирнова О. И. Вопросы топографии и топонимики верхнего Зарафшана. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. М. – Л., 1950.
131. Смирнова О. И. К хронологии среднеазиатских динкстов VII-VIII вв. Страны и народы Востока, вып. 8.
132. Смирнова О. И. К хронологии среднеазиатских динкстов VII—VIII вв. Страны и народы Востока, вып. 8. М., 1969. С. 204-221.
133. Смирнова О. И. Карта верховьев Зеравшана первой четверти VIII в. Страны и народы Востока, вып. 2. М., 1961. С. 220-230.
134. Смирнова О. И. Согдийские монеты с именем Фарнбага. Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока. М., 1977. С. 110-115.
135. Согдийские документы с горы Муг. Чтение. Перевод. Комментарий. Вып. 2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В. А. Лившица. - М.: Изд-во восточной лит-ры, 1962.
136. Согдийские документы с горы Муг. Чтение. Перевод. Комментарий. Вып. 2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В. А. Лившица М.: Изд-во восточной лит-ры, 1962.
137. Соловьев В, С. Работы на Кафыркале в Вахшской долине. Археологические работы в Таджикистане, вып. 18. Душанбе, 1984. С. 167-177.
138. Соловьев В. С. Изучение раннесредневекового Хелаверда. Археологические открытия 1986 года. М., 1988.
139. Соловьев В. С. Работы Колхозабадского отряда. Археологические открытия 1981 года. М., 1983. С. 491-492.

140. Соловьев В. С. Работы на Кафыркале в Вахшской долине в 1980 г. Археологические работы в Таджикистане вып. 20. Душанбе, 1987. С. 172-178.
141. Соловьев В. С. Раскопки Кафыркалы в Колхозабаде. Археологические открытия 1978 года. М., 1979. С. 586.
142. Соловьев В. С. Раскопки на городище Кафыркала в 1974 году. Археологические работы в Таджикистане, вып. 14. Душанбе. 1979. С. 145-155.
143. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии точикӣ. Душанбе, 1998. -598 с.
144. Сомониён дар оинаи таърих. Дар ду ҷилд. Хуҷанд, 1998. Ҷ.1.-552 с.; Ҷ.2.-667 с.
145. Средневековый город Средней Азии. М.-Л.: Наука. 1973. 393 с.
146. Ставиский Б. Я. Кушанская Бактрия. Проблемы истории и культуры. — М.: Наука, 1977. – 296 с.
147. Стеблин-Каменский И. М. Река иранской прародины. Ономастика Средней – М., 1978. С. 72–74.
148. Фрай Р. Асри заррини фарҳанги Эрон. Мутарҷим Масъуд Раҷабниё. Теҳрон: Суруш, 1363. -317 с.
149. Шамси С. Путешествия Ибн Фадлана на реку Итили. М., 1992. 94 С.
150. Эдельман Д. И. Географические названия Памира. Страны и народы Востока, вып. 16. М., 1975. С. 114–124.
151. Юркевич Э. А. Археологические работы в зоне затопления Нурекской ГЭС в 1961 г. Археологические работы в Таджикистане, вып. 9. – Душанбе, 1964. С. 114-124.
152. Якубов Ю. О работах Нурекского отряда в 1972 году на пещерных средневековых памятниках. Археологические работы в Таджикистане, вып. 12. –Душанбе, 1976. С. 171-182.
153. Якубов. Ю. Религия древнего Согда. Душанбе, 1996.
154. Якубовский А. Ю. Об одном раннесаманидском фельсе (из ранней истории Саманидского дома).КСИИМК, вып. 12. М.–Л., 1946. С.103-112.

**3. Адабиёт ба забонҳои аврупоӣ**

1. Bernard P. La mines de Lapis Lazuli du Badakhshan. Etudes de geographie historique sur la plaine d'Ai-Khanum (Afghanistan). – Paris. 1978. – P. 49–51.
2. Cartel R., Fussman G. Le tresor monetaire de Qunduz. Memoires de la delegation archeologique francaise en Afghanistan. Vol. 20. - Paris, 1965. - 93 p.
3. Francfort H. P. Zulm – Andijarag. Metropole de la plaine a l'epoquc islamique pre-mongole. Etudes de geographie historique sur la plaine d'Ali-Khanum (Afghanistan). – Paris, 1978, – P. 27–31.
4. Frye. R. N. The golden age of Persia: the Arabs in the East. Weidenfeld and Nicolson, 1975.
5. Julien S. Memoires sur les contrees accidentales. Traduites du Sanskrit en chinois en l'an 068 par Hiouen Thsang. V. 2.
6. Julien S. Memoires sur les contrees accidentales. Traduites du Sanskrit en chinois en l'an 068 par Hiouen Thsang. — Paris, 1857-1858.
7. History of civilization of Central Asia. v. 4 The Age of achievement, A.D. 750 to the end of the fifteenth century; Pt I: *The historical, social and economic setting,* 1998 – 474 p.
8. Schlumberger D. Surkh Kotal and the Ancient History of Afghanistan. – London: The Afghan Information Bureau. – 24 p.
9. The Encyclopaedia of Islam. New edition. Prepared by a number of leading orientalists. Leiden: E. J. Brill, 1960-1986. 6 vols.
10. Walker J. A Catalogue of the Arab-Sassanian coins. - London: The British Museum, 1941. - 244 p.

# ЗАМИМАҲО




*Харитаи 1.* Ҳудуди давлати Сомониён дар аҳди Исмоил ибни Аҳмад (892–907).




*Харитаи 2.* Қаламрави Алавиён дар Табаристон




*Харитаи 3.* Давлати Сомониён. Харитаи таърихӣ




*Харитаи 4.* Вилоятҳои тобеи давлати Сомониён.




*Харитаи 5.* Шаҳри Бухоро.




*Харитаи 6.* Бухоро, Самарқанд ва рустоҳои атрофи онҳо.




*Харитаи 7.* Шаҳри Самарқанд.




*Харитаи 8.* Атрофи шаҳри Самарқанд




*Харитаи 9.* Вилояти Усрушана ва шаҳрҳои тобеи он.




*Харитаи 10.* Фарғона.




*Харитаи 11.* Чоч ва Элок.




*Харитаи 12.* Исфиҷоб ва шаҳру рустоҳои тобеи он.




*Харитаи 24.* Ҳафтрӯд (Туркистон).




*Харитаи 14.* Чағониён, Рошт ва Хуталон.




*Харитаи 15.* Тақсимоти маъмурии Хуросон
дар аҳди Сомониён.




*Харитаи 16.* Марв дар асрҳои миёна.




*Харитаи 17.* Шаҳрҳои шимолу ғарбии Хуросон.




*Харитаи 19.* Вилоятҳои ҷанубӣ ва ғарбии давлати Сомониён.




*Харитаи 19.* Гургон ва Табаристон.



*Харитаи 20.* Вилоятҳои Мовароуннаҳр дар замони Сомониён.



*Харитаи 21.* Хуросони Бузург дар харитаи имрӯзии Осиёи Марказӣ.




*Харитаи 22.* Мовароуннаҳр. Харитаи таърихӣ-ҷуғрофӣ.




*Харитаи 23.* Хуросон. Харитаи таърихӣ-ҷуғрофӣ.




*Харитаи 13.* Хоразм ва шаҳру рустоҳои он.

**Эзоҳ:** Харитаҳое, ки дар ин рисола замима шудаанд, чандеро бевосита худи муаллифи рисола дар асоси маълумоти маъхазҳои таърихӣ таҳия кардааст; чанде дигар аз китобҳои илмии муҳаққиқони соҳа гирифта шуда, аз ҷониби муаллифи рисола бо истифода аз воситаҳои муосири технологӣ такмил шудаанд.

Китобҳои илмие, ки муаллифи рисола ба ҳангоми таҳияи харитаҳо аз онҳо истифода кардааст:


1. Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV. Душанбе, 1998. -1008 с.
2. Негматов Н. Н. Государство Саманидов. Душанбе: Дониш. 1977. -280 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе, 1998.-413 с.
4. История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. Под редакцией академика Н. Негматова. Душанбе, 1999. -790 с.